Атахон Сайфуллоев

# ШАБИ БЕХОБӢ

Душанбе
«Адиб»
2003

ББК 84 Тоҷик 7-6
С – 38

Муҳаррир САИДАЛӢ МАЪМУР

Атахон Сайфуллоев. Шаби бехобӣ. Қиссаи мустанад.
– Душанбе, «Адиб», 2003. – 208 саҳ.

Зани даврони мо чӣ гуна аст? Дунёи дили ӯ чӣ зебоӣ ва тӯфонҳо дорад? Мавқею мақоми давлатӣ ва ҷамъиятии ӯ дар кадом поя аст? Ишқи ёр ва меҳри диёрро чӣ тавр метавон ба ҳам пайваст?

Дар қиссаи мустанад ва бадеии нависанда ва олими варзида Атахон Сайфуллоев «Шаби бехобӣ ё субҳи умед» ҳаёти мураккаб ва хеле ибратбахши сарвари хоҷагии Боғистон Куброхон Собитова ин гуна масъалаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ алоқамандона бо таърихи ҳаёти совхози номбурда басе дилкаш ва мароқовар тасвир ёфтанд.


4702540201 –
С ——————— – 2003
М 503


© Атахон Сайфуллоев, 2003.

## ТОБИСТОНИ ГАРМ

Тобистони соли 1994 ҳавои Исфара аз ҳарсола дида гармтар буд. Мардум инро «хомпаз» мегӯянд. Дар ҳақиқат меваҳои рангоранги боғу майдонҳо нағз пухта, шира бастанд. Одамон серкору сертараддуд буданд. Бисёр хонадонҳо – пиру барно дар майдонҳои зардолузор хайма зада, кору зиндагонӣ мекарданд. Онҳо гурӯҳ-гурӯҳ зардолуҳоро афшондаю ғундошта, дар доманакӯҳҳо, пуштаҳо ва талу теппаҳои офтобрӯ тунук ва хушк мекарданд. Гӯё нишебу фарози кӯҳу кӯтал пур аз тангаҳои зарду сурхи тилло буданд. Зардолу сарчашмаи ҳаёт ва ризқу рӯзии халқи Исфара аст. Қоқи Исфара шӯҳрати зиёде дорад. Деҳқонони заҳматкаш ва корчаллонҳо онро ба шаҳру вилоятҳои Русия, Украина, Белоруссия, мамлакатҳои соҳили Балтик бурда, пул мекунанд.

Дар хоҷагии боғу токдории Боғистон ҳаво боз ҳам тафсонтар аст. Ҳарорат чунон баланд, ки нафас бикашед, ба синаи шумо ҳаво не гӯё алангаи оташ ворид мешавад. Ҳарчанд ки ин хоҷагӣ дар саҳрои васеъ, байни қаторкӯҳҳои Ганчак ва Гӯзлон воқеъ гардидааст, наси-

маке намевазиду барги дарахте намеҷумбид. Дар он ҷо бисёр зардолузорҳо ва майдонҳои ангур дар қитъаҳои пуршағалу сангзор бунёд ёфтаанд. Тобистон онҳо тасфида, нафаси ҳаворо оташин мекунанд. Илова бар ин об камчин аст. Аз каналҳои дурдаст обро бо насосҳо меоваранд. Бисёр қитъаҳоро бо воситаи чоҳҳои артезианӣ, аз зери замин об кашида, обёрӣ мекунанд. Дар ин хоҷагӣ ҳар қатра об чун донаи гавҳар арзиш дорад. Агар ҷӯйҳо ва сарҳавзҳо аз оби равон пур мебуданд, агар заминҳо пайваста шодоб мегардиданд, дами сӯзони ҳаворо мегардониданд. Ҳатто ҳангоме ки шаб чодари сиёҳ кашиду дар гунбади осмон ситораҳо ба ҷилва омаданд, салқинӣ наафтод. Ё ба назари Куброхон, ки ҳамин ҳоло аз байни издиҳоми мардум раҳоӣ ёфта, ғарқи эҳсосу ҳаяҷони пуршиддат ба хонааш омад, ҳаво аз ҳаррӯза дида гармтар менамуд. Манзараи ҷамъомади мардум як лаҳза ҳам аз пеши чашмонаш дур намешуд. Не, вай ҷамъомади муқаррарӣ набуд. Вай на маҷлис буду на мулоқот, на шоми саволу ҷавоб. Вай гардиҳамоии ҳақиқӣ буд, ки сарею сомоне, тартибу низоме надошт. Куброхон аз тариқи телевизион гирдиҳамоиҳои халқро дар шаҳри Душанбе дар моҳҳои март, апрел ва маи соли 1992 дидааст. Чӣ шӯру қиёме бардошта буданд одамон. Майдони пойтахт зидди хукумати қонунии Тоҷикистон баромада, истеъфои онро талаб мекард, майдони Озодӣ бошад, ба ҳифзи он сухан ронда, аъмоли майдони Шаҳидонро маҳкум менамуд. Оқибати ин мухолифат ҷанги мансуҳи бародаркуш дар Тоҷикистон гардид. Издиҳоми мардум дар назди идораи хоҷагие, ки Куброхон Собитова сарвариашро дар ӯҳда дорад, доираи майдатари ҳамон гардиҳамоии Душанбе аст. Фарқаш ҳамин, ки аҳли деҳа дар даст шиору баландгӯяк надоштанд. Дигар ҳамааш бо гардиҳамоии Душанбе як себу ду тақсим буд. Ҷавонон, миёнсолон, пирамардон ва ҳатто занон дар саҳни идораи ҳоҷагӣ ҷамъ шуда, бонг мезаданд, ки «директори совхоз қаллоб аст, мардумфиреб аст, дигар бо ӯ созиш наметавон кард, ӯ зуд ба назди онҳо барояд ва арзу шикояташонро бишнавад!» Ҳарчанд сарагрономи хоҷагӣ Ҳикматҷон Ӯлмасов, сармуҳосиб Абдуҷамил Расулов ва дигар кормандони дафтари хоҷагӣ такрор ба такрор мегуфтанд, ки директор нестанд, бо кори муҳимме ба Кумитаи иҷроияи шаҳр рафтанд, доду фарёди издиҳом хомӯш намешуд. Дар байни мардум довталаб чанд тан «фаъолон»-е буданд, ки чашму рӯяшон беҷо аз ҳама баландтар наъра мекашиданд. Онҳо таъкид мекарданд, ки «агар директор талаботи халқро иҷро накунад, идораи хоҷагиро якҷоя бо худи ӯ метарконем, хока-

шонро аз осмон меоварем!» Одамон беқарор буданд. Онҳо монанди сели ҷӯшону хурӯшон ба қароргоҳи сарварони хоҷагӣ зада даромаданӣ шуданд. Ҳикматҷон сахт тарсид, ки ин мардум ҳозир дару тирезаҳои идораро зада мешикананд, ҳуҷҷатҳои совхозро ба бод медиҳанд. Бояд тадбире андешид. Дарвоқеъ, дару тирезаҳоро зада шикастанд. Ӯ ба халқ бо илтиҷо муроҷиат карда, бо Қуръони маҷид савганд хӯрд, ки «директор нестанд, чашмонатонро калонтар кушоеду нигоҳ кунед, мошинашон ҳам наменамоянд. Ба ман ду нафар намоянда диҳед, ба идора даромада, ба Исфара занг зада, директорро меёбем, дархости шумоёнро мефаҳмонем, он кас зуд бармегарданд». Ҳамин тавр ҳам шуд. Онҳо Куброхон Собитоваро аз Ҳукумати шаҳр пайдо карданд.

– Зуд ба идора биёед, – гуфт Ҳикматҷон, – кор чатоқ, ин гапи бо телефон мегуфтагӣ не.

– «Ҳозир меравам» гуфтани директорро намояндагони гирдиҳамоӣ низ равшан шуниданд ва ба берун баромада, ин муждаро ба халқ расониданд. Фақат пас аз ҳамин издиҳом андак ором гирифт.

Кубронхон ба ҳайрат афтод ва хавотир шуд, ки дар байни як-ду соат чӣ гуна воқеа рух дода бошад? Чаро кор чатоқ будааст? Гапи бо телефон намегуфтагӣ чӣ маънӣ дорад? Совхоз оташ гирифт магар? Ё барои об шуда, бо ҳамсояҳо ҷанг карда бошанд? Вай аз Усмонҷон, ронандаи ҷавону озода хоҳиш намуд, ки мошинро бо суръати тамом биронад. «ГАЗ-31» гӯё парвоз мекард. Дили Куброхон гуп-гуп зада мурғи хаёлаш ба риштаҳои гуногун банд мешуд, носозиҳои рӯзгор, нобарориҳои иҷтимоӣ, сатҳи пасти зиндагӣ, носозии ҳаёти моддӣ одамонро асабӣ кардаанд. Коса ба лаби кӯза расад ҳам, баъзеҳо хашм мегиранд, гову гӯсолаи ҳамсояҳо ба майдончаи ҳамдигар дароянд ҳам, онҳо бухс мекунанд, ба яке ду килограмм орд, ба дигаре ду дона чӯби сафедор нарасад, маншаю моҷаро сар мешавад. Дар хоҷагӣ дуздӣ, авбошӣ, ҳатто одамкушӣ рух медодагӣ шудаанд. Баъзе ҷавонону духтарон ба муроди дил расида натавониста, як-ду нафар наварӯсҳо бо модаршӯяшон роҳи муросоро наёфта, худкушӣ кардаанд... Дар бораи тӯй ҳам, мотам ҳам, шодмонӣ ҳам, фоҷиа ҳам аввалин хабар ба Кубро мерасад. Дар дили ӯ ҳар як воқеа нақш мегузорад. Ҳоло ҳам дили ӯ лаппида меистод, ки дар хоҷагиаш чӣ гуна нохушӣ ба амал омада бошад.

– Дар пеши идора одам бисёр, – гуфт Усмонҷон, ки хеле камгап буд.

Куброхон аз банди хаёлот баромада, ба сӯи раёсати совхоз чашм андохт. Мошин ҳам гашти худро сусттар кард. Директор издиҳоми коргаронро дида, сабаби ҷамъ шудани онҳоро муайян карда наметавонист. Мошин даҳ-дувоздаҳ қадам дуртар аз анбӯҳи одамон қарор гирифт. Куброхон зуд берун омад. Вай мехост русуми саломуалекро ба ҷо оварад, аммо садою хитобаҳои ноошно ва бепарда ӯро боздоштаанд:

– Ана, дузди калон омад.

– Ҳаққи мардум то ҳол ӯро кӯр накардааст.

– Бо ин ғоратгар ошкоро гап мезанем!

– Собитова хоин аст.

– Кубро бояд аз совхоз баромада равад!

Куброхон дар маҷлисҳо мағал бардоштани баъзе шаттоҳу бедаҳанҳоро дида бошад ҳам, ин гуна берӯӣ ва алфози пур аз таҳқиру таҳдидро ҳаргиз надида ва нашунида буд. Ӯ ба гӯшу чашмони худ бовар намекард. Оё ҳамин мардум коргарони хоҷагии ӯ бошанд? Садоҳои бемаънӣ гӯё аз даҳони ҳамкоронаш не, балки аз забони тӯдаи авбошони шабгарду бадомӯз баромаданд. Ҳатто кадоме аз онҳо раво дониста, бонг зад, ки «мо дигар тақдири худро ба дасти зан намесупорем:

Дарахти макри зан сад реша дорад,<br>Фалак аз макри вай андеша дорад!»

Издиҳом сӯи Куброхон ба ҳаракат омад. Ба назар абри сиёҳи ваҳшатборе ба сари ӯ борони маломат мерехт, хароб мекард ва ба худ гирифта мерафт. Хайрият, кормандони раёсати хоҷагӣ чолокӣ нишон доданду раисаро печонида гирифтанд. Куброхон дар ҳалқаи мустаҳками ёрон ба айвон расид. Фурсатро аз даст надода, ӯ ба халқ мурочиат кард:

– Ман дар хизмати Шумо, рафиқон! Бигӯед, чуба[1] ҷамъ шудед, чуба маро бесабаб таҳқир мекунед? Ман магар...

Ба Куброхон имконияти ҳарф задан надоданд. Аз ҳар калла як садо мебаромад.

– Чуба зардолуи моро фурӯхтед?

– Ҳаққи ҳалоли мо куҷо шуд?

– Ранҷ аз мою ганҷ аз Шумо-мӣ?

– Музди меҳнати моро диҳед!

[1] Чуба, меваи Исфара буда, «чаро?» гуфтан аст.

Куброхон бо тамоми овоз ҷомиаро ба оромӣ даъват кард:

– Хомӯш, рафиқон, якто-якто бо навбат гап занед!

Боз мавҷи берабти ғавғо ба ҳаво печид. Баъзеҳо бо тамоми қувва фарёд мекашиданд, ки «ҳаққи меҳнатамонро хӯрдӣ, акнун мехоҳӣ, даҳонамонро ҳам бандӣ?» Як марди заб-зард, ки абрувонаш сафед буданд, рӯирост таҳдид кард, ки агар Куброхон Собитова худи ҳамин рӯз талаботи халқро ба ҷо наовард, кор бо хушӣ анҷом намеёбад.

– Аз худ нагузаред, бародарон! – бо оҳанги фармон хитоб кард як ҷавонмарди қоматбаланди шикамғафс, ки сари синааш боз ва чашмони калон-калон мешиаш ниқорталаб буданд.

– Ортиқбой издиҳомро ба ҳадшиносӣ даъват карда буд, аввал гулӯ афшонд, сонӣ ба Куброхон чашм дӯхта ба сухан даромад.

– Оя, – гуфт ӯ мувофиқи таомули исфарагиҳо, – худатон нағз медонед, ки зардолу сарвати асосии мардуми мост. Ба дарди халқи мо ҳамин зардолу дармон мешавад. Мо, мардуми қашшоқро мехӯронаду мепӯшонад, аз зимистон то баҳор аз мурдан нигоҳ медорад. Сари баландамон, рӯи сурхамон, шиками серу хотири ҷамъамон зардолуст.

Ортиқбой нафас рост кард, ба издиҳом назар андохт, ҳама дар зери офтоби сӯзон гӯшу ҳуш шуда ӯро мешуниданд, мунтазир буданд, ки ин марди шартакигӯ ҳозир мақсади халқро баён мекунад. Вай гуфт:

– Ҳамин хел, ки бошад, барои кадом гуноҳаш ҳалқа, мана ин заҳматкашони бечорая, бо зарби гушнагӣ истинтоқ мекунед? Мо дигар тоқат надорем, бас аст беадолатӣ, ҳаққи мардумхӯрӣ! Мо ҷамъ шуда омадем, ки музди меҳнатамонро аз Шумо рӯёнем! Гапи ман тамом!

Ҳозирин кафкӯбӣ карданд, «Урра» гуфтанд, «Қандата зан, наррашер!» – гуфтанд. Куброхон нотиқро бо диққат гӯш кард. Ба чеҳрааш зеҳн монда нигаристу хуб шинохт. Вай яке аз меҳнатгурезҳо ва бозорчиҳои берӯе буд, ки барои манфиати шахсии худ аз ҳеҷ гуна пастию разолат даст намекашид. Куброхон, ки аз ӯ ҳам таҳқири беасоси ғайринавбатиро бишнавид, мехост ҷавоби муносиб бидиҳад. Аммо дар ҳамин вақт як ҷавони тахминан 32-35 солаи сиёҳҷурдаи миёнақад, ки гӯё аз чашмонаш хун мечакид, ҳаллос зада ба айвон баромад ва аз паҳлӯи Ортиқбой ҷой гирифта сухан кард:

– Мо дар зери офтоби сӯзон ҷон коҳонда заҳмат мекашем, аммо

директор дар ҷою ҷалоли салқину озода роҳат мекунанд, мо сарлучу пойлуч чангу тӯфаланг хӯрда қитъа ба қитъа майдонҳои зардолую ангур, идораи совхозу қароргоҳи мошину тракторро пиёда тай мекунем, аммо директорамон дар мошинаи наппа-нави сабукрави «ГАЗ-31» савлат карда мегарданд. Ин аз пули кӣ? Албатта, аз пули мою шумо, коргарон аст.

– Пои шавҳарашон ҳам аз мошин канда намешавад. Бензину равғани мошини он кас ҳам аз давлати совхоз аст...

Тоқати Куброхон тоқ шуд. Тӯҳмати хушку холӣ ӯро сахт азоб дод. Ба худи ӯ ҳамла овардан кам буд магар, ки акнун ба Ҳабибуллои азиз, ба ҳамсари бегуноҳи ӯ низ дарафтодаанд. Аммо ӯ намегузорад, ки номи шавҳараш – омӯзгор ва яке аз мудирони мактабро ҳар касу нокас доғдор кунад. Бинобарон, нотиқро бурида, ба ӯ савол додан одати Куброхон набошад ҳам, нафаси ӯ тангӣ карду гуфт:

– Даҳон фаровез дорад ё не? Барои тӯҳмат дар пеши қонун ҷавоб медиҳед!

Кубро инро гуфту ба бало монд. Мардум аз ҳар тараф ба ӯ гап мепарронданд. Офтоб ғуруб карда бошад ҳам, онҳо намерафтанд.

– Халқро аз қонун натарсонед, – худро намояндаи халқ шуморида гуфт ҳамон нотиқ, – аз гапи ҳақ ҷои гурез нест. Мо як парча томарқаи худро сари вақт об дода наметавонему ҳавлии калони ба чор оила басандаи Шумо раисаи мӯҳтарам, ҳамеша шодоб, ҳамеша сабзу хуррам, ҳамеша ободу осудааст. Ин сӯиистифода аз мансаб нест магар?

Ӯ бо ҳамин маром боз хеле суханони пасту баландро ба худ раво дид, ки ҳар кадоми онҳо дили Куброхонро чун тир сӯрох карда мегузаштанд. Сонӣ як бевазани серфарзанд баромада, лаб ба шиква кушод, ки бачагонаш лучу урён, гушнаю ташнаанд, на танҳо барои табобати духтарчаи бемораш дору намеёбад, дору дар бозор ҳаст, аммо қимат балки пул ҳам надорад, ки бихарад. Магар убол нест, ки ба ӯ маош намедиҳанд.

Ҷавони дигар аз ҷобаҷогузории кадрҳо шикоят кард. Вай эрод гирифт, ки директори совхоз одамонро ба корҳои роҳбарӣ на аз рӯи ихтисос, дониш ва таҷриба, балки мувофиқи садоқати шахсии эшон мегузорад.

Куброхон дигар натавонист оромию тамкинро пеша кунад. Ӯ ба лаби айвон омада, қоматашро рост кард, ба чашми мардум нигоҳ карда, бо қатъият гуфт:

– Гапҳои пучу бемаънӣ кофист, ман ба ҳамаи саволҳоятон ҷавоб медиҳам, акнун навбати ман аст.

– Мебахшед, раис, навбати Шумо ва шумоён барин роҳбарон гузашт, – гуфт Акрами тракторчӣ, ки як марди лоғар ва мисли шабҳои зимистон хунук, сиёҳ ва дароз аст. – Агар Шумо арзу шикояти моро «гапҳои пучу бемаънӣ» шуморед, акнун гапи сараю бомаъниашро шунавед: ба мо Шумо барин роҳбар даркор нест. Мо истеъфои шуморо талаб мекунем. «Собитова – Истеъфо!»

Ӯро якчанд иштирокдорони гирдиҳамоӣ ҷонибдорӣ карданд: «Собитова – Истеъфо! Истеъфо! Истеъфо!»

– Фуқаро! Андак ором шавед! – наъра кашид як марди чорпаҳлӯи миёнақади малланақш, ки синну солаш ба панҷоҳ наздик буда, дар сар ба ҷои тоқӣ арақчини сафед пӯшидааст. – То раиси ҳозираи мо, мӯҳтарама Куброхон Собитова, хоҷагии Боғистон понздаҳ раисро дидааст. Дар байни онҳо занон ҳам буданд. Маҳбуба Содиқова роҳбари сахтгиру серталаб, аммо Нубувват Исроилова хеле нарму ҳалим буданд. Куброхон Собитова на нарму на сахт, на гарму на сард, вале ҷавонзани соҳибғурур мебошад. Истеъфо додани ин кас душвор набошад даркор. Шумо, халқи заҳматкаш, қувваи бузургед. Аз ӯҳдаи нав кардани раис мебароед.

Ин мард Абӯбакр ном дошта, сардори яке аз бригадаҳои хоҷагӣ буд, маккорона сухан меронд. Шумо, яъне бародарони балвогар, бо ҳамин маром пофишорӣ кунед, раис меравад ва каси дилхоҳатонро ба курсии сарварӣ шинонда метавонед. Куброхон ҳам зани содда ва гӯл нест. Таҷрибаи роҳбарӣ дорад. Одамонро хуб мешиносад ва аз суханашон асли мақсади онҳоро пай мебарад. Ӯ ишораҳои «нозук»-и Абӯбакрро низ фаҳмид. Вай ҳам ба наъл, ҳам ба пошна задан мехост. Халқро ба фаъолияти бештар даъват карда ба иззати нафси Куброхон расида монд. Дар вақти суханронӣ чашмони пирӯзиранги ӯ дурахшида бозӣ карда меистоданд.

– Модом, ки ба раиса саволҳо додед ва ба наздашон масъалаҳои ҷиддӣ гузоштед, акнун гӯш кунед, ки чӣ хел ҷавобҳо медиҳанд ин ояи ғамхори мо. Баъд худатон қазоват мекунеду натиҷа мегиред.

Абӯбакр ба калимаҳои «ғамхор» ва «натиҷа» оҳанг ва тобиши махсус бахшид. Мардум сукунат ихтиёр карданд. Куброхон аз дил гузаронид, ки Абӯбакр монанди Ортиқбой бояд яке аз ташкилотчиён ё сардори гирдиҳамоӣ бошад.

Чун Куброхон имкони суханронӣ пайдо кард, саросема нашуд, фикру андешаҳояшро монанди донаҳои гавҳар ба зуннор кашид.

Ҳозиринро бори дигар аз назари мушоҳидат гузаронид ва боварӣ ҳосил кард, ки дар байни онҳо ашхоси масту нашъаманд кам не- станд. Чашми эшон пардаи шарму ҳаё надошт. Аз куҷо пайдо шуда- анд онҳо? Дар хоҷагии Куброхон ин гуна зотҳо набуданд. Ё ин ки Куброхон то ҳол ҳамаи сокинони деҳаро намешиносад? Зарар надо- рад, Куброхон бо онҳо низ муомила карда метавонад.

– Бародарон ва хоҳарон, хоҳиш мекунам маро бодиққат гӯш ку- нед! – таъкид намуд Куброхон дар ибтидои сухан. – Дар ин ҷо суха- нони пасту баланд ва по дар ҳаво баён шуданд. Баъзе пешниҳодоти муфид ҳам буданд. Лекин ман ҳеҷ хаёл намекардам, ки баъзе рафиқон ба назди сардори хоҷагӣ, ба назди зане, ки хоҳари шумост, дар ҳолати мастӣ меомада бошанд. Ин аз рӯи одоб ва ахлоқи мусулмонӣ нест.

Куброхон диду бовар ҳосил кард, ки суханони ӯ кор карданд, зе- ро баъзеҳо сар ба поин андохтанд, бархе чашм гузаронида, ба сӯи дигар назар афканданд, чанде пичир-пичир байни худ мубодилаи афкор намуданд. Сипас худи ӯ далертар шуда, ба сухан идома дод: – Ман на дуздаму на ҳаққи мардумхӯр. Ҳар касе, ки ба моликияти халқ хиёнат бикунад, ҳаволааш ба худо. Касе гуфт, ки шавҳари ман ба мошин сӯзишвории совхозро истифода мекунад. Бигузор инро тафтиш кунанд, аммо медонам, ки ӯ ба ин гуна муфтхӯрӣ қодир нест.

Куброхон медонад, ки агар душман аз дафтари аъмоли ту ҷурме ёфта натавонад, «думи гурбаат кач» мегӯяд. Он чиро, ки дар бораи ӯ ва ҳамсараш раво диданд, ба назари ӯ гапҳои ҷузъӣ ва хӯрдагириҳои соддалавҳона намуданд. Бинобарин Куброхон таваҷҷӯҳи иштирок- дорони гирдиҳамоиро ба масъалаҳои асосӣ ҷалб намуда гуфт:

– Акнун бо диққат гӯш кунед: хоҷагии мо хоҷагии давлатист. Мо мувофиқи қонун ҳафтод фоизи даромади солонаамонро ба хазинаи давлат месупорем. Ба ихтиёри мо ҳамагӣ сӣ фоизи ҳосил боқӣ ме- монад.

– Ана ҳамон сӣ фоиз ҳаққи ҳалоли халқ аст, – луқма дод Ортиқбой.

– Онро ба соҳибонаш тақсим карда додан даркор буд.

– Ман ба шумоён мефаҳмонам, – гуфт Куброхон худро гум на- карда. – Вазъи Тоҷикистон ба ҳама оина барин равшан аст. Ҷанги бародаркуш онро харобу абгор кард, хазинаи давлат холӣ шуда монд. Давлат имконият надорад, ки ба ҳар хоҷагӣ кӯмак бикунад. Техника намедиҳад. Ҳатто доруҳои кимиёвиро бо пули нақд ё бо

пули мубодилаи молу манол ба даст меоварем.

Куброхон аз ёдоварии шароити иқтисодии ҷумҳурӣ оҳиста ба вазъи хоҷагии худ гузаштанӣ буд, ки ҳамон бригадири сиёҳҷурда бетоқатӣ карда гуфт:

– Оя, шом ҳам шуд, шаф-шаф нагуфта шафтолу гӯед!

– Шафтолуяш ҳамин, ки мо бар ивази сӣ фоизи маҳсулоти худ барои хоҷагӣ сӯзишворӣ, равған, қисмҳои эҳтиётӣ гирифтем. Ҳамаи инҳо барои беҳбудии ҳаёти совхоз ва ҳар кадоми мову шумо заруранд.

Куброхон равшану фаҳмо, бо далелу бурҳон сухан ронд. Ӯ домони тамкинро маҳкам дошта бошад ҳам, гоҳо ҳиссиёту ҳаяҷон ва шӯру изтироби дунёи дилаш ба зуҳур меомаданд. Ӯ даст ҷунбонда, бо ангушти ишораташ одамони даркориро нишон дода, рақамҳоро ба ҳамдигар қиёс карда ҳарф мезад. Агар ӯ супориш диҳад, ки дари анборҳоро бандед, ба касе як қатра сӯзишворӣ – бензин, солярка надиҳед, қисмҳои эҳтиётиро чун гавҳараки чашм нигоҳ доред, аъзои хоҷагӣ чӣ тавр кор мекунад? Магар аз боғу майдонҳо зардолую ангур, себу шафтолу, сабзию пиёз, харбузаю тарбуз ва дигар анвои меваю сабзавотро пуштора карда мебаранд? Ба хару асп бор мекунад? Хоҷагӣ аз маркази ноҳия 20-30 км. дуртар аст. Ҳамаи ҳосилро, агар зарурате пеш ояд, то Исфара ё Хуҷанд, ба заводҳо чӣ тавр мебаранд? Ҳамин ниёзҳои хоҷагиро ба назар гирифта, Куброхон аввал аз ҳама сӯзишвориро захира кардааст. Захираи сӯзишворие, ки ӯ дорад, дар дигар хоҷагиҳои ноҳия дида мешавад. Аҷабо, вай дар ғами беҳбудии ҳаёти халқест, ки ба ӯ муқобил баромадааст. Инро чӣ гуна тавсиф бояд кард? Куброхон дар масъалаи интихоб ва ҷо ба ҷо гузоштани кадрҳо низ таваққуф намуд. Ӯ таъкид кард, ки дар ҳайати раёсати хоҷагӣ, дар дафтари он, дар байни бригадирҳо, хулоса дар зинаҳои гуногуни мансаб ягон нафар ҳам хешовандони хонадони онҳо кор намекунад. Меъёри асосии муносибат ба кадр донишу таҷриба ва салоҳиятдории ӯст. Ӯ эътиқод ё садоқати шахсиро намепазирад. Дар нақшаи ӯ як чизи муҳим ҳаст, ки ҷавонтар кардани ҳайати ашхоси раҳбарикунанда намояд, донишу таҷрибаи пирони рӯзгорро истифода карда, ҷавононро ба вазифаҳои муҳим тавсия намояд. Қобилияти онҳоро дар курсиҳои гуногуни мансаб санҷида бинад, зеро бузургон фармудаанд: Қадри мард бо мансаб баланд нест, балки қадри мансаб бо мард баланд аст.

Куброхон ҳис кард, ки халқ фикру мулоҳизаҳои ӯро дуруст мефаҳмад ва ба ӯ бовар мекунад. Пас ин мардуми заҳматкашро кӣ

фиреб додаю аз роҳ бароварда, ин ҷо оварда бошад? Ба хотири ӯ суханҳои падари бузургвораш расиданд, ки дар яке аз сӯҳбатҳояш фармуда буд:

– Ҷомиа таркиботи мураккаб аст. Пешвоҳо, пайравҳо, иғвогарон дорад. Пешвоҳои хирадманд халқро ба сӯи матлабҳои муфид мебаранд, боиси рушду камоли ҷомиа мегарданд. Аммо мардумро аз иғвогарону вайронкорон худо нигоҳ дорад. Онҳо бо суханони росту дурӯғ ҷомиаро аз роҳ мезананд, вайронкорӣ мекунанд, обро лой карда моҳӣ мегиранд. Аз ин зотҳо эҳтиёт бояд буд, онҳоро фош карда, чеҳраи ҳақиқиашонро ба ҷомиа нишон додан даркор аст, то ки халқ дӯсту душмани худро бишносад. Бале падар, ки Куброхон хирадмандаш мехонд, панди рӯзгор мегуфт, аз одамшиносӣ ҳарф мезад. Ин аст, ки насиҳати падар фикри Куброхонро равшан кард ва ӯ ба издиҳом хотимаи сухан гуфт:

– Ману шумо бародарони азиз, то кунун дӯстона кор мекардем, ба рӯи ҳамдигар намедавидем, андеша доштем, ҳамдигарро эҳтиром мекардем, ягон масъала пеш ояд, бо маслиҳату машварат ба ҳаллу фаслаш муваффақ мешудем. «Ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд» гуфтаанд. Барои эҳтиёҷ ва ниёзмандии хоҷагиамон истифода намудани ҳамин сӣ фоизро низ ман худсарона фармон надодаам, балки он мутобиқи қарори раёсати совхоз мебошад.

Куброхон акнун аз гуфтаҳояш хулоса мебаровард, андешаҳои шахсии худро ба забон меоварад. Издиҳом гӯё санг баста буд ва раисаро хомӯшона гӯш мекард. Офтоб кайҳо нишаста, торикии шаб домон паҳн карда буд. Дар гунбади осмон ситораҳо чашмакзанӣ мекарданд. Гирдиҳамоии тӯлкашидаро бояд чунон хотима дод, ки фикр кард Куброхон, чашми халқ кушода шавад, дӯсту душманашро шиносад, дигар фиреб нахӯрад. Саркардаҳои гирдиҳамоӣ низ бояд бифаҳманд, ки Куброхон аз занҳои содда ва тарсу нест, бо онҳо ошкоро гуфтугӯ карда метавонад.

– Ман хаёл мекунам, ки дар байни мо душманони ҳаёти осоишта ҳастанд, – гуфт Куброхон ва ба чеҳраи Абӯбакру Ортиқбой нигарист. Онҳо саросема шуда ба ҳамдигар нигоҳ карда монданд. Куброхон фаҳмид, ки хато накард. Вай бо ба халқ рӯ овард:

– Онҳо шуморо ба иштибоҳ андохтаанд, фанд дода, шуморо ба муқобили ман шӯронидаанд ва аз кору боратон мононда, ба ин ҷо оварданд. Дар ниҳоди ҳар касе раҳмон ва шайтон ҳаст, мегӯянд. Имрӯз дар тинати ҳамаи шумо шайтон ғалаба кардааст. Аз ҳамин соат васвасаи шайтонро аз худ дур андозед. Дониста бошед, ки

мақсади душманони иғвогару ҷоҳпараст ҳаргиз ҷонибдории манфиати шумо набуда, балки бо кӯмак курсиҳои раёсати хоҷагиро ишғол карданист, аз ин ҳам ошкортар бигӯем, ҷои маро гирифтаниянд. Онҳо бесабаб истеъфои маро нахостанд. Аммо агар аҳли хоҷагӣ сидқан истеъфои маро мехоста бошанд, ман дар ҳақиқат дузду ғоратгар бошам, ман тарки вазифа карда метавонам.

Куброхон дигар чизе нагуфт, издиҳом низ сукунат давом медод. Раиса бо ҳозирин хайру маъзур накарда, ба идорааш даромад. Издиҳом гӯё хоб буду якбора бедор шуд. Баъзеҳо роҳи хонаашонро пеш гирифтанд. Занҳо «моро гӯл задаанд мансабхоҳон» – гӯён парокандa шуданд. Ҷавони сиёҳҷурда ба назди Ортиқбою Абӯбакр омад. Боз як нафар мастона пеши онҳо наздик шуда гуфт:

– Ако, ҳоло маълум нест, ки мо мардумро фиреб додем ё раис моро боб карда, мурч хӯронд.

– Дар пеши раис об ба даҳон гирифта истодед, нафасатон ях кард, ки намебаромад, – иллат кард Абӯбакр – акнун забон баровардед.Акнун равед, шикоят дошта бошед, ба зану бачаатон гӯед.

– Раиса ҳақиқатро фаҳмонданд-ку, гапхои зиёдатӣ чӣ даркор, – гуфт пирамарде, ки як даста риши сафедаш ба сари синааш расида меистод, – Моро дар ҳақикат ба иштибоҳ андохтаанд.

Дар байни одамон баҳсу мунозира ба амал омад.Абӯбакр дид, ки мардум ба гурӯҳҳо тақсим шуда, мубодилаи афкор мекунанд.Ӯ худро бетараф нишон дода ба онҳо хитоб кард:

– Ба раиса нағзакак гуфтугӯ карда гирифтед, акнун равед ҳам мешавад. Куброхон ҳам монда шуданд, дам гиранд.

Сарагроном, сармуҳосиб, ду-се нафар бригадирҳо ба ҳузури Куброхон даромаданд. Ӯ дасти рост рӯи миз бо дасти чап пешониашро такя дода, ғарқи фикру хаёл менишаст. Вай аз набарди нобаробар хаста ва аз баъзе ёрон дилгир шудааст. Ягон нафар аз ҳамкоронаш дар раёсати хоҷагӣ ҷуръат накард, ки дар паҳлӯи Куброхон истода, ба тӯҳматҳои ноҳаққи иғвогарон ҷавоб диҳад, ҳамроҳи ӯ ҳақиқатро фаҳмонад. Ҳамкоронаш хеле эҳтиёткор шудаанд. Худашонро ба дами оташ намезананд, дигарон раисро сахт ранҷонанд ҳам, лаб намекушоянд, «аз бало ҳазар» гуфтаанд. Гирдиҳамомадагон ба дигар аъзои раёсат санги маломат наандохтаанд-ку. Бинобарон ҳамаи онҳо худро ба канор гирифтанд. Бо вуҷуди ин рӯи одамизод нур дорад. Куброхон ҳамкоронро дар дафтари худ дида сар бардошт. Сарагроном лаб ба сухан кушоданӣ буд, ки Куброхон аз ҷой бархоста супориш дод:

– Пагоҳ соати ҳашт маҷлиси умумии аҳли хоҷагиро даъват кунед.

## ЁДҲО, ЁДҲО...

Вақте ки Куброхон ба ҳавлиаш омад, ба истиқболи ӯ духтараш Зарринахон тохта баромад ва мувофиқи одат ҳарду ҳамдигарро гарм-гарм бӯсиданд.

– Дер кардед, хавотир шудам, – гуфт Зарринa ва дар равшании чароғи барқ ба чеҳраи модар зеҳн монда нигарист. Ӯ хушҳол набуд.

– Кор, маҷлис, – кӯтоҳакак ҷавоб дод модар.

Онҳо рӯи кат нишастанд.

– Шӯрбо пухтам, мехӯред, – пурсид Зарринa.

– Не, – гуфт боз кӯтоҳакак ва аз духтар пурсид: – Падарат наомаданд?

– Он кас пагоҳ меоянд-ку! – ҷавоб дод Зарринa.

Куброхон нағз медонист, ки шавҳари ӯ Ҳабибуллохӯҷа дина ба деҳаи Навгилем, ба аёдати падару модар рафта буд, ба корҳои хоҷагӣ, ғунучини зардолу, таъмири ҳавлии онҳо кӯмак мекард. Бо вуҷуди ин Куброхон Ҳабибуллохӯҷаи худро пурсид. Духтараш ҳамин ҷо бошад ҳам, ҷои шавҳар дигар аст. Пас аз ҷанҷоли имрӯза ба ӯ дарди дил кардан мехост. «Дарди ёр дармони ёр» гуфтаанд. Ҳабибулло як ҷавони соҳибзавқи дарёдил аст, табъи шоирӣ дорад. Ҳамин вақт зарур аст, то аз устодони бузурги адаб шеъре бихонад, аз осори бузургони хирад ҳикмате бигӯяду марҳами дили ранҷури Куброхон гардад.

Зарринa духтари боақли ҳушманд, маълумоти миёнаи махсус дорад, соҳиби оила ва фарзанд аст, вале модар нахост, ки дар бораи гирдиҳамоии имрӯза ба ӯ ҳикоят карда дилашро сиёҳ бинамояд. Ҳабибулло бошад, гапи дигар аст. Аммо ӯ бо писаронаш ба кӯмаки волидайни Куброхон рафтааст. Куброхон ба Ҳабиби худ рози дил мекард, хеле сабук мешуд, назари ӯро ба воқеаҳои дилғашкунанда фаҳмида мегирифт. Хайр боке не, шавҳари азизаш, соҳиби сараш пагоҳ меояд ва онҳо сӯҳбатҳои тӯлонӣ хоҳанд кард.

Зарринаҷон одати модарашро нағз медонист. Агар ӯ дар банди фикру хаёл ва ҳаллу фасли мушкилоте бошад, ба ӯ набояд халал дод. Дар чунин мавридҳо Куброхон танҳоиро дӯст медорад. Бинобар ин ба модар хоби хуш орзу намуда, рӯи катчаи чӯбин ба ҷойгаҳ даромада хоб рафт.

Куброхон ташна буд, ӯ ба ошхона даромада аз яхдон як пиёла оби мева гирифта, нӯши ҷон кард, ҳарорати ҷисму ҷонаш каме фурӯ нишаст. Ба кати калони чӯбине, ки зери дарахти себ гузошта буданд, рӯи кӯрпачаи нимдошт рафта нишаст. Ба гирду атроф назар афканд, ҳама сокиту ором. Насиме мевазад, ки шаби торик нафаси тоза бикашад, ҷон ҳаловат барад. Фақат мавзуну мураттаб сурудани ҳашароти боғ ба гӯш мерасид ва асабро андак оромӣ мебахшид. Куброхон занҷири дарро андохта омад. Ба гунбади баланди осмон назар афканда, ёди айёми бачагӣ кард. Модари ӯ баҳору тобистон дар рӯи суфа ҷой андохта, шабҳо духтарашро дар паҳлӯяш гирифта хоб мекард. Онҳо аз наззораи осмони нилгуни беканор, гӯшаҳои равшану торик, канда шудани ситораҳо сер намешуданд. Модар аз хусуси бурҷҳои осмон, галаситораҳо, Ҳафтдодарон, Роҳи каҳкашон афсонаю ривоятҳои аҷиб нақл мекард. Онҳоро худаш ҳам аз модару модаркалонаш шунида буд. Дар китобҳои кӯҳна Ҳафтдодаронро Дубби Акбар мегуфтанд. Онҳо равшантарин ситораҳои осмон буданд. Вақте ки Обидхӯҷа ва Назирахон, падару модари Куброхон, хонадор мешаванду аз онҳо духтари моҳрӯе ба дунё меояд, падар мегуфтааст:

– Агар фарзандамон писар мешуд, Акбар ном мегузоштем, ки мисли Дубби Акбар олимақом ва оламоро шавад. Модом ки Худои меҳрубон ба мо духтар додааст, ӯро Кубро мехонем. Кубро номест ба духтар зебанда ва маънияш монанди Акбар бузургу кабир. Як олими фозил ва донишманди закӣ ҳам гузаштагӣ, ки ӯро Наҷмидини Кубро мегуфтанд. Агар хато накунам, дар нимаи дуюми қарни дувоздаҳум ва чаҳоряки аввали асри сенздаҳум умр ба сар бурдааст. Он файласуфи худоҷӯ ва мутафаккири забардаст дар мунозираю мубоҳисаҳои илмӣ ҳамеша зафар ёфта, аз байни уламо ба мушкилтарин саволҳо ҷавобҳои саҳеҳ медодааст. Асосгузори фирқаи наве будааст бо номи Кубравия. Аз Худои карим илтимос мекунам, ки духтарамон муносиби исмаш одами бузург ва баобрӯ шавад.

Оре, падари Куброхон марди доно ва хирадманд аст. Куброхон бо мурури замон ба ақлу заковати падар қоил мешуд. Ҳар боре, ки падар бо фарзандонаш давра нишаста сӯҳбат мероост-Худоро шукр онҳо нӯҳ нафаранд-аз таҷрибаи рӯзгор панду ҳикматҳои зиёде мегуфт. Кубро падарашро хеле дӯст медошт ва ба ӯ сифатҳои тоза ба тозаро нисбат медод: дадоҷони меҳрубон, дадоҷони ғамхор, дадоҷони доно, дадоҷони хирадманд ва ғайра. Аз байни ин тавсифҳо рафта-рафта тавсифи «хирадманд» ба Куброхон бештар маъқул

шуд. Куброхон ба дадоҷонаш «Падари хирадманд» гӯён муроҷиат мекардагӣ шуд. Дар мактубҳои солҳои донишҷӯияш, ки унвони падар аз Душанбе ирсол медошт, низ ҳамин ибораро аз ҳама равшантару хонотар менавишт. Таҷрибаи ибораи мазкур ихтисор шуд ва Куброхон аз нозбардории падар густохона истифода карда, ӯро «Хирадманд» мегуфт. Ин унвони барои хонадон ҳаммаънои «падар» буд.

– Хирадманд, як фотеҳа диҳед, имрӯз ба кори нав сар мекунам, – гуфта буд Куброхон вақти ба хоҷагии боғу токпарварӣ гузаштан.

– Хирадманд, рӯзи тӯи бачаҳоро муайян кунед, – ба падар рӯ оварда буд, пеш издивоҷи Заррина ва Муродҷон.

– Хуб, ҷони падар, – ҳамеша бо меҳрубонӣ ҷавоб медод ӯ.

– Канӣ ҳоло Хирадманд? – ба худ савол медод Куброхон. – Як омада аҳволи духтари бузургашонро бинанд. Зумраи ношуди мансабхоҳон истеъфои ӯро талабидаанд, аммо Хирадманд аз ин огоҳ нестанд. Нафаҳманд беҳтар аст, вагарна ба мӯйсафед зарбаи сахт мешавад.

Аслан ӯ, Куброхони нодон, зани оиладор, модари се фарзанд, ҷои гарми худро сард карда, чаро ба ҳамин хоҷагӣ омад? – худро маломат менамуд ӯ. – Магар сарварии хоҷагии дурдасти ноободро ба ӯҳда бигирад? Акнун ӯ маҷбур аст, ки аз саҳари солеҳон то нисфи шаб гармою сармо нагуфта, пиёдаю савора тобистон чангу тӯфаланг хӯрда, зимистон дар лойдонҳо афтода, саҳро ба саҳро гардад. Кӣ миннатдор мешавад аз ин фидокорӣ? Магар як лаб нони бемалол аз худи шаҳри Исфара, аз ин боғшаҳри хушу хуррам ёфт намешуд? Не, Куброхон, – эътироз кард овози дунёи ботини ӯ. – Шумо кай боз барои як лаб нон кор мекардагӣ шудед? Шумо кай боз ҷои нарму озода ва кори беозорро ҷустуҷӯ мекардагӣ шудед? Рисолатҳои олии ҷамъиятӣ доштед-ку Шумо! Хизмати халқу Ватан магар орзуи деринаи шумо набуд? Тамоми донишу таҷриба ва қувваю қудратро ба манфиати мардуми заҳматкаш сарф карданӣ набудед магар? Шуморо ақибнишинӣ намезебад, аз ин мақсадҳои олӣ даст кашидан кори фарзандони баномуси халқ нест!

Куброхон на аз зумраи занони нозпарвари соягист. Ҳисси ғайрату ҳаракат дар дили ӯ ҳамроҳи шири модар ворид шудааст. Дар куҷое, ки хидмат карда бошад, аз худ номи нек ва осори равшани назаррас гузаштааст. Ӯ лӯлаболинро зери сар гузошта рӯ ба осмон хоб рафту ба хотир овард, ки бисту ҳафт сол инҷониб заҳмат мекашад. Мактаби миёнаро бомуваффақият хатм карду (1967) мис-

ли дигар шарикдарсонаш худи ҳамон сол ба таҳсили донишкада ё донишгоҳ нарафт. Хирадманд маслиҳат доданд, ки аввал кор кунад, як дараҷа одамшинос шавад, нағзу бадро бинад, сиёҳу сафедро фарқ карда тавонад, баъд ҳар куҷое, ки ба таҳсил биравад, ихтиёраш. Ба қавле пешонаашро худо кушояд. Куброхон таклифи падарро маъқул ёфт. Як соли тамом дар корвони механиконидаи сайёри байниколхозӣ чун шогирди муҳосиб хизмат кард. Ӯ дар ин муассиса на танҳо кор омӯхт, балки аввалин сабақҳои зиндагиро низ ёд гирифт. Чунин одамон кам буданд, ки барои ватан ва нашъунамои он хизмати содиқона кунанд, манфиатҳои халқро аз хоҳишҳои худ боло гузоранд. Аксариятро ҳиссиёти худхоҳӣ фаро гирифта будааст. Онҳо талош мекарданд, ки роҳе ёфта аз хазинаи давлат, аз моликияти ҷамъият як чиз барои худ канда гиранд. Кубро ҳамон вақт хеле хуб фаҳмида буд, ки ҳирс мисли мори дусара ҳастии як қисми калони ҷомиаро печонида гирифтааст ва аз банди он наҷот ёфтан амрест мушкил. Ҳирси мол, ҳирси сарват, ҳирси мансаб як зумра одамонро ба кӯи хиёнату ҷиноят ҳидоят мекардааст. Ба хаёли ӯ сарварон ва пешоҳангони гирдиҳамоӣ низ аз ҳамон қабил одамон буданд.

Куброхон пас аз як сол ба шаҳри Душанбе рафта донишҷӯи Донишкадаи давлатии политехникии Тоҷикистон гардид. Вай панҷ соли тамом донишҷӯи бахши иқтисодии факултаи сохтмон буд ва ба Исфара баргашт. Сипас, давраи нави ҳаёти ӯ сар шуд. Аввал ӯ нозири маблағдиҳии Бонки Давлатии Исфара (1973-1974), сонӣ назоратгар – муфаттиши таъминоти иҷтимоии шӯъбаи молиявии Исфара (1974-1977), ниҳоят раиси шӯъбаи планкашии Кумитаи иҷроияи шаҳри Исфара интихоб гардид ва ин вазифаро то соли 1980 ба ҷо овард. Аз нимаи дуюми соли 1980 то моҳи феврали соли 1986 дар шӯъбаи молиявии шаҳри Исфара ба сифати иқтисодчии калони маблағгузории хоҷагии халқ ифои вазифа кард. Пас аз ин Куброхонро мудири кассаи амонатгузории марказии шаҳри Исфара таъин карданд, ки дар ин ҷо то моҳи феврали соли 1987 иҷрои вазифа намуд. Баъд ӯро ба Кумитаи иҷроияи шаҳрӣ гузрониданд. Куброхон мудири шӯъбаи таъминоти иҷтимоии ҳукумати шаҳр буд. Бозии тақдир ё ному насибро бинед, ки ӯ моҳи октябри соли 1989 директори хоҷагии боғу токпарварӣ интихоб шуд, ки он вақт «Исфара-Лаккон» ном дошт.

Куброхон ин ҳама риштаҳои кор ва марҳилаҳои ҳаёти худро ба як мақсад пеши назар овард: ҳар ҷое, ки ӯ таҳсил ва хидмат карда бошад, ростию кизб, адолату разолат, хайру шарр, бурду бохт, не-

киву бадӣ паҳлӯи ҳамдигар буданд. Дар давраи таҳсилаш дар Донишкадаи политехникӣ дугонаҳои зиёд дошт. Ҳамроҳ таҳсилу зиндагӣ мекарданд, ба ошхонаю китобхона ва киною театр мерафтанд, бо ҳамдигар мушфиқу меҳрубон, ҳолдону роздон буданд. Куброхон кӯшишу ҳаракат мекард, ки вақти худро беҳуда нагузаронад, сарфи таҳсили илм ва мутолиаи китобҳо кард, шабҳои бехобиро аз сар гузаронд, риёзат кашиду дониш андӯхт, монанди ғаввос ба қаъри маърифат ғӯта хӯрда, гавҳари мақсуд ба даст овард. Ӯ ба санҷишу имтиҳонҳо бо тайёрии комил ҳозир шуд ва сазовори баҳоҳои хубу аъло гардид. Баъзе дугонаҳояш дастовардҳои ӯро дида натавониста, рашк карданду ба ғам печиданд, оҳиста-оҳиста аз ӯ дур шуданд. Табиати одамӣ мураккаб будааст. Куброхон ҳатто ягон либоси нави зебандае пӯшад, дугонаҳои бойдухтараш ғамгин мешуданд, онҳоро дарди сар мегирифт. Ана ҳамин тавр то хатми донишкада дар паҳлӯи Куброхон як нафар дугона монд, ки духтари хандонрӯю дилҷӯи конибодомӣ буд.

Дунёи кор олами дигар будааст. Вақтҳое ки Куброхон дар идораҳои гуногуни давлатӣ корманди қаторӣ буд, вақтҳое ки дар зинаҳои мансаб мақоми ба назар намоён надошт, муҳит, меҳнат ва зиндагии ӯ орому осуда буданд. Ӯро одамони бисёр намешинохтанд, риштаҳои муносибату муомилоташ бо аҳли ҷомеа низ маҳдуд буданд. Аммо бо мурури баландтар шудани мавқеъю мақоми Куброхон дар пояҳои вазифадорӣ обрӯю иззат пайдо карданаш дар идораҳои давлатӣ ва дар байни ҷомиа ӯ ҳасудҳо ва рақибҳо пайдо кард. Ӯ аз ин гуна «бозёфт»-ҳои худ ба ҳайрат афтода, ба фикру хаёл мерафт, ки ба касе то ҳол зарар нарасонидааст, нонашро нимта накардааст, пеши роҳашро нагирифтааст, душманӣ наварзидааст, хулоса ба қавли мардум пишакашро «пишт» ва сагашро «тур» нагуфтааст, пас чаро баъзе зотҳо ба кори ӯ халал медиҳанд, дар ҳаллу фасли масъалаҳо монеъаҳои сунъӣ ба вуҷуд меоваранд? Аҷобати кор дар ҳамин аст, ки онҳо худро дӯст менамоянд, аммо дар либоси дӯстдорӣ кори душман мекунанд, ба қавле, гандумнамои ҷавфурӯшанд. Ҳамаи амалиёташонро бо забони қонун ба иҷро расониданӣ мешаванд, аммо худ роҳи қонуншиканӣ пеш мегиранд. Як ҷахон саъйу талош ва торҳои асаброро хароб кардан лозим меояд, то ба он «дӯстон» нодурустии кору ноҳаққии худашонро бифаҳмонӣ. Куброхон хуб мефаҳмид, ки аз рафтору кирдори ин қабил зотҳо на танҳо дар дили ӯ дард хона месозад, балки ҷомеа ва давлат ҳам зарар мебинанд.

Аз чашмони Кубро хоб тамоман гурехтааст. Вай чандин маротиба мижа таҳ карда, аввал то панҷоҳ, сонӣ то сад шумурд, то ки мурғи хаёлаш аз сайри дунёи муносибатҳои мураккаби инсонӣ ба лонааш баргардаду ӯро хоб бибарад. Аммо муваффақ нашуд. Ӯ канда шудани шиҳобҳоро, – ситораҳои дурахшони парронро, ки дар фазои гунбади осмон хатти заррин мекашиданд, бо завқи тамом наззора менамуд. Куброхон ҳаракати радифҳои сунъии заминро аз намудор шудан то пинҳон гардидан тамошо мекард. Ривояти модараш Назрихонро ба хотир меоварад, ки ситораҳои паррон беҳуда ҳаракат намекунаду шамшери тиллоӣ намекашанд, балки деву ҷин ва шайтонро мезананд. Зӯри деву ҷину аҷина ва шайтон ба офтоб нарасидааст, онҳо ба ҳам иттифоқ баста мехостаанд, ки моҳро сарнагун оваранд, то ки шаб аз анвори рухсори маликаи худ маҳрум гардида, тамоман торикистон бишавад. Аммо чанголи дурушти онҳо фақат ба рӯи пурнури моҳ расида, онро камтар хуншор ва сипас доғдор кардаасту бас. Дар ҳамин вақт ситораҳои паррон ба қувваҳои сиёҳ ҳамла овардаанд. Онҳоро зада дур андохтаанд. Деву ҷини шайтон аз ҳол рафта фурӯнишаста бошанд ҳам, ба мағлубияташон қоил намешуданд. Онҳо дар атрофи худ қувваҳои тоза ҷамъ карда, ҳар шаб азми ҳуҷум зидди моҳ мекардаанд, то моҳ бидонад, ки онҳо тамоман мағлуб нашудаанд, ҳанӯз арзи ҳастӣ мекунанд, саъю талош доранд, ки Моҳро афтонда ба чоҳ андозанду мақоми баланди онро ишғол намоянд ва чун рӯзро натавонистанд, шабро ба торикистон табдил дода, ба разолату роҳзанӣ ва дуздию ғоратгарӣ машғул бишаванд, ҳокими мутлақи шабистон гарданд.

Ҳасудон ва рақибони Куброхон, ки дар тӯли таҷрибаи ҳаётиаш ба онҳо дучор омадааст, ҳоло як-як дар пеши назараш дар сурати ҳамин ҷину аҷина ва шайтону дев менамуданд. Истеъфоталабони ӯ дар шакли албастиҳои бадшакле падид меомаданд ва дар дилаш ҳисси нафрату адоват бедор мекарданд. Куброхон боз ба фикр фурӯ мерафт, ки чаро дар байни ҷомеа чунин мардон ва ҷавонмардони ҷасуру бебок кам набошанд ҳам, мисли ҳамон ситораҳои паррон бо найзаҳои офтобии худ ба он зотҳои нопок ҳамла намеоваранд? Чаро ҳама муташаккилона адаби онҳоро намедиҳанд, ки ба пешрафти ҷомеа халал надода, бо меҳнати фоиданок шуғл биварзанд? Чаро онҳо ба Куброхон халал мерасонанд, ки нақшаҳои эҷодкоронааш ҷомаи амал напӯшанд...

Чашмони Куброхон аз наззораи фазои беканори осмон хаста шуд. Вай якпаҳлӯ шуда чашмонашро пӯшид. Як, ду, се, чор,.. даҳ,..

понздаҳ, бист... Не, ҳеҷ не, ки ба дидаҳои гарми ӯ осори хоб пайдо шавад. Вай ҳис кард, ки паҳлӯи рост ва кифташ кам-кам дард мекунад. Бечора дар рӯи як қабат кӯрпачаи кампахтаи тунук мехобид. Нӯг-нӯги пой, то ки Зарриначонаш, духтари меҳрубон ва мӯниси ҷонаш бедор нашавад, ба хона даромада, оҳиста чароғро гиронд ва як кӯрпаю болини нарм аз хона бароварда, кӯрпаро дуқат карда аз болои кӯрпача партофт, болини сафеди пари қуро аз болои лӯла гузошт, сонӣ боз беовозу бесадо чароғро кушта омаду ин даъфа паҳлӯи чапашро ба замин гардонда хоб рафт. Аммо чӣ илоҷ? Боз дунёи дилашро эҳсосоти мағшуш фаро гирифтанд ва дар майнааш ҳар хел фикру андешаҳо омаданд. Вай ба хотир овард, ки ҳасуду нотавонбинҳо, нохалафу бадхоҳон чӣ тавр пайдо мешаванд, ҳамкасбу ҳамкор, ошнoю рафиқ, дугонаю ҳамнишин, равед, ки баъзе дӯстони кас чӣ гуна тағйир меёбанд ва рафта-рафта душманӣ мепазиранд.

Куброхон боз Хирадмандро ёд овард. Ӯ ба фарзандонаш таълим медод, ки одоби муоширатро биомӯзанд, бо мардум хушмуомила бошанд, дар вазъиятҳои мураккаб ҳам, худро аз қаҳру ҷаҳл, забонро аз тундӣ, даҳонро аз бадгӯӣ нигаҳ доранд. Ба хусус, дар вақти гуфтор адаб нигаҳ доранд.

– Ба душманонатон ҳам гапи сахт назанед, – мегуфт ӯ ба аҳли хонаводааш. – Бидонед, ки забони ширин морро аз хонааш баровардааст. Хирадманд насиҳат мекард ва ҳоло ҳам, ки ҳамаи духтарону писаронаш ба воя расида, худ соҳиби оила гардидаанд, забон ба насиҳат мекушояд, ки онҳо тарзи муомилаю гуфтугӯро хубтар ёд гиранд. Зеро табъи мардум нозук аст, имрӯз вобаста ба вазъи нохуши рӯзгор боз ҳам нозуктар шудааст. Куброхон ёдовар шуд, ки Хирадманд як ҳикояти Муҳаммад Авфӣ ном нависанда ва донишманди гузаштаи тоҷикро аз китоби «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» хонда дода буд:

«Оварданд, ки Ҳоруннаррашид хобе дида буд, ки дандонҳои ӯ рехта буд ва аз даҳон берун афтода. Аз муаббире пурсид.

Гуфт: «Зиндагонии амирулмӯъминин дароз бод, ки ақрабои ту бимиранд». Ҳорун бағоят ранҷид ва бифармуд, ӯро сад чӯб бизананд ва муаббире дигар ҳозир овард ва вай пурсид. Ӯ гуфт: «Далел кунад, ки амирулмӯъмининро умр дароз хоҳад буд ва дар давлат ва хилофат беш аз ақрабо зиндагонӣ ёбад».

Ҳоруннаррашид хушдил шуд, гуфт: «Ҳамон сухан аст, ки ӯ гуфт валекин ин адаб нигоҳ дошт ва бо иборате хуб гуфт». Пас бифармуд, то ӯро сад динор доданд ва агарчи таъбире ҳарду дар асл як

буд, аммо чун яке сухан беадабона гуфт, хуб адаб хӯрд».

Куброхон ин ҳикоятро ёд дорад. Ӯ худро наметавонист таъриф бикунад, ки хеле хушмуомила аст, дар гуфтугӯ бо одамон камоли адаб ва назокат нигоҳ медорад. Вале дурушту бадгап, тундхӯ ва бадзабон ҳам набуд. Аз кизбу дурӯғ худро ба канор мегирифт ва ҳақиқатро дар пеши хосу ом ошкоро иброз медошт. Ин хислатҳо набояд душманӣ тавлид бикунанд, – аз дил гузаронид ӯ ва андешаҳояшро идома дод, – барои рақиб пайдо намудан ба одамон душманӣ кардан шарт набудааст. Ҳам дӯст ҳам бадхоҳи кас, дониш, истеъдод ва маҳорати ҳар фард будааст.

Солҳое, ки Куброхон сариқтисоддони маблағгузории хоҷагии халқи шӯъбаи молияи шаҳр буд, бо турфа ашхосе рӯ ба рӯ мешуд. Чанде аз мутахассисони шӯъба ба ин вазифаи масъулиятнок гузаштани ӯро айни муддао дониста, самимона табрик ва изҳори шодмонӣ карданд. Барои иҷрои ин вазифа Куброхонро бозёфти нодир шумурданд. Бархе дигар ӯро бо лабони пур аз табассум истиқбол гирифта бошанд ҳам, дар замири дили онҳо як ҳиссиёти норизоӣ мисли мори сиёҳ кулча зада мехобид. Эшон Куброхонро барои сабзиш ва рушду камоли худ дар поғундаҳои мансаб рақиби дараҷаи аввал пиндоштанд. Барои гурӯҳи сеюм ҳеҷ гуна фарқ вуҷуд надошт, ки сариқтисоддони идораи онҳо кӣ таъин шудааст. Ин зумра мувофиқи қонуни нонавиштаи «гӯр сӯзаду дег ҷӯшад» кор мекарданду умр ба сар мебурданд.

Куброхон дар шӯъбаи таъминоти иҷтимоӣ нағз кор мекард. Роҳбарони шаҳр байни худ мегуфтанд, ки рушду камоли ӯ хуб аст. Кадом вазифаро супоред, аз умедатон беҳтар ба ҷо меоварад. Дар ин ҷо низ Куброхон корро дар сатҳи баланд ташкил кард. Тартибу интизом ба дараҷае ҷорӣ шуд, ки ба хонаи нафақахӯрҳо масолеҳи ниёзмандиашонро бурда мерасонанд. Ангишту ҳезумро ҳам чӯбу тахтаро ҳам, нафақапулиро ҳам! Чӣ қадар дуои хайр карданд онҳо Куброхонро: «Умратон дароз шавад, хока гиред зар гардад, ба орзую умеди фарзандонатон бирасед». Аммо худи Куброхон нахост, ки дар он ҷо хизматро идома диҳад. Ин, албатта, сабаб дошт. Гап дар ин, ки ба ӯ тоифаҳои гуногуни маъюбу маслуқон ва дигар осебдидагон муроҷиат мекарданд. Куброхон бо ашхосе, ки бо сабаби пирӣ нафақахӯр шудаанд, метавонист соатҳои дароз чун дӯст ва парастори дерина сӯҳбат бикунад. Аммо бо дардмандону маъюбон, бо ниёзмандони бепаноҳ наметавонист. Дар ҳавои сарди чиллаи зимистон пиразанҳо ва пирамардоне меомаданд, ки дар пойҳояшон пойафзоли

гарм надоштанд, миёнашон мисли камон дуқат буд, такя ба асо дода бо азоб роҳ мерафтанд. Вақти арзу шикоят дасту по ва каллаашон чун барги сафедор меларзиданд. Тобистон боз манзараи дигари риққатоваре дошт. Маҷрӯҳони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ё маъюбони меҳнат дар ҳавои гарм ба обу арақ ғӯтида, яке бе дасту дигаре бе по, яке кӯру дигаре кар бо аробачаҳои дастӣ ғеҷон-ғеҷон меомаданд. Онҳо бо ниёз меомаданд, ки бо кӯмаки амали Куброхон мушкилоташон осон шавад. Куброхон зани хунсард набуд, аҳволи онҳоро дида дилаш ба дард меомад, азоб мекашиду ғусса мехӯрд. Чеҳраҳои малул, рангҳои парида дасту пои буридаи онҳоро дар хоб дида, борҳо тарсидаю ларзида, фарёдкашон бедор шудааст. Вазифа тақозо мекард, ки Куброхон ба манзилу макон ва ҷои зисти нафақахӯрҳо низ биравад. Махсусан занони маҷрӯҳ ва бистарӣ чашми умед ба роҳи Куброхон дӯхта, монанди ин ки модар, хоҳар ё дӯсти мушфиқу меҳрубони худро медида бошанд, изҳори дарди дил ва розу ниёз мекарданд, аз бахти вожгун ва иқболи пасти худ аз дасти фалаки каҷрафтор ва шавҳарони беор лаб ба шиква мекушоданд, маслиҳат мепурсиданду имдод мехостанд. Ҳар боре, ки Куброхон бо Нозгул вохӯрад, аз аҳволи ошуфта ва сарнавишти аламовари ӯ ба танг меомад, дилаш об мешуд ва чанд рӯз гирифтори андӯҳу ғам мегардид.

* * *

Ӯ як зани тахминан сиюпанҷсолаи исмаш ба ҷисмаш мувофиқ, нозанину дилкашест, қомати болои мавзун, чеҳраи чун гули садбарги сафед беғаш, гунаҳои гулобӣ, лаби ғунчасон лӯнда, дандонҳои монанди садаф дурахшон, зулфакони печон дошт. Ӯ дар рӯи бистаре, ки аз болояш рӯйҷои тозаи сафед густурдаанд, рӯ ба сақфи пурнақшу нигори хона дароз хоб мерафт. Гӯё ҳозиракак ин арӯси гулрӯ аз хоби ноз бедор шуда, чашм ба тамошои гулҳои рангоранги шифти хона дӯхта бошад. Дар бари Нозгул зани миёнақади гандумгуни панҷоҳу панҷ – шастсолае, ки модаршӯяш буд ва Бирафоат ном дошт, менишаст. Ӯ ба даҳони Нозгул бо қошуқи нуқра шарбати мева мерехт. Дар чеҳраи ӯ абри ғаму андӯҳ соя афкандааст.

Ҳамин ки Куброхон иҷозат пурсида, ба хона ворид шуд, он зан аз ҷо бархоста, меҳмонро хуш истиқбол гирифт, аз ду рухсораи ӯ гармгарм бӯсид ва болои кӯрпача нишонда «хуш омадед», гуфт. Нозгул низ ҳаракати бархостан кард, аммо натавонист. Фақат сар ба ҷониби Куброхон гардонида, бо азоби алим дасти чапашро рӯи сина гузошт ва садои нимғурмае бароварда, оҳанги салом ба ҷо овард. Дар чаш-

мони мисли оҳу калон-калони ҷавонзан ашки ҳасрат ҳалқа зад. Ӯ боз ғулдур-ғулдуркунон чанд калима арз кард. Куброхон бодиққат гӯш карда, танҳо «Шумо нағз-мӣ?» гуфтани саволро фаҳмида тавонист.

– Раҳмат Нозгулҷон, ман дуруст, – ҷавоб дод Куброхон, – илоҳӣ худатон зудтар шифо ёбед. Ман барои муолиҷаи Шумо аз Душанбе духтури номдор, профессор Абдулмаҷид Пӯлодзодаро даъват кардам. Баъд аз ду рӯз меоянд.

Дар лабони Нозгул табассуми латифе гул кард.

– Худоё аз забони ширинатон гардам, садқаи меҳрубониҳотон шавам, – изҳори сипосгузорӣ кард Бирафоат, – ҳамин дилшикаста шифо ёбад, аз ман нагардад, аз худо гардад, Куброхон, ташаккур.

Бирафоат барои дастурхон овардан ба хонаи худ рафт.

– Шу-ни-дам, – ҳар калимаро ба ҳиҷоҳо тақсим карда гуфт Нозгул, – ҳамон кал-бу-зи кунғафси поборики савдогара гирифтаст. Нозгул нописандона табассум кард, ки дар зери пардаи он ифтихоре аз ҳусну ҷамоли худ ниҳон буд. Як байти Ҳилолӣ ба хотири Куброхон омад, ки аз шавҳараш Ҳабибуллохӯҷа шунида буд:

Ин ҳусн чӣ ҳуснест, ки аз парда аён аст,
Нақше, ки паси пардаи тақдир ниҳон буд.

«Сафедрӯи сиёҳбахт будааст, Нозгул», – аз дил гузаронд Куброхон, лекин ба хотири тасаллии дили нозуки ӯ гуфт:

– Шумо бисёр ғам нахӯред, Нозгул вай беҳаё ба як тор мӯи Шумо намеарзад, Шумо худо хоҳад сиҳат мешавед, шавҳаратон беақлӣ кардааст, пушаймон шуда, боз ба наздатон бармегардад. Ранги шафақосои хурсандӣ дар чеҳраи Нозгул падид омад ва зуд барҳам хӯрд. Ӯ чашм пӯшида, ба маънои «не» сар ҷумбонд. Мижгонҳои сиёҳи дароз-дарозаш ба ҳам расиданд ва қатраҳои алмосвор шаффофи ашки талху тунд дар сари онҳо чун донаҳои марворид намудор шуданд. Дили Куброхон сахт фишор хӯрд, аммо онро зоҳир накард.

Бирафоат дар як даст лаълии дастархон, дар дасти дигар чойники чой ба хона даромад.

– Ташвиш кашидед, лозим набуд, – аз ҷой бархоста, чойникро аз дасти соҳибхона гирифт Куброхон. Бирафоат дастархон густурда нон шикаст, табақчаҳои қандҳои рангорангро рӯи дастурхон гузошт. Дар як тақсимча гӯшти яхние буд, ки ҳамин-ҳамин пора кардаанд.

– Гиред Куброхон, хӯред, – чой дароз ва меҳрубонӣ кард Бира-

фоат, – шояд ба шарофати Шумо пошшои ман ҳам ягон чиз хӯранд.

Сонӣ Бирафоат як пора гӯштро ба даҳони Гулноз андохт. Ӯ боз як табассуми ширин кард. Сӯҳбати онҳо ним соат бештар тӯл накашид. Куброхон озими рафтан шуда бархост ва гуфт:

– Духтурро худам ҳамроҳ меорам.

Нозгул ӯро бо чашми умед гусел кард. Бирафоат то дари кӯча ҳамроҳ омаду бо Куброхон хайру хуш карда, лаб ба дуо кушод.

Илоҳо барака ёбед духтарам, саратон аз санг шавад.

## НОЗГУЛ

Куброхон тӯи арӯсии Нозгул ва шавҳари ӯ Абдуҷабборро ёд дорад. Нозгул ҳам мисли Куброхон дар Душанбе таҳсил кардааст. Фарқаш ҳамин аст, ки Нозгул пас аз ду соли Куброхон ба Душанбе рафту ба факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда таҳсил кард. Онҳо дар Исфара ҳамдигарро нашиносанд ҳам дар Душанбе, ки шаҳри мусофирӣ буд, дар ҷамъомадҳои донишҷӯёни исфарагӣ ситораашон ба ҳамдигар рост омаду риштаи дугонагиашон мустаҳкам гардид. Куброхон баъди хатми Донишгоҳ дар бонк, сонӣ дар шӯъбаи молия, Нозгул бошад, дар ташкилоти адвокатҳо ба хидмат даромад. Дар як рӯзи баҳорони моҳи апрел, ки дарахтон ғарқи гул буданд, Нозгул ба дафтари Куброхон омада, даҳ – понздаҳ дақиқа сӯҳбат карда нишасту вақти рафтан ба ӯ даъватномаи тӯи арӯсиро бидод. Куброхон хурсанд шуд, бархоста Нозгулро ба оғӯш кашид, аз рухсораҳои чун лолаи ҳумро сурхаш гарм-гарм бӯсаҳои муборакбодӣ кард, як шингил гилачаро низ раво дид:

– Чуба пешакӣ як бор нагуфтед, дугонаҷон? Наход аз хурсандии Шумо қатори дигарон бохабар шавам?

– Домодшаванда хеши худамон, – рӯйҳояш лахча барин таб баровард, – росташа гӯям ин қадар ҷазман набудам, лекин аз раъйи падару модар баромада натавонистам.

– Илоҳӣ хушбахт шавед, – орзу кард Куброхон ва дар дил ба худ гуфт: – урфу одати мо сахтанд, ҳатто Нозгули ҳуқуқшинос ҳуқуқи худро ҳимоя карда натавонистааст.

– Хайр, домод хушрӯ-мӣ? Дар куҷо кор мекунад? – Якбора ду савол дод Куброхон.

– Мешавад, – кӯтоҳакак ҷавоб дод Нозгул ва пас аз таваққуф гуфт: – Соли гузашта донишкадаи савдои Самарқандро хатм наму-

да, ҳоло дар Тоҷикматлуботи вилояти Лениобод кор мекардааст. Гуфтанд, ки баъд аз тӯй кӯчида меояд.

Куброхон дар тӯи онҳо ҳамроҳи шавҳараш ширкат варзид ва ҳамчун дугонаи арӯс ҷавононро табрику таҳният гуфта, бахти ҷовидонию фарзандони солеҳ орзу намуд.

Ӯ аз хонаи Нозгул баромада, ҳамин воқеаро ба ёд овард ва худро сарзаниш кард, ки чаро вақташ «Домодшавандаро санҷида дидан даркор, ки сифатҳои инсонӣ дорад ё не», нагуфтааст. Агар таъкид ҳам мекард, аз он чӣ манфиате медид? Дер шуда буд. Мардум аллакай даъватномаи ҷашни арӯсиро гирифтаанд... Ғайр аз ин, Нозгулро аз айёми кӯдакиаш чунин тарбия кардаанд, ки аз гуфту фармони падару модар баромада наметавонист. Духтари ҳалими фармонбардор буд ӯ.

Аслан онҳо дар давоми қариб понздаҳ сол рӯзгори ширине ба сар бурдаанд. Духтар то шаби тӯй бепарво буд. Мувофиқи анъанаҳои тоҷикӣ, ҳатто дар замони мо бисёр духтарон ва ҷавонон якдигарро надида ё дида бошанд ҳам, ошноӣ накарда хонадор мешаванд. Ҳамонҳо оила сохта зиндагӣ карда – гаштаанд-ку! Ман ҳам ҳамон хел рӯз мегузаронам-дия, – фикр мекард Нозгул.

Меҳри никоҳ гарм будааст. Бегоҳи ҷашни арӯсӣ Нозгул дар паҳлӯи Абдуҷаббор, либоси ҳарири сафед дар бар хеле сипоҳона нишаста бошад, чун ба шабистони орзую умедҳо ворид гардид, бо ӯ дар як болин сар монду дуздида-дуздида чеҳраашро тамошо кард. Ӯ як ҷавони болобаланде буд, ки чашмони калон-калони мешӣ ва абрувони пайваста дошт. Нозгул ӯро солҳои мактабхонияш дида буду ҳеҷ эътибор намедод. Акнун аз хаёл гузаронд, ки «йигити қаламқош шудааст». Ҳар боре, ки Абдуҷаббор арӯси нозанинашро ба оғӯш кашида лабу рӯи монанди гули сероб зебояшро бӯсаҳои гарму сӯзон мекард, ду пайкари латиф ба ҳам омехта, аз чашмони Абдуҷаббор шарораҳои меҳру муҳаббат мерехт. Дили Нозгул чунон гуп-гуп мезад, ки садояшро худаш ҳам мешунавид. Тамоми ҷисму ҷони ӯро эҳсоси шарму ҳаёомези гуворое фаро мегирифт. «Чашмонаш нарм, нигоҳҳояш меҳрубона». – гуфт дар дил духтар.

Онҳо тамоми шаб хоб накарданд ва субҳро бо чеҳраи гулгун истиқбол гирифтанд. Нозгул рафта-рафта шавҳари худро дӯст дошт, сахту маҳкам ба ӯ дил баст.

Абдуҷаббор ҳам ба ваъдааш вафо кард. Чилаашон баромаду ӯ аз Хуҷанд ба Исфара кӯч бардошт ва дар идораи савдои шаҳр вазифаи мувофиқе барои худ ёфт. Зану шавҳар ҳатто дар вақти кор ҳам, ҳар

рӯз чанд маротиба бо баҳонаҳои гуногун ба ҳамдигар занг зада, чун ошиқони вола дуру дароз сӯҳбат мекарданд. Ӯ як мошини сабукрави «Москвич-412» дошт. Занашро ба паҳлӯяш нишонда, ҳар рӯз то ба ҷои хидмат бурда мемонд, пешинӣ боз рафта мегирифт ва ҳар ду дар ҳавлиашон ё дар ягон тарабхона хӯрок мехӯранд. Бегоҳӣ Абдуҷаббор аз кор баромада, боз аз паси Нозгул мешитофт. Рӯзҳо ба ин минвол хушу хуррам мегузаштанд.

Нозгул арӯси хизматӣ, хоксор ва дилбар баромад. Ӯ ҳар рӯз субҳи содиқ аз ҳама пештар бедор мешуд ва ба рӯбу чини ҳавлии калон машғул мешуд, молу ҳол нигоҳубин мекард, наҳорӣ ҳозир менамуд. Бегоҳ низ баробари аз кор омадан хӯроки шом мепухт. Ҳама як ҷо нишаста «дасти бомаза»-и келинро таърифкунон тановул менамуданд. Нозгул аз тарафи падаршӯю модаршӯяш рӯҳ мегирифт, дасту остин барзада дегу табақ мешуст, сару либоси аҳли хонаводаро дарзмол мекард ва аз ҳама бевақт хоб мерафт. Падари Абдуҷаббор, ки муҳосиби бонки шаҳр буд ва модари ӯ, ки дар мактаби миёна аз забон ва адабиёти тоҷик дарс медод, аз рафтору кирдор ва хулқу атвори келини меҳрубонашон розӣ буданд.

– Худо ба мо ғайр аз Абдуҷаббор фарзанди дигар надод, – мегуфт падар ба завҷааш, – хайрият ҳамин Нозгул хонаамонро пур кард.

– Нозгул ба хонадони мо ҳам келину ҳам духтар, – ба хурсандии шавҳар шарик мешуд зан, – лекин худои меҳрубон як-дуто фарзанд медоду мо ҳам дигарон барин набератӯй мекардем, аз дунё беармон мерафтем.

– Баъзеҳо дерзои шерзо, – тасаллӣ медод шавҳар занро, – худи писарат баъд аз панҷ соли тӯямон ба дунё омад-ку. Ноумед – шайтон.

Аз ҷашни арӯсии Нозгул ва Абдуҷаббор бештар аз даҳ сол гузашта бошад ҳам, дар оилаи онҳо тифли мурод пайдо намешуд. Онҳо на як бору ду бор маслиҳати духтурони донишмандро гирифтанд, ба курортҳои марказӣ рафта табобат кунониданд, модари Абдуҷаббор келинашро ба табибони номдор ҳам нишон дода аз даму нафаси эшону муллоҳо низ бебаҳра нагузошт. Аммо осоре аз фарзанд дар қади Нозгул намудор набуд. Худаш ҳам ғамгин мешуд, вале зоҳир намекард. Чунон ки мегӯянд дарунноки ғам мехӯрд. Духтурон ба Абдуҷаббор ишора карда буданд, ки солим асту нуқсе надорад. Пас наход иллат дар Нозгул бошад. Наход ӯ номи безурётиро бардорад? Охир ӯ дар як оилаи серфарзанд таваллуд шудааст,

онҳо чор хоҳару чор бародаранд. Боре модари ӯ дар омади гап ҳикоя карда буд, ки кадом як холаи ӯ ду маротиба хонадор шуда бошад ҳам, рӯи фарзандро надида аз олам гузаштааст. Шояд Нозгул ба ӯ рафтааст? Агар ӯ фарзанд наёбад, оё Абдуҷаббор бо вай зиндагиашро давом медода бошад? Ӯ ҳис кард, ки як-ду сол боз рафтори шавҳараш тағйир ёфтааст. Вай аз кор гоҳу ногоҳ дер меомадагӣ шудааст. Нозгул сабаб пурсад, ҷавоб медод, ки кор бисёр аст, маҷлис шуд ва ғайра. Абдуҷабборе, ки танҳо рӯзи тӯй, ид ва ҷашни мавлуди ёру дӯст, хешу ақрабо кам-кам лаб ба шароб мебурд, вақтҳои охир майхора шудааст. Баҳона пеш меовард, ки аз Душанбе ё аз Хуҷанд меҳмонон омаданд, камтар нишастем. Агар ӯ пештар як ҷуръа шароб нӯшад, димоғаш чоқу вақташ хуш шуда, аз паҳлӯи Нозгул дур намерафт, «гули ман, булбули ман», гӯён ӯро навозиш мекард, қаду қомат, лабу даҳон, чашму абрӯяшро ҷудо-ҷудо таърифу ситоиш менамуд. Нозгулро «нодираи даврву замон» мехонд ва паст-паст сурудеро зам-зама мекард:

Эй чеҳраи зебои ту рашки бутони озарӣ,
Ҳарчанд васфат мекунам, лекин аз он болотарӣ...
Ман ту шудам, ту ман шудӣ, ман тан шудам, ту ҷон шудӣ,
То кас нагӯяд баъд аз ин, ман дигарам ту дигарӣ...

Нозгул ҳам ин гуна ҳолатҳои ширакайфии ӯро дӯст медошт. Вале, ҳайҳот! Чандест, ки Абдуҷаббор асабинамо мегашт. Агар май хӯрад, ҷанг мепайваст, дар хонаи танҳоӣ гиря мекард. Боре ӯ сархуш омаду ба лутфу меҳрубониҳои Нозгул эътибор ҳам надод, ба хӯроки дӯстдоштааш-палави қазидор нимнигоҳ ҳам накард, болои кат якпаҳлӯ дароз кашиду маддаашро кафонд:

– Толеи паст будааст, ман шӯрбахт шудам! Ҷӯраҳоям се-чортоӣ фарзанд доранд, мани бечора бошам, ба нохуни фарзанд зор.

– Ғусса нахӯред, ҷонакам, худо ягон рӯз ба ҳам медодагист, – гуфт бо нармӣ Нозгул, – ҳоло мо ҷавон-ку! – Ба медодагиҳо аллакай дод. Мана писари ҳамсояро бин порсол хонадор шуд, занаш аллакай қӯшписар зоид.

Ба Нозгул ин гап сахт расида бошад ҳам, лаб фурӯ баст. Ӯ дарди шавҳарашро мефаҳмид, аммо даво карда наметавонист. Саҳеҳтараш худро маломат мекард, ки ҳамсарашро хушбахт карда натавонистааст. Дар ҳақиқат фарзанд саодати падару модар, давоми ному насаб ва рукни хонавода аст. Мустаҳкамии оила аз шарофати ӯст. Табиат чаро ӯро аз ҷавҳари ҳастии инсон маҳрум сохтааст, вай, Нозгул, ки

кору фаъолияти худро фақат аз рӯи қонун, адлу инсоф ва инсонпарварӣ ба роҳ гузаштааст, ба ҳифзи ҳуқуқи одамон махсусан ҷабрдидаҳо, камар бастааст, ба даргоҳи худои муттаол чӣ гуноҳ содир кардааст? Оё мумкин аст, ки ба яке ин қадар саховат ба дигаре ҳамон қадар хасосатро раво бубинад? Якеро мебинӣ ки донаи бобарака, хонааш пур аз фарзанд, дигареро мебинӣ, ки донааш пуч ва хонааш мисли масҷид холист. Изтиробу ҳаяҷон Нозгулро гулӯгир шуд, дилаш пур шуда омад, аммо худдорӣ кард, ба хона даромаду ба зери дасти Абдуҷаббор дуто болин гирифта омад.

Палов кайҳо сард шуда бошад ҳам, бӯи қазӣ иштиҳои Абдуҷабборро кушод.

– Ягон чиз дорӣ пеш аз ош? – бо чеҳраи тира рӯ ба Нозгул овард ӯ.

– Худатон маст, дигар нанӯшед ҳам мешудагист, дадаҷонам дар ҳамин ҷо, хафа нашаванд? – бо нармӣ гуфт зан.

– Ин хел бошад, ошата намехӯрам! – эътироз кард шавҳар.

Нозгул бо дили нохоҳам аз хона як шиша арақ ва як қадаҳ гирифта баромад.

– Барои худат чӣ? Бо ман наменӯшӣ?

– Ман арақхӯрия партофтагӣ, – зарофат гуфт Нозгул.

– Ту партофта бошӣ, ман мебардорам, – қадаҳро пур карда нӯшид Абдуҷаббор ва ба даҳон як пора қазӣ андохт.

Сонӣ боз ду қадаҳи дигар бардошт, ду-се бор ош хӯрду даст аз табақ кашид. Шароб таъсир кард магар, ки кӯки даҳони Абдуҷаббор тамоман канда шуд. Ӯ худро идора карда натавониста, гоҳ аз боғу гоҳ аз роғ ҳарф мезад.

– Ман безурёт будаам! – каф ба пешонӣ зад ӯ. – Таъна карданд мана. Онаша нишон медиҳам ин хел мегуфтагиҳоя! Даҳонаша аз пушти гӯшаш мекушоям.

– Аз бедаҳанҳо хафа нашавед, ҷонакам, – ба оҳанги илтимос гуфт Нозгул, – дӯст ин гуна гапа намегӯяд.

– Ман вай даюсба ҷавоб додам... Ман безурёт не, ту надонӣ, медонистагиҳо ҳастанд. Писар... Абдуҷаббор худ нафаҳмида ба дили Нозгул ханҷар зад. Якбора ҳушёр шуд магар, ки суханаш дар даҳон монд, аммо ҳамон шаб Нозгул ҳеҷ нахуфт ва то саҳар гириста баромад, тақдири худ ва шавҳарашро фикр кард. Абдуҷаббор аввалин маротиба ошкоро гап зад. Нозгул ҳам аз забони ӯ калимаи «безурёт»-ро шунавид. Дар ин бобат онҳо ба ҳамдигар боэҳтиёт ва нозукати тамом ҳарф мезаданд. Аммо дина парда аз миён афтод.

Маълум мешавад, ки таънаи ёру ҷӯраҳои фаҷ ба иззати нафси Абдуҷаббор расидааст. Дар ҳақиқат духтарону писарони ошноҳошон аллакай лоиқи орзую ҳавас шудаанд, аммо ӯ то ҳол падар нашудааст. Ин аҳвол сари мардро хам мекунад, албатта. Ҳамин хел андешаҳо хоби Нозгулро тамоман аз сар парронд. Вай мисли оҳуи захмида печу тоб мехӯрд, ки чаро шавҳараш ба кадом касе «ман безурёт не, ту надонӣ, медонистагиҳо ҳастанд», – гуфтааст. Чаро ӯ ба забон калимаи «писар»-ро гирифту хомӯш шуд? Магар ӯ зани дуюм дораду соҳиби писар шудааст? Не, не! Нозгул ба ин тоқат карда наметавонад. Худо ҷудоиро нишон надиҳад. Бе Абдуҷаббор зиндагӣ барои ӯ ҳаром аст. Абдуҷаббор аз дарду алами дил мегӯяд, дили ӯ ғамхона шудааст дар ду соли охир. Ғами фарзанд ба мӯйҳои чун қатрон сиёҳаш даста-даста торҳои сафед пайдо кардааст. Шояд ӯ ба шӯхӣ маро месанҷад? Шояд хаёл мекунад, ки суханҳои алмосиаш ба ҷавҳари ҷони ман мерасанду худро боз давою дармон мекунам. Нозгул аз ҷой бархоста ба хонаи хоб даромад, ки шавҳараш паҳлӯ гашта нолиш мекард. Ӯ фарқ карда натавонист, ки аз таъсири таъна ё асари шароб нолиш мекунад Абдуҷаббор. Ба чеҳраи ӯ нигоҳ карду сенздаҳ сол рӯи ҳамин кат меҳрубонӣ карданҳояш ба хотир расид. Абдуҷаббор ҳар шаб пеш аз хоб як ҳикоячаи латиф аз ҳаёти Афандӣ ё ягон анекдоти обнорасида нақл карда, занашро хуб механдонд ва дудаста озод бардошта, рӯи кат мегузошту чароғро хомӯш мекард...

Нозгул оҳиста берун шуд ва даст шуста ба ошхона даромад. Вай оташ гиронду ба дег мастова андохт.

«Бӯи мушк пинҳон намемонад» гуфтаанд. Нозгул аз баъзе дугонаҳояш мешунавид, ки Абдуҷаббор бо Каромат ном бевазани ҷавон робита доштааст. Ҳатто мегуфтанд, ки ӯ писарча таваллуд кардааст ва ба Абдуҷаббор ҳамчун ду қатраи об монанд будааст. Боре модаршӯяш Бирафоат ҳам аз дур даромад карда гуфт, ки кадом як бобокалонаш савдогар будаанду дар Қӯқанду Хуҷанд ва Тошканд ҳам зан доштаанд ба ҷуз зани исфарагиашон. Шариати ислом иҷозат медодааст, ки ҳар мард то чор нафар зан дошта бошад. Ба шарте, ки рӯзгору маишати онҳоро таъмин карда битавонад.

– Қонуни мо одилтар будааст, – гуфт Нозгул, – вай ҳатто ду зан гирифтанро манъ мекунад.

– Зан нозоям бошад-чӣ? – савол дод Бирафоат.

– Агар мард занашро дӯст надорад, дар он сурат ҷавобашро медиҳад, – гуфт Нозгул ва ҳатто ба гӯшаи хотир наовард, ки дар та-

ги коса нимкосае ҳаст.

Нозгул маънои ин гуфтугӯро акнун фаҳмид ва ба пӯстини ӯ кайк даромаду беқарор шуд. Чунки падару модари Абдуҷаббор изҳор мекарданд, ки дар орзуи набера мебошанд.

Аммо ғурури баланди Нозгул иҷозат намедод, ки шавҳари маҳбубаш хонаи ӯро вайрон ва хонаи дигареро обод бикунад. Рӯзе зану шавҳар дар ҳамин мавзӯъ ошкоро сӯҳбат карданд.

– Одами бефарзанд – дарахти бемева, – гуфт Абдуҷаббор.

– Бародарам серфарзанд аст, аз шир барояд, писарчаи хурдияшро ба мо медодааст. Калон мекунем, фарзанди худамон мешавад, – арз кард Нозгул.

– Таънаи мардумро бардошта наметавонам, – розӣ нашуд Абдуҷаббор.

– Ин тавр бошад, дигар роҳ нест, майлаш зан гиред, гуфт Нозгул ва ашки ҳасрат дар чашмонаш ҳалқа зад.

Абдуҷаббор розӣ шудагӣ барин табассуми истеҳзоомез карду аз ин ришта дигар ҳарфе назада хеста рафт. Дили Нозгул ҳам чӯкид. Вай ба хаёл овард, ки баъзе шабҳо ба хона наомадани Абдуҷаббор беасос набудааст. Нозгул сабаб пурсад, «Якбора ба командирова фиристоданд» – гуфта ҷавоб медод шояд алоқа доштанаш бо Каромат ҳам рост бошад. Нозгул ба пурсуҷӯ ва омӯзиши ин «хори мағелон» сар кард. Вай як ҳамшираи шафқати беморхонаи шаҳр будааст, ки мардони худогоҳ аз ӯ дурӣ меҷустаанд. Сабаби хонавайронию бадбахтии чанд оила шудааст. Аммо дар домгустарию ба даст афтондани мардон устухон надоштааст. Одамон ӯро «алафи хонасӯзак» меномидаанд. Аҷаб аст, ки Нозгул то ҳол аз ӯ бехабар будааст.

Абдуҷаббор низ Кароматро нағз намедонист. Вақти тақсимоти хатмкунандаҳо ӯро ба ихтиёри Тоҷикматлуботи вилояти Ленинобод фиристодаанд ва ин молшиноси ҷавон дар ҳамон ҷо ба хизмат монд. Вақте ки дарди бефарзандӣ роҳи ӯро ба шифохона кушод, дар он ҷо бо Каромат ошно шуд. Каромат ҷавонзани тақрибан сисолаи болобаланди мавзунқомат, кулчарӯ, рухсораҳояш мисли садбари сафед шукуфон буда, чашмони зебое дошт. Мӯйҳои базеби буридаи ӯ, ки ба сари китфаш расида меистоданд, ҳангоми роҳ гаштан ҳамчун абрешим мавҷ зада, дили ҳар бинандаро мерабуданд.

Абдуҷаббор ба назди духтур омада, аввал бо ӯ рӯ ба рӯ шуд. Духтур банд будааст, лозим омад, ки бо Каромат дар утоқи дигар нишаста хеле сӯҳбат бикунанд. Каромат дар бар хилъат ва дар сар

кулоҳи мисли барф сап-сафеди тоза ва хуш дарзмолдида дошт.

– Қаҳва менӯшед? – пурсид ӯ аз Абдуҷаббор ва ӯ ҳанӯз ҷавоб на-дода аз ҷой бархосту аз ҷевон финҷон ва табақчаи маҳину хушрӯе гирифта, қаҳваи гарми хушбӯе назди меҳмон гузошт.

– Аз калтаки сабоҳӣ рӯ магардон, гуфтаанд, – мақоли халқиро ба забон овард Абдуҷаббор чашм аз ҳаракатҳои Кароматнаканда, – ҳол он ки аз дасти шумо барин...

Абдуҷаббор мехост «шумо барин духтари нозанин» бигӯяд, вале бо кадом андешае худдорӣ кард. Каромат табассуми ширин ва нигоҳи гарме ба Абдуҷаббор ҳадя карда, безабон изҳор дошт, ки давоми фикри ӯро фаҳмидааст. Дили Абдуҷаббор «ҷиғғӣ» карда монд.

– Ташаккур духтур, қаҳваатон хеле бомазза будааст, – сипосгузорӣ кард Абдуҷаббор, – шумо ҳам ягон бор меҳмони ман шавед, дар идора савдои шаҳр кор мекунам, номам...

– Медонам, шуморо, – гуфт Каромат, – Исфара шаҳри калон не, аммо шумо барин ҷавонони зебои маданӣ кам.

– Лекин ман шуморо бори аввал дидам, – нигоҳи Абдуҷаббор ба нигоҳи Каромат бархӯрд. – Исфараи мо ҳамин хел духтарони мушфиқу меҳрубон доштааст-дия?

– Ман ҳам мехостам бо шумо шинос шавам, – гуфт Каромат, – аз меҳрубонии худо гардам, худаш моро рӯ ба рӯ кард.

Шиносоии онҳо ҳамин хел ба вуқӯъ пайваст. Боз аз байн чанд мулоқоти кӯтоҳ-кӯтоҳ дар шифохона гузашт. Ҳангоме, ки Абдуҷаббор дар як рӯзи истироҳат Кароматро ба саёҳати Фарғона даъват кард, ӯ гуфт:

– Лозим нест, одамон ганда, гап мезананд, беҳтараш ба хонаи мо меравем, касе халал намедиҳад.

Баъд аз ду моҳи ба хонаи Каромат роҳ ёфтани Абдуҷаббор ӯ бо нозу карашмаи латифе мужда расонд, ки худо хоҳад, ҳар ду падару модар мешаванд. Хурсандии Абдуҷаббор ҳадду канор надошт.

Вай барои Каромат як костюми сафеди хориҷӣ ва атри машҳури фаронсавӣ тӯҳфа кард, ба ангушташ ангуштарини нафиси брилли-ант андохт. Ҳамон бегоҳ то нисфи шаб ҳар ду базми тараб оростанд. Ба ҳавои сурудҳои тоҷикӣ, узбекӣ ва эронӣ то хаста шудан рақсиданд.

Вазъияти муносибе фароҳам омад, ки Каромат гӯяд:

– Пагоҳ-фардо ҳомиладории ман маълум мешавад, мани бева ин иснодро бардошта наметавонам. Агар шумо наранҷед, ягон чорааш-

ро бинем.

– Не, не, ҳаргиз исқот накунед, – бо оҳанги фармон ҷавоб дод Абдуҷаббор, – Ман чордаҳ сол боз дар орзуи фарзанд ҳастам, ягон тадбири дигар меёбем.

– Ман ба шумо маъқул нестам? – маънидорона савол дод Кароомат, – ё худатон барин ягон тиллописар ҳадя кунам, оратон меояд?

– Ҳаргиз! Чаро ин тавр мегӯед, лекин ман Нозгулро фикр мекунам, вай огоҳ шавад...

– Аз гунҷишк тарсӣ, арзан накор, гуфтаанд, – ба иззати нафси Абдуҷаббор расида, ӯро ҷасуртар кардан хост Кароомат.

– Ман буздил нестам, лекин тоқат карда наметавонад Нозгул, – чеҳраи маҳзуну ғамолуди занашро пеши назар овард ӯ.

Абдуҷаббор ғарқи андеша гардид. Ӯ ба кӣ гӯяд, ки худро санҷидам, донаи сара будаам. Агар бигӯяд ҳам кӣ бовар мекунад? Тоҷикон, хусусан исфарагиҳо, мардуми баномуси борикресанд, масъалаи фарзанд ҳазл не, вай ба шаъну шарафи инсон алоқа дорад.

Ҳамон шаб Абдуҷаббор ба Кароомат гуфт, ки шитоб накунад, ӯ ба ягон қарор меояд. Рӯзи дигар аз ин хусус ба модараш ишораи нозуке кард, аммо нагуфт, ки он зан кист.

Вақте ки падари Абдуҷаббор аз ин огоҳӣ ёфт, Бирафоатро таскин дода гуфт, ки ба хурсандии писари яккаву ягонаашон нигоҳ кардан лозим аст...

Тӯй дар тарабхонае гузашт, ки аз хонаи Абдуҷаббор чандон дур набуд.

Бирафоат ба тарабхона нарафт, дар паҳлӯи Нозгул нишаста ӯро тасаллӣ медод, ки тақдир ҳамин будааст, бисёр ғам нахӯред, келинҷон, ҳамин ки Абдуҷаббор фарзанд ёфт, ба назди шумо бармегардад, ҳамаи ин корҳо барои бастани даҳони мардум аст.

Нозгул ба сад сухани модаршӯяш як даҳон ҷавоб намедод. Мехост, ки гиряд, фарёд занад, ба кӯча баромада давад, аммо заифӣ нишон додан аз одатҳои ӯ набуд.

– Худам розӣ шудам, – гуфт ниҳоят Нозгул, – аммо ягон зани покдоманро мегирифтанд, хафа намешудам.

– Қисмат будааст, чӣ илоҷ? – гуфт Бирафоат, – дар ҳақиқат Кароомат ба як тори мӯи шумо намеарзад.

Дар ҳамин вақт садои доира баланд шуд, мавҷи шӯрангези мусиқӣ ва овози ҳофиз ба гӯши Нозгул ва Бирафоат расид:

Як донаи мо ду дона шуд,
Ошиқи мо ҷонона шуд.

– Бивиҷон, мо ҳам ба тӯй равем, – ларзида таб бароварда бо киноя гуфт Нозгул.

– Садқаи қадаматон кунед! – ҷавоб дод Бирафоат.

– Ман меравам, канӣ як бор вай фоҳишая бинам, – гуфт Нозгул ва либосҳои нав пӯшид, ба оина нигариста як оҳи чуқур кашид. Дар тори сари Нозгул мӯйҳои сафед пайдо шудаанд. Нозгул ба модаршӯяш боз як-ду даҳон гап заданӣ шуд, забонаш нагашт, зӯр зад, боз нагашт. Ба даст ишора карда, аз... за... гуфту паҳлӯнокӣ ба замин афтид.

– Ба шумо чӣ шуд, духтарам? – гӯён Бирафоат бо тамоми қувва ӯро бардошта ба рӯи кат гузошт.

Ана, як сол мешавад, ки Нозгул ба дарди фалаҷ гирифтор шуда, рӯи ҳамин ҷогаҳ мехобад.

Куброхон дугонаашро дар ҳамин аҳвол дида дарун-дарун месӯхт, ба мардони бевафою кӯтоҳбин лаънат мехонд, аз дасти тақдир шикоят мекард, роҳу усулҳои муолиҷаро низ ҷустуҷӯ менамуд. На танҳо профессор Пӯлодзодаро, балки дигар табибони ҳозиқро низ аз дуру наздик ба хидмати Нозгул овард, аммо натиҷаҳои дилхоҳ ба даст намеомаданд.

## РАИСА

Ба ҳузури Куброхон одамоне ҳам меомаданд, ки нафақа мехӯрданду давлати пирӣ меронданд. Яке аз осоишгоҳи Сочӣ баргашта, ба ӯ чун изҳори сипосгузорӣ силсилаи аксҳои манзараҳои Қафқозро тӯҳфаи ёдгорӣ оварда бошад, дигаре ӯро ба тӯи набераю абераaш даъват мекард. Сеюмӣ хонаи нав сохта бӯрёкӯбони онро бе Куброхон тасаввур карда наметавонист, барои ин ҷавонзани ғамхору меҳрубон бо ду дасти адаб як пиёла чой рехта доданро барои худ шаъну шараф мешумурданд. Ҳатто чанд нафақахӯри қадршинос ризояти худи Куброхонро гирифта, ба авлод исми ӯро гузошта буданд. Ин ҳама боиси ифтихору шодмонӣ буданд, аммо бо вуҷуди ин, манзараҳои ҳузнангези рӯзгори баъзе ашхоси яккаю танҳо ва бепаноҳ ба дили ӯ дард ворид карда, кайфиати ҳаррӯзаи ӯро нохуш месохтанд.

Бале Куброхон ба қарори қатъӣ омадааст, ки дигар ин ҷо кор карда наметавонад, тори асабҳояш аз фӯлод бошанду худаш зани

оҳанин бошад ҳам, бо фишори дардҳои ҷомиа об мешавад. Куброхон ду-се маротиба пайт поида аз раиси шаҳр Муқаддас Исломиддинов хоҳиш намуд, ки ӯро аз вазифааш озод намояд. «Одамизод – шири хомхӯрда», гуфтаанд. Раис ин илтимоси Куброхонро ба таври худ фаҳмид, яъне дар ин вазифа хидмат кардани ӯ бас аст, акнун ӯро ба вазифаи баландтар гузаронидан лозим аст. Аммо вазифаи холӣ меваи зардолу нест, ки дар ҳар куҷо рехта хоб кунад. Бино бар он раис ҳар бор мегуфт: сабр кунед, шитоб лозим нест.

Як рӯз асабҳои Куброхон мисли торҳои дутор аз ҳад афзун таранг шуда, ба канда шудан наздик расиданд. Касе сухани ӯро баргардонад ё супоришеро ба иҷро нарасонад, монанди оташ дармегирифт. Дар байни нафақахӯрҳои дардманд кор карда, худаш бечора, дардманд шудааст. Вай монанди мирзодиккак зуд аз ҷой бархост, тез-тез қадам зада ба дафтари Муқаддас Исломиддинов рафт. «Чӣ мехонӣ – порсола». Куброхон боз қартаи кӯҳнаро ба кор андохт. Ҳолати ноҷӯрии кайфияти раис будааст магар, ки ӯ аз кор сар набардошту бо ҷаҳл гуфт:

– Ариза биёред, аз кор озод мекунем.

Куброхон «ташаккур» гӯён зуд аз дафтари раис берун шуд, аммо муомилаи ӯ ба дилаш сахт таъсир кард. Вай шитобон ба утоқи кории худ омада, ба аризанависӣ шурӯъ намуд. Дасташ меларзид, дар рӯи коғаз қалам каҷу килеб мерафт. Аризаро хонда дид, ба худаш маъқул нашуд.Коғазро бо шаст ҷар-ҷур дарронида ба сатил партофт. Ва боз коғази тоза гирифта ариза менавишт, ки як нафар ҳамкори ӯ, зани миёнасоли ҳаётдидаи соҳибтаҷриба гуфт:

– Тинҷӣ-мӣ, Куброхон?

– Аз кор меравам, – ҷавоб дод ӯ, аз коғаз сар набардошта. Баъд нақл кард, ки инро худаш хоҳиш карда бошад ҳам, ҷавоби як дараҷа дурушти раис хориашро овард.

– Шумо одами калон, сардори як идораи баобрӯ, – гуфт он зан, – ин хел масъалаҳоро аввал бо Гулафзо Савриддинова маслиҳат кардан даркор аст.

Куброхон аз дил гузаронид, ки дарвоқеъ ӯ коммунист аст, бе розигии котиби аввали Кумитаи шаҳрии Ҳизби коммунист ӯро роҳбари идораи таминоти иҷтимои Исфара таъин накардаанд. Пас, чаро бе рухсати ӯ аз вазифа меравад?

Пагоҳ ба ҳузури он кас хоҳад рафт.

Гулафзо Савриддинова зани ҷавон бошад ҳам, хеле дурандеш аст. Аввал арзи Куброхонро оромона гӯш кард, фаҳмид, ки дар бай-

ни раиси шаҳр ва ӯ ҳеҷ гуна зиддият, низоъ, нохушӣ рух надодаанд, балки барои дили нозук ва пур аз раҳму шафқати ӯ кори идораи таъминоти иҷтимоӣ вазнинӣ кардааст. Куброхон, албатта, аз ӯҳдаи сарварии он мебарояд, қобилияти хуби ташкилотӣ дорад, аммо дарду аламу ғаму андӯҳи бисёри нафақахӯронро бардошта натавонист. Инро фаҳмидан мумкин аст. Гулафзо Савриддинова, ки худи зодаи Исфара буда, дар риштаҳои фаъолияти ҳизбию давлатӣ таҷрибаи фаровон андӯхтааст, ҳаёти занон ва муаммоҳои зиндагонии онҳоро хуб медонад. Вай низ мефаҳмад, ки дар шароити Исфара, дар муҳити шаҳре, ки пур аз садамаю бархӯрдҳои наву кӯҳна аст, тарбия кардан ва ба маснади роҳбарӣ расонидани як нафар зан чӣ гуна мушкилиҳо дорад. Аз вазифа озод кардани як роҳбар ҳеҷ мушкилие надорад. Хусусан ба Куброхон барин зан андак беҳурматӣ бикунанд ва ё ба иззати нафсаш бирасанд, дили монанди гул нозуки ӯ озор мекашад ва ӯ бе ҳеҷ таклиф худ ариза дода аз кор меравад. Роҳбари оқилаи ҳизб ҳамин ҷиҳатҳоро ба назар гирифта гуфт:

– Роҳбарзанон бисёр будаанд магар, ки шуморо зуд ҷавоб доданд?

Куброхон бори дигар масъаларо шарҳ дод, ки ин сабукдӯшӣ, мувофиқи хоҳиши худи ӯст. Аз шумо ҳам хоҳиш мекунам, ки арзамро ба инобат гиред.

– Боз камтар дандон ба дандон монда кор кунед, – гуфт Гулафзо Савриддинова, – як моҳ сабр кунед, мо ягон фикр мекунем.

Аз ин гуфтугӯ бештар аз як моҳ гузашт. Тоқати Куброхон тоқ шуд. Мушкилтар аз ҳама дар ҳаёт ин будааст, ки кореро намехоҳӣ, аммо иҷрояшро талаб мекунанд. На Исломиддинов, ки озод кардани Куброхонро ваъда дода буд, на Гулафзо Савриддинова, ки аз ӯ сабурӣ таманно дошт, бо ӯ рӯ ба рӯ оянд ҳам дар ин бобат лаб намекушоданд. Куброхон дилтанг мешуду ғусса мехӯрд.

Ниҳоят тобистони гарм ҳам гузашту тирамоҳ фаро расид. Дар Кумитаи иҷроияи шаҳр маҷлиси ҳизбӣ даъват шуд, то ки масъалаҳои ғунучини ҳосили тирамоҳро мавриди баррасӣ қарор бидиҳанд. Дар вақти маҷлис котибаи раис аз Кубро Собитова хоҳиш кард, ки ба назди Гулафзо Савриддинова биравад. Куброхон ин хабарро ба Муқаддас Исломиддинов расонд.

– Мумкин не, – гуфт раис, – чӣ будани маҷлиси ҳизбиро худи Гулафзо Савриддинова медонанд.

Куброхон ба ҷояш рафта нишаст. Пас аз муддате котиба дубора ба маҷлисгоҳ ворид шуда, ба раис фаҳмонд, ки Собитоваро худи

Савриддинова мунтазир будаанд, бояд фавран ба дафтари он кас ҳозир бишавад.

Исломиддинов маҷбуран Куброхонро аз маҷлис ҷавоб дод. Ҳоло Куброхон ба сӯи Кумитаи шаҳрии ҳизби коммунист мерафту воқеаи ҳамин пагоҳӣ рухдодаро ба хотир меовард. Ду нафар мардони 40-45 сола бе иҷозат ба дафтари Куброхон даромада, салом доданд ва худро муаррифӣ карданд. Яке сардори бригада, дигаре ронандаи хоҷагии боғу меваи «Исфара-Лаккон» буданд. Яке Каримҷон, дигаре Ҳалимҷон ном доштаанд. Каримҷон, ки андак шитобзада менамуд, гуфт:

– Мо дирӯз хабари хуш шунида имрӯз ба наздатон омадем.

Ҳалимҷон аз ӯ пешдастӣ карда луччаку пӯсткандаи гапро гуфт:

– Шумо, ояи Куброхон, директори совхози мо таин шудаед.

Барои Куброхон ин хабар ногаҳонӣ буд. Ӯ дар ҳайрат афтода пурсид:

– Инро аз кӣ шунидед?

– Даҳони мардумро баста намешавад, ҳама мегӯянд, – изҳор намуд Каримҷон.

– Лекин мо омадем, ки шуморо аз баъзе чизҳо огоҳ кунем, – луқма дод Ҳалимҷон.

– Дар совхоз гурӯҳбозӣ авҷ кардагӣ, – гуфт Каримҷон.

– Гурӯҳи Аҳмадро ҳимоя кунед, гурӯҳи Раҳмат хафа мешавад, гурӯҳи Раҳматро ҷонибдорӣ кунед, гурӯҳи Аҳмад меранҷад, – шарҳ дод Ҳалимҷон.

– Дар миёна бетараф истода намешавад, – таъкид кард Каримҷон.

– Вайҳо дарранда, шуморо пок-покиза мехӯранд, тарсонда монд Ҳалимҷон.

– Ҷон хоҳар, агар зиндагии орому осуда хоҳед, ба совхоз наравед, – меҳрубонӣ кард Каримҷон.

– Бале, наравед, – гуфт Ҳалимҷон.

Куброхон бо он меҳмонони нохонда сӯҳбат карда натавонист. Муддаояшонро арз карданду баромада рафтанд. Ҳаракатҳо ва тарзи гуфтугӯяшон ба назари Куброхон аҷоиб намуданд. На дӯстӣ, на душманияшонро фаҳмида натавонист ӯ.

Гулафзо Савриддинова дар назди бинои Кумитаи иҷроияи шаҳр блокнот дар даст мунтазири Куброхон буд.

– Шинед, – гуфт ӯ ба «Исфара-Лаккон» меравем.

Ҳар ду ба курсии қафои «Газ-31» нишастанд.

Ҳамон рӯз раиси саноати кишоварзии Исфара Авлиёр Ҷумонқулов ба совхози «Исфара-Лаккон» рафта буд, то ки мардуми хоҷагӣ, хусусан фаъолони онро, ба маҷлиси умумии коргарон омода созад. Ӯ пай бурд, ки дар хоҷагӣ вазъият мураккаб аст. Дарвоқеъ, аҳли совхоз ба се-чор гурӯҳ ҷудо шудаанд, ба кори дигар тавсия шудани Набувват Исроиловаро шунида, ҳар як гурӯҳ намояндаи худро ба вазифаи директори совхоз пешбарӣ мекард. Ҳамаи гурӯҳҳо дар як масъала муттаҳид буда, аз як гиребон сар мебароварданд: Директори нав бояд аз байни коргарони совхози худашон интихоб шавад, онҳо тавсияи роҳбарони шаҳрро қабул намекунанд. Ҳатто раиси шӯрои ҷомиаи коргарон ба роҳбарони се идора – Кумитаи ҳизби коммунисти шаҳри Исфара, Кумитаи иҷроияи шаҳр ва Вазорати кишоварзӣ мактуб навишта, намояндаи худро барои ишғол кардани вазифаи директории совхоз пешниҳод кардааст. Аз ин меброяд, ки интихоби директори нав ба осонӣ нахоҳад гузашт. Дар шароите, ки бисёр ташкилоту муассисаҳо, ҳатто донишкадаҳои олӣ ва институтҳои илмӣ, макони маърифату фарҳанг бо усули демократӣ интихоб шудани сарварро ба гурӯҳбозӣ, маҳалгароӣ ва хешовандию ошнобозӣ табдил додаанд, дар совхоз ин кор боиси ҷанҷоли калон шуда метавонад. Албатта, намояндагони гурӯҳҳоро ба овоз монда, якеро интихоб кардан мумкин буд, вале аксарияти овозҳоро гирифта наметавонист. Ҳатто тадбире пайдо карда, якеро интихоб кунанд, минбаъд гурӯҳбозҳо имконият намедиҳанд, ки ӯ кор кунад, бемалол иҷрои вазифа намояд. Бино бар ин Кумитаи шаҳрии ҳизби коммунисти Исфара ва вазорати кишоварзӣ лозим донистанд, ки як одами холисро ба ин вазифа тавсия кунанд. Шахсеро тавсия кунанд, ки гурӯҳҳоро ба ҳам оштӣ диҳад ва ҳама аҳлона кор ва зиндагӣ кунанд. Ҳамин гуна шахс Куброхон Собитова мебошад.

Гулафзо Савриддинова вазъияти мураккаби хоҷагии боғу меваи «Исфара-Лаккон»-ро амиқ дарк карда, қарор дод, ки Куброхон Собитоваро худаш гирифта барад. Вай роҳбари баобрӯи шаҳру ноҳияи Исфара, дар назди халқ, Ҳукумати вилоят ва ҷумҳурӣ, махсусан роҳбарони ҳизби Коммунисти Тоҷикистон эътибори баланд дорад. Дар роҳ духтарон ва ҷавонони колхозу совхоз, ки дар саҳро машғули кор буданд, Савриддиноваро дида дастафшонӣ мекарданд, сар ҷумбондаю бо даст ишора карда, «урра» – гӯён изҳори шодмонӣ мекарданд. Савриддинова ҳам ба хурсандии онҳо шарик мешуд. Дар қитъаҳое, ки мардон кор мекарданд, Гулафзохон мошинро нигоҳ

дошта пиёда мешуд ва рафта ба онҳо салому алек ва ҳолпурсӣ мекард. Одоби муошироти роҳбар барои Куброхон як мактаб буд ва ӯ ба худ ваъда медод, ки агар директори совхоз интихоб шавад, ҳамин хислатҳои Савриддиноваро пайравӣ хоҳад кард.

Дар атрофи идораи совхоз мардуми бисёр ҷамъ шудаанд, онҳо Савриддиноваро бо салому эҳтироми зиёд истиқбол гирифтанд. Ин фоли нек аст.

Роҳбари ҳизб дар дафтари директори совхоз, роҳбарони гурӯҳҳо, раиси ҳанӯз аз кор озод нашуда Набувват Исроилова, раиси шӯрои коргарон Икромиддин Наҷмиддинов ва дигар фаъолонро ҷамъ карда, пеш аз маҷлиси умумии коргарони хоҷагӣ машварат орост. Ӯ фикру андешаи роҳбарияти ҳизб ва хукумати шаҳру ноҳияро равшан баён кард, ки масъалаи интихоби директори нав бо ҷанҷолу хархаша ҳал намешавад. Ҳамаи намояндагоне, ки гурӯҳҳои коргарӣ пешниҳод кардаанд, вакили Шӯрои ҷомиаи меҳнатӣ низ одамони арзандаю зебандаанд, аммо интихоби яке аз онҳо дар вазъияти ҳозира сабаби ранҷиши гурӯҳҳои дигар мешавад. Ин, дар навбати худ, вазъияти совхозро мӯътадил не, балки ноором мекунад. Дар натиҷа хоҷагии Шумо ба ҷои ободу осуда шудан, вайрону абгор мешавад, аҳволи иқтисодии он бад ва сатҳи зиндагии халқ хеле паст мегардад. Аз ҳамин сабаб мо ба шумоён як зани холис, покиза, ташкилотчии моҳир, иқтисодон, кордон, боғайрат ва ғамхору меҳрубони аҳли заҳматро тавсия медиҳем. Ӯ ба ҷомиаи шумоён роҳбарӣ карда, ҳамаи гурӯҳҳоро ба созиш, якдигарфаҳмӣ, ваҳдат оварда метавонад. Ман Куброхон Собитоваро дар назар дорам, ки то ин вақт мудири шӯъбаи таъминоти иҷтимоии Кумитаи иҷроияи шаҳри Исфара буд.

– Намояндагони гурӯҳҳои ҷомиа чӣ мешаванд? – пурсид Икромиддин.

– Баъд аз қабули директори нав дар ҳайати раёсати совхоз тағйирот ба амал меояд, – ҷавоб дод Гулафзо Савриддинова, – намояндагони гурӯҳҳо, албатта, ҷои худро дар раёсат меёбанд ва бо роҳбари худ якҷоя кор мекунанд.

Ҷавоби пухта дегҳои ҷӯшони эҳсосу ҳаяҷони ҳозиринро хеле ором кард. Сипас Гулафзо Савриддинова дар бораи тартиби маҷлис изҳори ақида карда таклиф кард, ки Икромиддин Наҷмиддинов чун раиси Шӯрои ҷомиаи меҳнатӣ номзадии Куброхон Собитоваро ҷонибдорӣ мекунад ва дар бораи ӯ чанд ҳарфе ҳам мегӯяд

Икромиддин саросема шуда монд, чӣ ҷавоб доданро надониста,

«охир, охир»,.. мегуфту бас. Нақшаи ӯ тамоман вайрон шуд.

Гулафзо Савриддинова «охир, охир» – гӯён дасту по хӯрдани Икромиддинро фаҳмида бошад ҳам, худро ба нодонӣ зад ва суханбозӣ карда гуфт:

– Акои Икромиддин, охир не, аввал гап мезанед.

– Ҳар чӣ шумо фармоед, ҳамон мешавад, – ночор розӣ шуд Икромиддин.

Ҳама ба як қарор омада, ба маҷлисгоҳ ворид шуданд. Дар паси мизи раёсат фақат ду нафар – Гулафзо Сариддинова ва Набувват Исроилова ҷой гирифтанд. Гулафзохон аз курсӣ бархоста, вазъияти иқтисодию иҷтимоии совхози «Исфара-Лаккон»-ро таҳлил кард, манзараҳои зиндагии халқро нишон дод ва ба меҳнати мутахассисони боғайрату кордони ҷавон, ба ақлу хирад ва маслиҳату машварати мардони соҳибтаҷриба вобаста будани ояндаи хоҷагиро таъкид намуд. Ӯ ҷомиаи заҳматкашонро ба ягонагӣ, дӯстию бародарӣ ва меҳнати аҳлона даъват намуд. Сипас афзуд, ки аз сабаби ба кори дигар гузаштани Набувват Исроилова, лозим меояд, ки ҳоло директори нави совхозро интихоб кунем. Марҳамат, чӣ гуна фикру андешаҳо ҳаст? – суханро бо суол хотима дода нишаст нотиқ.

Се-чор нафар сардорони бригада ва коргарони қаторӣ сухан гирифта, аз раисаи пешина изҳори миннатдорӣ ва шукргузорӣ карданд, аммо ба вазифаи директорӣ ҳеҷ касро пешниҳод накарданд. Пас Набувват Исроилова ба минбар баромада иброз дошт:

– Бародарон ва хоҳарони азиз, ман ду-се сол ҳамроҳи шумоён кор кардам, нону намак хӯрдам. Дар фаъолияти ман аз муваффақият дида, камбудӣ бештар буд. Бо вуҷуди ин, саркорҳои мӯҳтарам имрӯз ду-се даҳон гапи нағзашонро аз ман дареғ надоштанд. Ман ҳам аз шумоён хурсандам. Ҳазор раҳмат. Аммо ҳаминро фаҳмидам, ки совхоз ҷои ман набудааст. Ба шумоён ваъда дода будам, ки як одами нағзи чашми кордонро ёфта меоварам. Ҳамон кас-Куброхон Собитова, – дар ҳамин ҷо ҳузур доранд.

Гулафзо Савриддинова хоҳиш кард, ки Куброхон Собитова аз ҷой бархезад. Чунон ки гулҳои офтобпараст ба офтоб менигаранд, бештар аз 250 ҷуфт чашм ба сӯи ӯ дӯхта шуданд. Дар як гӯшаи толор, дар паҳлӯи Авлиёр Ҷумонқулов, ки марди чорпаҳлӯи болобаланд аст, ҷавонзани мавзуни гандумгуни хушқомат мисли навниҳол хоксорона сар хам карда меистод. Вай дар бар куртаи обшустаи атлас ва сарбанди ранга дар сар дошт.

Набувват Исроилова суханашро идома дод. Мардум рӯ ба нотиқ

оварданд. Куброхон нишаст.

– Куброхон Собитова духтари коргар аст. Падари ӯро ҳамаи шумо мешиносед. Бисёр сохтмонҳои шаҳру деҳоти Исфара бо роҳбарии Обидҷон Собитов қомат афрохтаанд. Ҳамаи фарзандони ин мард, аз он ҷумла Куброхон, бо нони ҳалол ба воя расидаанд. Худи Куброхон маълумоти олии иқтисодӣ дорад. Дар соҳаи молия таҷрибааш калон. Бо камоли бовар метавонам бигӯям, ки ӯ сарфи назар аз ҷавонияш, иқтисодиёти совхозро баланд бардошта метавонад. Ба директории совхози шумо ӯро тавсия медиҳам.

Аз толор садое намебаромад. Исроилова ба ҷояш нишаст. Ҷои ӯро дар минбар Икромиддин Наҷмиддинов ишғол кард. Вай ҳанӯз лаб ба сухан накушода, дар толор шав-шуви гуфтугӯи одамон ва гулӯафшонии баъзе тарафдоронаш ба гӯш расиданд. Онҳо мепиндоштанд, ки Икромиддин чакана нест, вай ҳам директори кӯҳна, ҳам номзади навро беибо кӯфта пачақ ва одами худашро бо таърифу тавсиф пешниҳод мекунад. Дар толор ҳангоматалабҳое низ иштирок доштанд, ки «буза ғами ҷону қассоба ғами чарбу» гуфтагӣ барин интизори ҷангу ҷанҷоли гурӯҳҳо менишастанд. Икромиддин гӯё ба рағми ҳамаи онҳо иқрор кард, ки совхоз дар солҳои охир ба майдони калони бузкашӣ табдил ёфтааст, ҳар кас ҳаракат мекунад, ки аз вай як чиз барои худ канда гирад. Сари Исроиловаро низ ҳамонҳо хӯрдаанд, манфиатҷӯӣ, гурӯҳбозӣ, ҷоҳпарастӣ равнақ ёфтааст. Дар байни ҷомиаи моён шахсияти намоён ва соҳибиззате нест, ки тарафкашию зиддияти онҳоро фурӯ нишонад. Бино бар он аз берун таин шудани директори совхоз як амри воқеист.

Дар маҷлисгоҳ боз ноороміию парешонӣ рух дод. Одамон байни худ паст-паст мубодилаи афкор мекарданд, баъзеҳо Икромиддинро ба хиёнаткорӣ маҳкум мекарданд. Гулафзо Савриддинова бо қалам мизро тақ-тақ зада мардумро ба хомӯшӣ ва риояи одобу интизом даъват кард.

Икромиддин суханро идома дод:

– Ман хонадони Собитова ба воя расидаро нағз медонам. Ҳама аҳли меҳнат, коргару деҳқон, заҳматкаши асиланд. Худи Куброхон низ бисёр зинаҳои роҳбариро гузашта, донишу таҷрибаи зиёд ҷамъ кардаанд. Дар вақтҳои коргари бонк ва мудири шӯъбаи таъминоти иҷтимоии Исфара буданашон ба корафтодаҳо меҳрубонӣ ва дасти мадад дароз кардаанд. Кори совхозро ӯҳда карда метавонанд. Ман аз номи худ ва Шӯрои ҷомиаи меҳнатии совхоз аз ҳамаи шумоён хоҳиш менамоям, ки номзадии Куброхон Собитоваро ба вазифаи

директори хоҷагиамон тарафдорӣ кунед.

Як қисми одамон таклифи Икромиддинро бо кафкӯбӣ пазируфтанд. Боз се-чор нафари дигар сухан ронданд. Яке Куброхонро ҳамчун шогирди бовафои Гулафзо Савриддиновна таъриф мекарду дигаре ба сифати зани хоксору кордон, сеюмӣ дар бораи оиладории ӯ таваққуф менамуд. Чаҳорумӣ изҳори орзу мекард, ки ба шарофати Собитова, иншооллоҳ, ҷанҷолҳои бемаънӣ барҳам хӯрда кори совхоз пеш меравад ва монанди инҳо.

Ниҳоят номзадии Куброхон Собитоваро ба овоз монанд. Ӯ сад фоиз овоз гирифт. Сипас ба худи ӯ сухан доданд. Собитова ба минбари набаромад, балки ба пеши аҳли толор гузашта гуфт:

– Ман аз ҳамаи шумоён миннатдорам, барои бовариатон. Ваъда намедиҳам, ки совхозро ба гулистон табдил медиҳаму остонаи хонаатон аз тилло мешавад, лекин дар роҳи равнаку ривоҷи тамоми соҳаҳои ҷомиа ҳамаамон якҷоя кор мекунем, барои расидан ба ҳамин мақсад донишу таҷриба, қувваю ғайратро дареғ намедорам.

Аҳли толор якдилона кафкӯбӣ карданд. Чеҳраи Куброхон аз ҳаяҷону изтироб гулгун шуд, резаарақҳои ҷабини ӯ шабнами саҳариро мемонд, ки дар барги гул афтода бошад.

Дар хотимаи маҷлиси умумии совхоз инони ихтиёрро боз Гулафзо Савриддинова ба даст гирифт. Ӯ аз нақшаҳои ояндаи хоҷагии боғу токдорӣ, мушкилоти он, аҳамияти калони дӯстию бародарӣ ва меҳнати аҳлона сухан ронда, ба директори нав ва фаъолияти минбаъдаи ӯ барори кор таманно кард...

## ПОЁНИ ШАБИ СИЁҲ

Куброхон дид, ки ӯро хоб намебарад, чеҳраи нуронии модараш Назирахонро пеши назар овард. Ӯ дар айёми тифлии духтар ёд дода буд, ки одам ба дасти рост хоб меравад «Хоб рафтам ба дасти рост, Худо хезонад ба роҳи рост. Хезам ё нахезам, Ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммадан расулуллоҳ. Ашҳаду аллоҳ илоҳа иллалоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулу... ».

Куброхон калимаи шаҳодатро хонду бо дасти рост хоб рафт. Баъд боз ба дасти чап гашт. Дил бедор бошад, касро хоб намебурдааст. Хайр биё, Кубро, як шаб осмони пурситораро тамошо кардан ҳам кайфияте дорад. Роҳи каҳкашонро бин. Модар ривоят меовард, ки ин роҳ дар натиҷаи аз аробаи сокинони афлок афтодану пош

хӯрдани коҳ пайдо шудааст. Гӯё коҳрезаҳо дар осмон дар шакли тасмаи мунир гоҳ борику гоҳ паҳн шуда, ин роҳро ба вуҷуд овардаанд. Куброхон дарсҳои нуҷуми мактабро ёд дорад. Муаллим мегуфт, ки Роҳи каҳкашон аз анбӯҳи ситораҳои майда иборат аст, онҳоро бо чашми оддӣ аз ҳамдигар ҷудо кардан мумкин нест, хеле мушкил аст, онҳо дар ҳамвории асосии Галактика ғун шуда, як навъ ҷазираи азими кайҳониро ташкил намудаанд. Дар олами коинот Роҳи каҳкашон барин «ҷазираҳо» беҳадду ҳисобанд. Муаллими нуҷум ҳикоят мекард, ки бо чашми муқаррарӣ фақат панҷ сайёраро метавон дид, ки онҳо хеле равшан мебошанд: Зӯҳра, Муштарӣ, Миррих, Зуҳал ва Уторид. Вақтҳое, ки телескоп пайдо шуд, яъне дар қарнҳои ҳаждаҳ ва нуздаҳ олимон бо кӯмаки он се сайёраи дигарро мушоҳида карданд. Онҳо Уран, Нептун ва Плутон будаанд. Ғайр аз сайёраҳои калон ва хеле дурахшон дар Коинот ҳазорон сайёраҳои хурд кашф шудаанд, ки асосан дар байни мадорҳои Миррих ва Муштарӣ ҳаракат мекарданд. Гӯё ситораҳои хурд дар натиҷаи пора-пора шудани сайёраҳои калон ё бо ҳамдигар бархӯрдану пош гардидани онҳо ба вуҷуд омадаанд.

Кубро хаёл кард, ки олами ҷамъият низ ба олами табиат шабоҳат доштааст. Мисли сайёраҳо халқҳои хурду бузург ҳастанд. Дар рӯи замин миллатҳое ҳастанд, ки дар натиҷаи тараққиёти иқтисодиёт ва илму фарҳанг шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд, онҳо монанди сайёраҳои дурахшон чашмраси ҳамагонанд. Амрикоиҳо, англисҳо, фаронсавиҳо, олмониҳо, ҷопонҳо, чинҳо, исроилиҳо аз ҳамин қабиланд! Дар дунёи мусулмонӣ Арабистони Саудӣ, Эрон, Покистон эътибори калон доранд. Бузургтарин мамлакатҳои ҷаҳон онҳоро эътироф мекунанд ва эҳтиромашонро ба ҷо меоваранд, бо эшон муносибатҳои хуби дипломатӣ, иқтисодӣ ва илмию фарҳангиро вусъат медиҳанд. Онҳо давлатҳои ғанианд. Тоҷикистони азизи Куброхон магар наметавонад ангуштнамои оламиён бошад? Дар асрҳои миёна Давлати Сомониён қудрат ва шӯҳрати зиёд доштааст-ку! Вай мамлакати хеле пурқувват ва мустақил, озод ва соҳибистиқлол будааст. Дасти ҳукумрониаш тамоми Мовароуннаҳру Хуросонро фаро мегирифтааст, бисёр вилоятҳои шарқӣ ва шимолии Эрон дар зери тасарруфи он будаанд. Бухоро чун пойтахти он машҳури замону ҷаҳон гардидааст. Мовароуннаҳр ва Хуросон маҳз дар атрофи Бухоро муттаҳид шудаанд. Пас чаро ин гуна давлат монанди ситорарезаҳои роҳи каҳкашон шикаст ва пош хӯрдааст? – савол медод ба худ Куброхон ва донишҳояшро аз таърихи кишвар ба ёд

оварда ҷавоб медод:

– Бо мурури вусъати мамлакат ва истеҳкоми пояҳои давлати Сомониён подшоҳ ба дарди шӯҳратпарастӣ гирифтор шуд. Аз аҳли дарбор ва берун аз он ҳар касе росту дурӯғ ӯро ситоиш бикунаду ҳамду сано хонад, дӯст мепиндошту ҳар шахсе, ки ҳусну қубҳашро чун оина нишон бидиҳад, душманаш мехонд. Базмҳои пайдарҳаму айшу ишрати фаровон шуғли дӯстдоштаи сарвари давлат гардиданд. Ӯ умри худро бо фароғату шикор ва сайру гашти шаҳру вилоятҳои кишвар мегузаронду ба аҳволи мардуми бечора эътибор намедод. Аркони давлат аз ин аъмоли подшоҳ дилгир шуда, донишмандон аз дарбор мерафтанд, ҷои онҳоро чоплусону мунофиқон ишғол мекарданд.Ҷоҳпарастию мансабталошӣ аз поин то боло-дар тамоми зинаҳои ҳокимияти давлатӣ мисли аҷирик реша давонду ривоҷ ёфт. Ягонагию ваҳдат, ҳусни тафоҳум, мубодилаи афкор дар байни вазорою умаро ва дигар зимомдорони давлат барҳам хӯрд. Онҳо манфиатҳои кишвар, халқи ранҷбар, тоҷу тахтро ба боди фаромӯшӣ дода, танҳо ғами худро мехӯрданд, ки чӣ тавр, бо кадом роҳ дар ҳукумат мақоми болотаре ишғол бикунанду кисаи мардум ва хазинаи давлатро ба ғорат баранд, сарват андӯзанду бой шаванд. Иҷрои вазифаҳои давлатӣ фаромӯш шуда, дар ҳузури подшоҳ сиёҳ кардани ҳамдигар, дасисабозӣ, фиребгарӣ, ҳиллаю найранг, дурӯғгӯӣ, порагирию порадиҳӣ, вазифахарию мансабфурӯшӣ, фисқу фуҷур ва ғайра аз муҳимтарин падидаҳои ахлоқии ҳукуматдорон қарор гирифта буд. Ин аст, ки дар байни худи аркони давлат ҷудоӣ ва зиддият, манфиатҷӯӣ ва гурӯҳбозӣ дар сиёсат ба вуҷуд омадааст, аз ин аҳвол ашхоси маккору айёр истифода карда мансабҳои равғанин ба даст меоварданд. Тадриҷан иртиботи қавӣ дар байни ҳукумати марказӣ ва халқҳои он дар шаҳрҳою вилоятҳо ва ноҳияҳои дуру наздик аз байн мерафт, волиёни онҳо аз иҷрои фармонҳои мири мамлакат саркашӣ мекарданд ва супоришоташро дар мавқеъ ба иҷро намерасониданд. Ҳар як ҳокими шаҳру вилоят худашро подшоҳу табъашро вазир мепиндошт, ба пойтахт сари итоат фуруд намеовард. Онҳо дар ихтиёри худ қувваҳои мусаллаҳ доштанд, боз аскару афсар ҷамъ мекарданд, дар байни шаҳру вилоятҳо ҷангу ҷидол ба вуқӯъ мепайвастанд, молу мулки ҳамдигарро ғасб кардан ва раиятро ба ҳукми ғулом даровардан, кор фармудандү маош надодан аз ҷумлаи воқеаҳои муқаррарӣ гардиданд. Ин аст, ки халқ аз ҳокимҳои маҳаллию ҳукумати марказӣ, аз сиёсат ва кордории эшон сахт ба ғазаб омада, косаи сабри ӯ пур шуд, сабру тоқатро аз даст дод ва ҳар

ҷо-ҳар ҷо оташи исёну шӯришҳои зиддидавлатӣ даргирифтанд. Сарбозону лашкаркашони подшоҳӣ ба пахш кардани он балвогарон машғул гардида, дасти ҷиноят ба сари халқи худ бардоштанд, хуни ноҳақ рехтанд. Дар натиҷа ба асосҳои моддию маънавии давлати Сомониён футур расид, вай рӯ ба таназзул овард, туркҳои бодиянишин, ки ин аҳволро мушоҳида мекарданд, ба ҳамдигар муттаҳид шуданду ба Бухоро ва дигар гӯшаю канорҳои мамлакати Сомониён сахт ҳамла карданд. Давлате, ки қариб сад сол шаъну шавкат дошт, шукӯҳу азамат, иқтидору ҷалол ва шӯҳрати ҷаҳонӣ дошт, ба зарбаҳои аҷнабиён тоб оварда натавонист ва аз байн рафт. Дигар он давлат қариб дар давоми ҳазор сол барқарор наёфт. Тоҷикон бе давлати миллӣ умр ба сар бурданд, аз ёри хеш бегонаю бо ағёр ошноӣ карда, дар зери тасарруфи онҳо рӯз ба сар мебурданд.

Куброхон фикр мекард, ки тақдири Давлати Шӯравӣ ҳам ба давлати Сомониён шабоҳат доштааст. Ҳафтод сол, балки бештар, умр дид, қувваю қудрат ва эътибори бузурги ҷаҳонӣ пайдо кард, душмани ашаддии инсоният – фашизми сар то по мусаллаҳ ва шарикони онро шикаст дод, аммо ба худаш чашми бад расид. Вақте ки душман аз байни худ сар мебардорад, қабоҳат рух медодааст. Хоинони дохилӣ бо душманони хориҷӣ аҳду паймон бастанду ба сари бузургтарин ва зӯртарин давлати дунё об рехтанд. Иттиҳоди Шӯравӣ бо як зарбаи дасте, ки муттакоҳои пурқуввати хориҷӣ дошт, ҳамчун саққоҳои рӯи мизи билярд пош хӯрду парешон шуд.

Куброхон ҳикмати халқро ба ёд овард:

Аз ноумедиҳо басе умед аст,<br>Поёни шаби сияҳ сафед аст.

Сафедии поёни шаб аз ҳамин иборат будааст, ки Тоҷикистон осонакак соҳибистиқлол гардид. Ба сари давлати навзод, ки худро «демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ» эълон кард, чӣ гуна бадбахтиҳо, мусибатҳо, фоҷиаҳое, ки наомаданд! Дарёҳои хун равон шуданд. Дар заминаи ҷоҳпарастию маҳалгароӣ ҷанги нанговари бародаркушӣ чун балои ногаҳонии осмонӣ ба вуқӯъ омад. Ҳизбҳои мухталифақида, пешвоёни он ҷанг шуданду халки бечора зулму шиканҷаи бисёр дид. Ба фикри Куброхон ҳизби коммунистиаш ҳам, наҳзати исломаш ҳам як мақсад доштаанд, ки ин ҳам ба даст даровардани ҳокимияти сиёсӣ будааст. Агар ҳамин намебуд, дар майдонҳои Шаҳидону Озодии шаҳри Душанбе қувваҳои халқро алайҳи ҳамдигар намегузоштанд. Оқибати гирдиҳамоиҳои пайва-

стаю бардавом, дар зери барфу борон ва офтоби сӯзон ҷангу хунрезиҳои даҳшатбор гардид.

Куброхон рӯболо мехобиду гунбади кабуди осмонро бо майлу рағбат тамошо мекард. Дар торикии шаб ситораҳо равшантар ба ҷилва меомаданд. Гоҳо метеорҳо, ки халқ онҳоро низ ситора меномад, канда шуда, чанд гоҳ тасмаи дурахшони шуо боқӣ мегузоштанд. Баъзан ситораҳои думдор, ки мардум онро «ситораи наҳс» мегӯянд, канда шуда, дар дили Куброхон эҳсоси кудуратноке пайдо мекарданд. Вақте ки ӯ ҳизби коммунистиро тарк кард, муддати мадиде дар дилаш ҳамин гуна ҳиссиёти мағшуш аз худ асари ногувор гузошта буд. Вақте ки кас бо як ҷаҳон орзую умед ва рисолати олии ҷамъиятӣ узви ҳизбе мешавад, аммо мебинад, ки аксари роҳбарони он бар хилофи оиннома ва барномаи ташкилоти худ амал мекунанд, рӯҳафтода ва пушаймон мешавад. Куброхон худ бидид, ки дар зинаи аз ҳама баландтар худи котиби генералии ҳизби коммунист ба халқ хиёнат карда, боиси барҳамхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ шуд, дар поин, яъне дар Тоҷикистон бошад, зане ки устухонаш бо нони комсомол шах шуда, солҳои зиёд котиби аввали он буду дертар дар вазифаи котиби ҳизби коммунисти Тоҷикистон тарғиботчии фаъолтарини идеологияи коммунистӣ буд, аз санҷиши ҳаёт гузашта натавониста, онро падруд гуфт. Дигар роҳбарони ҳизб низ дар умеди раиси ҷумҳур шудан аз эътиқоди коммунистии худ даст кашиданд, гузашта аз ин, даргириҳои мамлакатро пас нишонда натавониста, худ шарики он даргириҳои нангин гардиданд. Куброхон хаёл мекард, ки ӯ ҳамчун коммунист шарики чунин воқеъаҳои нохуш аст.

Бино бар ин Куброхон бисёр андеша кард, ки узви ягон ҳизби сиёсӣ набуда ҳам, ба халқ содиқона метавон хизмат кард, балки чун шахсияти лоҳизб ҳамаи ҷомеаро бо як чашм дида, ба он манфиати беғаразона расонидан беҳтар будагист. Ба ҳамин ният ӯ дафтарчаи ҳизбияшро супурд ва нафаси озоде кашида, дилаш қарор гирифт. Аммо падари Куброхон собиқадори ҷангу меҳнат, Обид Собитов барои чунин рафтор духтарро сахт коҳиш карду танбеҳ дод. Суханони он Хирадманд ҳанӯз ҳам дар гӯш садо медиҳанд:

– Аввал бубин ҷои худ, баъд бимои пои худ! – фармудаанд бузургворон. – Модом, ки аз коммунистӣ пушаймон мешуда бошӣ, чаро узви он гардидӣ? Пушаймонӣ суд надорад. Акнун бояд аз коммунистон беҳтар кор кунӣ, то сазовори ташаккури халқ шавӣ!

Бо ин мардуми балвогар чӣ хел кор ва нақшаҳоятро амалӣ мекунӣ? Магар ҷамъомади довталабонаи онҳо акси садои

гирдиҳамоии майдони Шаҳидон дар Душанбе нест? Магар мақсади саркардаҳои ин балво ҷоҳпарастӣ нест? Онҳо мехоҳанд, ки Куброхонро аз вазифааш озод карда, аз байни худашон директори ба дилашон мувофиқро интихоб кунанд, то ки ӯ дигар вазифаҳои роҳбарикунандаи хоҷагиро ба онҳо тақсим карда диҳад. Яъне як гурӯҳи манфиатҷӯ ва ғоратгар мехоҳанд ба сари кор оянд. Не, бародарон! Ин хобатонро ба об гӯед!

Бехобӣ дарди вазнин будааст. Дил номураттаб метапад. Майна ягон лаҳза аз кор намемонад. Ҳар гуна фикру андешаҳо ба сар меоянд, одамро ором намегузоранд, ташвиш медиҳанд. Нисфишабӣ андак насими форам вазид. Куброхон сари синаашро тамоман бикшод, ки камтар ҳаловат ёбад ва шояд хоб бубарад. Аммо хишир-хишири барги дарахтон пайваста бо «таронахонӣ»-и ҳар хел ҳашаротҳо ба ӯ халал расониданд. Ӯ маҷбур шуд, ки аз лӯлаболини зери сар як ду паға пахта гирифта гӯшҳояшро маҳкам бикунад, то ягон овоз ё садоро нашунавад. Чашмонашро сахт пӯшад ҳам, манзараи гирдиҳамоии назди идораи хоҷагӣ пеши назараш меомаданд. Аҷабо, кас чашм дарҳам бандад ҳам, хаёлан манзараҳои мухталифро дида метавонистааст. Ба қудратат қоил ман, хаёл! – аз дил гузаронид Куброхон ва андешаҳои номатлубро аз сар дур андохта солҳои муҳассилиро дар Душанбе ёдовар шуд.

## ДОНИШҶӮ

Соли 1968 Куброхон духтари ҳаждаҳсола чун навниҳол нозуки болобаланд буд. Лабони ғунчаосо, гунаҳои чун лолаи ҳумро сурх, чашмони чун ангури тагобӣ ва абрӯҳои сиёҳу дандонҳои садафвор сап-сафед, хулоса чеҳраи гарми ӯ дили ҳар бинандаро ба шӯр меовард. Магар ин гуна духтарро ба шаҳри бегона танҳо фиристода мешавад? Ҳарчанд, ки ӯ баъди хатми мактаби миёна як сол кор карда, камтар бошад ҳам, аз пастию баландиҳои ҳаёт огаҳӣ ёфтааст, ба Душанбе бо ҳидояти падар рафт. Акои Обидхоҷа ба ваъдаи худ вафо кард. Ба хонаи як хешашон бурда монду гуфт:

– Акнун ҳаракат кун, тайёриат хуб бошад, дохил мешавӣ.

Рӯзи дигар падар ба Исфара баргашт.

Куброхон се сол боз орзу дошт, ки ҳуқуқшинос мешавад. Аслан хислату рафтори айёми мактабхонияш сабаб шуданд, ки муаллимон дар дили ӯ чароғи чунин орзуҳоро фурӯзон бикунанд. Вай сардори

синф буд. Аз синфи панҷум сар карда, ин вазифаи ҷамъиятиро дар ӯҳда дошт. Хонандае ба дарсҳо наояду муаллимон ӯро сарзаниш кунанд, Куброхон аз ҷой хеста мегуфт, ки модари ӯ бемор аст, вай ба корҳои рӯзгор кӯмак мекунад. Толибае вазифаи хонагиро иҷро накунад, омӯзгор танбеҳаш диҳад, боз Куброхон овоз мебаровард, ки китоби ӯро бачаҳо амонат гирифта надодаанд.Ҳатто рӯзе бачаҳо дар вақти танаффуси калон дар синфхона тӯббозӣ карда, як чашми тирезаро шикастанд. Роҳбари синф баъд аз дарс шогирдонро нигоҳ дошта, маҷлис кард ва ба гунаҳкор ҷазо доданӣ шуд– «ҳайфи ту» ба забон оварданӣ буд, ки Куброхон шарикдарсашро ба паноҳи худ гирифта гуфт:

– Гунаҳкор мудири хоҷагии мактаб аст. Ҳамаи шишаҳои тиреза лиққонак, маҳкам нашинондаанд, тӯб нарасида афтида шикаст.

Баъди ин воқеа роҳбари синф Куброхонро «адвокат» мегуфтагӣ шуд. Ба дарс дарояд ҳам, ба Куброхон мегуфт:

– Канӣ, адвокат, имрӯз кӣ нест?

– Бигӯ, адвокат, вазифаи хонагӣ чӣ буд?

– Марҳамат, адвокат, ба тахта баро...

Ин лақаб дар байни муаллимон ва хонандагони мактаб паҳн шуд. Куброхон аввало қаҳр кард, аммо чун бифаҳмид, ки маънои «адвокат» ҳимоятгар ва сафедкунанда аст, завқ кард, шоду мамнун гардид, хурсанд шуд. Аз роҳбари синф пурсид, ки чӣ тавр адвокат шудан мумкин аст? Ӯ ҷавоб дод, ки баъди хатми мактаб ба факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шудан лозим аст. Адвокатро ҳам, суду додситонро ҳам, муаллимони ҳамин факулта тайёр мекунанд.

Куброхон аз пайи орзу афтод. Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи инсон бисёр китоб хонду роҷеъ ба фаъолияти кормандони ҳуқуқшиносӣ филмҳои бадеӣ ва мустанад тамошо кард. Ӯ худро барои санҷиш, барои имтиҳоноти дохилшавӣ тайёру омода мешуморид. Аз ҳамин ҷост, ки ҳуҷҷатҳояшро ба тартиб оварду либоси тозаю озода пӯшид ва рӯю мӯяшро як бор аз чашми оина гузаронида ба комиссияи қабули Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон шитофт. Дили ӯ пур буд, ки ҳуҷҷатҳояш бе ҳеҷ мамониат қабул мешаванд, аммо котиби масъули комиссияи қабул як ҷавонмарди лоғари рангпарида онҳоро бодиққат аз назар гузаронида сардакак гуфт:

– Барои ба ин факулта дохил шудан ду сол таҷрибаи кор лозим аст.

Ба деги ҷӯшони орзуҳои Куброхон оби сард рехтанд, тарбузи ӯ аз

бағал афтод. Ноумед шуда бо сад фикру хаёл ба қароргоҳаш баргашт. Ҳамон шаб хоби ӯ набурда буд. Ду андеша ба ҳам мечангиданд. Яке исрор мекард, ки ба Исфара баргашта як соли дигар кор кардан лозим аст, то ки ба факултаи дилхоҳаш дохил шавад. Дигаре мегуфт, ки магар пир шуда ба таҳсил медарои? Бе ин ҳам аз шарикдарсонат як сол қафо мондаӣ. Ба рӯи ҳамдиёронат чӣ хел менигарӣ? Онҳо аз қонуну қоида бехабаранд, одамони қишлоқ-дия! Ба дӯсту душман худо медиҳад: карнай мекашанд, ки «ҳой мардум, Куброхон, духтари Обидхоҷаи даҳанкалон, аз имтиҳон афтода омадааст!» Баъд аз ин дар қишлоқ чӣ тавр сар бардошта мегардӣ?

Азми таҳсил ғалаба кард. Соҳибхона ҳам маслиҳат дод. Ки «як дари бастаю сад дари кушода» гуфтаанд, ба ягон донишкадаи дигар дароед. Аз роҳи дур овора шуда омадед. Баргашта рафтан хосият надорад».

Ба ёди Куброхон як шеъри Бадриддин Ҳилолӣ расид, ки дар мактаб ҳифз карда буд:

Биё, эй бедили аз кор монда,
Зи бим андар паси девор монда.
Далерӣ кун, ки майдон аз далер аст,
Агар рӯбаҳ далер афтод, шер аст!

Нияти далерӣ кардану шер шудан Куброхонро як-як ба Донишкадаи омӯзгории Душанбе, ба Донишкадаи тиббии бо номи Абӯалӣ ибни Сино, ба Донишкадаи кишоварзии Тоҷикистон бурданд. Эълонҳои қабули донишҷӯёнро хоҳам-нахоҳам аз назар гузаронду ягонтои онҳоро маъқул наёфта боз ба хона баргашт. Шаби дароз ғарқи хаёл шуд, ки дар куҷо бояд таҳсил кард? Чеҳраи падар пеши назар омад, ки дар ҷабин осори ғам дошт. Ӯ бо забони дароз ба ёру бародаронаш гуфта буд, ки духтарро ба Душанбе, барои таҳсили илм бурда мемонад. Агар Кубро ба Исфара баргардад, падар шармсор мешавад. Дар ҳифзи обрӯи худ ва шаъну шарафи хонадон ӯ бояд дар Душанбе таҳсил бикунад. Модоме, ки ҳуқуқшинос шудан насиби ӯ набудааст, бояд илмеро пеш бигирад, ки он бо касбу кори падар аз ягон ҷиҳат иртиботе дошта бошад. Падар корманди саноати полиграфӣ буду минбаъд тақдир ӯро ба сохтмони деҳот овард. Солҳои зиёд мудири идораи сохтмони байниколхозӣ буд. Кубро ҷустуҷӯ карда дарёфт, ки дар Донишкадаи политехникии Тоҷикистон факултаи сохтмон ҳаст ва он бахши иқтисодӣ дорад.Вай сад афсӯс хӯрд, ки писар нест, вагарна бинокориро пеша

мекард ва мисли падар роҳбарии сохтмонҳоро ба ӯҳда мегирифт. Модом ки ӯ духтар асту иҷрои чунин вазифаро ба худ муносиб намешуморад, пас ҳуҷҷатҳояшро ба бахши иқтисодии ҳамон факулта хоҳад супурд: ба ҳар ҳол ба касби падар наздиктар аст. Дар ин ришта камтар таҷриба ҳам дорад, ӯ дар Исфара як сол шогирди муҳосиби корвони мошинҳои байниколхозҳо буд. Бахти Куброхон хандиду ӯ дар ин бахш имтиҳонҳои дохилшавиро бомуваффақият супурд. Аммо вай эҳтимоли ноомади корро пешгирӣ карда, ба падар нома ирсол медошт, ки ғалтидаю бархоста имтиҳонро супурда истодааст. Маълум нест, муваффақият пайдо мекунад ё не. Ҳол он ки Куброхон сарбаланд буд, охир вай дар яке аз беҳтарин донишкадаҳои пойтахт ба номи пуршарафи донишҷӯ муваффақ гардид. Ӯ дар ин ҷо низ ба чашми куратор-ғамхору сарпарасти гурӯҳ, духтари зираку хушёр ва болиғтар намуд. Ӯро сардори синф таин карданд ва ин вазифаи ҷамъиятро ӯ панҷ соли тамом то хатми донишкада дар ӯҳда дошт. Куброхон ташкилотчии хуб будааст. Аз соли аввали таҳсил сар карда, вай ба иззату ҳурмати донишҷӯён ва устодони факулта ноил гардид. Давомоти шарикдарсонашро ба дарсҳо назорат мекард, ба тозагии синфхонаҳо, тартиби мизу курсиҳо ва навбатдории донишҷӯён эътибор медод, журнали давомоти студентон ва сабти таърихи рӯзу мавзӯоти дарсҳои устодонро дар сари вақт омода мекард. Ба дарсҳо, семинарҳо, машғулиятҳои амалӣ ба тайёрии нағз меомад, ба мубодилаи афкор ва саволу ҷавобҳо фаъол буд. Ҳар сол дар конфронсҳои илмии донишҷӯён бо гузориш ва маърӯзаҳо ширкат меварзид. Куброхон як роҳи сеҷониба дошт: хобгоҳ, донишкада ва китобхонаи давлатии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ. Махсусан дар арафаю давраи имтиҳоноти ҷорӣ ӯ ба қавле, китобхонаро иҷора мегирифту сар набардошта мехонду менавишт. Азбаски китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ асосан ба забони русӣ буданд, ӯ аз луғатҳои русию тоҷикӣ, дигар фарҳангу қомусҳои соҳавӣ фаровон истифода менамуд. Куброхон барои худ дафтарчаи луғату истилоҳоти илмӣ тартиб дода буд. Он луғатнома ҳамеша ҳамроҳи ӯ буд ва дугонаҳояш пурсанд, ки чӣ мехонию ёд мекунӣ, Куброхон шӯхиомез мегуфт: – Ошиқ шудаам, шеър ёд мекунам.

Дугонаҳо аз ин ҷавоб писханд зада, лаб каҷ кунанд ҳам, фариштаҳои раҳгузар омин гуфтаанд. Дар соли сеюми таҳсил Куброхон ҳақиқатан ошиқ шуд.

## ДУГОНАҲО

Куброхон ба чеҳраи мунаввару дилкаши моҳтоб нигариста, дугонаҳо ва дигар ёру дӯстонашро пеши назар меовард.

Онҳо се нафар дар хобгоҳи донишкада дар як хона зиндагӣ мекарданд: Куброхон, Адиба ва Назира. Хонаи на чандон калони озода, ки се кати хоб, як ҷевони либос, як миз ва чор курсӣ дошт, аз саъю ҳиммати духтарон ба гулзор табдил ёфта буд. Дар пеши тиреза ва кунҷу канорҳои хона қатор-қатор ёмчаҳои гулҳои рангоранг меистоданд. Хусусан гули ошиқи печон аз назди тиреза то шифти хона печида баромадааст. Шарикдарсони Куброхон ин хонаро «Боғи Ирам» меномиданд. Дарвоқеъ хушҳаво, хушрӯ ва хушбӯй буд он хона. Адиба аз Конибодом, Назира аз Хуҷанд, Куброхон аз Исфара, вакилони се шаҳр дӯстона зиндагӣ ба сар мебурданд. Бо навбат дар як дегчаи майда таомҳои гуногун мепухтанд, дар рӯзҳои истироҳат сӯҳбатҳо мeоростанд, меҳмон қабул мекарданд ё ба меҳмонӣ мерафтанд.

Чандест, ки ба назди ин дугонаҳо Абдуқавӣ Абдурасулов ном ҷавони зебо рафтуомад мекунад. Вай аслан аз Исфара буда, дар Донишкадаи политехникии Тоҷикистон таҳсил ва факултаи сохтмонро бо ихтисоси муҳандиси об хатм карда буд.

Мегуфтанд, ки ӯ бе ҳеҷ кӯмаки тағою амак бо қувваи худ ба Донишкадаи нафту кимёи Маскав дохил шуда, дар он ҷо ду соли пурра таҳсил кардааст. Аммо обу ҳавои Маскав ба сиҳатии ӯ мусоидат намекунад, бо сабаби беморӣ ӯро ба курси сеюми Донишкадаи политехникии Тоҷикистон мефиристанд. Азбаски ҷавони хушманду боақл ва доною қобил буд, дар вақти ба хидмат тақсим кардани хатмкунандаҳо ӯро дар худи донишкада, дар кафедраи иқтисодиёт, бахши обтаъминкунӣ ва қулбакорӣ ба сифати муаллим нигоҳ доштаанд. Ҳолдонҳо мегуфтанд, ки Абдуқавӣ мактаби миёнаро бо медали нуқра ва донишкадаро бо дипломи сурх, яъне баҳои аъло хатм кардааст. Вақте ки Куброхон ба донишкада қабул шуд, Абдуқавӣ дар курси панҷум таҳсил мекард. Онҳо ҳамдигарро намешинохтанд. Ҳангоми ба ин гӯшаи «Боғи Ирам» роҳ ёфтани Абдуқавӣ духтарон ӯро ҳамчун устоди худ мешинохтанд, ки аллакай таҷрибаи сесолаи хидмат дар Донишкада дошт. Ӯ ҳамеша Адибаро кофта меомад. Мегуфт, ки бо бародари Адибаҷон ҳамроҳ таҳсил кардааст ва ҳини ба диёри худ баргаштани ӯ ваъда додааст, ки хоҳарашро мунтазам

хабар мегирад. Муаллим ҳанӯз муҷаррад буд. Адиба низ хизмати худро аз ӯ дареғ намедошт, сару либоси ӯро шуста, дарзмол карда медод. Ҳар боре, ки Абдуқавӣ меомад, Адиба гул-гул мешукуфт, зуд чой мекарду дастархон мекушод ва як тақсимча мағзи зирбону мавизи сиёҳ мегузошт. Абдуқавӣ ҳамроҳи мағзи зирбон тановул кардани мавизро дӯст медошт. Адиба, ки аз ин одати Абдуқавӣ хабар дошт мағзу мавизро худ намехӯрду барои ӯ нигоҳ медошт. Абдуқавӣ мухлиси сурудҳои Барно Исҳоқова будааст. Адиба дар як магнитофони майдаи шӯравӣ он таронаҳоро пастакак мегузошту Абдуқавӣ бо кайфи тамом гӯш мекард ва сӯҳбат оғоз меёфт. Куброхон ва Назира ҳар чизро баҳона карда, хонаро барои Абдуқавию Адиба танҳо монданӣ шаванд ҳам, меҳмон розӣ намешуд. Исрор мекард, ки онҳо нараванд ва сӯҳбатро ҳама якҷоя идома хоҳанд дод. Абдуқавӣ ҷавони сӯҳбатоużyw будааст. Ҳикояту латифаҳои гуногун нақл мекард. Нуқли сӯҳбатҳои ӯро саргузашти румониҳою чукчаҳо, Чаппаеву Петя, Қозию Насриддин Афандӣ, шахсиятҳои бузурги таърихӣ ташкил медоданд. Абдуқавӣ силсилаи китобҳои «Эврика» (ҷустуҷӯю бозёфтҳои илмӣ) ва «Ҳаёти одамони наҷиб»-ро бисёр мутолиа мекардааст.

– Аз сӯҳбати устодон баҳра бардоштан беманфиат нест, – мегуфт Абдуқавӣ ва аз ҳаёти бузургворони илму ҳунар мисолҳо меовард:

– Шумо табиатшинос ва сайёҳи машҳури немис Александр Ҳумболдтро шунидаед? Вай дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX зиндагӣ кардааст. Вай маҳз дар давраи мисли шумоён донишҷӯ буданаш бо олимон, сайёҳон, муаррихон ва нависандагони бузург, ҳамчун Йоханн Форстер, Кристиан Ҳейне, Йоханн Бекман, математики забардаст Абраҳам Кестнер ва физики номдор Георг Лихтенбарг ошно шуда, аз сӯҳбатҳои онҳо шарафёб гардида будааст. Орзуи «замину осмонро оғӯш кардан» дар дили ӯ ҳамон вақтҳо пайдо шудааст.

Ин чӣ маънӣ дорад, муаллим? – пурсид кунҷкобона Куброхон.

Дар асоси фикру андешаҳои амиқ мураттаб сохтан, ҷамъ овардани дониш ва маълумотҳои хеле муҳим дар бораи сохти коинот, пайдоиши сайёраи Замин, қитъаю баҳрҳои олам, ҳаёту набототу ҳайвонот, одамон, шаклҳои ҷомиа, дирӯзу имрӯз, таъсири хок ва шароити иқлим ба ҳаёти халқ аст. Яъне, ӯ мақсад доштааст, ки қонунҳои умумии табиатро ҳаматарафа дарк бинмояд. Ҳумболдт аввалин тадқиқоташро дар айёми донишҷӯӣ навиштааст.

Дар як умри кӯтоҳ ин ҳама корҳоро оё анҷом додан мумкин аст? – боз савол дод Куброхон.

Ҳумболдт наваду ду сол умр дидааст. Дар бораи як худи Коинот чор ҷилд асар дорад. «Осиёи Марказӣ» ном тадқиқоти сеҷилда ҳам аз ӯст.

Тоҷикҳо ҳам ҳамин хел олимҳо доранд? – ҳиссиёти миллиаш ба ҳаракат омад Назираро.

Оре, доранд, вале афсӯс, ки на осори онҳо ба ҳуруфоти имрӯзаи мо ба чоп расидааст, на ҳаёти эшон омӯхта шудааст. Алломаҳое мисли Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Муҳаммад Розӣ, Умари Хайём, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ ва даҳҳо дигарон асарҳои оламшумул офаридаанд.

Ман хаёл доштам, ки Хайём фақат шоир аст? – гуфт Куброхон.

Вай аслан математики забардаст буда, рубоиёташро монанди Ломоносов дар вақтҳои истироҳат менавиштааст.

Сӯҳбати онҳо ҳамин хел идома меёфт. Фақат Адиба аз мусоҳибаи илмӣ канора мегирифт, шояд завқ надошт.

Абдуқавӣ аз ин муносибати ӯ дилтанг мешуд, ба изтироб меомад ва мегуфт:

Шумо ҳам ягон савол диҳед Адибаҷон!

Ман саволҳоро дар вақти дарс медиҳам, – нимшӯхию нимҷиддӣ гуфт Адиба.

Куброхону Назира ва дугонаҳои дигар сахт бовар доштанд, ки Абдуқавӣ ошиқи Адиба аст, аммо дар ҳузури онҳо ҳиссиёташро ошкоро ба забон намеоварад. Дар айни замон ёд надоштанд, ки онҳо ягон маротиба сӯи киною театр рафта ё ба тамошои хиёбону гулгаштҳои дилрабои Душанбе баромада бошанд.

Абдуқавӣ одами ботамкин аст, – мегуфт Назира, – дилашро дар пеши мо дастархон барин намекушояд.

Муаллим ҷавон бошанд ҳам босиёсат, – тақвият медод Куброхон фикри Назираро, – аммо ман ҳайрон, ки Адибаро ягон маротиба лоиқи як ду дона гул ҳам накардаанд.

Яке аз рӯзҳои баҳори моҳи маи соли 1971 буд. Он рӯз ба зодрӯзи Адиба тайёрӣ медиданд. Адиба ба сартарошхона, Назира ба бозор рафтанд. Куброхон хона меғундошт.Дарро касе оҳиста-оҳиста се маротиба тақ-тақ кард. Тақ-тақи ошно.

– Марҳамат, дароед, – гуфт Куброхон, ки фарши хонаро мешуст ва як хилъати нимдошти чит дар бар дошт.

Ба хона Абдуқавӣ ворид шуд, ки як даста садбарги арғувонӣ дар

даст дошт. Куброхон саросема шуду латтаи фаршшӯиро болои миз гузошт ва дастонашро бо домони хилъат пок кард.

– Бубахшед, ман барвақттар омадаам, – гуфт хиҷолат кашида Абдуқавӣ, – гулро барои Адибаҷон оварда будам, насиби шумо будааст. Куброхон гулро аз дасти меҳмон гирифт, «чӣ хел садбаргҳои зебо овардед» хурсандӣ кард ӯ ва бӯй карда боз афзуд: «хеле хушбӯ будаанд». Сонӣ онҳоро ба гулдон гузошт.

Абдуқавӣ як соли тамом ба ин хона «аз они худӣ» гардида бошад ҳам, имрӯз дар ҳамин соату дар ҳамин лаҳза ба чашми Куброхон мисли одами нав падид омад. Ба қомати баланду зебои ӯ шими сиёҳи хуб дарзмолшуда ва куртаи нимостини сафед хеле мезебиданд. Он солҳо пошнаи туфлии ҷавонон ҳам андак ғафстар буд ва ин қади Абдуқавиро боз ҳам баландтар карда нишон медод.

Чашмони сиёҳ, абрӯвони паҳну сермӯи сиёҳ, ду рухсораи сафеди дарозрӯя, бинии теғдор, лабҳои на чандон сергӯшт – ҳама ба якдигар мутаносиб афтодаанд.

Куброхон як лаҳза гӯё маҳву мот шуд, дилаш «ҷиғғӣ» кард, аммо осори ҳаяҷону изтироб зоҳир накард.

– Марҳамат, шинед, – гуфт ӯ курсиро нишон дода, – Адибаҷон ҳам ҳозир меомадагистанд.

Абдуқавӣ ҳамоно рост меистод.

– Шумо дар чӣ хаёлед, шинед, – боз меҳрубонӣ кард Куброхон ва чашмаш болои миз афтод, ки он ҷо латтаи тар мехобид. Куброхон зуд онро гирифта ба сатил партофт ва бо як саҷоқчаи кӯҳна рӯи мизро пок кард.

Ман дар бораи нохунҳои шумо фикр мекунам, – ҷавоб дод меҳмон ба курсӣ нишаста.

Куброхон бо ҳайрат ба панҷаҳояш нигарист, ки магар нохунҳоям расидаанд.

– Хайрият маникюр намекунед, – гуфт Абдуқавӣ – ман ба ин хел духтарон хуш надорам.

«Ба ман хуш доред?» – пурсиданӣ шуд Куброхон, аммо худдорӣ кард. Куброхон сатилро берун баровард. Баъд баргашта омаду аз ҷевон куртаашро гирифт ва «ман ҳозир меоям» гӯён боз берун рафт. Пас аз чанд дақиқа ӯ дасту рӯй шустаю мӯйҳояшро шона зада, дар бар куртаи атласи сурх ба хона ворид гардид.

Абдуқавӣ маҷаллаи «Мӯдҳои занон»-ро тамошо мекард.

– Зиқ нашудаед? – пурсид Куброхон.

Не, не, – аз маҷалла сар бардошт Абдуқавӣ – ана инро варақ зада

нишастаам, – рӯи китобҳо ба ҷояш гузошт маҷалларо.

Адибаҷон ҳамин хел маҷаллаҳоро дӯст медоранд, – гуфт Куброхон ва аз ҷевон дастархони сафед гирифта рӯи миз андохт. Гулдонро болои он гузошт. Худаш ҳам рӯ ба рӯи меҳмон нишаст. Абдуқавӣ сар набардошта беихтиёр гуфт:

Гул миёни мову аммо бӯи гул ояд зи ту,

Ранги бӯи ин гули бишкуфта афзояд зи ту.

Куброхон дар давоми се сол ягон маротиба надида ва нашунидааст, ки Абдуқавӣ шеър мехонда бошад.

– Чӣ гуфтед? Як бори дигар такрор кунед! – ба ҳайрат омада хоҳиш намуд Куброхон.

Мурғаке буд парвоз карду рафт, – гуфт ӯ.

Дар кушода шуду Адиба ворид гардид.

Ана мурғак баргашт, – Куброхон бархоста, ба рӯю мӯи дугонааш нигарист. Адиба мӯяшро бурронида то ба китфаш кӯтоҳ кунонидааст. Мӯи кӯтоҳ мисли абрешим мавҷзананда ба куртачаи нимостини сафед ва домани сабзи аврупоӣ ба қаду қомати мавзуни ӯ хеле муносиб афтода буданд.

– Ҷудо ҳам зебида аст, – гуфт Куброхон, – муборак шавад.

Абдуқавӣ низ Адибаро ба муносибати зодрӯзаш табрик кард.

– Ташаккур, ташаккур – сипосгузорӣ кард Адиба ва ба оина назар афканда, аз чапу рост ба мӯйҳояш даст расонида, батартибу зеботар кард. Вай ба қадри ҳусну ҷамоли худ мерасид.

– Чӣ хел нағз, муаллим, хайрият барвақттар омадед, – изҳори хурсандӣ кард Адиба.

Ҳамин вақт Назира тӯрхалтаи помидору бодиринг ва дигар сабзавот дар даст «ассалом» гӯён даромада омад. Ҳама сафу ҷамъ шуданд. Дар як дам дасти ба даст як шакароби хушлаззат омода карданд.

Дар як табақча чор дона помидорро майда накарда рӯи дастархон гузоштанд. Абдуқавӣ ба помидорҳои зебои сергӯшт чашм дӯхта аз духтарҳо пурсид:

– Оё, медонед одамон кай ба хӯрдани помидор сар карданд?

Онҳо ҷавоб дода натавонистанд. Абдуқавӣ ҳикоят кард, ки Ҷемс ном таббоҳи моҳир дар давраи ҷанг барои истиқлолияти хизматӣ сарфармондеҳи қӯшунҳои Иёлоти Муттаҳиди Америкаи Шимолиро иҷро мекардааст. Ҳамзамон ӯ хизмати разведкаи Англияро низ ба ҷо меовардааст. Бо мақсади хизмати шоистае ба Ангиля кардан ӯ дар

соли 1776 генерал Вашингтонро заҳр дода куштан хостааст. Ҷемс медонист, ки баъди фавти Вашингтон ӯ зинда нахоҳад монд ва ҳамоно қин карда мекушанд. Бинобар он ба хӯҷаинҳои худ номачае навишта гуфтааст, ки ман барои хӯроки пешини гинерал якчанд меваи сергӯшти сурхи як наботи заҳрдорро гузоштам. Пас аз як-ду соат генерал бо ин дунё падруд мегӯяд.

Ман вазифаи худро иҷро кардам. Барои он ки маро азоб дода накушанд, беҳтараш худкушӣ мекунам.

Таббоҳ бо корди калони ошхона худро нобуд кардааст. Аммо генерал Вашингтон он меваҳои сурхи сергӯшти «наботи заҳролуд»-ро маззакунон мехӯрад ва боз 23 соли дигар умр мебинад. Заҳре, ки таббоҳ барои генерал ҳозир карда буд, помидор будааст.

Ман ба ҳофизаатон қоил, – таҳсин кард Адиба, – майдатарин воқеаҳоро бо ному солу моҳаш медонед.

– Помидорхӯрӣ аз ҳамон вақт сар шуд, гӯед, – аз ҷо бархост Куброхон ва ба ошхона рафта як табақ палав кашида омад. Бӯи хуши он хонаро фаро гирифт, иштиҳои ҳозирин карнай шуд. Адиба аз сумкааш як шиша шампанскийи шӯравии нимширин гирифта рӯи миз гузошт. То даҳони онро кушодани Абдуқавӣ Куброхон гӯшти ошро реза карда, як устухони иликдорро пеши Адиба ниҳод, ки ин ҳаққи соҳибҷашн аст.

– Не инро муаллим мехӯранд, – табассуми латиф кард Адиба ва рӯи тақсимча гузошта ба пеши Абдуқавӣ монд.

Бо таклифи муаллим ҳама барои саломатии Адибаҷони моҳи тобон, Адибаҷони гули хандон, Адибаҷони нозанину меҳрубон қадаҳ бардоштанд. Духтарҳо ба номаш як-ду қултӣ нӯшиданд. Чашми Назира акнун ба мӯи буридаи Адиба афтод.

– Вой-вой чӣ хел нағз – аз ҷой хеста дурустакак назар афканд ӯ, – муаллим инро дидед-мӣ?

– Бале, дидам, Адибаҷон бо замона ҳамқадам шуда метавонад, – гуфт Абдуқавӣ.

Аз хурсандӣ ва таъсири нӯшокӣ рӯи Адиба лоларанг шуд, чашмонаш дурахшиданд.

Ҷомҳо боз гардиш карданд. Назира ва Куброхон ҳам дугонаи худро самимона табрику таҳният гуфтанд. Яке дили зебои ӯро ситоиш кард, дигаре аз ғайрату ҳиммати ӯ сухан ронда, саодату иқболи баланд орзу намуд.

Ҳама ошро таъриф карда хӯрданд.

– Дасти ошпаз дард набинад, – гуфт Абдуқавӣ ва чун ҳарвақта аз

китобҳои хондааш нақл кард: – Мишел Монтен ном мутафаккири фаронсавӣ будааст. Ҷараёни умраш дар асри 16 гузаштааст. Китобе дорад бо номи «Опыты», яъне «Тачрибаҳо»... «Тачрибаи рӯзгор» гӯем саҳеҳтар мешавад.Дар забони русӣ хондам. Он ҷо аз корномаи занон як ҳикояти аҷоиби таърихӣ ҳаст. «Императори Олмон Конради сеюм аз сулолаи Штауфенҳо дар вақти муҳосираи шаҳри Вейнсберг, ба хаёлам соли 1140 буд, шоҳзодаи Бовария Велфро асир мегирад. Ҳамраҳи ӯ дигарон ҳам ба асорат меафтанд. Онҳо тайёр будаанд, ки вазнин ва ногувортарин шартҳоро бипазиранду ҳама аз панҷаи асирӣ озод шаванд. Аммо Корнад розӣ намешавад. Баъди илтимосҳои зиёд розӣ мешавад, ки фақат занони ашрофу аъён шаъну шарафи худро нигаҳ дошта, аз шаҳр пиёда баромада раванд. Занон ҳама чизро, ки хоҳанд, метавонанд бигиранд, – иҷозат додааст ӯ.

– Медонед, занон чӣ кор кардаанд? Ишқи ҳақиқӣ ва ҳиммати баландро бинед, ки онҳо шавҳару фарзанд ва Шоҳзодаро ба китфашон бардошта рафтаанд. Ин рафтори наҷиби занон императорро ба ваҷд меорад. Ӯ сахт мутаассир шуда гиря мекунад. Дар тинаташ оташи оштинопазирӣ ва душмании қаттол барҳам мехӯрад. Гуноҳи шоҳзодаро ҳам мебахшад. Император аз ҳамон соат нисбат ба ӯ ва фуқарои худ одамвор муомила мекардагӣ мешавад».

Абдуқавӣ бо мақсади фаҳмидани таъсири ҳикоя чанде таваққуф кард.

– Агар ҳамин хел рӯз ба сари мо афтад аз ин зиёдтарашро карда метавонам, – гуфт Адиба.

– Ман ҳаракат мекунам, ки асир наафтам, – шӯхӣ кард Назира.

– Занони Шарқ ба сахтӣ тобоваранд, – луқма андохт Абдуқавӣ.

– Ҳамин гапҳоро монед, – як рақс кунем, – таклиф кард Адиба ва магнитафонро гиронд. Оҳанги шӯх духтарҳоро ба рақс даровард. Адиба ва Назира мавзун-мавзун мерақсиданд. Куброхон табақи палав ва шакароби нимхӯрдаро аз рӯи миз гирифта ба ошхона бурд. Аз он ҷо чой карда овард. Назира Куброхон ва Абдуқавиро ба рақс кашид. Муаллим рақсида наметавонист. Чанд бор дасту по ҷунбонду аз шарм то буни гӯш шалғамвор сурх шуда нишаст.

– Хайр бо ман рақс кунед, – таклиф кард Адиба, аммо ҷавоби рад шунида, бо мақсади пинҳон сохтани хиҷолати худ гуфт:

– Ба ин кас Барно бошад, кифоя! – Сонӣ лентаи магнитафонро иваз кард. Овози Барно Исҳоқова баланд шуд:

Гул бе рухи ёр хуш набошад,

Бе бода баҳор хуш набошад.
Тарфи чаману ҳавои бӯстон
Бе лолаузор хуш набошад...

Абдуқавӣ дастонашро ба пушти сар гузошта, ба пуштаки курсӣ такя кард ва бо ҳаловати тамом сурудҳои ҳофизи маҳбуби худро бишнавид.Ӯ чашмонашро нимкоф карда аз таронаҳои Шашмақом лаззат мебурду қаду баст ва чеҳраи Куброхонро тамошо мекард. Куртаи атласи сурх бо рӯи Куброхон чанг мекард. Ба ҳар касе, ки назар афканда сухан гӯяд, аз чашмонаш гӯё оташи меҳр меборид. Бо илтифот гап мезад ӯ. Чун суханонаш хотима ёбад, лаб ба ҳам мебаст ва лабонаш ба ғунчаи тар монанд мешуданд. Умуман чеҳрааш гарм буд ва аз муомилааш самимияти комил ба мушоҳида мерасад.

Ҳамин хел фикр кард Абдуқавӣ, аммо андешаҳояшро ба забон наовард. Вақте ки суруди Барно хотима ёфт, Абдуқавӣ ба ҳамаи духтарон умри дарозу хушиҳои рӯзгор талабид ва иҷозати рафтан пурсид. Духтарон ӯро гусел карда, то бевақтии шаб сӯҳбату базмро идома доданд. Чанд шарикдарси дигараш ҳам барои табрики Адиба омаданд. Адиба гӯё хеле шоду хурсанд буд. Аммо дар поёни сӯҳбат, вақте ки фақат соҳибхонаҳо монданд, Адиба дилашро кафонд:

– Акои Абдуқавӣ маро баҳона карда меояду Куброхонро дӯст медорад.

Ин хел нагӯед Адибаҷон – эътироз кард Куброхон, – муаллим ба худатон насиб кунанд.

Духтарон чароғро кушта ба ҷогаҳ даромаданд. Аз фиш-фиши Назира маълум буд, ки баробари сар ба болин гузоштан хобаш бурдааст. Аммо аз паҳлугардиҳои Адиба ва ғичир-ғичири кати ӯ равшан буд, ки чӣ андешаҳое ба сар дорад. Куброхон дар атрофи ошкоргӯии Адиба хаёл мекард...

## ИШҚИ АВВАЛ

Аз байн се-чор рӯз гузашт. Абдуқавӣ дар толорӣ донишкада бо Куброхон тасодуфан вохӯрда, салому алек ва хоҳиш кард, ки ҳамин ҳафта рӯзи якшанбе дар соати сендаҳ як сари қадам ба хонаи ӯ биёяд. Куброхон аз замири дил ва мақсади муаллим хабар надошт. Духтари содда фикр кард, ки ҳар ду ҳамдиёранд, Абдуқавӣ муҷаррад аст, шояд супориш дорад, эҳтимол ҷӯраҳояшро ба меҳмонӣ хондаа-

сту таом пухтану дастархон оростан лозим ояд.

Куброхон дар вақташ ба хонаи Абдуқавӣ ҳозир шуд. Утоқи ӯ хеле тозаю озода, равшан ва ҳама чизаш батартиб будааст. Дар девор дар чорчӯбаи тахминан як метри мураббаъ манзараи зебои табиат тасвир ёфта буд, ки аз доманаш дарёчаи шӯхоб мегузашт.

Ин Исфараи худамон-ку, – ба ҳаяҷон омад Куброхон.

– Бале, худам кашидаам, – гуфт Абдуқавӣ, – дилам гум мезанад ба ҷойҳои худамон.

Аз магнитафон хунёгари маҳбубу машҳур Барно Исҳоқова форам-форам тарона мехонад:

Ман дӯстдори рӯи хушу мӯи дилкашам,
Мадҳуши чашми масту маи софи беғашам...
Ман одами биҳиштиям, аммо дар ин сафар
Ҳоле асири ишқи ҷавонони маҳвашам...

Куброхон дид, ки миз оростааст: дар рӯи дастархони катаки тоза нони хона, қандҳои ҳархелаи шоколад, вафли, гелоси сиёҳ, бодарингу помидор ва амсоли инҳо гузошта шудаанд. Ҳатто чой дам карда болояшро бо дастархончаи сафед пӯшида мондааст.

– Меҳмон меояд? – ба чеҳраи Абдуқавӣ нигоҳ афканд Куброхон.

Меҳмони азиз омад, – ҷавоб дод Абдуқавӣ.

Кубро ҳайрон шуд. Онҳо дар ду тарафи миз рӯ ба рӯ нишастанд. Сӯҳбат оғоз шуд.

– Ман кайҳост орзу доштам, ки ҳамроҳ нишинем, – ибтидо кард Абдуқавӣ аммо ҳарфи дилхоҳ зада натавониста нон бишкаст ва Куброхонро ба нонхӯрӣ даъват кард, чой кашида дод, ба наздаш рӯи тақсимча шоколади «Красная шапочка» кушода монд.

Танҳоӣ ба дилам зад – боз гуфт Абдуқавӣ, – ҷуфти муносибе даркор аст, ки кас ошноӣ карда тавонад.

– Адибаҷон ҳастанд-ку, он кас шуморо ҳурмат мекунанд, номатонро гиранд, аз забонашон асал мечакад, – ишора ба муносибати онҳо кард Куброхон.

– Адиба духтари нағз, хушрӯ, мушфиқу меҳрубон аст, изҳор намуд Абдуқавӣ – аммо ман мехостагӣ не.

– Фақат ҳамон касро кафта меравед-ку?

– Элак баҳона – дидор ғанимат, – гуфтаанд.

– Вай дидори кӣ будааст? – бе мулоҳиза пурсид Куброхон. Саволи ошкорои Куброхон Абдуқавиро ба андеша водор кард. Вай сарашро хам карда тааммул варзид. Агар дилашро чун кафи даст

бикшояд, оё Куброхон бовар мекунад? Онҳо дар хонаи духтарон бисёр ҳамсӯҳбат шудаанд, вале Абдуқавӣ ягон маротиба ишора накарда буд, ки дил майли ту дорад. Имрӯз бояд бо тамоми азму ирода изҳори роз намояд.

Ростӣ гап Адиба барои ман хоҳар барин аст, – оҳиста риштаи мақсад ба даст гирифт Абдуқавӣ. – Вай дар Конибодом номзад дорад, амакзодаи худаш аст, – ман ба пеши ӯ мерафтаму дилам ба шумо буд.

Куброхонро шарму ҳаё пахш кард. Дилаш тез-тез тапид, таб баровард.

– Ин хел нагӯед муаллим, Адибаҷон хафа мешавад, – гуфт ӯ, – он кас умедвори шумо ҳастанд.

– Ман ба ӯ ваъда надодаам, – фикрашро ба таври қатъӣ баён кард Абдуқавӣ. Шуморо ман як сол боз таҳи чашм карда гаштаам. Хоксорӣ, ахлоқу одоб, рафтору гуфтор, меҳнатдӯстӣ ва бисёр хислатҳоятон писанди ман аст.

Он рӯз худи Абдуқавӣ дамлама пухтааст. Онро кашида овард. Ба нею нестони Куброхон эътибор надода, як шиша коняки арманӣ бикшод, якҷуръагӣ бирехт. Барои саломатии меҳмони дилхоҳ, ки рисолати ӯст, барои ҷомаи амал пӯшидани орзуи деринааш қадаҳ бардошт. Аммо Куброхон қатрае ҳам ба лаб набурд.

– Ман шаробхӯриро партофтагӣ, – шӯхиомез гуфт ӯ, – илтимос накунед, ки суханатон мешиканад.

– Таслим, таслим, – ҳарду дасташро боло бардошт Абдуқавӣ, – ҳар чӣ шумо фармоед, ҳамон мешавад.

Аён буд, ки Абдуқавӣ чун ҳузуроти меҳмоннавозӣ коняк кушодааст. Аслан хурсанд шуд, ки Куброхон наменӯшад. Ӯ нисбати занону духтароне, ки кам бошад ҳам, менӯшанд, эҳтиром надошт.

Онҳо камтар хӯрок тановул ва аз ҳар тараф сӯҳбат карданд. Абдуқавӣ боз аз хусуси ҳаёти одамони наҷиб, ишқи бузург, оиладории онҳо қиссаҳо кард. Академик Королёвро мисол гирифт, ки чӣ тавр ӯ ба шогирди худ ошиқ шудааст. Шогирдаш ба ӯ натанҳо зани вафодор гардидааст, балки то ба охири ҳаёташ мухлиси содиқ ҳам будааст. Ҳамсари академик Мистислав Келдиш, президенти Академияи илмҳои Иттифоқи Шӯравӣ аввалин ёру ёвари ӯ дар тадқиқоти илмиаш будааст. Зани авиаконструктор Туполев дар санҷиши парвози аввалин самолётҳояш ҳамроҳӣ мекардааст. Абдуқавӣ ба ин гуна ҳикоятҳо таъкид менамуд, ки дар шахси Куброхон ӯ ҳам барои худ ҳамин гуна зан интихоб карданист. Вай аз нақшаҳои зиндагии

оянда мисли як ҷавони орзупарвар сухан меронд. Ҳангоме ки онҳо хонадор шуданд, зиндагонии намунавӣ ташкил хоҳад кард. Баъд ҳамроҳ ба аспирантура дохил шуда, дар Маскав таҳсил хоҳанд кард, бо роҳбарии олимони бузург ба тадқиқоти илмӣ машғул хоҳанд шуд, дере нагузашта ҳар ду номзади илм, баъди чанд вақти дигар онҳоро унвону дараҷаҳои илмии доктору профессор интизор мешавад.

Ҳақиқат аст ё бофта ҳамин хел сӯҳбат мекард ва дили духтарро чун гули офтобпараст ба хуршеди осмони орзуҳои худ моил менамуд. Куброхон суханони Абдуқавиро бодиққат гӯш мекарду насиҳати Хирадмандро ба ёд меовард:

– Ту фарзанди аввалини ман ҳастӣ, Куброҷон. Ман туро ба шаҳри мусофирӣ барои таҳсили илм мефиристонам, то ки дониш омӯзию дар ҳаёт мавқеи худро ёфта тавонӣ. Ту бо кадом роҳ биравӣ, ҳашт хоҳару додарат аз ту ибрат гирифта, аз паи ту мераванд. Дар оила ту саравлодӣ. Қадаматро дониста мон, то ки аз он ба оила ва ҷомеаи мо иснод не, балки шараф ва обрӯ ояд.

Меъёри рафтору кирдори Куброхон дар зиндагӣ ҳамин суханони падар буданд. Дар интихоби рафиқ, дугона, дӯст ва ҳамсафари ҳаёт аз ҳамон мавқеъ андеша мекард. Абдуқавӣ дар вақти гусели Куброхон бо камоли хурсандӣ таъкид кард, ки имрӯз ибтидои баҳори зиндагии ӯст. Агар худо Шуморо насиби ман гардонад, худро хушбахтарин шахс мешуморидам.

– Ҳоло дар ин хусус гап задан барвақт аст, – гуфт Куброхон – падару модар маро барои таҳсил фиристодаанд, дигар орзую ҳавасҳо пас аз хатми донишкада мешавад.

Аммо Абдуқавӣ ҷавони якрав, собитқадам, соҳиби қавлу амал будааст. Қариб ҳар рӯз мулоқот таин мекард. Куброхон бо ҳазор сабабу баҳона таклифи ӯро ба рӯзҳои дигар мегузошт. Духтар ҳам мехост садоқати ҷавонро бифаҳмад. Ниҳоят Абдуқавӣ муваффақ шуд, ки бо Куброхон ҳар ҳафта як маротиба дар рӯзи истироҳат мулоқот намояд.

– Бе шумо наметавонам зист, – мегуфт Абдуқавӣ, – ҳафта ба хаёлам ҳафт сол менамояд. Шабу рӯз фикру зикрам ба шумо.

– Ошиқӣ-дарди бедармон, мегӯянд, рост будааст-дия, – худро бепарво нишон дод Куброхон.

– Не, даво дорад, – донишмандона ҳукм баровард Абдуқавӣ, – давояш худи шумо. Нахли қомати шумо пур аз доруи ишқ аст. Як нигоҳи меҳрангезатон ба кас як ҷаҳон умед мебахшад, – як хандаа-

тон дилро ба ҷӯшу хурӯш меоварад, як навозишатон ба ҷисму ҷон ҳаловат мебахшад, як суханатон...

– Бас, бас, – имкони дигар ҳарф задан надод Куброхон, – ҷузъ ба ҷузъ таҳлил накунед ҳам мешавад.

Абдуқавӣ ба киною театр бисёр наравад ҳам, ба намоишҳои ишқӣ Куброхонро даъват мекард. Он солҳо намоишномаи «Имтиҳон» (песаи Файзулло Ансорӣ) дар Душанбе шӯҳрат дошт. Онҳо барвақттар аз хона баромаданд. Аз хиёбони Ленин, аз бари майдону гулгаштҳо паҳлӯи ҳамдигар оҳиста-оҳиста қадам мезаданд. Абдуқавӣ достони ишқ мехонду Куброхон дар осмони орзуҳои ширин парвозкунон гӯш мекард.

Беҳтарин бозёфти ман аз Душанбе шумо ҳастед, Куброхон, – изҳори муҳаббат мекард Абдуқавӣ, – ифтихор мекунам, ки дар кӯчаҳои ин шаҳри сабзу хуррам ҳамроҳи шумо нафас мекашам, дар паҳлӯи шумо қадам мезанам, бо шумо сӯҳбат мекунам, бахт ҳамин қадар мешудагист...

Ин суханҳо, табиист, ки ба дили Куброхон беасар намемонданд. Куброхон Абдуқавиро ба худ ҷуфти муносиб мешуморид ва ҷавобан ба ҳар як сухани ӯ як табассуми латиф ва як нигоҳи пурмеҳр ҳадя мекард.

Бо таклифи Абдуқавӣ онҳо дар боғи истироҳат ва маданият яхмос хӯрданд, об нӯшиданд ва ба театри академии ба номи Лоҳутӣ рафта, намоишномаи «Имтиҳон»-ро тамошо карданд. Асар маъқул шуд, бозии ҳунарпешагон шоистаи таъриф буд, ҳаво гарм бошад ҳам, ду соат хеле тез гузашт. Онҳо вақти бозгашт дар роҳ роҷеъ ба бозии ҳунарпешаҳо изҳори андеша карданд.

– Хайрӣ Назарова нақши Адолатро нағз иҷро кард, – гуфт Куброхон-худаш зебо, дилаш зебо, рафтору кирдор, гуфтор, шеърхониҳо – ҳамааш зебост – ин ҳама сифатҳои худи шумост, – мавқеашро ёфта ситоиш кард Абдуқавӣ Куброхонро, – Хайрӣ Назарова бо ҳамин қадар ҳусну ҷамол ба дасти шумо об рехта наметавонад.

– Ин таърифатон беҷо, ҳаққи гапро гуфтан даркор. Ман як духтари оддӣ ҳастам.

– Агар ҳаққи гапро гӯям ба ман Шарифҷон маъқул шуд.

– Чияш маъқул шуд? Барис Наматиев дар нақши Шарифҷон андак калонсолу бузургҷусса менамояд.

– Гап дар синну сол ё лоғарию фарбеҳӣ нест. Шарифҷон дили Адолатро ба даст овард, ба мақсад расид, бахташро ёфт.

– Дарди кампир ғӯза, – мақсади Абдуқавиро фаҳмид Куброхон.

Албатта, – таъкид кард Абдуқавӣ, – кошкӣ падару модари шумо ҳам мисли падару модари Адолат дили маро мефаҳмиданду мани бечораро ба фарзандӣ қабул мекарданд.

– Ҷӯянда ёбанда аст, – мақол овард Куброхон.

Онҳо ба хобгоҳ расиданд. Аз ҷавоби Куброхон ба ваҷд омада, Абдуқавӣ аз ду дасти духтар маҳкам гирифт ва ӯро пеш кашида хост, ки бӯсае ситонад. Вале Куброхон бо як чолокӣ худро дур андохту гуфт:

– Шитоб, накунед ошиқи беқарор, ҳар кор вақту соат дорад.

Аз ҷониби Абдуқавӣ ба ҳавлии падару модари Куброхон хостгорон рафтанд. Бародарони Абдуқавӣ одамони барӯманди Исфара буданд. Онҳо одамони бонуфузро на як бору ду бор фиристоданд.

Аз рӯи тавсифи хостгорон Абдуқавӣ йигити намунавӣ буд. Обидхӯҷа хонаводаи онҳоро мешинохт, хусусан падари Абдуқавиро чун марди ботавфиқ мешинохт ва эҳтиромашро пос медошт. Бинобар он акои Обидхӯҷа бо ҳамсари худ маслиҳат кард, ки духтараш ба воя расидааст. Абдуқавӣ ва Куброхон якдигарро мешинохтаанд. Ҳарду ҳамдиёр, дар як ҷо яке кор мекунаду дигаре таҳсил. Агар духтар розӣ бошад, хостгоронро бисёр овора накарда, кори хайрро пеш гирифтан даркор аст.

– Ҳамон бегоҳӣ апаи Назрихон духтарашро барои маслиҳат ба телефон даъват кард.

– Ман намедонам, – гуфт Куброхон ба модар, – ошиқи шайдо нашудаам, сарам аз мӯрӣ набаромадааст. Ҷавонро мешиносам, муаллими худамон аст. Изни ман дар дасти шумо.

Ин ҷавоби Куброхонро падару модар чун розигии ӯ фаҳмиданд.

Моҳи июни соли 1971 Абдуқавӣ ва Куброхон ба муроду мақсад расиданд. Ҳам шаҳодатномаи ақди никоҳ гирифтанд, ҳам хутбаи никоҳ қироат шуду суннати аҷдодӣ ба ҷо омад. Модари Абдуқавӣ рӯҳонӣ бошад ҳам, ба дили фарзандаш нигоҳ карда розӣ шуд, ки як тӯи замонавӣ барпо созанд.

– Кошкӣ падараш зинда мешуданд, домодии писарашонро медиданд. Сари бачаякам аз санг шаваду бо келин осояд, – дуо кард модар. Ҳофизону мутрибони писандида бо ҳамроҳии хешу табор, ёру ҷӯраҳои домод ва дугонаҳои арӯс тӯйро ба базми ҷамшедӣ табдил доданд. Куброхон бо сару либоси сафеди арӯсӣ дар паҳлӯи домод, ки куртаи сафед ва костюми сиёҳ дар бар дошт, мисли як шоха гули садбарги сафед менишаст. Ду навниҳол ба сӯи ҳамдигар майл дош-

танд ва чашм аз ҳамдигар намеканданд. Солхӯрдаҳо даст ба дуо мебардоштанд, ки арӯсу домод қӯша пир шаванд, ҷавонон орзу дар дил мепарвариданд, ки мисли Абдуқавию Куброхон ошиқи печону гули хандон бишаванд.

Сарвари тӯй, як ҷавони хушсухан дар ситоиши онҳо шеър қироат мекард:

Шумо ду шохи гул, ду навниҳолед,
Шумо ду қатраи оби зулолед,
Аз ин рӯзу аз ин соат, аз ин шаб
Шумо бо ҳамдигар ҳаққу ҳалолед.

Зиндагии оилавии онҳо ҳамчун зебоӣ ва файзу таровати баҳорон хушу хуррам сар шуд. Моҳҳои тобистонро, ки айёми шоҳиди арӯсӣ буд, дар Исфара, дар ҳузури падару модар гузарониданду дар арафаи соли нави таҳсил ба Душанбе баргаштанд. Дар хонаи як ошнои Абдуқавӣ иҷора нишастанд. «Хонаам коза бошаду дилам тоза бошад», гуфтагӣ барин рӯзгорашон хоксорона, аммо вақташон чоқ буд. Як пиёла обро бе ҳамдигар намехӯрданд. Куброхон ҳам, Абдуқавӣ ҳам доимо мунтазир мешуданд, ки кай дарс ба охир мерасаду онҳо хона мераванд. Дарсҳои Абдуқавӣ барвақт тамом шавад, ӯ мунтазири Куброхон дар хонаи муаллимон китоб хонда менишаст. Рӯзҳое, ки Абдуқавӣ дарс надошт, арӯсашро то ба донишкада гусел мекард ва пас аз хатми таҳсил омада пешвоз мегирифту ду дилдода даст ба ҳам дода, сӯҳбаткунон ба хона меомаданд. Агар Абдуқавӣ маош бигирад, ҳар ду пас аз дарс ба бозор медаромаданд ва харид мекарданд.

Абдуқавӣ монанди баъзе мардҳо фармонфармо набуд. Ба ҳама корҳои хона шарики ғамхори Куброхон буд. Ҷояш ояд кӯрпа меғундошту хона мерӯфт, фарш мешусту хӯрок мепухт. Кӯмак бояд, зани ӯ донишҷӯст, бисёр хондан, навиштан, нақша кашиданд, ба дарсҳо пуррaю мукаммал тайёр шудан лозим аст.

– Маро ба хиҷолат нагузоред, – илтиҷо мекард Куброхон – ҳамаашро худам мекунам.

Солҳои бачагӣ ва наврасии Куброхон, нахустфарзанди падару модар, ба давраи ҷавонии онҳо рост омад. Модараш зани серғайрат, чолок ва боғайрат буд. Таомро одатан худаш мепухт. Куброхон гоҳ-гоҳ ба ӯ кӯмак кунад ҳам, ҳанӯз бисёр корҳои рӯзгорро ёд нагирифта ба Душанбе рафт. Ин аст, ки ӯ аз ҳунари таббохӣ пурра огаҳӣ наёфт. Абдуқавӣ бошад, баръакс, созандаю пазанда буд. Дар хамир карда-

ну нон пухтан, хамир шӯридану туппаю угро буридан, тушбераю манту бастан аввалин ёвари модар маҳсуб мешуд. Вақте ки калонтар шуд, пухтупазро худаш мустақилона анҷом медод.

Модараш мегуфт.

– Писарам ҳар касро гирад, он духтар ҳузур мекунад, даҳ панҷааш ҳунар аст.

Дарвоқеъ Куброхон шавҳарашро ҳамчун пазандаи ҳунарманд бишинохт. Аз хамир кардан то зувола гирифтан, буридану пухтан, тайёр кардани тамоми хӯрокҳои ордиро Куброхон аз ӯ ёд гирифт. Боре Куброхон хамирро сахт кардааст, ҳар қадар тирак гардонад ҳам кушода намешуд. Абдуқавӣ аз ин огаҳӣ ёфта, зуд ба мададаш омад. Кубро об илова карданӣ буд, ӯ розӣ нашуд. Гуфт, ки хамирро андак дам дода, болояшро пӯшидан лозим аст, сонӣ бе урбоқ боз мешавад.

Зиндагӣ ба ҳамин минвол мегузашт.

Куброхон ба ақидае омад, ки майнаи Абдуқавӣ ором намегирифт, балки ҳамчун ақрабаки соат пайваста кор мекард. Дар вақтҳои холӣ ҳамроҳи ӯ ба бозиҳои маърифатбахш ва ҳалли масъалаҳои математикӣ, нақли ҳикоятҳои ибратбахши таърихӣ, сохтану бофтан ва амсоли инҳо машғул мешуд. Ребусҳои арифметикӣ, кроссворду чайнвордҳо тартиб медод ва ба онҳо ҳарду ҷавоб меёфтанд. Аз силсилаи маслиҳатҳои «Донистан ва тавонистан фоида дорад» майнааш мисли хонаҳои анор пур буд. Боре дар вақти нон буридан Куброхон беэҳтиётӣ карда, клеёнкаи рӯи мизро буридааст.

– Диққат нашавед, ҳозир кӯмаки таъҷилӣ мерасонам, – гуфт Абдуқавӣ ва клеёнкаро чаппа карда, бо лейкопластир ямоқ кард, ки ту дидию ман надидам шуд.

Бори дигар Куброхон бо моҳитарош моҳӣ тоза мекард, ки пулакчаҳои он ҳар сӯ мепариданд...

– Моҳиро ба тағораи обдор гузошта тоза кунед, – маслиҳат дод Абдуқавӣ, – вагарна тугмачаҳои моҳӣ ошхонаро пур мекунанд.

Оре, ҷавони оқил ва соҳибтаҷриба буд Абдуқавӣ. Донишҷӯён аз бисёр дарсҳо мегурехтанд, дар дарсҳои ҷамъиятшиносӣ баъзеҳо хоб мерафтанд, ба курсиҳои қафо нишаста, паст-паст бо ҳамдигар гуфтугӯ мекарданд, аммо ба дарсҳои назарӣ ва машғулиятҳои амалии муаллим Абдуқавӣ Абдурасулов фаъолона ва пурра ширкат меварзиданд. Обрӯяш дар байни устодон ва шогирдони донишкада баланд буд. Куброхон аз бахти худ меболид.

## РАШК

Ҷое, ки шаҳд ҳаст, заҳр ҳам аст, ҷое, ки нӯш аст, неш ҳам ҳаст гуфтаанд. Абдуқавӣ ҳамсари худро дӯст медошту рашк ҳам мекард. Мехост, ки Куброхон либосҳои хушрӯ ва наву тоза пӯшида, рӯю мӯяшро ба тартиб оварда гардад, аммо рашк мекард, ки ба завҷаи нозанинаш чашми номаҳрам меафтад, одамон бо ҳавас нигоҳ мекунанд. Боре вақти ба дарс рафтан арӯсаки нав костюми сафеди аврупоӣ пӯшид, ки ба қаду бари ӯ мезебид. Мувофиқан ба он туфлии пошнабаланди сафед пӯшиду ба гӯшҳояш ҳалқаи зебое аз дурдона овехт. Абдуқавӣ ба гирди Куброхон мисли як ошиқи шайдо давр зад, ба пойҳои базеб, миёни борик, синаи дамида ва чеҳраи хандону шукуфони ӯ такрор ба такрор назар афканду «девона шуд».

– Бо ин сару либос ҳеҷ ҷо намеравӣ, – гуфт ӯ, – ҳама дарсро монда туро тамошо мекунанд. Мехоҳӣ, ки ба муаллимонат илҳом бахшию онҳо чашм аз ту наканда дарс гузаранд? Не, намешавад!

Куброхон фаҳмиданӣ шуд, ки ин гуна костумро ҳама мепӯшанд, ҳеҷ ҷои бадӣ надорад. Ман шавҳари дӯстору дилхоҳ дорам, намегузорам, ки касе ба ман бо чашми бад нигаҳ кунад.Аммо гапи ӯ бахия нахӯрд.Абдуқавӣ алав мегирифт, чашмонаш беҷо мешуд, тайёр буд, ки худаш либосҳои занро кашида партояд. Бинобар он ӯ маҷбур шуд, ки тағйири либос кунад, куртаи крепдишини обшуста ва камзӯлчаи нимдошт пӯшида, халқаашро аз гӯш гирифта монду чун аломати эътирози ботинӣ ҳарфе назада, шитобон ба дарс рафт. Ҳамон рӯз табъи Куброхон хира шуд. Баъзе духтарон писханд мезаданд, ки аҳволи арӯси навро бинед. Ба хона ҳам шавҳарашро мунтазир нашуда, бо димоғи сӯхта баргашт. Абдуқавӣ низ бо хавоси парешон ба хона омад. Байни зану шавҳар моҷаро бархост. Чун шаб фаро расид, ҳар кадом ба кунҷе ғелиданду хобиданд. Аммо ҳарду мижа ба ҳам набаста, хеле хаёл карданд. Абдуқавӣ худро сарзаниш мекард, ки ба сабукию кӯтоҳандешӣ роҳ дод. Куброхон ба дарёи андеша ғарқ шуд, ки аломати дӯстдорист. Беҳуда қаҳру ҷаҳл кард. Саҳар Куброхон бархосту ба наҳорӣ тайёрӣ дид, Абдуқавӣ аз мағоза нон, равғани зард ва шир овард. Зан ба косаҳо ширравған кашид. Мард чой дам кард. Ҳар ду ба сари дастархон нишастанд. Ба ҳамдигар аз зери абрӯ назар афканда хандиданд ва Куброхон минбаъд ба ҳалқаи чашми шавҳар нигоҳ карда, либос мепӯшидагӣ шуд. Вай дигар ба либоси аврупоӣ рағбат наменамуд. Куброхон низ

интизорӣ накашида, дарсаш ки тамом шуд, роҳи манзил пеш мегирифт. Аз ин, албатта шавҳари ӯ хурсанд набуд, вале зоҳир намесохт. Рӯзе Куброхон аз дарс баромада, ба мағоза даромада гӯшт, ҳасиб, панир, қанди сафед ва як буханка нон ҳам харида, ба тӯрхалта андохт. Як шарикдарси ӯ ду шида оби маъдан гирифт ва ҳарду сӯҳбаткунон ба сӯи хонаашон рафтанд. Ҷавони донишҷӯ расми одоб ба ҷо оварда, тӯрхалтаи ӯро низ бардошта меомад. Чун ба чорраҳа расиданд, Куброхон тӯрхалтаи худро аз дасти ӯ гирифта, изҳори сипос кард ва сӯи кулбааш қадам гузошт, ки аз қафо овози Абдуқавӣ ба гӯшаш расид, баргашта нигоҳ кард. Ӯ меомад.

– Вай кӣ буд? – пурсид ба ҷои салому алейк.

– Шарикдарсам, Абдуваҳҳоб.

– Ин қадар меҳрубон будед? – бо шубҳа савол дод Абдуқавӣ. Кубро шарҳ дод, ки дар мағоза тасодуфан вохӯрда, то ин ҷо тӯрхалтаамро бардошта омад. Ба ман дарсҳои шуморо таъриф кард, ки хеле шавқовар гузаштааст:

– Инро магар худат намедонӣ? Вай ҳамраҳи ту хона даромаданӣ буд, шояд маро дида ба троллейбус савор шуд.

– Ман девона нестам. Чаро бе шумо ӯро ба хона мебурдаам. Як ҷавони бечора аст. Дарди меъда дорад. Ду шиша оби маъдан харидааст.

– Шароб будагист вай? Шояд ҳамраҳ нӯши ҷон мекардед?

– Шумо шароб хӯрдани маро ягон бор дидед-мӣ?

Ана ҳамин тавр мунозира карда, ба хонаашон расиданд. Ҳар ҳафта як-ду бор ҳамин гуна гуфтугузор рух медод дар байнашон. Ҳамин Зарринаякаш, дӯстрӯякаш дар қади Куброхон пайдо шуда буд. Духтурҳо маслиҳат медоданд, ки асабӣ шудани ӯ мумкин нест. Ноомади корро бинед, ки Куброхон хурсандӣ меҷуст, аммо аз зери по хори ғаму ғусса мебаромад. Боре «Уқёнус» ном филми бадеии амрикоӣ дар кинотеатри васеъэкрани ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ ба намоиш мерафт. Иттифоқи касабаи донишҷӯён барои тамоми шарикдарсони Куброхон билет хариданӣ шуд. Куброхон илтимос кард, ки шавҳари ӯро низ ба назар бигиранд. Куброхон дар байн нишаста наметавонист, ҳамроҳи Абдуқавӣ ба канортар нишаст, аммо дар паҳлӯи росташ як ҷои холӣ монд. Филм сар шуда буд, ки касе палмосида – палмосида омаду он ҷо нишаст. Баъд аз чанд дақиқа Куброхон равшан бидид, ки Абдуваҳҳоб аст.

– Дер мондам, бубахшед, гуфт оҳиста бехгӯшӣ карда.

– Зарар надорад, ҳозир сар шуд – гуфт Куброхон.

Абдуқавӣ ба Куброхон ва Абдуваҳҳоб ду-се маротиба ало-ало назар андохт, сонӣ, чуқур-чуқур нафас кашида бесаранҷом шуд. «Худо зад, – аз дил гузаронд Куброхон – халтаи ғурбат кушода мешавад». Онҳо то нисфи роҳ хомӯш омаданд, гӯё ба даҳон об гирифтаанд. Соат аз бисту се гузашта, шаби торик доман паҳн карда буд. Дар кӯча одамон хеле кам ба назар мерасиданд. Аз пеши чашмони Куброхон манзараҳои зебо ва дилфиребӣ оламӣ рангини табиат, ишқу меҳаббати пурҳарорат ва муомилаҳои мадании қаҳрамонони филм дур намешуданд. Баногоҳ Абдуқавӣ пурсид:

– Дар паҳлӯят барои ҳамон Ваҳҳобча ҷой гирифта будӣ?

– Ман ҷой нагирифтаам-гуфт Куброхон, – худатон дидед-ку, дер монда омад, дигар ҷой набуд.

– Ман ин хел бозиҳоро медонам, – сахт гуфт Абдуқавӣ, – хушдорат будааст, маро чаро овардӣ?

Ба даҳонатон нигоҳ карда гап занед, – эътироз намуд Куброхон, – одам ин хел бадгумон намешавад.

– Мана ин бадгумонӣ-як торсакии сахт ба даҳону бинии Куброхон фаровард Абдуқавӣ, – корро карда, забон ҳам дорӣ, ки гап мезанӣ?!

– Вой мурдам, – каловида рафт ва фарёд карда гурехт Куброхон. Сонӣ роҳро тағйир дода тез-тез ба тарафи чап ба кӯчаи дигар даромад. Абдуқавӣ аз паси ӯ тохта омад ва аз банди дасташ гирифт:

– Ҳа, ба хонаи хушдорат меравӣ?

– Ин хел нагӯ, вай як бачаи қобили зандор аст, – ту-ту гуфт Куброхон, – ман ба хобгоҳ, пеши духтарҳо меравам.

– Ё ба хона меравӣ ё ба ҷаҳаннам, ҷои дигар нест! – бо қаҳру ғазаб аз дасти зан кашола кард Абдуқавӣ.

Куброхон бо дили ноҳоҳам ҳамраҳи ӯ рафт.

Куброхон ҳеҷ тасаввур карда наметавонист, ки бегуноҳу бесабаб калтак мехӯрад. Шавҳаре, ки сар бардошта гаштани ӯро ваъда дода буд, имрӯз зери по кард. Магар кас ошиқ шуда, аз байни духтарони сершумор баргузидаи худро метавонад чунин таҳқир бикунад? Агар зану шавҳар бо ҳазорон орзую умед ба як болин сар монда, ба ҳамдигар бовар накунанд, дар дил ҷои меҳру муҳаббатро эҳсоси мағшуши шубҳаю нобоварӣ ишғол карда, забони нарму ширин, дурушту заҳрин гардида, дасти шафқат ва навозишкор ба калтаки Ҷаббор табдил ёфта бошад, оё дигар ба ҳаёти хушбахтона умедвор шудан мумкин аст? Куброхон ба қадри худ сӯхт ва тамоми шаб гиря карда баромад ва саҳарӣ хобаш бурд.

Пагоҳӣ Абдуқавӣ наҳорӣ нахӯрда ба кор шитофт. Куброхон дертар бедор шуд, сараш сахт дард мекард, маълум мешавад, ки хунаш ба ғалаён омада, аз шиддати фикр торҳои асаб таранг шудаанд. Ӯ дар рӯи ҷогаҳ имрӯзу фардои зиндагии худро пеши назар меовард. Шайтону раҳмон гӯё дар ду китфи Куброхон маҳкам нишаста ба ӯ маслиҳат медоданд.

Шайтон: «Туро шавҳарат хору зор ва залил кард, магар ту танҳоӣ, падару модар, ёру дӯст надорӣ? Ба онҳо хабар деҳ, то ҷамъ шуда оянд ва таноби ин гуна ҳайвони бенӯхтаро кашида монанд.

Раҳмон: Худои карим ҳар касро бо ҷуфти худ офаридааст. Абдуқавӣ ҷуфти муносиби туст. Рашк ояд, ақл меравад. Дар болои феъл даст бардошта бошад, ҳоло пушаймон аст. Тундию сабукӣ макун, «Санги вазнинро об намебарад», гуфтаанд.

Шайтон: Одами бадрашк мисли девона аст. Магар ӯ кафолат медиҳад, ки дигар туро намезанад, дар байни мардум шарманда намекунад. Ҷисму ҷоне дорӣ монанди гул. «Як мушт некбахту як мушт бадбахт». Фармудаанд хирадмандон. Оё бовар дорӣ, ки аз зарбаи мушти навбатии шавҳар ҷон ба саломат мебарӣ? «Асоро ба рӯшноӣ задан даркор аст».Ояндаатро фикр кун!

Раҳмон: Дар қадат нахли умед пайдо шудааст, ки фарзанд ном дорад. Вай ҳанӯз ба дунёи равшан наомада оё ӯро тирабахт кардан, аз падар ҷудо андохтан аз рӯи инсофу адолат аст? Агар тарки шавҳар бикунию сонӣ чашмат равшан бишавад, мардум чӣ мегӯянд? Фарзандиояндаат киро падар мехонад?

Шайтон: Ту барноӣ, ту раъноӣ, чароғи маҷлисороӣ, Куброхон. Аз сад гулат акнун яктоаш бишкуфтааст. Бо ин шавҳари бадҳаракат баҳори умрат нумӯ накарда хазон мешавад, «як гулу сад харидор» гуфтаанд. Ҷавонон кам нестанд, яке туро дӯст медораду мегирад, албатта фарзандатро низ азиз мекунад.

Раҳмон: Оё бовар дорӣ, ки дар бари шавҳари дуюм хушбахт мешавӣ? Фарзандат дар поини пои ӯ шоду обод ва сарбаланд буда метавонад? Дарди ҷонкоҳтаре дар олам мисли зиндаҷудоию зиндаятимӣ нест. Ба хотири нури чашм оиларо нигоҳ доштан аз рӯи ақлу хирад аст.

Шайтон: Модом ки дар олами ҳастӣ як маротиба умр ба сар мебарӣ, бояд одамвор зиндагӣ кард. Бо ҳар кӣ дилат мехоҳад, биншин, аз кайфу лаззати ин замон то метавонӣ баҳра бордор, худро аз зулму асорати шавҳар, фишори оиладорӣ, тобеияту фармонбардорӣ наҷот бидеҳ, озод бош, ҳамчун мурғони ҳаво, дар фазои беғубори

зиндагӣ пар зан! Оила қафасест тиллоӣ, андаруни он гули сурх бирӯяд ҳам, барои булбули озод хор барин ошён шуда наметавонад.

Раҳмон: Шаъну шарафи марду зан оила аст. Агар бо меҳрубонии худои азза ва ҷалла ба дунё омада як хонадонро ободу осуда ва мустаҳкаму хуррам карда натавонӣ, худованди бахшандаю меҳрубон аз атои худ розӣ намешавад, мурғони танҳо на дур ва на баланд парвоз карда метавонанд. Агар ҷуфти кабӯтар шавед, ба манзили мурод мерасед. Озодӣ дар танҳоӣ, дар лоқайдӣ, бефарқӣ ва ҳарҷогардӣ нест. Озодӣ дар ҳамдастӣ, ҳамдилӣ ва ҳамраъйист. Озодӣ бояд боиси ободӣ бишавад, на вайронкорию фаторат. Худованди таоло ба ту ҳаёт, ақлу ҳуш, иродаю матонат, дили ғамхор додааст. Бо ин қадар имконият набитвонӣ ки як нафар шавҳари гирифтори панҷаҳои оҳанини рашк ва мубталои мори сиёҳи бадгумониро аз ин гуна бандҳои сангин наҷот бидиҳӣ, кӣ туро зани озод гуфта метавонад? Ту қудрат дорӣ, ки гардани шайтонро бишканӣ ва бо шавҳари худ бисозӣ. Ман ояти ишқу муҳаббати шумоён азизонамро мехонам, худо имон, паймон, тавфиқ бидиҳад. Омин!

Рӯҳи матине ӯро аз ҷогаҳ озод бардошт. Дасту рӯ шуст. Дар замири дили ӯ равшанӣ пайдо шуд. Худро сабук ҳис кард. Хона ғундошт, рӯфт, фарш бишуст, чангу ғубори мизи кории Абдақавиро пок кард. Либосҳои ӯро дарзмол кард. Наҳорӣ карда натавонист, иштиҳо надошт. Ба соати деворӣ назар афканд. Ақрабаки он дувоздаҳро нишон медод. Баъд аз ду соат Абдуқавӣ монда шуда, аз кор меояд. Имрӯз чор ҷуфт дарс дошт. Ҳамааш маърӯзавӣ. Куброхон ба ошхона рафта гӯшту пиёзу картошка омода кард, шавҳараш шӯрборо дӯст медорад.

Абдуқавӣ дид, ки Куброхон гӯё дар байнашон ягон воқеае нагузашта бошад, орому осуда, мунтазири пешинхӯрии шавҳар аст. Вақте ки зан дастархон густурда, шӯрбо овард, ба чеҳрааш назар афканда, аз лаби варамкардаи Куброхон хиҷолат кашида, ба изтироб афтод.

– Мебахшӣ, ҷонакам, – гуфт ӯ сар хам карда, – ман дар назди ту гунаҳкор ҳастам. Ба назарам чунин расид, ки ман бо фармони касе даст бардоштам, худам ҳеҷ намехостам...

Аз чашмони Куброхон беихтиёр ду қатра ашки сӯзон болои дастархон чакид.

– Шӯрбоя хӯред, хунук нашавад, – бо овози хаста муроот кард ӯ.

Ман як сирро ба ту ошкор накардаам, – гунаҳкорона арз кард Абдуқавӣ, – вақте ки дар Маскав мехондам, боре дар стадиони

Лужники байни ҳаводорони ду командаи футбол ҷанги сахт рӯй дод. Ман аз паҳлӯи онҳо гузашта, ба хобгоҳ меомадам. Ду-се нафар, ки маст буданд, маро аз гурӯҳи мухолиф пиндошта ба сару рӯям беибо заданд. Ман аз ҳуш рафтам. Чашм кушода худро дар беморхона дидам. Майнаам сахт лат хӯрдааст. Маро ду ҳафта табобат карданд. Баъд аз ҳамин воқеа маро ба Душанбе гусел карданд. Аз ҳамон вақт сар карда бадфеъл шудам, аз ҳар воқеаи нописанд зуд асабӣ мешавам, бо одамон ҷанг мепайвандам, худдорӣ карда наметавонам...

Дили Куброхон тах кашид. «Наход майнаи ӯ вайрон шуда бошад», хаёл кард ӯ ва боз худро тасаллӣ дод, ки чунин касро ҳамчун аълохон дар донишкада нигоҳ намедоштанд. Воқеаи дигар ҳам ба хотираш омад, ки донишҷӯён ҳанӯз пеш аз тӯй хандакунон мегуфтанд:

– Аз афти кор Абдуқавӣ Абдурасулович ба шумо сахт ошиқ шудагӣ, бо шумо гапзанон карда истоданамонро бинанд, ҷеғ зада танбеҳ медиҳанд. Ба гирди домони духтарон напечед, мегӯянд.

Куброхон инро ҳазл пиндошта ҷавоб медод, ки он кас ба ҳамшаҳриам чашм нарасад, мегӯянд.

Минбаъд зиндагии онҳо мисоли соявравшан мегузашт. «Нисфи моҳ торик бошад, нисфи дигараш равшан», – мегуфт Куброхон. Абдуқавӣ гоҳо ҳафта-ҳафта монанди абрешим нарм, чун ошиқи дилбохта меҳрубон, мисли як инсони комил ғамхор мешуд. Бо мурури наздик расидани вақти ҳамл намегузошт, ки Куброхон даст ба оби гурму сард занад, анҷоми рӯзгор ва либосҳои чиркинро дар фабрикаи ҷомашӯӣ шӯёнида меовард. Фарши хонаро низ худаш тоза мекард, ҳар ҳафта рӯзҳои истироҳат зану шавҳар ба саёҳати соҳилҳои дарё ва кӯҳу кӯтали Варзоб, Харангон, Ромит ва азбаски Куброхон гулмаҳиро дӯст медошт, ба тарабхонаи Қалъаи Ҳисор мерафтанд. Феълу хӯи Абдуқавӣ ҳавои баҳорро мемонд. Осмони соф ҳам дошту абри тира ҳам, борони раҳмат ҳам меомаду раъду барқ ҳам мешуд. Баъзан кор карда менишасту якбора ҷаста бармехест ва саросемавор тирезаро кушода, ба кӯча дуру дароз чашм медавонд. Ба пурсиши Куброхон ҷавоб медод, ки аз паси тиреза касе туро ҷеғ зад. Кубро то бевақтии шаб дар ошхона дарс тайёр мекард. Абдуқавӣ чанд бор пеши ӯ мерафту бо шубҳа бармегашт, айвон, даҳлез, ванна, ҳатто мабразро аз назар мегузаронд.

– Чӣ гап? Тинҷӣ-мӣ? – мепурсид Куброхон сар аз китоб набардошта.

– Пеши ту касе буд? Бо кӣ гуфтугӯ кардӣ?

– Дарро бинед, қулф аст, калид дар дасти худатон, дар ошёни чаҳорум кадом аҳмақ аз тиреза медарояд, – бо дарду алам мегуфт Куброхон.

Бо вуҷуди ин, Абдукавӣ ҷанҷол мебардошт, ки «пичир-пичир гап задану хандохандиатонро худам шунидам».

– Аз афташ шумо бемор шудагӣ, ба духтур равед, – маслиҳат медод Куброхон.

Ин таклиф шавҳарро ба шӯр меовард.

## ВАСВАСА

Таваллуд шудани нахустфарзанд-духтарчаи дӯструякашон Заррина (моҳи сентябри соли 1972) ба хонадони онҳо хурсандӣ овард. Гӯё ки офтоби саодат тулӯъ кард. Модари ҷавон ҳис мекард, ки Абдуқавӣ меҳрубонтар шудааст. Ӯ аз кор баргашта бо кӯдаки навзод «ағу-ағу» гӯён гапзанон мекард. Волаю садқаи Куброхон мешуд, ки «чунин ситораи рахшонро ба дунё овардӣ, худо хоҳад, фардо моҳи тобон мешавад». Зану шавҳар аз ду тарафи гаҳвора нишаста, чашм аз тифлаки маъсум намеканданд, ҳаракатҳои чашму лаб, хомёза кашидану мижа задан, овоз баровардану табассум карданҳояшро тамошо мекарданд.

– Лабу даҳонаш ба ту монанд, – мегуфт Абдуқавӣ.

– Биничааш теғдор, худи бинии шумо барин, – ҷавоб медод Куброхон. Падару модар, аз лабу даҳон, рӯю абрӯ, чашму пешонаи Заррина ҷойҳои ба ҳамдигар монанди ӯро ҷустуҷӯ ва пайдо мекарданд. Абдуқавӣ кӯдакро аз гаҳвора кушода мегирифту бардошта мегашт. Куброхон олам-олам завқ мекард ва ҳатто «Шумо акнун қиблагоҳӣ шудед, дадаҷонаш» гӯён ба худ ҳазлу шӯхиро раво медид.

Вале хурсандии онҳо дер напоид. Аз охирҳои тирамоҳ сар карда, авзои «қиблагоҳӣ» боз тағйир ёфт. Куброхон тоқат надошт, ки ҳамроҳи ӯ ба мошинҳои ҷамъиятӣ савор шавад. Баногоҳ даст ё паҳлӯи касе аз ҷинси мардина ба ӯ бирасад, шӯре буд, ки барпо мешуд. Ягон ҷавон ё ҷавонмарди шинос салом дода аҳволпурсӣ бикунад, Абдуқавӣ ошуфтаю бесарамҷон мегардид, ӯ ба он шахс талху пичинг мегуфт, ба хона омада аз зан қасос мегирифт.

Куброхон дар ҳузури шавҳар бо мардҳои номаҳрам гуфтугӯ намекардагӣ шуд. Ба салому паёми шарикдарсонаш ҳам бо ишораи

сар ҷавоб медод. Баъзеҳо киноя мекарданд, ки «Куброхон соҳиби сар пайдо кардан боз бо ишораи сар гапзанон мекунанд».

Азобу мушкилиҳои ӯ чандтарафа буд. Азбаски духтарчааш дар хона мураббӣ надошт, Куброхон ӯро ба Исфара, ба паноҳи бибиҷони худ бурда монд. Акнун устухони кӯдак, ки дар ҳукми гул аст, бо шири гов шах мешуд. Вай аз синаи гарм, меҳрубонӣ ва навозиши модар маҳрум буд. Аз ин ваҷҳ низ модари ҷавон сахт азоб мекашид. Духтарчаашро пазмон мешуд, хоб медид ва дар фироқи ӯ ашк мерехт.

Зарринаҷон ягона ғамгусору ғамбарори модар буд. Куброхон бо ӯ гуфтугӯ ва дарди дил мекард, ғаму ғусса берун меоварду хеле сабук мешуд, як ҳарфу ду ҳарф ёд медоду дилаш боғ-боғ мешукуфт. Акнун чӣ? Азбаски хатмкунандаи донишкада буд, дар пеш имтиҳоноти давлатӣ меистоданд, ӯ ҷигарбандашро тез-тез хабар гирифта наметавонист. Нағмаю усули Абдуқавӣ ба инҳо сарборӣ буд.

Аз орзуҳои Абдуқавӣ оид ба таҳсил дар аспирантура ва ҳамроҳи Куброхон ба Маскав рафта, бо роҳбарии олимони бузург ба тадқиқоти илмӣ машғул шудан ному нишоне намонд. Тамоми ҳастии ӯро эҳсоси бузургманишӣ фаро гирифт. «Барои олим шудан дараҷаи илмӣ шарт нест! – мегуфт ӯ. – Дар Тоҷикистон донишманде баробари ман вуҷуд надорад». Ӯ шабу рӯз исрор мекард, ки ба Исфара мекӯчем. Дар ҳамон ҷо Академияи улум таъсис мекунам. Халқ талаб карда истодааст, ки ман президенти он бишавам. Хеле ҷиддӣ мегуфт ӯ. Куброхон фаҳмида наметавонист, ки шавҳараш ҳушёр аст ё девона? Аммо ба Исфара кӯчидан ба дилу нияти Куброхон мувофиқ афтод. Вай дар дил мулк карда буд, ки баъди хатми донишкада як соат ҳам дар Душанбе нахоҳад монд. Куброхон фикр мекард, ки табдили иқлим ва муҳити зист, ҳамнишинӣ бо модар, хоҳару бародар ва хешовандон шояд саломатии шавҳарашро барқарор бикунад.

Куброхон нақшаҳои Абдуқавиро маъқул ёфт.

– Ман хаёл доштам, ки ту дар Душанбе мемонӣ, – ба шубҳа гуфт Абдуқавӣ, – зеро...

Куброхон гапи ӯро бурид:

– Шавҳар куҷо бошад, зан ҳам ҳамон ҷост.

Абдуқавӣ хурсанд шуд.

– Дар Академияи улум ман туро ба худ муовин таъин мекунам, яъне витсе-президент мешавӣ.

Куброхон дарун-дарун месӯхт, ки ин аломати сиҳатӣ нест. Абдуқавӣ, ба қавле, девонаи ба кори худ ҳушёр буд. Чун садоқати занашро бори дигар ҳис кард, дар арафа ва давраи имтиҳоноти давлатӣ кӯмаки худро аз ӯ дареғ надошт. Масоили мураккаби илмиро шарҳ медод, китобҳои даркориро ёфта меовард, ҷойҳои душворфаҳмашро аз русӣ ба тоҷикӣ мегардонд, тахта-тахта қоғазҳои ватманро бо нақшаҳо пур мекард. Ҷӯраҳояш пурсанд, ки «камнамоӣ, Абдуқавӣ?» ӯ кӯтоҳакак ҷавоб медод: «Имтиҳон дорам». Ҳатто рухсат дод, ки занаш ҳамроҳи рафиқонаш дар хобгоҳ ба имтиҳонот тайёрӣ бинад.

Вақте, ки Куброхон охирин имтиҳони давлатиро бомуваффақият супурд, Абдуқавӣ ӯро бо гулдастаи тару тоза муборакбод кард ва дугонаҳояшро ба хона даъват намуда зиёфат дод. Адибаю Назира ҳам иштирок доштанд. Абдуқавӣ гуфт:

– Ҳар дуи шумо хоҳарони ҷонии ман будед ва ҳамин тавр ҳам хоҳед монд. Мо акнун ба Ҷумҳурии Исфара кӯч мебардорем. Куброхонро ҳам мебарам, ӯро ба ҳеҷ кас намедиҳам. Агар майл дошта бошед, ба Академияи улуми Исфара биёед, беҳтарин корҳоро ба шумо медиҳам.

Духтарон ин таклифи Абдуқавиро ҳазл пиндошта хандиданд, аммо Куброхон хиҷолат кашида то буни гӯшҳояш сурх шуд. «Орзу дар ҷавонӣ, айб нест», – иллати рӯҳии шавҳарро рӯпӯш кард зан. Ин охирин меҳмондории Абдуқавию Куброхон дар Душанбе буд. Моҳи августи соли 1973 онҳо ба Исфара кӯчиданд. «Ман омадам ба дилхушӣ, аз пеш баромад ғӯзакашӣ», гуфта будааст як ғамзада. Исфараи азиз рӯҳи Абдуқавиро тозаю дили ӯро осуда карда натавонист. Ӯро дар идораи сохтмони шаҳри Исфара муҳандиси амният таин карданд. Ин асосан кори амалию назоратӣ буда, аз илми назарӣ дур буд. Фикру андешаҳои ӯ дар бораи ташкили шароити мусоиди меҳнат, ки аз хавфу хатар пурра эмин бошад, на ҳамеша ҷомаи амал мепӯшид. Ҷавони боғайрате, ки ҳамроҳи устодони соҳибдил ва донишҷӯёни кунҷков кор кардааст, дар ин ҷо дилтанг мешуд. Дар Душанбе моҳҳои охир ӯ андак ором гирифта бошад, ғалаёни рӯҳиаш дар он ҷо авҷ кард. Дар авзои ӯ нишонаҳои нави бемории рӯҳӣ пайдо шуданд. Дар Душанбе чи қадаре ки беқарору серҳаракат бошад, дар Исфара нофаъол, коҳил, заиф ва муғамбер гардид. Бастаҳои кутубашро болои ҳам тах карда монду ҳатто тугуни онҳоро накушод. Ба хидмат бо дили нохоҳам рафта меомад. Бо одамон унс намегирифт. Ҳар касе ба дидорбинии зан ояд, табъаш гирифт мекард.

Зарриначон саридастӣ шуда, мисли гул хандон гардида бошад ҳам, дили падарро кушода наметавонист, падар ба ӯ эътибор намедод. Бо Куброхон оромонаю мӯътадил сӯҳбат кардан душвор шуда монд.

Зуд ҷунунаш меомад, алав мегирифт, ҳар чизро баҳона оварда, ҷанг мепайваст.

– Аҳмад чаро ба ту нигоҳ кард, Раҳмат чаро дастатро гирифта воҳӯрӣ кард, бо Аброр чаро хандакунон гапзанон кардӣ, Саттор чаро ба хонааш даъват кард ва ғайра ва ҳокозо.

– Бечора писаракам, – мегуфт модари пираш, – ба ӯ илм зӯрӣ кардааст.

Куброхон ба шӯъбаи исфарагии Банки давлатӣ ба хидмат даромад. Инспектор буд ӯ. Иқтисоди сохтмонро назорат мекард.

Вазифаи нав ба оилаи ӯ хурсандӣ наовард, балки боиси зуҳуроти рашку ҷунуни навбатии шавҳар гардид. Куброхон як ҷо наменишаст. Ба ташкилотҳои гуногуни бинокорӣ рафта, тафтиш мекард, ки онҳо маблағҳои аз хазинаи давлат гирифтаи худро дар вақташ ва дуруст истифода мебаранд ё не. Аз ҳамин ҷост, ки бо роҳбарон ва муҳосибон мулоқот мекард, дафтарҳои дахлу харҷ, воридоту содироти онҳоро бадиққат аз назар мегузаронд, маслиҳат медод, дар роҳи бартараф намудани камбудиҳо ва босарфаю саришта истифода бурдани маблағ роҳ нишон медод. Баъзе ҳамкорони Абдуқавӣ дар ягон идора тасодуфан бо Куброхон воҳӯранд, салому алек ва ҳолпурсӣ мекарданд, дар навбати худ беғаразона ба Абдуқавӣ мегуфтанд, ки «имрӯз рӯзи хуб будааст, ҳам шумо ва ҳам келини мӯҳтарамаро дидем». Аз ин лутф Абдуқавӣ ҳаргиз мамнун намешуд, балки ҳолати ботинию зоҳириаш тағйир меёфт, тамоми рӯз асабӣ мешуд, дар дил ба ҳамсари худ лаънату нафрин мехонд, ки корро монда, дар ба дар мегардад ва бо касу нокас риштаи ошноӣ мебандад.

Бегоҳ дар хона аввал қавоқу димоғ, сонӣ маншаю моҷаро, ниҳоят ҷанг мешуду дар бари рухсораҳои Куброхон нақши кабуду сиёҳи дастони Абдуқавӣ зуҳур менамуданд. «Сар кафад таги тоқӣ, дандон бишканад-даруни даҳон» гӯён Куброхон сирри хонаро ба кӯча намебаровард.

Абдуқавӣ борҳо номаълум поида мерафт, ки Куброхон дар идора бо чӣ кор машғул аст. Баногоҳ ягон ҷавонмарде аз риштаи хидмат бо ӯ гуфтугӯ медошт, осмон ба сари Абдуқавӣ фуруд меомад.

– Ҳа, ба ҷои кор чақ-чақ-мӣ? – гумони бадашро махфӣ дошта наметавонист ӯ.

Меҳмон хиҷолат кашида, маъзарат мехост ва шарҳ медод, ки бо масъалаи муҳим ин ҷо омадааст. «Аз девона – ҳазар» гуфтагӣ барин ба нигоҳҳои ҷунуномези ӯ тоб оварда натавониста баромада мерафт.

Куброхон тарсида, баъди анҷоми кор рост ба ҳавлии падару модари худ мерафт. Аммо Абдуқавӣ аз паси ӯ омада, бо зӯрӣ мебурд. Кӯчаҳои қишлоқи Навгилем борҳо шоҳиди ҷангу ҷидоли онҳо гардиданд. Апаи Назирахон ба кунҷи хона даромада, аз бахти баргаштаи духтараш зор-зор мегирист. Бечора Хирадманд домоди нохалафро меҳрубонона ба оғӯш мекашиду аз сару рӯяш падарвор мебӯсид ва дар паҳлӯяш нишонда насиҳат мекард.

– Падарат маро ғуломвор ба хушдоронат созиш доданӣ, – пардаи гулӯяшро дарронда гап мезад Абдуқавӣ. – Намешавад, ман туро ҳам, хушдоронатро ҳам аз дами теғ мегузаронам.

Гургу гӯсфандро дар ду қафаси оҳанин рӯ ба рӯ нигоҳ дошта, гӯсфандро бо серғизотарин хӯрок таъмин кунед ҳам, аз ваҷоҳат, ҳайбат ва нигоҳҳои хунполои гург гӯсфанди бечора рӯз то рӯз лоғару нотавон мешавад ва ба ҳалокат мерасад. Вазъи зиндагии Куброхон ва ҳолати рӯҳии ӯ низ чунин буд. Ҳамеша дар зери фишори тарсу ваҳм рӯз мегузаронд.

Муҳити хонадони Абдуқавӣ бидуни хоҳиш вазъиятро мӯътадил не, балки муташанниҷ мегардонд. Модаре, ки солҳои зиёд дар орзуи домодии фарзанди кенҷааш буд, таманно дошт, ки келинаш шабу рӯз дар хизмати ӯ бошаду мисли гули хандон ҳавлиро оро дода гардад. Аммо Куброхон, ки корманди масъул буд, саҳар мерафту шом бармегашт. На ҳамеша иззату икроми модаршӯ ва дигар аъзои хонаводаро ба ҷо оварда метавонист, на ҳамеша дар вақташ наҳорӣ ҳозир мекарду хӯроки шом мепухт. Модаршӯи ниёзманд ба хизмат аксаран худаш дар хизмати ҷавонон буд. Табиист, ки аз ин хел зиндагӣ орзуи ӯ намешикаст.

– Ба сад умеду орзу келин овардаму умраш дар идораю кӯча мегузарад, – шиква мекард ӯ ба писараш, – наход аробаи рӯзгорро худат кашида натавонӣ? Магар мо мӯҳтоҷи маоши бебаракаи ӯ ҳастем. Маоши зан мисли зангӯлаи дар ба пешонӣ мезанад.

Абдуқавӣ беақлу беҳуш набуд албатта. Вай мефаҳмид, ки Куброхон панҷ соли тамом беҳуда ранҷи таҳсил накашидааст. Фаъолияти ӯ танҳо барои худаш ё оила нест, балки ба манфиати давлату ҷомиа ҳам ҳаст. Бо вуҷуди ин, раҳм ба модару ҷабрро ба зан раво медид.

– Худо занро барои хона офаридааст, – мегуфт ӯ, – муҳимтарин

вазифаи ӯ тарбияи фарзанд аст. Биё, аз баҳри кор бarою хона шин, бечора модар ҳам ғанимат, ба ҳамин кас хизмат карда, дуо бигар.

Куброхон лаб намекушод ва хизмати давлатиро идома медод. Ба табъи модаршӯи анъанапараст, ки умре бо шавҳари соҳибэътиқод ва мӯъмину мусулмони комил гузаронидааст, гоҳо либоспӯшии келин мос намеомад.

– Ба шумо куртаи ӯрусӣ намезебад, духтарам, – нармакак мегуфт ӯ, – банди дастонатон офтоб хӯрда сиёҳ мешавад. Ҳамон юбкатона напӯшед, банди потонба чашми номаҳрамҳо меафтанд. Гуноҳи азим мешавад.

Ин пандҳо ба гӯши Абдуқавӣ низ мерасиданд. Ӯ модарро ҷонибдорӣ мекард. Куброхон, ки духтари ҳозиразамон буда, дилаш аз орзую ҳавас лабрез буд, ин хел маҳдудиятҳоро ба инобат намегирифт. Аҳволи Абдуқавиро фаҳмидан мумкин аст: як тараф модар, ки хоҳиши ӯро ба ҷо овардан воҷиб аст, ҷониби дигар зан, ки озори дили ӯ аламест носавоб. Дар байни ду санг Абдуқавӣ азоб мекашид ва ин бемории ӯро ба хуруҷ меовард.

– Келини бадбахт бечора бачаамро ягон илму амал кардагӣ, – шикоят мекард модаршӯи Куброхон ба ҳаққу ҳамсояҳо, – Абдуқавиҷонам бӯлус барин йигит буд, ҳаваси ҳар бинанда меомад.

Аммо дили «келини бадбахт» ба шавҳараш сӯзад ҳам, ҳеҷ чораю тадбир андешида натавонист. Абдуқавӣ ба духтур муроҷиат намекард, Куброхон доруҳои хуб ёфта биёяд ҳам, аз истеъмоли онҳо даст мекашид.

Занони ҳамсоя маслиҳат доданд, ки ба мазори муқаддас, қадамгоҳи машоих, бузургворон назру ниёз кунанд. Абдуқавиҷонро ба эшонҳои калон хононданд, кӯчонданд, ба келин ҳам дам андохта монанд, онҳоро ба гармухунукчӣ бурда гарм кунанд.

Модари зор мурғи посӯхта барин қарору тоқат аз даст дода, маслиҳати ҳамсоягонро ба ҷо овард, аммо шӯру шарари ҷунун фурӯ нанишаст, балки авҷ кард.

Як шаби тирамоҳи соли 1973 Куброхон ҳеҷ гоҳ фаромӯш карда наметавонад. Шаби даҳшатбор аз вайронии ҳавои рӯз сар шуда буд. Шамоли сахт мевазид. Барги дарахтон рехта, дар ҳаво кабӯтарвор муаллиқ мезаданду парвоз мекарданд. Баъзе дарахтҳои мӯрт қарсосзанон шикаста меафтоданд. Дар хонаҳо чароғи барқ лип-лип карда, аз берабтии сими электр шаҳодат медод. Дили Куброхон бухс кард, дар идора нишаста, корро давом дода натавонист. Аз як ҳамкораш, ки мошини сабукрави «Москвич-412» дошт, илтимос

кард, ки аз рӯи лутф ӯро ба хонааш бурда монад. Ронанда то дарвозаи ҳавлӣ омад. Куброхон аз рӯи таомул гуфт, ки «хона дароед, як пиёла чой хӯрда меравед». Бамаънигию хушодобӣ ҳам мавқеу мақом доштааст. Ӯ ҳам нею нестон накарду «Акои Абдуқавиро як дида равам» гӯён ҳамроҳи ӯ даромад. Абдуқавӣ хашмгин менамуд, авзои ӯ ҳам мисли обу ҳавои он рӯза вайрон буд. Ба саломи зану ҳамкораш «ғурунгӣ» карда алек гирифту бо ӯ бо нӯги даст сардакак вохӯрӣ кард. Ин аҳволро дида ҷавонмард хушгӯи кард:

– Бо ду дасти адаб келинро оварда ба шумо супурдам, акнун иҷозат диҳед биравам.

– Раҳмат барои ғамхориатон, хайриат шумо барин йигитҳо ҳастетон, вагарна Куброхон танҳо мемонд, – пичинг кард Абдуқавӣ.

Замин накафид, ки Куброхон дарояд. Ҳамкораш рафта буд, ки ӯ худдорӣ карда натавониста гуфт:

– Дар ҳамин ҳавои вайрон ӯ меҳрубониашро аз ман дареғ надошт, шумо бошед, ӯро хафа кардед.

– Ин ғӯдайган ошнои наватон-мӣ? Дили нозукашон аз ман ранҷид-мӣ? Мехостед, ки ба оғӯш кашаму дароварда ба паҳлӯятон шинонам? Шумоён сӯҳбату ман хизмат кунам? Тамоми рӯз нӯл ба нӯл монда сӯҳбат мекунед, кам аст магар? – қатор кард Абдуқавӣ.

– Бас-бас – гуфт Куброхон. Гӯр забонам шавад, тавба кардам.

– Тавбаи оддӣ кам аст, – бо ғазаб гуфт шавҳар-туро тавбаи гургона додан даркор аст?! Дар кӯчаю идораҳо гаштанат кам аст магар, ки ба ман пешкаш карда овардӣ!

Абдуқавӣ инро гуфту ба ҳезумхона даромада як табари калонро гирифта баромад.

Куброхон «вой мурдам!» гӯён пои луч аз дарвоза баромада гурехт. Абдуқавӣ аз дастаи табар маҳкам гирифта гӯё туздро дастгир кардан мехоста бошад, сарлучу пойлуч аз қафои ӯ метохт. «Лаънатӣ биист, ки сарата мегирам!» фарёд мезад ӯ. Ноомади корро бинед, ки аз кӯча ягон кас намегузашт. Дар ҳамон ҳолат ба дасташ афтад, шояд қима-қима мекард. Дар роҳи рост ба кадом дар дарояд, аз пасаш зада медаромад ӯ. Ба дасти чап ба аввалин тангкӯча даромаду додгӯён ба як ҳавлӣ рост ба хонаи чароғдор даромада паноҳ бурд.

– Дарро қулф кунед, Абдуқавӣ мекушад маро! – гуфт бо ҳавли ҷон.

Соҳиби ҳавлӣ Абдусабур Холиқов, он вақтҳо сардухтури шаҳр, марди шарифи меҳрубон тозон берун баромад. Ҳамсараш Куброро болохона бароварда пинҳон кард. Вай доду фарёд задани

Абдуқавиро шунида, дар кунҷи болохона гӯё вараҷа гирифта бошад, сар то по дарақ-дарақ ларзида меистод.

– Вай ба ҳамин ҷо даромад! Ёфта диҳед! Сараша мегирам!

– Ором шавед укоҷон, киро мекобед? Ба хонаи мо ҳеҷ кас наомадааст.

– Ҳамон ноҷинса мекобам. Ман дидам, вай ҳамин сӯ метохт.

Акои Абдусабур боз се-чор даҳон гап зада, вақт гирифт ва сонӣ афзуд:

– Агар ба ман бовар накунед, марҳамат дароед, хонаро бинед, лекин табарро партоед, ки бачаҳо метарсанд.

Хашми Абдуқавӣ андак фурӯ нишаст.

– Ба кадом дар даромада бошад, вай аҷина?

– Намедонам, табарро партофта, як пурсуҷӯ кунед, – боз гуфт сардухтур.

– Не, табар даркор мешавад, – гуфт Абдуқавӣ, – хайр, ман рафтам, вай манҷалоқӣ дар ду дунё аз дасти ман халос намешавад.

Акои Абдусабур баъд аз чанд фурсат ба хона даромаданд. Ҳамсарашон Куброро аз болохона гирифта фаровард. Ларзиши тану ҷонаш ҳанӯз давом дошт.

– Як худо гуфтагиат будааст, Куброхон, бало дур шуд, – гуфт он кас, – ба дасташ афтӣ, бугуфтугӯ мекушт. Куброхон шабро дар ҳамин ҷо гузаронд. Бо ӯ дигар имконияти зиндагонӣ кардан набуд. Ӯ ба хотири муҳаббате, ки ба Абдуқавӣ дошт, ба хотири Зарринаҷон, ки аввалин меваи ширини ҳамин ниҳоли боровари муҳаббат буд, аз тамоми хуррамиҳои ҳаёт даст кашида, худро қурбони Абдуқавӣ карда буд. Вале сад афсӯс? Табаре, ки ҳамчун сурати аҷал бо дастаи чӯбини қоқ ва дами тези ялаққосӣ дар дасти Абдуқавӣ бозӣ мекард, на ба по, на ба сар, ба ягон гӯшаи ҷисми латиф ва беолоиши Куброхон нарасида бошад ҳам, ба решаи ниҳоли меҳру муҳаббати ӯ зарбаи ҷонкоҳ зад. Дигар ин ниҳол қомат рост карда натавонист, аз нашъунамо бозмонд, дар ҷои истодааш навдаҳо, баргҳо ва ниҳоят танаи он хушк шуданд. Дар яке аз рӯзҳои сарди моҳи декабри соли 1973 суди халқии шаҳри Исфара Абдуқавӣ ва Куброхонро мувофиқи аризаи тарафайн аз ҳамдигар расман ҷудо кард.

## ДАР БОҒИСТОН

Он вақт Зарриначон ҳамагӣ як солу се моҳ дошт. Ҳоло 24 сола шудааст. Ситорачаи дурахшони модар ба моҳи мунир табдил ёфтааст. Худаш ба шарафи модарӣ ноил гардидааст. Зарринабону ҳамагӣ даҳ понздаҳ метр аз ӯ дуртар хобида бошад ҳам, гӯё муддати мадиде надида бошад, дили Куброхон ба ӯ гум мезад. Вай аз ҷой бархоста ба назди ӯ рафт, пои луч нӯг-нӯги по мерафт то, ки ҷигарбандаш баногоҳ бедор нашавад. Заррина бо дасти рост хоб рафта буд, як даста кокулҳои майдабофаш монанди шохаи маҳини маҷнунбед бари рухсораи чун моҳи чордаҳ пуранворашро пӯшонда буд. Вақти ороми пайваста нафас кашиданаш, синаи ӯ андак медамид. Дар паҳлӯи Зарринабону тифлаки маъсумаш чун шохаи гули муаттар хоб мекард. Модари ҷавону кӯдак ба ёди Куброхон Мадонаҳои Юнони қадимро овард, ки дар Маскав, дар ганҷинаи Третьяков бо назокат ва нафосати худ ӯро мафтун сохта буданд. Куброхон духтар ва набераи худро чанд дақиқа рост истода тамошо кард, боз ба ҷояш баргашт. Ба хоҷагии боғу токдории «Исфара-Лаккон» кӯчиданашон ба хотир омад. Зарриначон навниҳолаки ҳабдаҳсолаи ӯ ҳамдаму ёвари доимии модар буд. Мардҳо бор мефароварданду ӯ чизу чораро ҷо ба ҷо мекард, хона меорост, ҳар як асбоби рӯзгорро мувофиқи завқ дар ҷои худ мегузошт.

Аслан Куброхон ба кӯчбардорӣ шитоб надошт. Аммо вазъият тақозо намуд, ки ба ин кор азм намояд. Роҳи байни Исфара ва хоҷагие, ки ба ӯ роҳбар аст, сӣ-чил километр мебошад.

Ҳар шому саҳар ба ин қадар масофа рафтуомад кардан осон набуд. Куброхон азоб мекашид. Рӯзгораш пароканда мешуд. Вай зан аст, дар ҳар куҷо хӯрок хӯрда нametaвонад, хонаводааш, Зарриначони яккаву ягонааш аз назар дур бошад, фикраш парешон мешуд. Зиндагии дуҷоя маъқул наафтод. Дилаш ба шавҳараш месӯхт.

Ҳабибуллохӯҷа ҷавонмарди меҳнатдӯст аст. Даҳ панҷааш ҳунар. Вақте ки ӯ ҳавлии навро дар Боғистон, дар ҳудуди бригадаи якум ҳамроҳи Куброхон омада дид, чор сӯи онро аз назар гузаронд, ба кулбачаи хоксорона бо диққат ва андеша назар афканду гуфт:

– Шитоб накунед Куброхон! Ман онро аз нав месозам. – Ҳабибуллохӯҷа марди лафз буд. Бо падарарӯсаш Обидхоҷа маслиҳат орост, ӯро низ оварда ҳавлиро нишон дод ва ҳар ду нишаста нақшаи хонаю айвони нав, ошхона ва манзили бачагонро тартиб доданд. Хайрият, ки падари ғамхор нафақахӯр ҳастанду ҳамеша ба ин сохтмон роҳбариро ба ӯҳда гирифтанд. Ҳабибуллохӯҷа хешован-

донашро ба сохтмон ҷалб кард. Худаш ҳам пас аз дарс ва рӯзҳои истироҳат вазифаи як бинокорро ба ҷо меовард. Ҳашар равнақ ёфт. Ва дар як муддати кӯтоҳ се хонаи истиқоматӣ қомат афрохт.

– Дастатон гул, дадаҷонаш, – гуфт Куброхон хонаҳои навро тамошо карда, – илоҳӣ бахосият шавад ин манзил.

Хирадманд ояти Қуръон хонда, ба фарзандони дилбандаш насиб кардани манзили навро орзу намуд.

Куброхон аз дил гузаронд, ки андак пештар дар бари коргарон набудани ӯ дар ҳар сари қадам ҳис карда мешуд. Нохалафҳо ҳосилоти хоҷагиро ба ғорат мебурданд. Акнун кор осон мешавад. Моҳи сентябр, ки Куброхон чун директор ба кор шурӯъ кардааст, давраи ғунучини себу ангур буд. Ҳамон вақт ӯ аз Ҳорис Умеркин, сарагрономи хоҷагӣ марди тотори соҳибтаҷриба пурсид, ки корро аз чӣ бояд сар кард? Ӯ ҷавоб дод: «Аз себчинӣ».

Бале, ин марди резапайкари камгап, ки зиёда аз чил сол гармою сармодида, шарики ба боғу бӯстон табдил ёфтани даштҳои синабирён будааст, нағз медонист, ки меваи пухтаро дар сари вақт нағундоранд, талаф меёбад. Вай дар муддати 21 соли сарагрономиаш бо ҳазору як хел одам ҳамкору ҳамнишин шуда, нағз фаҳмидааст, ки баъзе ашхос ба моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ раҳм надоранд, кисаи худ ва кисаи халқро фарқ карда наметавонанд, вале аз ҳисоби худ ба хазинаи давлат чизе илова накунанд ҳам, аз ганҷинаи давлат рабуданро дӯст медоранд. Ин аст, ки аз мушҳои дупо эҳтиёт кардани себи хоҷагиро вазифаи аввалиндараҷа мешуморанд.

Ин сирро аз ҳама беҳтару бештар Гулафзо Савриддинова медонист. Аз ҳамин ҷост, ки ӯ ба Куброхон қотеъона гуфт:

– Ҳар қадар зудтар кӯчида равед, хоҷагии Боғистон ҳамон андоза манфиат мебинад. Директори совхоз натанҳо ташкилотчии кор, балки чашми бедори давлат ҳам ҳаст.

Худи Куброхон ҳам фикр кард, ки аҳли хоҷагӣ ба роҳбари худ бо ҳар масъала шаб ҳам, рӯз ҳам муроҷиат карда метавонанд. Зиндагӣ бе тӯю сур, бе маргу мотам, бе гуселу истиқбол, бе сӯхтану сохтан ва амсоли инҳо намешавад. Бинобар он натанҳо бо халқ наздик, балки дар мағзи он бояд буд.

Куброхон Собитова пеш аз ҳама кормандони идораи хоҷагии Боғистонро ба ҳузури худ бихонд. Аз котиба то сармуҳосиб ҳама ҷамъ шуданд. Ҳар яке шояд фикр мекард, ки дар давоми понздаҳ-шонздаҳ сол ӯ сеюмин раис мебошад. Ку, бубинем, аз занҳои собиқа

чӣ фарқ дорад? Маҳбуба Содиқова чаҳордаҳ сол сарварии хоҷагиро дар ӯҳда дошт. Ин зани миёнақади малланакшро бо хӯю хислати мардонааш мардум то имрӯз ҳурмат мекунанд. Ӯ нисбати танбалону коргурезон, ғоратгарони моликияти давлатӣ ва вайронкорони ахлоқи ҷомеа тунду бешавқат будааст. Ин тоифа ӯро дар кӯча ё идора бубинанд, пинҳон мешуданд. Вай роҳбари ғамхор будааст. Бо саъю ҳаракати ӯ дар хоҷагӣ бисёр иморатҳои давлатӣ қад афрохтанд, ки деҳқонон дар онҳо бо осудагӣ зиндагӣ ба сар мебаранд. Алоқадри ҳол боғ офариду обшор кард.

Нубувват Исроилова дуюмин зан буд, ки ба ин ҳоҷагӣ андар якдигар ду сол роҳбарӣ кард. Ӯ то ин вақт таҷрибаи кори роҳбарӣ надоштааст. Аввалин маротиба мустақилона ба хидмати хоҷагии калон ва сермашғал шурӯъ намудааст. Вай зани хеле нарму малеҳ буд. Дарахти фаъолияти ӯ дар ин ҷо реша давонда натавонист. Ҳанӯз муаммоҳои кори деҳро наомӯхта, ӯро ба вазифаи дигар гузарониданд. Инак, раисаи нав Куброхон Собитова. Ҷуссааш бузург набошад ҳам, ба қавли мардум сару салобати роҳбарӣ доштааст. Дар курсии роҳбарӣ бо эътимоди том нишаст.

– Ҳамкорони мӯҳтарам! – муроҷиат кард ӯ ба ҳозирин. – Мою шумо аъзои як оила ҳастем. Назар ба хонаи худ дар идора умрамон бештар мегузарад. Мо ҳамдигарро нағз шинохта бо дили соф ҳамроҳ хизмат карданамон лозим аст. Ҳозир аз ҳар кадоми шумо хоҳиш мекунам, ки бо навбат худро муаррифӣ кунед. Кадом вазифаро дар ӯҳда доред, бигӯед?

Ба ҷуз сарагроном ва сариқтисоддон ҳама як-як аз ҷо бархоста худро муаррифӣ карданд. Онҳо бисту шаш нафар будаанд. Куброхон ҳофизаи мустаҳкам, чашмони гиро ва гӯшҳои шунаво дорад. Ҳамаи онҳоро бо ному насаб, чеҳра ва овози хосашон дар хотир нигаҳ дошт. Дар поёни ошноӣ зоотехники пешбар Муталлиб Латифов ба мудири устохонаи таъмири мошинҳо Муҳаммадамин Алиевро бо ному насабашон хитоб карда гуфт, ки рӯйхати навъҳои чорво ва мошину тракторҳои дурусту вайронро пешниҳод кунанд. Аз ҳамаи ҳозирин хоҳиш намуд, ки ба маҷлиси бегоҳӣ иштирок намоянд, дар он ҷо гапҳои муҳим хоҳад шуд.

– Акнун хоҳиш мекунам, ки сармуҳосиб Абдуҷамил Расулов ва сариқтисоддон Бобохон Ҳоҷиев бимонанд, ба дигарон ҷавоб, – оромона гуфт роҳбари нав.

Сармуҳосиб ҷавонмарди чил-чилу панҷсолаи газгӯшт, ки чашмони зирак дошт, ҳамроҳи сариқтисоддон, ҷавонмарди тануманди

васеъпешона монданд.

Куброхон ҳамроҳи онҳо дар бораи накшаҳои хоҷагӣ сӯҳбат кард, ҳаҷм ва микёси хоҷагиро муайян намуд.

– Хоҷагии мо аз даҳ бригада иборат аст, – гуфт Абдуҷамил Расулов – 377 гектар зардолузор, 100 гектар майдони себ дорем. 280 гектар токзор ҳаст. Умуман ҳамаи майдони хоҷагӣ 433 гектар мебошад.

Сармуҳосиб рақамҳоро хуб медонистааст. Майнаи ӯ мисли мошини ҳисоббарор дақиқ кор мекард.

– Оё ҳамаи ин майдонҳо ҳосил медиҳанд? – пурсид Куброхон.

– Аз сад гектар себзор 84 гектари он ҳосилдеҳ аст, – гуфт сармуҳосиб. – Токзорҳо, агар нағз нигоҳубин шаванд, пурра ҳосил медиҳанд. Афсӯс, ки дуздиро барҳам дода натавонистем, вагарна аз ин токзор то ҳазор тонна ангури шаҳдбор рӯёнидан мумкин аст. Аз якуним тонна бештар себ гирифта метавонем. Зумраи ноинсофон ҳастанд, ки вақти зардолупаз чашмро хато карда ба ғорат мебаранд. худи ҳамин сол ҳазор тонна зардолу ба даст овардем. Куброхон ба дафтари ёддошти худ баъзе рақам ва масъалаҳоро навишта монд. Сонӣ рӯ ба иқтисоддон овард.

– Масъалаҳои иқтисодӣ бисёранд, – лаб ба гуфтор кушод ӯ сар хорида. – Аввалан зиндагии моддии коргаронро беҳтар кардан зарур аст. Маоши онҳо ҳанӯз пурра ба танзим надаромадааст. Халқ дар вақт-вақташ маош намегирад. Яке аз сабабҳои дуздӣ ҳамин аст. Худи хоҷагӣ низ эҳтиёҷи зиёд дорад. Бо ташкилотҳои гуногуни мамлакат шартномаҳо бастан даркор, то ки мева дода ба ивазаш ҷӯбу тахта, сӯзишворӣ, хӯрокворӣ гирифта тавонем. Даромади пулии хоҷагӣ кам аст, ба чор миллион намерасад.

Аз сӯҳбат Куброхон фаҳмид, ки дар хазина ва анбори хоҷагӣ чӣ ҳасту чӣ нест. Хоҷагии боғдорӣ аз кадом ташкилотҳо қарздор аст ва кадом муассисаҳо аз онҳо қарз доранд, чӣ қадар мошинҳои кишоварзӣ ҳастанд, захираи сӯзишворӣ вуҷуд дорад ё не.

Куброхон дар поёни сӯҳбат пурсид, ки оё ба ӯ саволе ҳаст?

– Савол нест, – гуфт сармуҳосиб.

– Мақсадро худатон баён кардед, – аз ҷой бархост сариқтисоддон, – боварӣ, интизом, иҷрои вазифа. Инҳо ба мо низ дахл доранд. Онҳо рафтанд.

Худи ҳамон рӯз Куброхон мутахассисону коршиносон, саргроном ва дигар агрономҳо, саркорҳои номдор, бригадирҳо, обронҳои ботаҷриба, бинокорон ва дигарҳоро даъват карда, маҷлиси машваратӣ орост, ки дар он Ҳорис Умеркин, Икромиддин

Наҷмиддинов, Мулло Маънавӣ Ҳотамов, Ӯктамҷон Мелиев, Ҳикматҷон Ӯлмасов, Инъомҷон Деҳқонов, Абдураҳим Ҳасанов ва дигарҳо ширкат варзиданд. Иштироки нафақахӯрҳо, ду нафар аз поягузорони хоҷагӣ Бойбобо Шамсиев ва Назирҷон Ӯлмасов, ки ҳар ду ҳам бо даъвати Куброхон омадаанд, ба маҷлис нуру тароват ато карданд. Раиса пас аз салому алейк ва аҳволпурсӣ изҳори ақида кард, ки аз истиқболи самимонаи сокинони Боғистон хеле шод аст. Акнун бояд ҳама якҷоя хизмат карда, хоҷагии «Исфара-Лаккон»-ро ба марҳилаи нави тараққиёт бирасонанд. Бинобар ҳамин ӯ мехоҳад бифаҳмад, ки дар навбати аввал ба кадом масъалаҳо эътибор додан даркор аст. Аз ҳар тараф таклиф шуд, ки ба маҷлиси машваратӣ собиқадори меҳнат, таърихи зиндаи хоҷагӣ Бойбобо Шамсиев ҳусни ифтитоҳ бубахшанд.

– Ҳазор раҳмат бародарони азиз, аз Шумо, духтарам раиса ҳам миннатдорам, – ба Куброхон муроҷиат кард пирамарди қоқинаи болобаланд Бойбобо Шамсиев, ки яктаҳи сафед ва риши кӯтоҳи нуқрафомаш чеҳраи ӯро нуронитар мекарданд, бале миннатдорам, ки ман ва дӯстам Назирҷон саркорро ба ин маҷлис муносиб дидаед.

Ӯ оҳиста-оҳиста, дар байни гап нафас рост карда, изҳори фикр менамуд:

– Гоҳу ногоҳ таърихро ёдоварӣ кардан аз фоида холӣ нест. Як идораи калон буд. Номаш иттиҳодияи давлатии боғдории Тоҷикистон. Боғистони «Исфара-Лаккон» баҳори соли 1932 бо фармони ҳамон идора ба вуҷуд омад. Он вақт коргарони зиёд надошт, ҳамагӣ 27 нафар кор мекарданд. Ман, бачаи ноболиғи 16 сола, бисту ҳаштум шуда, ба кор шурӯъ кардам. Мо дар давоми як сол 57 гектар замин кушодем, ниҳолҳои себу зардолу шинондем. Директорамон Чистков, сарагрономамон Белик, ҳардуяшон ҳам урусҳои нағз, меҳрубон ва ғамхор буданд. Ман корро аз чӯббандӣ дар бари ниҳолҳои нав сар кардам, то ки ба он офат нарасад ва тезтар сабзад. Сонӣ хизмати ҳалоламро ба назар гирифта, ҳисобчӣ таъин карданд. Баъд хондаму як йигитба чил ҳунар кам гуфта, ронанда шудам. Ҷанги Гирмон сар шуд. Панҷ сол ватана мудофиа кардам. Назирҷон чӣ будани вай ҷанга медонанд, ҳардумо ҳамяроқ будем. Ярадор ҳам шудам. Умр боқӣ будааст, бо меҳрубонии Худо ба Ватан баргаштам. Механик мешавӣ гуфтанд, механикӣ кардам. Чанд сол боз нафақахӯр ҳастам.

Мӯйсафед бо ду ангушт лабҳояшро пок карда, ришашро аз рӯи одат бо нӯги ангуштонаш шона кард, нафас рост карду ба раиса рӯ

овард:

– Бас-мӣ ё боз гап занам?

– Чӣ қадар хоҳед, гап занед, падар, – хоҳиш кард Собитова.

– Ман чӣ гуфтанӣ? Дар ҳамин Боғистон кор ва зиндагӣ карда, 15 раисро дидам, шумо духтарам Куброхон, раиси шонздаҳӯм ҳастед. Ба ин вазифа ҳеҷ кас доимӣ намемонад. Аммо номи нек абадӣ боқӣ мемонад. Номи нек аз кори нек ҳосил мешавад. турная омаданашба нею рафтанашба нигоҳ кардан даркор, роҳбар агар аз худ нақши хуб нагузорад, халқ зуд фаромӯш мекунад. Обу ободӣ гуфтаанд. Об барои дарахтони мева ҳам зарур, ба пиру бева ҳам зарур. Халқи мо то ҳол оби кашонида мехӯрад. Тамоми қувваю ғайрата сарф карда, ба манзили мардум оби равон овардан даркор. Савоб аст ин!

Куброхон таклифҳои пирамарди оқилро ба дафтари худ менавишт.

– Ҳозир тамом мекунам, духтарам, гапам рӯдаи гов барин дароз шуд, – гуфт Бойбобо Шамсиев ва илова кард:

– Дар айёми ҷавонии мо одамон аз ҳаққи кас ҳазар мекарданд. Чашми мардум сер буд. Ба назди идораи совхоз картошка, сабзӣ, пиёзро кӯҳ барин рехта мемонданд. Ҳеҷ кас як донаашро гурусна бошад ҳам бе иҷозат намегирифт. Себу ангур, зардолую шафтолуро ҳам бе пурсиш намебурданд. Дар давраи ҳозира дуздию мардумфиребӣ авҷ кардаанд. Кадом рӯз ҳамроҳи Назирҷон-саркор аз паҳлӯи як зардолузор гузаштем. Се ҷавонмард саросемавор зардолуҳоро ба мошин бор мекарданд. Чашмонашон беҷо буд. Якташа шинохтам. Зардолуи давлата бе иҷозат нагиретон, писарҳо, гуфтам. Медонед, чӣ ҷавоб доданд?

– Чӣ анбори давлат кам мешавад-мӣ? Ба роҳатон рост равед, ки мошина аз болотон ҳай накунам!

– Кӣ буд вай?

– Номаша гӯед бобо!

– Ҷазоша медиҳем!

Аз байни ҳозирон ҳамин хел нидоҳо шунида шуд.

– Ҷазои ин дуздонро худи Худо дод, – гуфт мӯйсафед, – мошинаҳошон дар роҳ поскуноҳ шуда, ҳар се ба он дунё рафтаанд. Аз шумо духтарам Куброхон, илтимос мекунам, ки дуздия нест кунед. То дуздӣ ҳаст пояи давлат мустаҳкам намешавад. Гап тамом, ба ҳамаатон аз даргоҳи Худованди карим тансиҳатию барори кор металабам.

Куброхон аз суханронию пандҳои Бойбобо Шамсиев изҳори

миннатдорӣ карда, аз ҳозирин пурсид, ки акнун навбатро ба кӣ диҳем?

– Акои Борис гап зананд, – гуфт касе, – он кас хоҷагиро панҷ панҷаашон барин медонанд.

Куброхон ӯро хуб мешинохт, марди меҳнатдӯсту хоксорест. Худаш тотор буда ному насабаш Ҳорис Умеркин бошад ҳам, азбаски бо мардуми маҳаллӣ дерест унс гирифтааст, бархе ӯро «Акои Борис», ҷавонтарҳо «Амаки Борис» мехонанд.

Ҳорис Умеркин боло шуд, сухан оғоз кард. Қадаш паст бошад ҳам, овозаш баланд буд. Бо забони тоҷикӣ равшану гӯё изҳори андеша мекард.

– Падари азиз Бойбобо Шамсиев ҳаққи гапро гуфтанд, – эҳтироми пирамардро ба ҷо овард ӯ, – муҳимтарин масъалаи ҳаёти мо бо об таъмин кардани хоҷагӣ мебошад. Совхоз аз се канал об мехӯрад. Дар вақташ аз дарёи Исфара, аз паҳлӯи Осоишгоҳи Зумрад се канал кушода будем.Дутои он канали «Кӯлканд» ва «50-солагии Тоҷикистон» дар хоҷагии мо анҷом меёбанд. Канали сеюм канали «Чилгазӣ» то қишлоқи Лаккон – «Совхози 100-солагии Ленин» рафта мерасад. Ғайр аз инҳо ду истгоҳи насос аз зери замин об мекашанд, бисту ду скважина-чоҳи обкашӣ кор мекунанд. Бо вуҷуди ин боғу қитъаҳо нашъунамо намекунанд. Ҳаёт вусъати хоҷагӣ, кушодани заминҳои навро тақозо менамояд. Бинобар он сарчашмаи нави обро ёфтан даркор аст.

Акои Борис ба маънои суханро давом диҳам ё не, ба чеҳраи раиси нав назар афканда, сукут варзид. Куброхон савол дод:

– Боз чӣ хел таклифҳо доред?

– Ба хоҷагӣ ҳусни ҷавонӣ ато бояд кард, – далеронатар ҳарф зад сарагроном. – Дарахтони пири бемор ва камҳосилро аз байн бурда, ниҳолҳои нав шинондан лозим аст. Ба ҳамаи токҳои ангур, дарахтони себу зардолу, бодому шафтолу ва ғайра беҳтару бештар нигоҳубин кардан даркор аст. Дигар масъалаҳоро дар рафти кор дида мебароем, – гуфт Умеркин ва нишаст.

– Сариқтисоддон чӣ гуна андешаҳо доранд? – ба Бобохон Ҳоҷиев навбати сухан дод Куброхон.

Худи ҳамин рӯз ин дуюмин мулоқоти раиса бо ӯ буд. Дар сӯҳбати якум Бобохон нағз фаҳмида гирифт, ки худи Куброхон низ иқтисоддон аст, дар як муддати кӯтоҳ иқтисодиёти хоҷагиро аз вай беҳтар мефаҳмидагӣ мешавад. Аз ҳамин ҷост, ки изҳори фазлро ба худ муносиб надид. Вай фикр кард, ки ба ҳимояи ҳуқуқ ва беҳдошти

рӯзгори аҳли совхоз сухан рондан беҳтар мешавад.

– Ду таклиф дорам, – боло шуд ӯ, – аввал ин ки халқи Исфара-Лаккон аз ҳар тараф омадаанд. Онҳо то ҳол худро муқимӣ намешуморанд. Чунки дар хонаҳои давлатӣ зиндагӣ мекунанд. Агар мо манзили мардумро хусусӣ кунем, меҳри онҳо ба ин диёр меафзояд. Таклифи дуюм аз ҳамин иборат аст, ки ба сокинони хоҷагиамон участкаҳо, заминҳои наздиҳавлигӣ доданро як ба мулоҳиза гирифтан даркор будагист.

Бобохон дид, ки ҳар ду таклифаш ҳам ба Куброхон маъқул шуд. Аз ин рӯ мехост, ки боз чанд фикри дигар бигӯяд, аммо андеша кард, ки қадри сухан дар кӯтоҳии ӯст. Падари деҳқонаш Ҳоҷихон Аҳроров, ки дар зодгоҳаш Чилгазӣ обрӯю эътибори зиёд дошт, ба ӯ аз айёми бачагиаш нигоҳ доштани иззати худ ва дигаронро ёд додааст. Вай таълиме дод, ки:

Сухан санҷида гӯ, то дӯстро душман магардонӣ,
Зи ҳарфи бетааммул ошно бегона мегардад.

Панҷ соли таҳсил дар факултаи иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, таълиму тарбияи устодони донишманд, хизмати ҳарбӣ, хизмати бетанаффус дар хоҷагии Боғистон аз соли 1969 то имрӯз Бобохонро хеле бомулоҳизаю дурандеш карда буданд. Бесабаб нест, ки ӯ аз соли 1972 сар карда, вазифаи хеле масъулиятнок – сариқтисоддони совхозро ба ҷо меоварад. Оиладор, соҳиби зану фарзанд, яъне як инсони шарифест. Ин аст, ки ба ҷои идома додани фикру андеша ӯ дар поёни сухан гуфт:

– Шумо, Куброхон Обидовна, бо камоли эътимод кор кардан гиред. Ҳамаи мо дар атрофи шумо муттаҳид мешавем.

Изҳори ташаккур мекунам, – гуфт раиса, – албатта бе кӯмаки мутахассисон як худи ман ҳеҷ масъаларо ҳал карда наметавонам. Ӯ боз ба аҳли маҷлис муроҷиат намуданӣ буд, ки як марди тахминан 50-55 солаи резапайкари чорпаҳлӯ, малланақши фирӯзачашм бо ихтиёри худ аз ҷой бархост.

– Ман Икромиддин Наҷмиддинов, раиси Шӯрои ҷомиаи меҳнатии ҳамин хоҷагӣ мешавам, – худро муаррифӣ кард ӯ. – Қувваи ҳар хоҷагӣ халқи заҳматкаш аст. Азбаски совхози мо дар дашти алайно ташкил шудааст, халқи он омадаҳо мебошад. Тахминан ҳафтод фисади он аз Чилгазӣ, бист фисад аз Кӯлканд, як миқдор аз Лаккон омадаанд. Сӯхиҳо ҳам ҳастанд, ӯзбекҳо низ зиндагӣ мекунанд. Одамони таҳҷоӣ нестанд. Ҳама мошу биринҷ барин омехта-

анд. Табиат ва хӯю хислати гуногун доранд. Аксарияти директорҳои совхоз бо ин мардуми рангоранг забон ёфта натавониста корро партофта рафтаанд. Агар роҳбар аз байни худи ҳамин халқ набаромада аз берун омада бошад, сахт азоб мекашад. Ин як. Роҳбари нав мардумро намешиносад, дар интихоб ва ҷо ба ҷо гузоштани кадрҳо мушкилиҳо пеш меоянд. Ин ду. Дар ин хоҷагӣ одамони кордони соҳибтаҷриба, мутахассисон ва ташкилотчиёни моҳир ҳам ҳастанд. Муовини директори совхозро аз байни ҳамонҳо таъин кардан даркор. Ин се. Чорумаш ҳамин, ки барои ҳаллу фасли масъалаҳои ҷорӣ ва пешбурди хоҷагӣ бо шӯрои меҳнатӣ маслиҳат карда истоданро лозим мешуморад.

Хулосаи гап ин аст, ки тақдирамон будааст, бо сеюмин зан кор кардан лозим меояд. Зан синаи раҳм аст, нарм ва қобил бошед, ҳама ба саратон баромада мегирад. Мисли Маҳбубахон Содиқова сахт меистед, чунки одамони мо некиро намефаҳманд, зулмпарваранд.

Раиса аз дил гузаронд, ки фикрҳояш ҷолиби таваҷҷӯҳанд, аммо нотиқ мақсади асосиашро изҳор накард. Ӯро омӯхтан шарт аст.

Сипас бригадирҳои дигар, мутахассисҳои соҳаҳои мухталифи хоҷагӣ ҳамагӣ нӯҳ нафар изҳори ақида карданд. Дар поёни маҷлис Куброхон Собитова аз ҳамаи иштирокдорон ва нотиқҳо изҳори сипос намуда гуфт:

– Муҳимтарин таклифҳои шумоёнро навишта гирифтаам, бисёр фикру андешаҳоятон сазовори таваҷҷӯҳ ба омӯзиш мебошанд. Аммо вохӯрии имрӯза ибтидои кор аст, минбаъд дари идора барои ҳамаатон кушода аст. Ягон фикри тоза, маслиҳати муфид ё муаммое пайдо шавад, саҳар ё шом омада даромадан гиред. «Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад», гуфтаанд бузургворон. Ҳамаамон хоҳару бародар шуда чун як ҷону тан кор мекунем. Дар пеш кори бисёр ҳаст. Ман қаду бари хоҷагиро ваҷаб ба ваҷаб дида мебароям, дар майдонҳо, бошишгоҳҳо, боғзору токзор ва ғайра бо коргарони қаторӣ вомехӯрам, аз фикру зикр ва дарди дили онҳо низ огаҳ мешавам. Акнун баъзе андешаҳои худро роҷеъ ба ҳамкориамон гуфтанӣ ҳастам. Аввалин чиз, ки аз шумо таманно дорам, бовар ба ҳамдигар аст. Ҳамаамон бояд ошкорбаён бошем, ҳеҷ гапу корро аз якдигар махфӣ надорем. Дар муомилаю муносибатҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ дурӯғгӯӣ, фиребу найранг набояд роҳ ёбанд.

Ҷамъомадагон маънидорона ба ҳамдигар назар афканданд.

Куброхон ба суханони худ идома дод:

– Дуюмин чизе, ки талаб мекунам интизоми меҳнат аст. Дар

вақташ ба хизмат омадану дар вақташ рафтан кам аст, балки ба кори худ пайваста машғул шудан даркор аст.Бекор нишастан ба анъанаҳои халқи тоҷик бегона аст. «Аз бекор – худо безор» фармудаанд хирадмандон. Ва ниҳоят ҳар кас ӯҳдадор аст, ки вазифаи худро нағз, аз рӯи виҷдон, софдилонаю дилсӯзона ба ҷо оварад. Ҳар шахсе, ки ҳамин ва дигар талаботи роҳбарияти хоҷагиро риоя намекунад, бо мо кор карда наметавонад.

Ҳозирин бори дигар ба ҳамдигар чашм андохта ба маънои «қабул» сар ҷунбониданд. Ҳеҷ кас савол надод. Маҷлис хотима ёфт. Икромиддин Наҷмиддинов пеш аз рафтан ба назди раиса омада, изҳори хурсандӣ кард:

– Ҷони гапро гуфтед. Ана ҳамин хел устувор бошед, серталаб шавед.

* * *

Куброхон ба ду бех дарахти зардолу, ки дар ду тарафи кат қомат афрохтаанд, алоҳида-алоҳида нигоҳ карда, манзараҳои кишварро дар чор фасли сол як-як пеши назар овард. Тобистон рафта, тирамоҳ фаро мерасид. Ҳар фасл ҳусну тароватӣ хосса дорад.

Тирамоҳи Исфара аз баҳораш зеботар аст. Тирамоҳи Боғистон дилработар. Агар аз доманаи кӯҳҳои Ганҷак ва Ғузлон ба хоҷагии боғу токдории «Исфара – Лаккон» бо муҳаббат назар андозед, баҳри сабзу хуррамеро мебинед, ки зиёда аз ҳазор гектарро фаро гирифтааст. Мавҷҳои он чашм мебаранд, аммо дил мекушоянд. Дар ин баҳри пурвусъат майдонҳои себу зардолу, бодому шафтолу, қитъаҳои ангурзор нашъунамо меёбанд, мардони фидокор ва занони зарбдор, ҷавонони олиҳиммат ва духтарони волаи ишқу муҳаббат заҳмат мекашанд. Ҳарчанд, ки деҳқонон дарахтҳои зардолуро тобистон афшонида, ҳосилашро ҷамъоварӣ кардаанд, барги дарахтон зарду сурх шуда, дар чашми бинанда ҳамчун тангаҳои тиллоӣ ҷило медоданд. Себҳои тирамоҳӣ фаровон буданд. Дарахтҳои себ чунон серҳосил шудаанд, ки шохҳояшон мисли наварӯсҳо таъзим мекарданд. Сурху кабуду зарринрӯ – онҳо дили ҳар бинандаро мерабуданд. Шохҳои баландтари дарахтҳои шафтолу низ аз ҳосил тамоман холӣ набуданд. Биҳиҳои ҳамчун қаҳрабо зарди хушнамуд ба ҳусни Боғистон ҳусн афзуданд. Токҳои ангур боз олами дигар аст. Ҳар занги ток навдаҳои сершумору ҳар навда сарҳои бешумори ангури шаҳдрез дар бар кардаанд. Кишмишҳои сафеду сиёҳи бедона, дили кафтар, ҳусайнӣ, тоифӣ ва анвои дигари ангур Боғистонро ба гули-

стон табдил додаанд. Бӯи муаттари онҳо ба димоғ нашъа бахшида касро беихтиёр сархуш мекарданд. Турфа манзарае дошт хоҷагии боғу токдории «Исфара – Лаккон».

Куброхон Собитова ҳамроҳи Ҳорис Умеркин қитъаҳои мисли хонаҳои шоҳмот зебою муназзами себу ангурро пиёда аз назар гузаронида, миқдору сифати онҳоро меомӯхтанд. Аз шарфаи роҳравӣ ва садои гуфтугӯи онҳо села-села сочҳо, ки маза карда ангур мехӯрданд, парида мерафтанду ба қитъаи дигар менишастанд.

– Боигарии табиату офати ангурҳоанд ин мурғони ҳаво, – гуфт Ҳорисҷон-посбонҳо дафъ карда наметавонанд, аз як қитъа ба қитъаи дигар парвоз мекунанду боз ғоратгариро давом медиҳанд.

Ғоратгарони ҳавоӣ дарди бахайранд, онҳо то сер шудан мехӯранд-ба ҳамсӯҳбати худ чашми диққат дӯхт Куброхон. – Аз ғоратгарони заминӣ эҳтиёт бояд шуд. Онҳо ҳам мехӯранд, ҳам мебаранд.

Онҳо гапзанон аз токзор ба себзор гузаштанд. Дарахтҳо ҳар қадар сербор бошанд, рӯи замин низ ҳамон андоза пурбор буд. Дар зеру рӯи алафзорҳои боғистон себҳои рангоранги бисёр рехтаю пӯсида хоб мекарданд. Куброхон хам шуда се-чор дона себҳои калон – калонро аз замин бардошт, ки ҳанӯз ҷурме надоштанд .Як-ду рӯзи дигар онҳоро чида нагиранд, албатта, мепӯсанд.

– Ин ҷиноят аст, – оташин шуд раиса-наход ҳаминҳоро ғундошта гирифтан кори душвор бошад?

– Қувва намерасад, – ҷавоб дод Ҳорисҷон, – муаллимон ва хонандаҳои мактабро ҷалб кардем, ҳамаи онҳо пас аз дарс ба себчинӣ мебароянд.

Дар мавсими мевачинӣ онҳоро пурра ба кор ҷалб кардан лозим аст, чунон ки пахтакорҳо мекунанд. Бо мудири маорифи халқ гапзанон кардан даркор аст. Аз шаҳр ёрдамчиёнро бештар даъват мекунем.

Онҳо роҳро бурида ба майдони дигар гузаштанд. Занону мардон, ҷавонону духтарон машғули себчинӣ ва ба яшикҳо андохтани мева буданд. Ҳамроҳи сарагроном раиси наврo дида, салому алек карданд ва дар гирдашон ҳалқа гирифтанд.

– Инҳо аъзои бригадаи дуюм, сардорашон Талъатбек Ҳомидов – муаррифӣ кард Ҳорисҷон.

– Монда нашавед, корҳо чӣ тавр? – гуфт Куброхон ба чеҳраи онҳо назар дӯхта.

– Саломат бошед, нағз, – ҷавоб доданд онҳо.

– Бригадир куҷост?

– Барои мошин рафтанд, – гуфт ҷавонмарди лоғари қоматбаланд. – Ронанда ваъда дода буд, аммо наомад.

– Чанд гектар боғ доред.

– Чилу шаш гектар, – боз ҳамон шахс ҷавоб дод.

– Аз ҳар гектар чӣ қадар себ мечинед?

– Дусад-дусаду даҳ сентнер.

– Ҳамааш чӣ қадар мешавад?

– Инаша биргад медонанд.

– Нақшаи солона иҷро мешавад?

– Гоҳо мешавад, гоҳо не – гуфт он шахс, – ин ба ҳосил вобаста-аст.

– Зиндагӣ бад не, мешавад, – аз ҳар калла як садо баромад.

– Нағзиаш аз чӣ иборат? – боз пурсид раиса.

– Нону чой ҳаст, шаккароб ҳаст, – ҷавоб доданд ду нафар.

– Хӯроки гарм-чӣ?

Ҷавоб нашуд. Раиса мунтазири ҷавоб буд.

– Ҳастак-нестак, – овоз баровард як зан рӯяшро гардонида.

– Ҳаракат мекунем, ки мунтазам шавад, – ваъда дод Куброхон ва баъд «ба ҳамаатон саломатию барори кор орзу мекунам», – гӯён хайрбод кард.

Ҳамон рӯз то пешин чаҳор бригада, баъди пешин се бригадаро дида баромаданд, дар сари кор дар бошишгоҳҳо бо коргарону деҳқонон ошно шуданд, мулоқот карданд. Куброхон як хусусияти халқи моро хуб эҳсос кард: пояш лучу танаш бараҳна, шикамаш гуруснаю хонааш нообод бошад ҳам, шикоят намекунад, махсусан то унс гирифтан бо сардори нав дар ин бора лаб ба шиква намекушоянд. Куброхон аён медид, ки дар бошишгоҳҳои бригадаҳо дар рӯи дастархони мардум ба ғайр аз нону чой дигар хӯрданӣ вуҷуд надошт, хӯроки гарм дар вақти пешинхӯрӣ набуд. Ҳатто қанди сафед ё шакар надоштанд, ки бо чою нон тановул намоянд. Бо вуҷуди ин, чашми онҳо сер буд. Онҳо тавозӯю тамкин меварзанд, аз норасоӣ, камбудӣ, эҳтиёҷ ва ниёзмандиҳои худ ба сарвари хоҷагӣ лаб намекушоянд. Гӯё ба дил меандешиданд: «он ҷо, ки аён аст, ҳоҷат ба баён нест».

Куброхонро принсипи тақсимоти бригадаҳо низ ба андеша водор кард. Хоҷагӣ аз бригадаҳои боғдорию токпарварӣ иборат буда, боғдорӣ дар навбати худ аз себчиниҳо, зардолупарварҳо ва монанди инҳо иборат буд. Мутахассисону деҳқонони ҳар як навъи мева як

бригадаро ташкил медоданд. Зоҳиран чунин ба назар мерасид, ки токдорҳо ба себу зардолу ниёзмандӣ доранду соҳибони себ ба зардолую ангур, зардолузорҳо ба ину они дигар ва ғайра. Аз мулоқотҳо бо аҳли заҳмат боз як масъала ба миён омад: Ҳамаи коргарони хоҷагӣ тамоми сол баробар меҳнат мекарданд, аммо бо сабабҳои офати табиӣ, масалан сармо задани зардолу бригадаи зардолупарварҳо нақшаи солонаро ба иҷро нарасонад, дар охири сол музди заҳматро камтар мегирифт. Агар токҳоро беморие фаро бигирад бригадаҳо ба иҷрои нақшаи солона муваффақ шуда натавонанд, музди солонаи онҳо низ ночиз мегардид, аз мукофот низ маҳрум мешуд. Ба ибораи дигар бигӯем, маоши солонаи коргарон аз ҳисоби даромади умумии хоҷагӣ дода нашуда, мувофиқи дастовардҳои ҳар бригада тақсим мешуд. Ин, албатта, аз қонунҳои адолати иҷтимоӣ дур буд ва боиси норозии заҳматкашон шуда метавонист.

Тақсимоти масоҳати боғу майдонҳои бригадаҳо низ раисаро ба андеша водор кард. Онҳо нобаробар тақсим шуданд. Бригадаҳое буданд, ки аъзои бисёр доштанду замини кам, бригадаҳое низ амал мекарданд, ки коргаронашон каму масоҳати замини ҳосилдеҳашон зиёд. Ин гуна нобаробариро низ аз байн бурдан лозим меомад. Куброхон боз фикр кард, ки назорати қитъаҳои калону домандор мушкиланд. «Принсипҳои тақсимоти бригадаҳоро аз нав баррасӣ кардан даркор» – аз дил гузаронид ӯ, вале дар ин бора ба сарагроном изҳори ақида карданро лозим надонист, ҳоло барвақт буд. Инро ҳаматарафа санҷида, бо мутахассисон, коршиносон, худи сардорони бригадаҳо маслиҳату машварат ороста, чунон ки мегӯянд, ҳафт бор чен карда, як бор бурида, сонӣ ба як хулоса омадан аз рӯи ақл аст. Оре, ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд. Куброхон ба ҳамин қарор омад, ки имсол фаъолияти хоҷагиро таҳлилу ҷамъбаст мекунад, ҳусну қубҳу бурду бохташро муайян менамояд, баъд вобаста ба онҳо нақшаҳои худро ба ҳаёт мегузаронад.

## СӮИҚАСД

Дар хонаи барҳавою нақшини Абӯбакр ин бегоҳ ба қавли худи ӯ, базми ҷамшедӣ барпо гардид. Ба муносибати бешикасту рехт ба Маскав рафта омадани ду нафар шерписари боғистонӣ – экспедитор ва тарозубони хоҷагии боғу токдории «Исфара – Лаккон» Умарҷон

ва Усмонҷон гӯсфанд кушта зиёфат оростанд. Дар зиёфати дӯстони вафодор коршиноси соҳибтаҷрибаи идораи хоҷагӣ Ҳайдархӯҷа низ иштирок дошт. Рӯи дастархон пур аз шаробу кабоб, нони гарми ширдор, самбӯсаҳои гӯштию кадугин, себу ангур, қоқу анор, ҳасибу панир, нӯшокиҳои рангин, чормағзу бодому пистаи хандон ва монанди инҳо буданд. Вазифаи соқии базмро ҳамчун соҳибхона худи Абӯбакр ба ҷо меовард. Ҳамаашон ширакайф буданд.

– Сӯҳбати чор – унда мазза бор, – гуфт Абӯбакр гул-гул шукуфта, – қоқи нава нағз об карда омадед, шербаччаҳо боз ду-се бор ҳамин хел сафарҳо шавад, остонаи хонаамон аз тилло мешавад.

– Сӯҳбати чорёр гуфтан гиред, ако, – луқма дод Ҳайдархӯҷа, ки сарлуч менишаст ва бо таъсири шароби ноби русӣ рухсорҳояш чун анор сурх шуда буданд, – раҳматии қиблагоҳӣ ҳар бор баъд аз намоз ҳамин байта мехонданд.

Сарам бодо фидои чор сарвар,
Абӯбакру Умар, Усмону Ҳайдар.

– Мо чорёри ҳақиқӣ ҳастем, ако!

– Гап дар номи одам не, ба исми бузургворон шаккокӣ накунед, гап дар якдилию дӯстию бародарист, – ҷомҳоро пур кард Абӯбакр. – Агар мо ҳамдастӣ намекардем, ин шербачаҳо доман-доман пул намеоварданд. Канӣ барои саломатии ҳамин йигитҳо яктоӣ бардорем.

Ҷомҳо ба ҳам бархӯрда садо бароварду ба гулӯҳо холӣ шуданд.

– Дадо, акнун ману Умарҷон яктоӣ «Жигулӣ» харем мешавад-а? – ба Абӯбакр бо чашми умед нигоҳ кард Усмонҷон.

– Бале, мешавад, ҳардуи шумо ба «Мерседес»-у «Газ-31» ҳам меарзед, – шасти писарро як бора нагардонд падар, – лекин эҳтиёт шарт аст. Агар ду ҷӯраҳо якбора аспсавор шавед, гушнапурзӯрҳое, ки дар орзуи харанд, ҳар хел гумонҳо мекунанд, аз паятон меафтанд, гап мешавад. Имсол, ту писарам мошини маро савор шуда гард. Умарҷон «Жигулӣ» мегирифтагӣ бошад, майлаш. Соли оянда, шикор барор кунад, навбати ту. Худат медонӣ, ману Ҳайдархӯҷа бо навбат гирифта будем.

– Мошини ман аробаи шалақ барин шудааст, – гуфт Ҳайдархӯҷа, – себу зардолу ҳам мекашаду коҳу беда ҳам. Нав кардан лозим.

– Худо мерасонад, – умедвор кард Абӯбакр, – пештарҳо бо пули худатон на мошин харида метавонистеду на иморат сохта. Ҳадаҳа тафтиш мекарданд, ки ин пула аз куҷо ёфтӣ. Перестройка шуду мо ба рӯи об баромадем. Горбачёв қандаша хӯрад! Имсол навбати

Умарҷон.

– Якто-якто барои шеф занем, – ҷоми худро ба Абӯбакр дароз кард Умарҷон завқ карда, – худо сарашона аз санг кунад, давлату савлати мо ҳамааш аз пушти амаки Абӯбакр аст.

Соқӣ ҳамаи ҷомҳоро пур кард. Онҳо боз ба ҳам расида садо доданду ба якбор холӣ шуданд.

Умарҷон аз рӯи диван рубоби худро, ки ҳамроҳ оварда буд, гирифта «диринг-диринг» соз кард ва «барои амакам» гӯён ба овозхонӣ шурӯъ намуд:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро...
Бидеҳ, соқӣ, маи боқӣ, ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт
Канори оби Боғистону ин гулгашти Кубророро.

Кайфи Умарҷон баланд шуда, ба ҷои «Канори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро» сатри мувофиқи ҳол сохта хонд ва боиси таҳнияти аҳли сӯҳбат гардид.

– Зинда бошед, Умарҷон! – ба завқ омад Абӯбакр.

– Кам нашавед, – сипосгузорӣ кард Ҳайдархӯҷа, – раисамоя ба осмони ҳафтум бардоштед-ку!

– Меарзанд, – гуфт кӯтоҳакак Умарҷон табассум карда ва нағмасароиро давом дод.

– Меарзанд, – сухани дӯсташро такрор кард Усмонҷон, ки ҳамчун тарозубони хоҷагӣ баркашида гирифтану ба амбор супурдан ё ба харидор додани маҳсулоти совхоз дар дасти ӯ буд. – Ду тоннаро як тонна ҳисоб кунам ҳам, гап намезананду чор тоннаро ду тонна нависам ҳам, тафтиш – намекунанд.

Ҳамаи ин ҳисоби абҷада ман хокпӯш мекунам, ҷигарам, – хизмати худро нишон дод Ҳайдархӯҷа, вагарна ду потон аз осмон меояд.

– Эҳтиёт кунед Умарҷон – насиҳат кард Абӯбакр, дар ягон ҷо пӯкида намонед, девор муш дораду муш гӯш гуфтаанд. Раис нав, кораш бисёр, ҳанӯз аз ҳунарҳои мову шумо огоҳ нашудааст.

– Акои Ҳайдархӯҷа ҳастанд, ғам намехӯрам, – изҳори хотирҷамъӣ кард Умарҷон, – ин кас пушту паноҳи ҳамаи мо. Лекин мо то ба кай тарсидаю ларзида кор мекунем ? Амак, худатон раис шавед нағз буд.

Худатон медонед, додарам, аз 15-16 солагиам меҳнат мекунам. Корро аз ҳамин совхоз сар кардам, ҳисобчӣ ҳам шудам, равғангарӣ ҳам кардам, хонда биё гуфтанд, ба Душанбе рафта хонда омадам. Як

не, се ҳунар дорам: техник, боғдор, токдор. Қариб сӣ сол боз беҳтарин бригадир ҳисоб мешавам, корҳои ҷамъиятӣ аз мӯйсар бисёр, хурду калони Боғистона аз кӯдакаш то садсолаашро мешиносам. Лекин мана монда ҳамин духтарчая интихоб карданд, – ҳам дил холӣ карду ҳам як шингилак гила кард Абӯбакр.

– Худатон сустӣ кардед, гуфт Ҳайдархӯҷа, – як-ду моҳ пеш рафтани Исроилова маълум буд. – Дар атрофатон одам ҷамъ кардем, ҳама қасам хӯрда ба шумо ваъда доданд. Дар маҷлисҳо фақат шумоя гап мезадем, одами кордон, ташкилотчӣ, баобрӯ мегуфтем, аммо...

– Чӣ кор кунам, то худи калон рафтам, – аммо гап бахия нахӯрд. Директоратон зан мешавад гуфт. Зан, ки ҳаст зана ҳимоя мекунад. Ба қавле кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз.

– Дастатон сахт ако, – ошкоро гап зад Ҳайдархӯҷа, – шапкаша надодед-дия. Раҳматии қиблагоҳӣ мегуфтанд:

Хоҳӣ, ки дили сарвари ту гарм шавад,
Аз парда бурун ояду бешарм шавад,
Зорӣ макуну зӯр мазан, зарро деҳ,
Зар бар сари фӯлод ниҳӣ нарм шавад.

Вай намегирад, тарсидам, – иқрор кард Абӯбакр.

Аз гунҷишк тарсӣ арзан накор, гуфтаанд.

Ман шумоя тавсия карда дидам, – дили дӯсташро гирифтанӣ шуд Абӯбакр, – лекин калон розӣ нашуд.

– Ноумед нашавед ако, – тасаллӣ дод Ҳайдархӯҷа, – ин дафъа ҳамакаса шуда, худатонро мегузаронем.

Абӯбакр оҳи пурдард кашид. Умарҷон намехост, ки ӯ ғамгин бошад. Боз рубоб гирифту ҳикматҳои халқиро ба ҳам баста хониш кард:

Мард бояд, ки ҳаросон нашавад,
Мушкиле нест, ки осон нашавад.

Вой-е, дод-е – гӯён нола карду боз афзуд:
Мард бояд, ки дар кашокаши даҳр,
Санги зерини осиё бошад...

Боз авҷашро гирифт:
Марди майдон далери даврон аст,
Шамъи фардои навҷавонон аст.

– Барака ёбед, додарам, – миннатдорӣ кард Абӯбакр; ҷое, ки шумоӣ Ҳайдархӯҷа барин дӯстҳои ҷоноҷон дорам, аслан ҳеҷ гуна мансаб лозим нест, лекин кас ба қадри худ месӯзад. Сӣ сол боз совхоз чанд раис дида бошад, ҳамаашон бо маслиҳати ман кор карданд, ин раиси нав бошад, маро одами калонсоли ҳамин ҷо шумурда, боре ҳам барои маслиҳат чеғ намезанад. Ана барои ҳамин як бор ҳокимиятро ба даст гирифтан даркор барин.

Абӯбакр ба сӯи Ҳайдархӯҷа нигарист, ки ба ин фикр ӯ чӣ мегуфта бошад.

– Шунидед, ако, – хабар дод ӯ, – гап-гап ҳаст, ки бригадаҳои боғдорию токдориро аралаш карда, аз нав тақсим мекардаанд.

– Чӣ хел?

– Аз бригадаи шумо як қисми зардолузорро гирифта, ба ҷояш ангурзор медиҳанд, – гуфт Ҳайдархӯҷа, – ғайр аз ин, бригадаҳои калонро майдатар мекардаанд. Себ ҳам доданашон мумкин.

– Ин фикри кӣ?

– Аз они раис.

– Ман аз аввал ӯро намехостам, – ошкоро гуфт Абӯбакр, – инро ба Гулафзо Савриддинова гуфта будам, шояд ба гӯшаш расида бошад, акнун аз ман интиқом гирифтанист.

– Шумо хавотир нашавед, дар ҳамин вазифаатон кор кардан мегиред, – таъкид намуд Ҳайдархӯҷа,

– Кор мекунам-куя, лекин раисат даҳони кисаи моро танг медӯзад, – бо изтироб ҳарф зад Абӯбакр – ангуру себ ҷои зардолуро гирифта наметавонад, ташвишаш бисёру даромадаш кам.

– Инро ба касе нагӯед, ки раис аз ман домангир мешавад. Ба ғайри Куброхон фақат ману Бобохон Ҳоҷиев медонем, – гуфт Ҳайдархӯҷа.

– Бригадаҳоро огоҳ кардан даркор, ки розӣ нашаванд, сахт истанд, – изҳори андеша кард Абӯбакр, – пеши обро дар вақти хурдиаш гирифтан беҳтар аст.

Ҳамин тавр он «чорёр» то бевақтии шаб сӯҳбат доштанд. Кабобу шароб ҳам хӯрданду самбӯсаю манту ҳам. Вақте ки боз якҷомӣ бардошта палавро ошомидан Ҳайдархӯҷа ва Умарҷон хоҳиши рафтан карданд. Табақҳои нимхӯрдаи палавро аз рӯи дастархон гирифтанд ва Абӯбакр дуои хайр кард:

– Худоё худовандо, ба умру ҷони меҳмонони азизи ман ва дар қатори онҳо ба худи ман ҳам барака деҳ, ризқамонро фаровону диламонро шод гардон, душманонро сарпасту моро сарбаланд, эшонро

зеридасту моро забардаст бикун; илоҳо доимо бигирему ҳаргиз нагиронем, аз хавфу хатар дар паноҳат нигаҳ дор, омин!

Ҳама омин гуфтанду даст ба рӯ кашиданд ва аз ҷо бархостанд. Бо ишораи Абӯбакр Усмонҷон аз мағзи кӯрпаҳои таҳмон ду дона «хишт»-и коғазпеч берун овард.

– Ба меҳмон деҳ–гуфт падар, – садқаи қадамашон. Онҳо низ хомӯшона «ҳадяро» гирифта берун рафтанд. Вақте, ки Ҳайдархӯҷа ва Умарҷонро гусел карда, падару писар вориди хона шуданд, Усмонҷон пурсид:

– Чандӣ кардед, дадо?

– Ду лимонӣ, писарам, – ҷавоб дод, Абӯбакр, – ҳаққи дегу табақро ҳам баровардем.

Аз сӯҳбати иншаба ҳама мамнун гардиданд.

## МАҶЛИСИ СОЛОНА

– Тирамоҳ файзу баракати хосса дорад, – соли гузаштаро ёдовар шуд Куброхон. – Шодию сурури деҳқонон ва коршиносони кишоварзӣ интиҳо надошт. Онҳо ҳосили майдонҳои боғу токро ғундошта гирифтанд. Тарфурӯшӣ – зарфурушӣ гуфтанду қисми зиёди меваҳои боғотро пул карданд, ба заводи консерви Исфара супурданд, ҳиссаи дигарро бо ташкилоту муассисаҳои гуногуни кишвар ва ҷумҳуриҳои бародар, – Ӯзбекистону Қирғизистон бо масолеҳи мухталифи ниёзи хоҷагии давлатӣ ва мардуми он сӯзишворӣ ва моеъҳои молиданӣ, хӯрока, маводи сохтмон – чӯб, тахта, шифер; семент ва амсоли инҳо иваз карданд. Боқимондаашро хушкониданд, ба рӯи дастархони аҳолӣ қоқу мавиз ҳам даркоранд. Хоҷагии «Исфара-Лаккон» чорвои бисёр надошта бошад ҳам, ғами зимистонгузаронии онро хӯрда, хошок ҷамъоварӣ намуданд. Агар говҳо шир надиҳанд ва чанд навбастро сар назанед, кӯдакистонҳоро бо ширу гӯшту ҷурғот, маскаю панир чӣ тавр таъмин мекунед? То вақти фарорасии зимистон– моҳи декабр ҳамаи корҳои хоҷагиро ба сомон расониданд. Бригадирҳо ва роҳбарони дигар соҳаҳо даҳонию хаттӣ ҳисобот доданд. Коршиносони раёсати хоҷагӣ ҳамаи онҳоро омӯхтанд, рақамҳоро бо дастовардҳои воқеӣ муқоиса карданд ва таҳлилу ҷамъбаст намуданд. Бобохон Ҳоҷиев, сариқтисоддони хоҷагӣ дар рӯи миз коғази бисёр ҷамъ оварда мехонду чӯт мезаду натиҷа мегирифт, баъзе ҳуҷҷатҳоро такроран санҷида мебаромад.

«Рақамҳо саркашанд, – мегуфт ӯ худ ба худ, – парешониро дӯст намедоранд, онҳоро на танҳо ба рӯи қоғаз овардан, балки ҳифз кардан ҳам даркор аст, то ки ҳамеша мусаллаҳ бошӣ!» Ӯ чанд рӯз нишаст ва аз болои коғазҳои ҳисоботии роҳбарони соҳавӣ сар набардошта, барои раиса, маводи маърӯзаи солона омода кард. Соли кӯҳна ба поён расида, соли нав наздик мешуд. Матни ҳисоботи Бобохон Ҳоҷиев, ки ба қавле ҳар факту рақамро ҳазор бор санҷидаю аз сӯрохии сӯзан гузаронида, ба Куброхон пешниҳод шуда бошад ҳам, раиса рӯзи маҷлиси солонаро таъйин намекард. Раиса, ки аз саҳар то шом дар идора ва саҳро ба масъалаҳои муҳими хоҷагӣ банд мешуд, фақат шабонгоҳ имконият даст медод, ки матни маърӯзаро бо камоли диққат аз назар гузаронида, таҳрир кунаду такмил диҳад, мушоҳидаю муоина ва фикру андешаҳои худро рӯи коғаз оварад. Ниҳоят даҳаи дуюми моҳи январ Куброхон маърӯзаро аз даст баровард ва супориш дод, ки бистуми ҳамин моҳ маҷлиси солонаи хоҷагӣ баргузор мешавад.

Рӯзи маҷлис ҳаво сард буд. Барфи тар меборид. Шамоли изғирин вазида, сару рӯйро лесида мегузашт. Ашк аз чашм мебаромад. Дар пастию баландӣ барфтӯдаю кӯлмакҳои яхбастаи роҳи деҳа бемалол ва чолокона роҳ гаштан осон набошад ҳам, зану мард, пиру барно ба маҷлиси умумии хоҷагӣ ҷамъ омаданд. Авлиёр Ҷумонқулов марди болобаланди паҳлавонҷусса, раиси саноати кишоварзии шаҳри Исфара ва роҳбарияти хоҷагии «Исфара – Лаккон» дар раёсат ҷой гирифтанд. Маҷлисро худи Куброхон Собитова, ки дар тан палтои нимдошт, дар пой мӯза ва дар сар рӯмоли шоли пашмӣ дошт, бо сухани ифтитоҳӣ боз намуд. Баъд як нафар узви раёсати хоҷагӣ ба раиса барои маърӯза роҷеъ ба ҷамъбасти фаъолияти хоҷагии Боғистон дар соли 1989 ва вазифаҳои он дар соли 1990 сухан дод.

Куброхон гурс-гурскунон далерона қадам гузошта ба минбар рафт. Аввал ӯро ҳаяҷону изтироб пахш кард. Дар ҳузури толори калони пур аз одам сухан рондан осон нест, садои ӯ меларзид, гоҳо нафас дар гулӯяш мепечид, дар сардии зимистон ҷисми латифи ӯро арақи гарм фаро гирифт. Баробари ҳамин аз замири дили ӯ садои ошно ба гӯшаш расид, ки «ту директори хоҷагӣ ҳастӣ, Куброхон! Ин ҳама хозирин табааи ҳамин хоҷагианд, ҷасурона бо камоли эътимод бояд сухан ронд! Ӯ худро ба даст гирифт. Пас аз панҷ – шаш дақиқа Куброхон худро хеле озоду бардам ҳис кард. Вай тамоми соҳаҳои ҳаёти хоҷагиро тавсифу таҳлил намуд. Факту рақамҳо дар маърӯзаи ҳисоботӣ чун мурғи беболу пар ба чашм дуруст ҷилва

намекарданд, балки пайваста бо манзараҳои саъю талоши заҳматкашон чун натиҷаи кори яксолаи онҳо ба гӯш гуворо мерасиданд. Дар паси рақамҳо одамон меистоданд. Рақамҳо ё 'нишондиҳандаи ғайрату ҳиммати коргарони хоҷагӣ ё тамбалию беҳавсалагии онҳо буданд. Бригадаҳои себу ангурпарварӣ, ки нақшаи солонаро иҷро кардаанд, сазовори баҳои баланди раиса шуданд. Ӯ на танҳо ба микдори ҳосили меҳнати аъзои бригадаҳо эътибор дод, балки сифати баланди меваҳоро низ таъкид намуд. Аз коргари қаторӣ то механизатор, аз оброну боғбон то бригадир, – ашхосе, ки бо меҳнати ҳалол дар иҷрои ӯҳдадории худ саҳм гирифтаанд, ба табрику таҳният ва мукофотҳои роҳбарият мушарраф шуданд. Раиса хизмати ронандаҳо, тракторчиҳо ва дигар коргарони хоҷагиро низ ба дасти фаромӯшӣ надод. Ӯ душворию заҳматталабии рӯёнидани меваҳои шаҳдрезро дар заминҳои санглох дар вазъияти камобӣ чун фидокорӣ нишон дода, аз худи ибтидои каналҳо то ба Боғистон бо машаққатҳои зиёд расонидани обро чун зуҳуроти дурахшони меҳнатдӯстию ватанхоҳии пешқадамони хоҷагӣ бо сипосгузорӣ тазаккур дод. Дар ситоишу бузургдошти марди деҳқон бо ҳарорати баланд сухан ронд. Вақте ки Куброхон дар мадҳу санои деҳқони асил, ки аз мағзи санглох меваҳои шаккарбор мерӯёнад, гуфтори қадрдонӣ ба миён меовард, дар пеши чашми шунавандагон симои баҳодуронаи заҳматкаши давронсоз бо тамоми ҳастӣ равшан намудор мегардид. Раиса на танҳо ҳар як қатраи обро, ки деҳқон сарфакорона истифода мекунад, ба тиллореза шабоҳат дод, балки қатраҳои шаффофи араки ҷабини ӯро низ ба дурру марворид монанд кард. Зеро то дар роҳи меҳнати ҳалол араки ҷабин нафишонед, дурри мақсуд ба каф намеояд.

Ин аввалин маърӯзаи ҳисоботии раиси нав бошад ҳам, аз танқидҳои холисонаи қафомондаҳо, тамбалҳо, коргурезҳо, холабеғамҳо, бемасъулиятҳо ва амсоли инҳо холӣ набуд. Бригадаҳои зардолупарварӣ нақшаҳои солонаро ҳамагӣ панҷоҳ фисад ба иҷро расонидаанд. Шароити кори ангурпарварҳо, себпарварҳо ва зардолупарварҳо як хел будааст. Ҳатто зардолупарварҳо баъзе афзалиятҳо доштаанд: аъзои бригадаҳо бештар, ёрдамчиён зиёдтар будаанд. Агар ба ин омилҳои муҳим тобоварии дарахти зардолуро ба камобию беобӣ илова намоянд, мебоист, ки онҳо нақшаҳои худро барзиёд иҷро мекарданд. Хусусан, ки соли 1989 обу ҳавои Исфара хеле мӯътадил будааст, дарахтон аз сармозанӣ эмин монданд. Пас, чаро ангурпарварҳою себпарварон ба

дастовардҳо ноил шуданд, аммо зардолупарварҳо нобарор гардиданд? Як сол муқаддам дар ҳамин хел шароит ҳосили хуб рӯёниданд. Сабаб чист, ки имсол якбора нисфи ҳосилро аз даст додаанд? Айб дар ош ё дар мош. Раиса нишон дод, ки майдонҳои зардолу гунаҳкор нестанд, дарахтҳо хеле серҳосил буда, рӯи лолагун доштанд ва ба низди чинакчиён сар андохтаанд. Сабаби асосии бемуваффақиятии бригадаҳои зардолупарварӣ, аз як ҷониб дуздию ғоратгарӣ аз ҷониби дигар, бемасъулиятию беинтизомии коргарон, бахусус сардорони бригадаҳо будааст. Ин аст, ки эшон ба талафоти зиёд роҳ додаанд. Мардум тонна-тонна зардолуҳои хоҷагии Исфара-Лакконро бо ҳидояти коргарони худ бе ҳеҷ гуна ҳуҷҷати расмӣ дар бозору дӯконҳои Маскав, Ленинград ва дигар шаҳрҳои Русия дидаанд.

Раиса сӯхтаю пухта ҳарф мезад, ки вазъи захираи хошоки чорво аз ин ҳам шигифтовар аст.Масъулини ин соҳа то ба дараҷае бепарвоӣ зоҳир карданд, ки барои чорвои ҷамъиятӣ беда ва дигар навъҳои хошоки дуруштро ҷамъоварӣ накардаанд. Онҳо ризқу рӯзии ҳайвоноти безабонро, ки гӯшту шири равғани беминнати онҳо ризқу рӯзии кӯдакони боғчаҳои хоҷагист, боиси шикамсерии худи деҳқонон аст, фаромӯш кардаанд. Аламовараш ин будааст, ки аз саҳроҳои хоҷагӣ хошокҳои расидаро шаҳриён омада гирифта мераванд.

Хошокдаравӣ бригадаи алоҳида надорад, ки дар маҷлиси солона сардори онро аз ҷояш бардорию ду-се даҳон суханҳои обдори аз ҷавҳари ҷон мегузаштагиро бигӯӣ. Ин кор вазифаи ҳамаи бригадаҳо, пеш аз ҳама худи чорводорон аст. Кадом яктои онҳоро шармандаю шармсор мекунӣ? Бинобар он Куброхон гуфт, ки ин гуна бемасъулиятӣ набояд дигар такрор ёбад.

Аз тозиёнаи танқиди раиса ҷонишини ӯ оид ба саноат, сарагроном, агрономҳои пешбар, зоотехник ва дигар ашхосе, ки ба иҷрои нақшаҳои солонаи хоҷагӣ ӯҳдадор буданд, берун намонданд. Ӯ аз иқтисоддонҳо низ гила кард, ки дар вақташ ба тақсимоти ноодилонаи бригадаҳо розӣ шудаанд.

– Аз рӯи анвои меваҷот ташкил кардани бригадаҳои хоҷагӣ нодуруст аст, – гуфт Куброхон – бригадаҳои зардолупарварҳо, бригадаи себпарварҳо, бригадаи ангурпарварҳо ва ғайра. Ин тартибот аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳам саҳеҳ нест. Чунки яке аз ин бригадаҳо нақшаашро барзиёд иҷро намояд, ҳам маоши хуб, ҳам мукофот мегирад, аз он имтиёзҳо бригадаҳои дигар маҳрум мешавад. Дар сура-

ти нақшаи солонаро ба иҷро нарасонидан аз мукофот маҳрум мешавад ва маоши ночиз мегирад. Агар мо бригадаҳоро чунин ташкил намоем, ки ҳар кадоми онҳо соҳиби боғи ангур ҳам бошаду майдонҳои себу зардолу ҳам, он гоҳ адолати иҷтимоӣ риоя мешавад, зеро даромади солона мувофиқи даромади ҳамаи анвои меваҷот тақсим хоҳад шуд, на аз рӯи ҳосили навъҳои мева. Дар мавриди риоя гардидани ҳамин тадбир бригадае нақшаи солонаи худро ба иҷро нарасонад, аз мукофот маҳрум мегардад ва маошаш маҳдудтар мешавад. Бинобар он раёсати хоҷагӣ бо сардорони бригадаҳо маслиҳат карда ба ҳамин натиҷа омад, ки тақсимоти бригадаҳо аз нав мавриди баррасӣ қарор бигирад.

Куброхон таклиф пеш овард, ки масоҳати замини бригадаҳо низ майдатару ба ҳам баробар бошанд, беҳтар аст, назораташон осонтар мешавад. Аз ҳисоби ихтисори масоҳати бригадаҳои калон, бригадаи нав ташкил кардан даркор аст. Ба ҳамин тариқ, аз соли 1990 ба ҷои ҳафт бригадае, ки то имрӯз вуҷуд доранд, даҳ бригада ташкил хоҳанд шуд.

Аҳли маҷлис ин қарорро маъқул ёфта, кафкӯбӣ карданд. Куброхон гуфт:

– Бояд иқрор кард, ки акои Абӯбакр ва баъзе сарварони бригадаҳои зардолупарварӣ ба ин тадбир сахт муқобил бароманд. Зеро онҳо манфиати худро ҳимоя карданд. Раёсати хоҷагӣ бошад, манфиати тамоми заҳматкашонро ба назар гирифт.

Ҳозирин такроран қарсак заданд, ки ин аломати тасдиқи қарори роҳбарияти хоҷагӣ буд.

Куброхон аз кафкӯбиҳо хурсанд шуда, боз ба аҳли маҷлис рӯ овард:

– Акнун диққати шумоёнро ба як масъалаи дарднок кашиданӣ ҳастам. Ин масъалаи дуздию ғоратгарӣ ва ба талаф бурдани сарватҳои хоҷагии мо мебошад.

Куброхон кайҳо боз сар аз матни маърӯза бардошта, озодона изҳори андеша мекард.

Ӯ ба ёд овард, ки дар мулоқоти якӯми худ бо роҳбарон ва пирони хиради Боғистон Бойбобо Шамсиев дар бораи барҳам задани дуздию тороҷгарии моликияти ҷамъият масъала гузошта буд. Баъд дар мавсими ғунучини себу ангур ва дигар меваҳои тирамоҳӣ худаш ҳамроҳи чанд тан фаъолони хоҷагӣ шабонгоҳҳо ба назорат ва посбонӣ баромад. Ба аҳволи ӯ мурғони ҳаво мегиристанд. Раиса соатҳои бисту ду-бисту се аз хизмат хаста шуда, ба хонааш меомаду

аз сару рӯи фарзандонаш Зарриначон, Фаррухчон ва Фарҳатчон гарм-гарм бӯса мегирифт, бо Ҳабибуллохӯча шавҳари меҳрубонаш дар сари дастархон ду-се даҳон гапзанон мекарду дигар нишаста наметавонист, хоб ғалаба мекард. Ӯ боз соати се, гӯё касе бедор мекарда бошад, шитобон бармехест ва дасту рӯяшро бо оби сард шуста, ба назорати боғот мешитофт. Тамоми фасли тирамоҳ умраш ҳамин тавр гузашт. Лаънат ба дуздон ва ғоратгарон, мегуфт ӯ, – аз дасти онҳо одамвор хоб карда ҳам наметавонам.

Ҳабибуллохӯча ва фарзондонаш борҳо модарро чашм дар роҳ интизорӣ мекашиданду ниҳоят онҳоро хоб мебурд. Куброхон аз кор баргашта, оҳиста ба паҳлӯи шавҳар ба чойгаҳи хоб медаромад ва хурӯс чеғ назада бедор мешуду ба шабгардӣ мерафт. Шавҳар ва фарзандонаш баъзе шаборӯз бехабар аз омаду рафташ ӯро тамоман намедиданд.

Ба чои он ки шавҳар аз ин аҳволи зиндагӣ гила бикунад, Куброхон ҳазломез мегуфт:

– Шумо чӣ хел соҳиби сар? Ҳамсаратон дар паҳлӯи шумо хоб карда боз хеста равад ҳам огоҳ намешавед. Ягон кас туздида равадчӣ?

– Ҳар кӯчаи хочагиатон дутоӣ шлагбауму даҳтоӣ чашм дорад, хотирам чамъ аст.

Бо вучуди ин ғоратгарон шабонгоҳ осуда хоб намекарданд. Баъзе шабҳо Ҳабибуллохӯча низ ҳамроҳи Куброхон ба посбонӣ мебаромад. Вақте, ки онҳо авбошонро дар сари чиноят дастгирӣ мекарданд, дуздҳо ба чои узр дуғӯ пӯписа ба кор меоварданд:

– Шумо инсоф доред ё не? Камтар барои бачаҳо мева гирем, совхоз камбағал мешавад – мӣ? Худҳотон бебаркаш мезанед, мо як-ду халта барои маърака барем, чиноят аст магар?

Дуздҳо гоҳо мусаллаҳ меомаданд ва агар сахтгирӣ бикунед, ба ҳучум мегузаштанд. Куброхон шоҳиди чангу занозанӣ ҳам шудааст. Баъзеҳоро дастгир карда ба милиса ҳам супоридааст. Бо вучуди ин яғмогарӣ зиёд мешуд, ки кам не. Онҳо гурӯҳ-гурӯҳ меомаданду меваҳои боғоти халқро бо мотосикли сечарха, мошинҳои сабукраву боркаш зада мебурданд.

Куброхон яғмогаронро ба се гурӯҳ чудо кард: «Худӣ»-ҳо, бегонаҳо ва миёнаравҳо. «Худӣ»-ҳо аз аҳли совхоз буданд. Онҳоро ҳаргиз дастгир карда намешуд. Чунин ба назар мерасид, ки ин зумра дар торочгарӣ хеле моҳир шудаанд. Рӯзона дарахтҳои ғарқи ҳосилро медидед, пагоҳ меомадед, ки онҳо луб-луч шудаанд. Баргҳои рехта

ва шоххои шикастаи дарахтони себу зардолу, зангҳои фурӯ афтода ва навдаҳои гусастаи токҳо гӯё бо забони ҳол ба шумо аз ҳуҷумҳои ногаҳонӣ ва дарафтодани муфтхӯрҳо шикоят мекарданд. Аз ин гуна шабохунзаниҳо на посбон хабар меёфту на боғбон, на бригадиру на ягон соҳибтадбир. Вақте аз ашхоси масъул мепурсидед, ки чаро дуздҳоро дастгир накардед, одатан чунин ҷавоб мешунавидед:

– Ба ғафлат мондаам.

– Хоб бурдааст маро.

Чунин воқеаҳо низ рух медоданд, ки роҳзанҳо посбонро бо арғамчин ё занҷир ба дарахт бастаю даҳонашро бо латтаю пахта маҳкам намуда, меваҳоро мувофиқи табъ мерабуданд. Аниқтар санҷида бароед, равшан мешуд, ки худи эшон бо яғмогарон ҳамдаст будаанд.

Яғмогарон низ бо кормандони хоҷагӣ риштаи пайванд доштаанд, зеро шаваду яке аз онҳо ба даст афтанд, худи бригадир ё дигар фарди обрӯманди деҳа восита мешуданд, ки «илоҳӣ барака ёбед, ба орзую ҳаваси фарзандонатон бирасед, фалониро наҷот диҳед вай ошнои ман, хеши ман аст, қудои ман аст, ин номаъқулиро дигар такрор намекунад, ман кафил ҳастам». Кудрохон ба онҳо ҷарима меандохт, ҷуброни ҳосили талафшударо аз маошашон нигоҳ медошт, «ҳайфи ту» эълон мекард, хулоса чораҳои моддӣ ва маънавӣ медид, лекин ҳайҳот! Дуздӣ давом мекард.

Дуздҳои бегона хеле ашаддӣ буда, на танҳо моликияти ҷамъиятиро беибо мебурданд, балки зарур шавад, аз қабеҳтарин ҷиноятҳо сар намепечиданд. Онҳо ҳамеша мусаллаҳ меомаданд, аз шаҳр ва деҳоти гирду атроф ҳуҷум меоварданд ва мошинҳоро пур карда мерафтанд. Ин зумра ба посбони боғу майдонҳо бешармона таҳдид мекарданд. Агар деҳқон муқобилат нишон диҳад, аз калтаккӯбӣ рӯ наметофтанд ва ҳатто, аз байн мебурданд, чунон мебурданд, ки тамоман беному нишон мегардид. Ин аст, ки деҳқонони посбон аз ҳамлаи ин қабил каллабурҳо метарсиданд ва агар эшон пайдо шаванд, худ пинҳон мешуданд. Халқ онҳоро офат мехонду ҳазар мекард.

Миёнаравҳо дастаи махсусанд. Онҳо аз аҳли Боғистонанд, ки дар ҳеҷ куҷо кор намекунанд, аммо хоҷагии «Исфара-Лаккон»-ро аз қаду бараш хуб медонанд, зеро ба мушоҳида гирифтаанд, ки дар кадом қитъа дар кадом майдон ҳосил пурбаракат аст, дар куҷо камчин, дар кадом бригада хушсифат, дар кадом мавзеъ бадсифат аст. Ин гурӯҳ худашон бевосита ба дуздӣ даст намезаданд, ба хона ё бо-

зор ҳеҷ чиз намебурданд, балки нақша кашида, ҷойҳои серҳосил, аълосифат, бехатар ё камхатар, роҳи онҳоро нишон медоданд, ғоратгаронро ноаён ҳидоят мекарданд. Онҳо усулҳои чашм нодидаю гӯш ношунидро пеш гирифтаанд, дар вақти «шикор» посбононро соддалавҳона ба зиёфат мехонданду бо нуқлу наво ва рақсу суруд овора месохтанд, дар ҷои кор ба паҳлӯяшон омада нишаста ҳамроҳ сӯҳбат меоростанду нағзакак менӯшониданд, бо латифа, ҳикояту ривоятҳои аҷиб ва саргузаштҳои ғароиб машғул медоштанд. Шакли аз ҳама қабеҳи хушҳолу хушдил кардани баъзе посбонҳои ҷавон ба онҳо пешкаш намудани духтарону ҷавонзанони ғаммоз будааст. Ин сабукпойҳо аз хуфтан то саҳар аз бари посбонони саҳрой дур намешуданд ва ташнакомҳои деҳотиро бо шеваю нозу бӯсу канор сармаст мекарданд. «Маъшуқа»-ҳои мавсимӣ «дил мебурданду» соҳибони чапдасти онҳо борҳои бедардимиён, даллаҳои «савобталаб» низ бенасиб намемонданд. Хӯҷаинҳо саховат карда ҳиссаашонро бо пули накд медоданд. Ҳам лаъл ба даст меомаду ҳам ёр намеранҷид.

Эҳ, миёнавравҳо, миёнаравҳо! Шумо корро карда, ба лаб кулӯх молида мегардед. Ҳол он ки шумо ҳам ҷинояткор ҳастед. Касе, ки ба ҷиноят шарик шавад, вай ҳам ҷинояткор аст!

Куброхон ба шигифт меомад, ки як қисми ҷомеаро ҳамин гуна пастию разолат ва касифию касофат фаро гирифтааст. Ӯ ба хашму ғазаб меомад, ки баъзе дуздҳоро дастгир карда ба милиса супорад ҳам, пас аз чанд рӯз онҳо бо «мӯъҷизаҳо»-е раҳой мееёфтанд ва дар кӯчаю бозор ё ташкилоту муассисае бо ӯ дучор шуда, тамасхуркунон аз бараш мегузаштанд. Чӣ сеҳру ҷодуе бошад дар ин аъмол?

Куброхон фикр мекард, ки сабаб аз заминаҳои иҷтимоию ахлоқии шакли оммавӣ гирифтани ғоратгарию дуздӣ чӣ бошад? Ӯ пас аз андешаҳои дуру дароз натиҷа гирифт, ки сабаби асосии он бесоҳибии моликият аст. Дар арзи ҳафтод соли баъди Инқилоби Октябри соли 1917 Давлати Шӯравӣ ва тамоми соҳаҳои идеологии он кӯшиш ба кор бурданд, ки дар шуури оммаи васеи халқ ҳиссиёти моликияти хусусиро барҳам зананд. На танҳо моликияти хусусиро аз байн бурданд, обу замин ва дигар сарватҳоро миллӣ кунониданд, шаклҳои хоҷагии дастҷамъӣ ба вуҷуд оварданд, балки соҳибони моликияти хусусиро таъқиб карданд, ранҷу азобҳои зиёд доданд, ба ҳабс гирифтанд, хулоса дар ҷараёни ин гуна дигаргунсозиҳо хунҳои бисёр ба ҳадар рафтанд. Тадриҷан нисбат ба моликияти хусусӣ дар дили мардум танаффур парвариданд. Аммо нисбат ба моликияти

давлатию ҷамъиятӣ меҳру муҳаббат парварида натавонистанд. Мегуфтанд, ба исрор таъкид мекарданд, ки колхозу совхозҳо, заводу фабрикаҳо, обу замин, ҳамаи неъматҳои моддию маънавӣ аз они халқанд. Аммо касе ҳақ надошт, ки аз ин сарвати фаровони «худ» бе иҷозати хӯҷаинҳо луқмае ба даҳон андозад. Аз тарафи дигар дар тамоми зинаҳои ҳукумат – аз поин то боло касе аз роҳбарони хоҷагию давлатӣ, ҳизбию касабавӣ худро дар мансаби таъин шудааш доимӣ тасаввур карда наметавонист. Чӣ дар байни сарварон ва чӣ дар миёни мардум мафҳуми номуайян «ҳам аз они ман, ҳам аз они ман не» пайдо шуд, ки муродифи он «бесоҳиб» буд. Давлати Шӯравӣ ва тамоми идораҳои мафкуравии он дар байни халқ шуури моликияти хусусипарвариро решакан карданд, вале шуури парваридани моликияти давлатию ҷамъиятиро тарбият карда натавонистанд. Чунин шуури баланде, ки ба моликияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ ҳамчун ба моликияти шахсӣ ғамхоронаю сарфакорона, дилсӯзонаю эҳтиёткорона муносибат медошта бошад, ташаккул наёфт. Бинобар он одамоне, ки кисаи худ ва кисаи давлату ҷамъиятро фарқ карда наметавонистанд, даст ба луздию ғоратгарӣ мезаданд.

Дар майнаи Куброхон ҳикояти ибратбахши падар, Хирадманди бузургвор, нақш баста буд, ки панҷ неъмат беҳтарини неъматҳо дар зиндагист. Неъмати якӯми парвардигор дин аст, дини мубини ислом аст. Аз шарофати ислом буд, ки аҷдоди мо дар давоми асрҳо бе дуздию ғоратгарӣ зиндагӣ ба сар мебурданд, ҳалолу ҳаром, гуноҳу савобро фарқ мекарданд, аҳли савдо дари дӯконҳояшонро набаста ба намозгузорӣ бираванд ҳам, касе як сӯзани онҳоро ба яғмо намебурд. Хонаю ҳавлиҳо қулфу калид надоштанд. Одамон ба ҳамдигар бовар доштанд. Мутассифона, аз аввалин солҳои Ҳукумати Шӯравӣ сар карда, муборизаи фаъолона ба муқобили ҳамаи динҳо аз он ҷумла дини ислом сар шуд. Аз ҳар хона Қуръони шариф ва дигар китобҳои динӣ, ҳатто осори бузургони илму дониш, адабиёт ва ҳунарро, ки ба ҳуруфоти арабиасоси тоҷикӣ таълифёфта бошанд, соҳибонашонро чун душмани синфӣ дастгир карда оташ мезаданд.Ҷаҳолатпарастони навбаромад, ки худро чун одамони ҳукумат муаррифӣ мекарданд, аҳли ислом, пешвоёни динро таъқиб мекарданд, муассисаҳои маъмурӣ онҳоро ба ҳабс мегирифтанд, аксарияти «гунаҳкорон»-и бегуноҳ дар маҳбасҳо дар зери зулму тааддӣ ва қиркуниҳои бераҳмона мурда мерафтанд. Ҳизби коммунист бехудоҳои ҷанговарро тарбия мекард, ҳатто дар Маскав маҷаллае бо номи «Воинствующий атеист» чоп мешудааст. Мактабҳо ва

донишкадаҳо бехудоҳоро тарбия карда ба воя мерасониданд. Агар узви ҳизби коммунист суннатҳои аҷдодиро ба ҷо оварда, кӯдаки худро тӯи хатна бикунад, духтари қадрасашро бо никоҳи мусулмонӣ ба шавҳар бидиҳад, ҷазои ҳизбӣ медид, аз вазифааш сабукдӯш мегардид. Аз боғчаю мактаб сар карда, наслҳои бемазҳабу беэътиқод рушду камол меёфтанд. Онҳо тадриҷан аз дину диёнат ва анъанаҳои миллӣ канда шуданд. Аз дини ислом рӯ тофтанд. Аммо ба коммунизм ҳам бовар накарданд. Дар мактабҳо омӯзишгоҳу техникумҳо, донишкадаҳои олӣ ҳар қадар аз боби наздик омадану фаро расидани коммунизм соатҳои фаровон маърӯзаҳо хонанд ҳам, азбаски заминаи моддию маънавии он муҳаёй нагардида буд, аксари ҷомиа ба он эътиқод зоҳир накарданд. Дар натиҷа дар олами маънавии мардум як холигоҳе ба монанди аъроф пайдо шуд. Чизе набудааст, ки он холигоҳро пур бикунад. Пучии маънавӣ одамони беирода, заиф, бедиёнатро ба беорӣ, беномусӣ, яғмогарӣ, моли мардумхӯрӣ оварда расонд. Куброхон нағз медонист, ки Ҳукумати Шӯравӣ ва қонунҳои он дуздиро гуноҳ шуморида, маҳкум менамуданд, дуздонро ҷазо медоданд, ба ҳабс мегирифтанд ва ба манзилу макони ислоҳшавӣ мефиристоданд. Вале бадбахтӣ ё ки фоҷиаи ҷомиаи мо дар ин буд, ки қавлу амал, гуфтору кирдори бисёр роҳбарон аз ҳамдигар фарқ доштанд. Худи эшон аз минбарҳои баланд дуздӣ, ба ғорат бурдани моликияти давлатию ҷамъиятиро маҳкум намуда, дар хилватгоҳ даст ба яғмогарӣ мебурданд, пора мегирифтанд, ришва мехӯрданд. Чашми халқ ҳамабин аст. Ин қабил роҳбарони бевиҷдон дуздию порахӯрии худро пинҳон кунанд ҳам, ошкор мешуданд. Идораҳои маъмурӣ онҳоро фош мекарданд. Зумраҳои муфтхӯр онҳоро дида думчаашон об мегирифт ва беибо дуздӣ мекарданд. Онҳо кинояи Мирзо Абдулқодири Бедилро чун ҳақикати мутлақ корбаст менамуданд.

Кисаи хеҷ кас надид пурӣ,
То накард ихтиёри кисабурӣ.

Неъмати дуюм, ба қавли Хирадманд, нони ҳалол аст. Онро ҳеҷ кас ба дасти ту муфтакак оварда намедиҳад. Хирадманд шеъри кадом як шоирро мехонд:

Бе ранҷ ҳеҷ ганҷ муяссар намешавад,
Музд он гирифт, ҷони бародар, ки кор кард.

Сарчашмаи нони ҳалол, нони ширин ва бомазза, гуворою

хушхӯр заҳмат будааст. Хоҳ меҳнати танҳоӣ бикунӣ, хоҳ дар қатори кӯп ба меҳнати ҷамъиятӣ машғул шавӣ, аз рӯи виҷдон, мувофиқи инсоф ба меҳнат сар фарорӣ, натиҷааш нони ҳалол аст. Дуруст аст, ки дар ҷамъияти шӯравӣ аз меҳнати дигарон истифода мекардагиҳо, мансабу вазифаро сӯистеъмол карда, меҳнати дигарон ҳатто осори илмии дигаронро ба номи худ мегузаронидагиҳо низ пайдо шудаанд, аммо ба ҳар ҳол меҳнати ҳалоли бунёдкорона кайфу лаззати хосса дорад. Ҳузуру ҳаловат, оромию осудагии мутлақ ато мекардааст он. Меҳнат калиди пешрафти ҷомиа ва покизагии он будааст. Сад афсӯс, ки ба қадри меҳнат ва нони ҳалол намерасидагиҳо низ кам набудаанд. Онҳо коршикан, тамбал, меҳнатгурезанд. Марду зани меҳнаткаш дар назари онҳо ҳақиру нотавон, бандаю ғуломи корфармоҳо менамоянд. Ин зумра аз неъмати илоҳӣ маҳрум буда, қадру қимати нони ҳалолро намедонанд. Онҳо ба нону намаки беранҷу заҳмат одат кардаанд. Нафси эшон калон аст чун аждаҳо.

Ободию осоиши рӯзгори хешро дар яғмогарии моли мардум мебинанд. Ба онҳо хеҷ фарқе дар байни моликияти давлатию ҷамъиятӣ ба мардуми заҳматкаш вуҷуд надоштааст. Ба нони бедарди миён одат кардаанд ва ҳаргиз ба меҳнат тан намедиҳанд. Задан, кӯфтан, бурдану хӯрдан – чунин будааст меъёри зиндагии эшон. Аз даҳони беваю бечора ҳам мебаранд ин зумра нонро. Онҳо ҷинояткории муташаккилонаро ривоҷ додаанд. Ҳаволаашон ба худо, – гуфт Куброхон ин гуна гурӯҳҳои зиддимардумиро, ки доғи ҷамъияташ мехонд.

Хирадманди ғамхору меҳрубон – дадоҷони беозораш саховатро неъмати навбатии худованди карим мешумурд. Дар вуҷуди қаллобон, сад афсӯс, ки нишонае аз саховат ба чашм намерасид.

Дасти саховат кушодан хислати афроди заҳматкаш аст. Танҳо олиҳимматҳо, ки сарватро аз заҳмат меёбанд, сахӣ шуда метавонистанд. Ҷанбаи саховат инсонпарварӣ будааст, хайру эҳсон, файзу баракат меовардааст. Саховатмандон ҳамчун олимон бандаҳои маҳбуби Худои Азза ва ҷалла ҳисоб меёфтаанд. Дуздҳо, ки ҳатто байни худ саховат накарда, баҳри як луқмаи ҳаром якдигарро ба қатл мерасонанд, аз ин фазилат фарсаххо duranд.

Куброхон тааммул кард. Барои ӯ аз як ба мавзӯи дигар гузаштан душвор буд. Мебоист ӯ дар мавзӯи хулқи хуш сухан биронад, ки неъмати чоруми ҳаёти хушу хуррам, инъоми бебаҳои офаридгор аст. Як байти шоир ба хотири ӯ омад, ки калиди ин бахши андешаҳояш гардид:

Аз каҷӣ афтӣ ба каму костӣ,

Дар ду ҷаҳон растӣ, агар ростӣ.

Хулқи хуш монанди истеъдод фитрист. Тибқи қонуни ирсият вай ҳам як сарвати меросист, ки аз аҷдод ба авлод мегузарад, шароити зисту зиндагонӣ ё боиси равнақу ривоҷ ё сабаби фурӯ нишастани хулқу атвори шоистаи шахс шуда метавонанд. Агар кас тарҷумаи ҳоли баъзе дуздҳои машҳурро ба дидаи ибрат аз назар гузаронад, чунин натиҷа ҳосил мешавад, ки қабл аз ҳама вазъияти танги иҷтимоӣ, беадолатиҳои зиндагӣ, норасоиҳои моддӣ, қонунҳои номукаммали давлат онҳоро ба кӯи номуродӣ ҳидоят кардаанд. Масалан, дар ҳузури як ҷавони тануманди бақувват авбоше як зани маъсумаро бесабаб таҳқир кард. Он йигити бонангу ор авбошро чунон фаровард, ки пояш аз замин ба якбор канда шуда, сараш ба сутуни бетонӣ бархӯрд ва сараш кафида аз ҳуш рафту ба замин афтод. Фалокат аз зери пой баромаду он авбош тарки дунё карда, ба манзили охират рафт. Ҷавони ба номусро аввал суд, баъд ҳабс карданд. Ӯ мӯҳлати ҷазоро ба поён расонида, озод шуд, вале доғи лаънат чун шӯри пешонӣ дар ҳолномааш боқӣ монд. Ҷавони сарсахт, ки худро ҳомии адолат пиндошта, бо авбош ҷанг карда буд, ба чандин корхона ва муассиса ба ҷустуҷуи кор рафта бошад ҳам, касе ӯро ба хидмат қабул накард. Аз маҳбас баромадани ӯро фаҳмида кор намедоданд. «Аз бало ҳазар» – мегуфтанд дар дил. Пас аз сарсонию саргардониҳои зиёд ва ноумедиҳои пай дар пай ӯ роҳу мақоми худро дар зиндагӣ ёфта натавонист ва худро ба олами ҷинояткорӣ-дуздию ғоратгарӣ андохт. Мутаассифона, кам касоне аз маҳбас ислоҳ шуда мебароянд, зеро шароити он ҷо вазнин аст, «он дунё» қонуну қоидаҳои махсусе дорад, ки шахси солимро маҷрӯҳ менамояд. Дар байни дуздоне, ки моликияти совхозро ба ғорат мебаранд, чунин ашхос низ ҳастанд. Аммо аксарияти онҳо одамоне ҳастанд, ки эшонро тангии рӯзгор ба ҷинояткорӣ водор насохтааст. Балки халқу атвори вайрон, маишатпарастӣ, кайфу сафо, занбозӣ ҳиссиёти ғайрисолими бойшавӣ, чизпарастӣ, худбинию худхоҳии ҳайвонона ба ин ҷода ворид намудааст. Ҳиссиёти бойшавие, ки асоси онро меҳнати ҳалол не, балки ба даст овардани сарвати бедардимиён фароҳам меоварад.

Неъмати панҷуми худовандӣ, ки ҳусну ҷамоли одамист, ба қавли Хирадманд, ҳаё будааст. Шарму ҳаё зебу зиннати бепоён, пардаи рӯи одамӣ ба ҳисоб мерафтааст. Донишмандон фармудаанд, ки аз ҷавонон шарму ҳаёву далерӣ, аз пирон донишу таҷрибаю оҳистагӣ

лозим аст. Онҳое, ки ба роҳзанӣ машғуланд, буридани кисаи давлату ҷамъиятро шуғли худ қарор додаанд, аз шарму ҳаё бегонаанд. Пардаи рӯи эшон кайҳо парида, дар замирашон нишоне аз ҳаё боқӣ намондааст. Онҳо туздиро ҳунар мешуморанд, касонеро, ки бо меҳнати ҳалол, қаноат ва сабурӣ умр ба сар мебаранд, ноӯҳдабарояш мехонанд. Куброхон дар хотимаи ин бахши маърӯзаи худ тазаккур дод, ки ғоратгарони моликияти мардум аз ҳамаи неъматҳои илоҳӣ маҳруманд, лекин агар сатҳи зиндагонии тамоми ҷумҳурӣ, аз он ҷумла сокинони хоҷагии «Исфара-Лаккон» боло биравад, шояд туздӣ барҳам бихӯрад, агар тамоман аз байн наравад, албатта камтар хоҳад шуд. Зеро оилаҳои серфазанд бо маоши ночиз зиндагии хуб гузаронида наметавонанд, онҳо маҷбуранд, ки ягон сарчашмаи дигари даромад ҷустуҷӯ намоянд. Илова бар ин тӯю сур ба дигар маъракаҳои серхарҷи бодабдаба, рӯҳияву кайфияти пешдастӣ карданд, аз ҳамдигар дар роҳи ташкили ин гуна суннатҳои миллӣ, ҷамъ овардани неъматҳои моддӣ, аммо ба дасти фаромӯшӣ додани сарватҳои маънавӣ. Нахондани китобу маҷҷалаю рӯзномаҳо, пастии дараҷаи таълиму тарбия дар мактабҳо, умуман ба футур расидани бунёди муънавияти халқ ва ғайраю ва ҳоказо аз ҷумлаи муҳимтарин сабабҳои туздию авбошӣ гардиданд. То замоне, ки мо сарватҳои моддии худро аз дасти ғоратгарон ҳифз карда наметавонем ва як ҳиссаи муҳими моликияти хоҷагӣ ба дасти муфтхӯрон меравад, сатҳи рӯзгору маишати мо баланд намеравад. Куброхон тамоми аъзои хоҷагӣ, хусусан раёсат ва бригадирҳои онро вазифадор кард, ки минбаъд пайваста ҳушёру бедор бошанд, дар ҳар бригада, дар ҳар боғу майдон каппаҳои зиёд барпо карда, ба посбонӣ ҷавонмардони нотарсу диловар, ҷасуру бебокро бештар ҷалб намоянд, ҳиссиёти гурӯҳбозӣ, ошнопарастӣ, рӯбинӣ, хешовандиро аз байн бардоранд, моликияти чамъиятию давлатиро ҳамчун моли шахсии худ ҳифзу эҳтиёт намоянд. Хоҷагии «Исфара – Лаккон» аз як оилаи сернуфузи гуногунмиллат иборат аст, – маърӯзаро ба поён расонд Куброхон Собитова, – ҳамаи он яктану якҷон аст, дар байни аъзои он мӯе ҳам ҷудоӣ нест, бинобар он ҳамаамон ҳамфикру ҳамдил шуда, чун ёру бародарҳои ҳақиқӣ дар роҳи пешрафт ва нашъунамои минбаъдаи он аҳлона заҳмат бикашем, ҳаёт осудаю рӯзгорамон фаровон мешавад ва ҳамаамон ба муроду мақсадҳои наҷиби худ мерасем. Деҳқонон ва коргарон хушҳолона қарсак заданд. Куброхон ба ҷояш омада нишаст ва ба соати дасташ назар афканда фаҳмид, ки бештар аз як соат маърӯза кардааст. Авлиёр

Ҷуманқулов, ки дар паҳлӯяш менишаст, бо чеҳраи кушод ӯро табрик кард.

Раиси маҷлис гуфт, ки ба раис саволҳо хаттӣ дода мешавад. Ҳоло бошад навбати сухан ба Бобохон Ҳоҷиев сариқтисодчии ҳоҷагист. Ӯ харҷу дахл, воридоту содироти хоҷагиро монанди панҷаҳои дасти худ хеле хуб медонист. Дар ҳисобу китоб майнааш чун компутар беғалату саҳеҳ кор мекард. Аз ҳамин ҷост, ки бе матн суханронӣ карда роҷеъ ба хусусиятҳои нави тақсимоти даромади солонаи хоҷагӣ таваққуф намуд.

– Бо супориши раисаи мӯҳтарам Куброхон Обидовна тарзи ба ҳамаи аъзои хоҷагӣ баробар тақсим кардани даромади хоҷагӣ барҳам дода шуд, – гуфт Бобохон Ҳоҷиев.

– Касе, ки нағз меҳнат карда нақшаҳои инфиродиашро ба иҷро расонида бошад, музди сазовор ва мукофот мегирад. Ашхосе, ки интизоми меҳнатро вайрон карда нақшаҳои шахсиро ба ҷо наовардаанд, мувофиқан ба он музди кор хоҳанд гирифт. Онҳо аз мукофоти солона маҳрум карда шуданд. Чанд нафар ҳамкорон, ки бе иҷозати роҳбарияти хоҷагӣ худсарона аз моликияти хоҷагии мо ғасб кардаанд ҷарима медиҳанд, яъне мо аз музди меҳнати онҳо арзиши меваҳои рабурдашударо нигоҳ медорем. Онҳо низ аз мукофоти солона ҳамчун ҷазо маҳрум гардиданд.

Дар толор одамон дар ин хусус паст-паст байни худ мубодилаи афкор мекарданд.

Раиси маҷлис онҳоро ба оромӣ даъват намуд ва эълон кард, ки аз рӯи маърӯзаи раиса ва гузориши сариқтисоддони хоҷагӣ музокира оғоз меёбад.

– Ба ман сухан диҳед, – аз ҷой бархест Абӯбакр ва раис ҳанӯз розигӣ надода шитобон пеши минбар омад.

– Раис маърӯзаи олимона карданд, – бо киноя лаб кушод ӯ, – ҳамаи соҳаҳои ҳаёти хоҷагиро фаро гирифтанд, лекин..., лекин..., чӣ гӯям, ки яктарафаю рӯякӣ. Куброхон дар идораҳои давлатӣ таҷрибаи корӣ дошта бошанд ҳам хусусиятҳои меҳнати халқро дар хоҷагии қишлоқ ҳанӯз ёд нагирифтаанд. Баъд, аҳамияти тахассус пайдо кардани ҳар як бригадаро дар як соҳаи хоҷагӣ боғу токдорӣ нафаҳмидаанд. Агар ҳамин зайл набошад бригадаҳои зардолупарвариро бо себу ангурпарварӣ аралаш намекарданд. Ва баъд. Ин тарзи ташкили бригадаҳои махлут дар оянда сабаби қафомонии тамоми соҳаҳо мегардад. Чунки зардолупарварҳо то себпарварию ангрупарвариро ёд мегиранд, ки вақти зиёд меравад. Ва боз ман ҳамчун як

нафар узви Шӯрои ҷомиаи меҳнати совхоз ба худсарии раис розӣ нестам. Чунки дар маҷлиси навсозии бригадаҳо фикри шӯрои заҳматкашонро ба инобат нагирифтанд. Ба фикрам ин зайл рафтори раисаи мӯҳтарама Куброхон Собитова хоҷагиро муттаҳид не, балки пароканда мекунад. Хулоса, оё чунин одам минбаъд ҳуқуқи роҳбарӣ кардан дорад? Ва ниҳоят...

Абӯбакр суханашро ба итмом нарасонида дар толор ғулғула сар шуд.

– Бас аст, шинед? – фарёд зад касе аз толор.

– Куброхонро халқ интихоб кард, – гуфт дигаре, – шумо чӣ кор доред?

– Занбӯр газид алам кард, шишта-шишта варам кард, пичинг парронд як ҷавонмарди чорпаҳлу – худаш...

Раиси маҷлис толорро ба риояи интизому одоб даъват кард.

– Ман ду даҳон гап занам, – гуфта ба сӯи минбар омад як ҷавони сабзинаи қоматбаланди лоғар. – Ман фикри акои Абӯбакрро ҷонибдорӣ мекунам. Он кас таҷрибаи сисолаи роҳбарӣ доранд. Боғу майдон, долу дарахтонро нағз медонанд, одамонро мешиносанд, бо халқ кор карда метавонанд...

– Дар бораи Абӯбакр не, дар бораи маърӯзаи Собитова гап занед, – луқма дод раиси маҷлис, ки асабӣ мешуд.

– Ха, ҳозир, – гуфт нотиқ гулӯ афшонда, – ба фикри кӯтоҳи ман андешаҳои акои Абӯбакр ҷон доранд. Аввалан, бригадаҳоро омехтану майда кардан хатост. Зеро хурд шудани бригадаҳо сабаби сустии иқтисодиёти хоҷагӣ мегардад. Сониян, дар ҳамин шароити вазнини бӯҳрони иқтисодӣ, дар ҳамин шароите, ки хоҷагиамон базӯр нафас мекашад, бригадаҳои нав ташкил додан харҷи иловагиро талаб мекунад.

Ӯ таамул варзид, аммо аз минбар нафаромад.

Раиси маҷлис ба ӯ рӯ овард:

– Тамом кардед, Абдувақкос?

– Аз кору бори бригадаи худ ягон даҳан гап занед, охир шумо нақшаро панҷоҳ фисад ҳам иҷро накардед.

– Бригадаҳои зардолупарварӣ – бачаҳои ӯгаи хоҷагӣ, – гуфт ӯ бо истеҳзо ва фаромадаровон афзуд: – Он ҷо ки аён аст, хоҷат ба баён нест.

Чанд нафари дигар кӯтоҳ-кӯтоҳ ба музокираи маърӯзаи раис шарик шуда, нуқтаҳои асосии онро маъқул ёфтанд. Абӯбакр ва Абдувақкосро зери тозиёнаи танқид гирифтанд, ки онҳо ба ҳама чиз

аз рӯи манфиати шахсӣ ва гурӯҳӣ баҳо медиҳанд, худхоҳии онҳо боиси ичро нашудани нақшаҳои хочагӣ ва носолимии ахлоқи чавонон мегардад.

Сарагроном Ҳорис Умеркин изҳори назар кард. Вай гуфт, ки маърӯзаи Куброхон Обидовна хусусияти таҳлилӣ дорад. Он чо, ки таҳлил ҳаст, – воқеан бори аввал дар таърихи хочагӣ ман чунин маърӯзаро шунидам, – танқид ҳам мешавад. Раис номуташаккилии хочагӣ, бесару сомонӣ, бемасъулиятии бригадаҳои зардолупарварӣ, хунукназарии ҳамаи моро дар чамъоварию захираи хошоки чорво, махсусан дуздию ғоратгариро одилонаю дилсӯзона зери танқид гирифтанд. Сабабҳои ичтимоию ахлоқии ин воқеаи нангинро ошкор карданд. Рабудани моликияти совхоз кори киҳост, мо медонем. Раис метавонанд, онҳоро ном ба ном бигӯянд, вале рӯи одам нур дорад гуфта, истиҳола карданд. Ман мехостам, ки аз маърӯза ҳамаамон хулосаҳои даркорӣ барорем. Ба фаъолияти раисаи нав кӯмак кардан лозим аст. Агар аз ӯҳдаи ин набароем халал додан лозим нест.

Куброхон дид, ки коргарон ва мутахассисон, ба истисноии ду-се нафар, мазмуну моҳияти маърӯзаро писандиданд. Ба мунаққидони маърӯза дигар ашхос чавобҳои сазовор доданд.

Бинобар он ӯ дар сухани хотимавиаш диққати халқро баояндаи хочагӣ чалб намуд. Ӯ иброз дошт, ки дар пеш навсозии боғу майдонҳо, аз байн бурдани дарахтони кӯҳансол ва камҳосил, ба чои онҳо шинондани ниҳолҳои тоза дар назар аст. Ҳамчунин заминҳои нав бикшода, бригадаҳои тозаро аз ҳисоби чавонони пуркор таъсис медиҳем. Дар раёсати совхоз низ мутахассисони чавони қобилиятнокро чалб мекунем. «Обу ободонӣ» гуфтаанд. Дар ин бора низ тадбирҳои мушаххас меандешем. Тамоми қувва, ғайрат, дониш, тачриба, истеъдод барои беҳбудии ҳаёти хочагӣ, барои ободонию фаровонии зиндагонии ҳар як сокини Боғистон аст, рафиқони мӯҳтарам!

Аз рӯи маърӯзаи Куброхон Собитова, директори хочагии боғу токдории «Исфара-Лаккон» қарори дахлдор қабул шуд.

## НАВПАРДОЗИҲОИ РАИСА

Ҳанӯз соли 1989 ба охир нарасида, аҳолии хочагии Боғистон барои ҳосили фаровони соли оянда тайёрӣ медиданд. «Чоруби нав хонаро тоза мерӯбад, – мегуфтанд одамон байни худ, – раиси нав

ҷавон бошад ҳам, серталаб аст, бағайрату пуркор аст»: ҳар рӯз соати шаш, ҳанӯз офтоб рух нанамуда ӯ ба сари хидмат ҳозир мешавад, вазифаҳои ҳар як бригадаро муайяну мушаххас мекунад, мошинҳои кишоварзӣ, нуриҳои маъданӣ ва дигар чизҳои заруриро тақсим мекунад ва бегоҳӣ то нисфи шаб нишаста, аз бригадирҳо ва сардорони соҳаи дигар маълумоти иҷрои супоришҳояшро талаб месозад. Худаш зан бошад ҳам сиёсаташ аз мардҳои «ман-ман мегуфтагӣ кам не», – ҷавоб медоданд баъзе ашхосе, ки рӯзҳои аввал бо ӯ беэътиноӣ мекарданд.

Ин аст, аҳли деҳаи Боғистон интизомро вайрон накарда, муташаккилона ба кор мебаромаданд. Онҳо шудгори тирамоҳиро дар мӯҳлати муқарраршуда моҳҳои октябр ва ноябр бомуваффақият анҷом доданд.

Заминҳои зери дарахтони себу зардолу ва ангурҳои хушлаззат ва дигар қитъаҳои даркориро аз шудгор бароварданд ва аз сангҳо бори дигар тоза карданд. Ҳанӯз замин аз сардиҳои зимистон ях набаста яхобмониро ҳам ба анҷом расониданд. Деҳқонони соҳибтаҷриба аҳамияти яхобро хуб мефаҳманд. Вай шӯрии хокро қариб аз байн мебарад, ҳашароти зарароварро нобуд мекунад, замин осудаҳолона об мехӯраду нам мекашад, дарахтҳо ва токҳо аз он баҳра мебардоранд. Дар давраи яхобмонӣ зимистон анҷом меёбад. Аз аввали сол токбурӣ ва бурида кӯтоҳ кардани шоххҳои дароз ва навдаҳои нодаркори дарахтони зардолую себ ҳам сар шуда, то вазидани нафаси ҳаётбахши насими баҳорӣ идома ёфт. Баробари фаро расидани фасли нозанини баҳор мардум ба токбандӣ шурӯъ карданд. Зангҳои токро ба пояҳои устувору навдаҳои онро ба симҳое, ки аз як марзи қитъаи токзор то марзи дигари он мисли тор танидаанд, беозор ва эҳтиёткорона ҳалқа бастанд. Чун токҳо навда давонданду барг бароварданд ва онҳо мисли баргҳои сабзу кабуд мавҷ заданд, деҳқонон тадриҷан хомтоки аввалу сониро ба анҷом расониданд. Кормандони зирак ва ҳушёру бедори Боғистон коркарди кимёвии замин, ахлотандозӣ, дорузанӣ, донакчиниро низ фаромӯш накарданд, ҳамаи ин корҳо сари вақт иҷро шуданд.

Зардолупарварҳо аз кирмҳое, ки ба донаки зери дарахтон сӯрох карда дароманду аммо онҳоро бо чашми оддӣ наметавон дид, сахт метарсанд. Зеро ин ҳашарот мағзи донакро маззакунон нӯши ҷон мекунанду баробари ғӯра бастан ва донак шах кардани дарахтони зардолу аз «хонааш» берун омада, ба ғӯраҳо ҳуҷум меоваранд. Дар натиҷа зардолу бодрезак мешавад. Барои зардолу ин як офат аст. Аз

ҳамин ҷост, ки деҳқонон донакчиниро аз майдонҳои зардолу дар фасли зимистон як амри воқеӣ мешуморанд.

Куброхон давраи долу зарби корро дар боғоту токзорҳои хоҷагӣ ба ёд овард. Вай аз моҳи июн аз давраи расиши зардолуи пешпазак оғоз ёфта то моҳи октябр давом мекунад. Агар меҳнатдӯстию матонат, ғайрату ҳиммат ва қувваю иқтидори коргарон, деҳқонон, мутахассисон ва раёсати хоҷагии боғу токдории «Исфара-Лаккон»-ро санҷидан лозим ояд, давраи аз ин қулайтар нахоҳад шуд. Ин давра ё ҳаёт ё мамоти хоҷагист. Ҳосилотро беталаф, муташаккилона ғундошта бигиред, боиси равнақи ҳаёт мешавад, агар бемасъулиятӣ зоҳир карда, тӯъмаи гургҳои дупо-яғмогарони беҳаё бикунед, мамоти хоҷагӣ аз замин ибтидо меёбад. Ин давраи чидану тарфурӯшӣ кардан, ба заводҳои шаробкашию комбинати консерв супоридани онҳо, хушконидану бо молҳои ниёзи мардум ва дигар масолеҳи хоҷагии халқ иваз намудани меваҳои Боғистон аст. Онҳо дар ҷумҳуриҳои ҳамҷавор низ харидорҳои ҷазман доранд. Аз меваи ширин ва ғизобахши хушхӯр кӣ рӯ метобад? Ба ивази зардолую себ, ангуру нок ва дигар меваҳои хоҷагии «Исфара-Лаккон» чизҳое, ки намегиранд. Орду равған, биринҷу қанд, спирту макарон, бензину солярка, масолеҳи молиданӣ, бинокорӣ ва ғайра ва ҳоказо меоянд. Ҳамаи онҳо барои рӯзгори аҳли хоҷагӣ ва вусъати кори боғу токдорӣ ҳамчун обу ҳаво заруранд. Роҳбарияти совхоз дар давраи бӯҳрони шадиди иқтисодӣ ба умеди кӯмаки давлат намешавад, балки худаш ба давлат ёрӣ расонида сокинонашро бо хӯрока ва дигар молҳои ниёзи мардум таъмин менамояд.

Куброхон ба санҷидакорӣ, сарфакорӣ ва заминшиносию таҷрибаи ҳамдиёрони худ борҳо қоил шудааст. Онҳо аз замини пурсаховат тамоми сол ҳосил мегиранд, як ваҷаби онро беҳуда намегузоранд. Дар зери қитъа-қитъа зардолузору себзор бонавбат гандуми тирамоҳӣ, ҷуворимакка, юнучқа, мош, алафҳои хошокӣ, сабзию пиёз, картошка ва дигар анвои сабзавот мекоранд ва ҳосили хуб ҳам мебардоранд. Раиса бо ташаббуси худ ва салоҳдиди раёсати хоҷагӣ барои истифодаи муваққатӣ порча-порча заминҳои зери зардолую себ ва дигар дарахтҳои ҳосилдеҳро ба ихтиёри аъзоёни хоҷагӣ супурд, то ки ҳар чи ниёз доранд бикоранду рӯёнанду бигиранд. Хурсандии сокинони Боғистонро аз ин иқдоми ӯ ба қалам овардан душвор аст. Тамоми сол зиндагӣ ҳамин зайл ҷараён дорад.

Куброхон ҳамоно рӯ ба осмон мехобид. Моҳи мунир гӯё рухсораҳои аз офтоби тобистон сӯхтаи ӯро тамошо мекарду мегуфт:

– Ту моҳи заминӣ, ман моҳи само. Дар дили шаб ту ҳам танҳоӣ, ман ҳам. Маро ситораҳои хурду бузург иҳота карда бошанд ҳам, худро танҳо мешуморам, зеро ба онҳо ва сӯҳбате пайваста метавонам. Офаридгор ба ҳамаи мо нуру сафо дода, вале забон надодааст. Худованди қодиру нозир ба ту ва дигар бандаҳояш мӯъҷизае ато фармуда, ки забон ном дорад. Ҳаргиз дилтанг машав, Куброхон! Бо забони ширин, ки морро метавон аз хона берун овард, чаро дили одамонро ёфтан мумкин набошад? Дар ин дунё ҳар кас умеде аз рӯзгори хушу осуда дорад, манфиате, орзӯю таманное дорад. Бояд мусоидат кард, то ҷомиа аз сарвар баҳрае бардорад, бо кӯмаки ӯ гули орзуҳояш бишкуфад. Ту низ қобилияте, истеъдоде, матонате дорӣ, Куброхон, ки мардумро ҳавасманд бикунию аз имконоти бепоён ва қувваҳои эҷодии он баҳри навсозию ободии Боғистон истифода барӣ!

Куброхон мехост бигӯяд: «Эй моҳи оламоро, ки шабистон аз ту мунаввар аст, ба дили торики балвогарон зиё бахшо!...», вале дар ҳамин вақт аз дур саге аккос заду сонӣ нола кашид. Саги ҳавлии Куброхон, ки Рекс ном дошт, ба вай ҳамовозӣ кард. Паррандаҳое, ки дар шоххои дарахти себу шафтолу дар хоби роҳат буданд, баногоҳ бедор шуда, болафшон ба парвоз омаданд ва меваҳое чанд ба замин афтоданд. Куброхон ба худ омад.

Боре ӯ шоҳиди сӯхбати дӯстони дерин Бойбобо Шамсиев ва Назирҷон Ӯлмасов гардида буд.

– Ёд доред, саркор, – мегуфт мӯйсафед Бойбобо, – зиндагиро дар ин ҷо чӣ хел сар карда будем?

– Акнун он рӯзҳо афсона шудаанд, – ҷавоб дод амаки Назирҷон, – ба писарҳоям Ҳикматҷон ва Нозимҷон, ба хоҳару додарони онҳо бигӯям, ки ҷои хоҷагиамон бешазор буд, макони хукҳои ёвоӣ, ҳайвонҳои ваҳшӣ буд, ман ҳамроҳи амакат Бойбобо ва дигар ёру бародарон заминро аз ҳамаи онҳо бо азобҳои алим тоза карда, ба кишту кор ва ниҳолшинонӣ сар кардем, бовар намекунанд.

– Онҳо хаёл доранд, ки ин гӯшаи ҷаннатро худо барои мо барин бандаҳои некрӯзаш аз ҳеҷ чиз офаридааст.

– Ҳамина гӯед-а, – чашмонашро нимкоф намуда, солҳои ҷавониашро ба ёд овард Бойбобо Шамсиев, – дар ин ҷо сарпаноҳе ҳам набуд. Худо ҷояшро ҷаннат кунад, директорамон Ҳасанов ҳавлии як бойро аз деҳаи Работи Кабуд иҷора гирифта ба коргарон дода буд.

– Ба хаёлам Султонбой буд номаш, дар марзи Қирғизистон буд

хонааш, – қувваи ҳофизаашро санҷиданӣ шуд амаки Назирҷон.

– Намуред, саркор! – изҳори хурсандӣ кард Бойбобо, – боз лаб ба шиква мекушоед, ки хотирпарешон шудаам. Гапатон ҳақ! Лекин бои ноинсоф моро аз шаш моҳ зиёдтар зиндагӣ кардан намонд.

– Ба хаёлам совхоз иҷорапулиро дар вақташ дода натавониста буд, – ёдовар шуд амаки Назирҷон.

– Бале саркор, ҳамин хел буд, – пиёлаи чойро ба ӯ дароз кард пирамарди Бойбобо, – лекин Ҳасанов одами базарда буд, баору номус буд. Ҳамаамон сӣ-чил нафар коргар будем. Моро ҷамъ карду машварат орост. «Акнун нашуд, – гуфт ӯ, – соҳиби ҳавлӣ мою шуморо хор кард. Ҳашар карда худамон хона месозем. Масолеҳашро ман аз Исфараю Хуҷанд ёфта меорам». Шоввоз ба ваъда вафо кард. Дар давоми шаш-ҳафт моҳи баҳору тобистон се хобгоҳи умумӣ сохтем.

– Ба хаёлам, нимаҳои солҳои сиюм буд, – пиёлаи чойро пас гардонд амаки Назирҷон, – як бинои хурдакак барои идора ҳам сохта будем. Ман ба устои хонасоз хишт медодам.

– Бале, саркор, – ришашро бо панҷаҳояш ҳилол кард Бойбобо Шамсиев, – бечора сардорҳо дар вагонча зиндагию кор мекарданд. Хобгоҳ сохтему сонӣ ман хонадор шудам.

– Ҳама аҳл будем он вақт, – гуфт амаки Назирҷон, – ман ёд дорам оши тӯятонро Мамасафо пухта буд, даҳ панҷааш ҳунар буд раҳматия, ошашро хуб таъриф карда хӯрдем. Парпибой аз куҷое як дойра ёфта омад, вай дойра мезаду Абдуқодир ашӯла мехонд.

– Абдуқодир ҷавони ишқия буду дар совхоз ягон зан ё духтар набуд, ки рози дил бигӯяд.

– Дилаша бо ашӯлахонӣ холӣ мекард. Аввали як ашӯлааш ҳоло ҳам дар хотирам ҳаст.

– Як намехонед-мӣ, – таклиф намуд амаки Бойбобо, – ҷавония ёдоварӣ кунед.

– Овозканӣ гӯед-а, ако, – афсӯс хӯрд амаки Назирҷон, – эсиз ҷавонӣ. Ҳамту мегӯм:

Ҳар замон моро ба кӯяш завқи дидор оварад,
Булбулонро орзӯи гул ба гулзор оварад...

Куброхон сӯҳбати пирамардони барнодилро бо камоли рағбат гӯш мекард ва аз дил мегузаронд, ки ин совхоз роҳбарони бисёрро дидааст. Дадоҷонов, Расулов, Зоиров, Охунов, Аминҷонов, Шокиров, Сайфуллоев, Мукаррам Тӯраев, Наҷмиддинов... Ҳар кадоми ин мардони шуҷоъ хиште дар бинои хоҷагӣ бо дастони худ гузоштаанд.

Аксарияти онҳо ду-се ё ки чор-панҷсолӣ роҳбарӣ кардаанд. Тӯраев дар давоми ҳашт соли сарвариаш кам не, ғам не, 120 гектар боғу токзори нав бунёд кардааст. Наҷмиддинов дар тӯли 16 сол ҳазорон ниҳолҳои нави дарахтони ҳосилдеҳ шинондааст, ки меваи онҳоро халқ то имрӯз мехӯрад. Насос ва қубурҳои обкашии Маҳбуба Содиқоваро намегӯед? Ӯ садҳо гектар заминро обшор кардааст. Майдони ба навъҳо ҷудокунии мева дар давраи роҳбарии ӯ кушода шудааст.

Апаи Маҳбубахон ҳаётро хуб медонистааст. Ҳамеша ғами халқро мехӯрдааст. Аз коргарон ва мутахассисони хоҷагӣ ҳар касе, ки вафот ёбад ба зодгоҳаш – Кӯлканду Чилгазию Навгилему Исфара ва дигар ноҳияҳо бурда ба хок месупориданд. Бо ташаббуси ин зани фидокор дар Боғистон хокҷой сохтанд, онро обод карданд. Рӯҳия ва кайфияти мардумро тағйир додан осон набудааст. Маҳз ба шарофати панду насиҳатҳои модаронаи Маҳбуба Содиқова одамон тадриҷан розӣ шуданд, ки мурдаи худро ба водии нави хомӯшон бисупоранд. Апаи Маҳбуба бахташро аз хизмати халқ ёфт. Ӯ ҳоло давлати пирӣ меронад, сокинони Боғистон ӯро модар мехонанд. Ва ҳурматашро ба ҷо мероваранд, писарҳояш сутун ва қуввати дил, набераҳояш боғу бӯстони ин зани маслиҳатгаранд.

Куброхон ҳикмати Хирадмандро ба хотир овард, ки ҳар кас накӯном бошаду осоре аз худ боқӣ гузорад, халқ ҳаргиз ӯро фаромӯш намесозад. Куброхон низ ҳамчун фарзанди бовафои халқ хизмати худро дар Боғистон аз накӯкорӣ оғоз намуд.

Вақте, ки ӯро директори совхоз интихоб карданд, деҳа 1546 нафар сокин дошт. Ҳоло шумораи одамон ба ду ҳазор расидааст. Он сол 65 хоҷагӣ дошт, алъон қариб 200 хоҷагӣ кору зиндагӣ мекунанд. Ҳамаи онҳо дар манзилҳои давлатӣ, ки бо мурури ғанитар гардидани хазинаи совхоз сохта шудаанд, умр ба сар мебурданд. То фаро расидани давраи бозсозӣ хусусӣ гардонидани иморатҳои давлатӣ мумкин набуд. Одамон дар хонаҳои давлатӣ зиндагӣ мекарданду, лекин худро дар он ҷоҳо муқимӣ намешумурданд. Баъзеҳо рафта аз шаҳр манзил мехариданд, дар шаҳр сохтмон мекарданд, кор меёфтанд. Худ он ҷо монда шаҳрии муқимӣ мегардиданд. Ин боиси парокандагии аҳли хоҷагии Боғистон шуда метавонист. Куброхон бошад, саъю талош ба кор мебурд, ки як нафар ҳам боғистонӣ бе зарурат тарки манзил накунад, зеро хоҷагӣ доимо ба қувваи корӣ эҳтиёҷ дошт. Вагарна дар мавсими мевачинӣ шаҳриёнро ба ёрӣ намехонданд. Ба ақидаи ӯ беҳтарин роҳи боз доштани Боғистониҳо аз

парокандагӣ, тадбири манзил, хусусӣ гардонидани ҷою ҷалоли зисту зиндагонии онҳо буд! Пулдорҳо ин тадбири раисаро зуд дастгирӣ карданд, хонаю ҳавлиашонро аз давлат бо нархи арзон харида гирифтанд. Ҳиссиёт ва шуури соҳиби манзилу макони шахсӣ шудан дигаронро ҳам фаро мегирифт. Камбизоатҳо аз ёру дӯст андак маблағ ба вом мегирифтанду иқоматгоҳашонро мехариданд, аммо бепулҳо сарак-сарак шуда монданд. Онҳо ба раиса бо арзу ниёз рӯ меоварданд, ки кӯмаке бикунад. «Гар дасти фитодае бигирӣ мардӣ!» – гуфт Куброхон ва қарори раёсати хоҷагии боғу токдориро интишор дод, ки ба ниёзмандон аз ҳисоби даромади солонаашон пешакӣ қарз додан мумкин аст. «Қарзро бармегардонем, аммо манзил аз худомо мешавад», – гуфтанд сокинони Боғистон. Ҳамин тавр манзилҳои давлатӣ, ки кормандон зиндагӣ мекарданд, тамоми деҳа бо ташаббуси Куброхон Собитова хусусӣ шуданд. Раиса меҳри мардумро ба худ бедор кард.

Ҳамон вақтҳо ҳам Абӯбакр аз фаъолияти Куброхон шиква ба миён оварда буд. Аҷоиб одамоне ҳастанд дар ин дунё. Аз қарорҳои давлату ҳукумат худашон аввалин шуда баҳра мебаранд, аммо ба дигарон муқобил мебароянд. Магар ҳамин Абӯбакр набуд, ки пеш аз ҳама хонаи худ, сонӣ аз они фарзандонашро ба моликияти хусусӣ табдил дод? Аз хурсандӣ даҳонаш ба гӯшҳояш ҳарифона мехӯрданд. Вақте, ки дигарон ба кор шурӯъ намуданд, ӯ ба Куброхон изҳори норизоӣ кард.

– Чаро бо мо маслиҳат намекунед, – қавоқ андохт ӯ, – ҳама ба ин сазовор нестанд.

– Ин қонуни давлат аст, – гуфт Куброхон. – Мо ҳақ надорем, ки муқобил бароем.

– Ҳар як қонун истисно дорад, – изҳори фазл намуд Абӯбакр. – Баъзеҳо интизоми меҳнатро риоя намекунанд, чанде дар вақти кор менӯшанду маст мешаванд, манзили онҳоро хусусӣ кардан шарт нест.

– Дар пеши қонун ҳама баробаранд, – ҷавоб дод Куброхон – онҳо ҳам аъзои хоҷагии моянд. Мо манзили ҳамаро хусусӣ мекунем то, ки онҳо ба хонаю дар, ҷою ҷалоли худ меҳр банданд, бо дили гарм зиндагӣ ва кор кунанд, худро сокинони доимии Боғистон шуморанд.

– Ихтиёратон як маслиҳат додем-дия, хоҳед ба инобат мегиред, нахоҳед не, – даст афшонда рафт Абӯбакр.

Рӯзи дигар дар ҳузури Куброхон чор нафар ҷавонмард – коргари заводи шаробкашӣ, устои таъмири мошинҳои кишоварзӣ, ёвари та-

розудори хоҷагӣ ва як нафар тракторчӣ зоғ ҳанӯз «қанд» нахӯрда, ширакайф бидуни иҷозат зада даромаданд.

Тинҷи-мӣ? – пурсид Куброхон.

Чор нафар ба якдигар нигоҳ карданд, ки аввалин суханро кӣ мегӯяд.

– Гап зан, гуфт ёвари тракторчӣ ба тарозубон, – маро ту овардӣ.

– Қавмиддин гап занад, – ба коргари завод ишора кард ӯ. – Ҳамин ҳар чӣ гӯяд мо тарафдор.

Мо омадем, ки як чиза пурсем, – оғоз кард Қавмиддин ва ду-се бор лабонашро лесида афзуд. – Гап-гап ҳаст, ки хонаҳои моро привизация намекардед?

Вай калимаи «приватизация»-ро дуруст талаффуз карда натавонист.

– Ҳамту-мӣ? – саволи таъкидӣ дод ӯ.

– Кӣ гуфт? – пурсид Куброхон бо хотири мушавваш.

Шаб дар тӯйхона шунидем.

Аз кӣ шунидед? – боз пурсид раиса.

– ...

– Чаро ҷавоб намедиҳед?

– Гап зан охир! – ба Қавмиддин рӯй овард таъмиргари мошинҳо.

– Кайфам буд, ёд надорам, – гуфт Қавмиддин.

– Акои Абӯбакр ҳам дар тӯйхона буданд? – савол дод Куброхон.

– Ҳа, кӯтоҳакак тасдиқ кард ёвари тарозудор.

– Лекин бо мо набуданд, гуфт Қавмиддин саросема шуда ва ба шарикаш теғ кашида нигоҳ кард:

Агар хонаҳои моро ба худамон нафурӯшед, мо аз совхоз меравем.

Кубро андак асабӣ шуд, вай тахмин кард, ки дина Абӯбакр бесабаб пеши ӯ наомада будааст. Ба Куброхон маслиҳат дода, ба ин коргарҳо аксашро гуфтааст.

– Ба гапи ҳар касу нокас гӯш накунед, – сахт карда гуфт раиса. – Совхоз шаҳри бедарвоза нест, ки ҳар кас хоҳад ояд, нахоҳад биравад. Ман ба касе супориш надодаам, ки манзили шуморо хусусӣ нагардонад. Марҳамат хусусӣ кунед, лекин хоҷагӣ ба дилатон зада бошад, чор тарафатон қибла, куҷо хоҳед равед!

Меҳмонони нохонда боз ба ҳамдигар чашм дӯхтанд. Ранги рӯи бо зарби шароби сабоҳӣ сурх шудаашон парид, саросема шуда, дасту по хӯрданд.

– Қавмиддин, сабукӣ накун, – гуфт ёварӣ тарозудор, – дар ҳамин

ҷо таваллуд шудаем мо, ба куҷо меравем? – Қавмиддин хомӯш шуд. Ду нафари дигар гуфтанд, ки Қавмиддин дар болои феълаш дил кафонд, ин ҳам, мо ҳам ҷои мерафтагӣ надорем.

Куброхон фаҳмид, ки сиёсаташ таъсир кард. Ӯ ба котиба фармуд, ки ҳуқуқшиносро даъват бикунад. Зуд як ҷавони сафедчеҳраи ситорагарми болобаланд ба ҳузури Куброхон ворид шуд.

– Ҳамроҳи инҳо равед, – супориш дод ӯ, – фаҳмонда диҳед, ки барои хусусӣ гардонидани хонаҳояшон чӣ хел ҳуҷҷатҳо лозиманд. Ҳамин ҳафта ҳал кунед.

Онҳо рафтанд. Куброхон як нафаси чуқур кашид.

## ШИКОЯТ ВА ҶАВОБ

Куброхон боз якпаҳлӯ гашт, аввал ба паҳлӯи рост, сонӣ ба чап. Вай акнун ҳис кард, ки устухонҳои баданаш дард мекунанд. Диккак нишаст. Бо ду даст аз банди поҳояш кашида, сар ба зону фурӯ андохт. Бехобӣ поҳои ӯро зириқ зириқ ба дард овардааст. Ҳар киро як одате. Агар Куброхонро хоб набарад ё хоб ояду дар вақташ ба ҷогаҳ надарояд, пойҳояш дард мекарданд. Кори асаб аст ин, албатта, торҳои асабаш чунон нозук шудаанд, ки шилдир-шилдири об ҳам ба ӯ халал медиҳад. Куброхон бохабар шуд, ки ҷумаки водопроводро маҳкам накардааст. Хеста рафта онро маҳкам кард. Ҳамин вақт як мошини сабукрав тирвор аз кӯча гузашт. Куброхон зуд ба куча баромада нигоҳ кард. Жигули будааст аз афташ. Танҳо чароғи сурхи он ба чашм расид. Рақами давлатиаш наменамуд. Дили Куброхонро гургҳо тала карданд. Дар болои боми мошин бор буд. Ҳамоно лингаҳои себанд. Ноинсофҳо! Даруни мошин, бағочхонаи мошинро пур кардан кам аст, магар, ки лингаҳои пурро болояш ҳам мебанданд. Чашми мардум кай сер мешавад? Куброхон дар рӯи ҳавлӣ қадам мезаду аз хаёл мегузаронд, ки ҳамаи тадбирҳои раёсати хоҷагӣ, ҳар як ташаббуси худи ӯ ба манфиати халқ аст. Аммо онҳо ҳеҷ не, ки аз дуздӣ даст бикашанд. Вай албатта, тамоми халқро дузд намешуморад. Аксарияти сокинони Боғистон одамони ҳалолу покизаанд, аз бурдану хӯрдани сарвати ҷомиа барҳазаранд. Аммо гоҳ-гоҳ мисли «холи тиллоӣ» ашхоси ҳаромхӯр ҳам ба назар мерасанд. Куброхон дар як ҷамъомади аҳли совхоз бо киноя онҳоро «ҳусни ҷомиа» номида буд. Вақте, ки ба кормандони хоҷагӣ боғчаҳои наздиҳавлигӣ доданд, дар байни онҳо «чашмбандӣ» хеле кам шуда

вале тамоман барҳам нахӯрд. Ҳамон вақт ҳам Абӯбакр ҷанҷол бардошта буд, ки чаро ба баъзеҳо ҳашт барои баъзеи дигар дувоздаҳшонздаҳ сотихӣ замин медиҳед? Ҳатто аз номи як гурӯҳ аъзои Шӯрои ҷомиаи меҳнатӣ ба Куброхон изҳорот пешниҳод карда буд, ки қарори раёсати идораи совхоз нодуруст аст. Тақсимоти участкаҳо аз нав баррасӣ карда шаванд. Ба фикри Абӯбакр ва шарикони ӯ раиса аз вазифааш сӯистеъмол карда, боғчаҳои наздиҳавлиро мувофиқи хости худаш тақсим намудааст. Ин вайрон кардани оинномаи хоҷагӣ буда, онро ба ҷузъ қонуншикании дағалона дигар хел наметавон тавсиф кард. Аъзои раёсат либерализм ва бепринсипӣ зоҳир кардаанд. Ҳамоно эшон дар ҳамин рафтори худ манфиате дидаанд. Ба гурӯҳбозӣ ва муносибатҳои хешовандӣ кай хотима дода мешавад ва ғайра ва ҳоказо.

Куброхон дар танҳоӣ изҳороти мазкурро ду маротиба хонда фаровард. Ӯ бовар ҳосил кард, ки даъвогарҳо принсипи тақсимоти боғчаҳои наздиҳавлиро нафаҳмидаанд. Агар дуруст фаҳмида бошанд, мақсади эшон иғвогарии навбатист. То ки раиса ё аз вазифаи худ дилгир шуда баромада равад ё ба дойираи Абӯбакр ва шарикони ӯ рақс кунад, аз нишондод ва хати кашидаи онҳо берун наравад. Куброхон, сариқтисоддон Бобохон Хоҷиев ва сармуҳосиби хоҷагӣ Абдуҷамил Расуловро, ки дар тақсими замин ширкат доштанд, даъват карда, изҳоротро ба пеши онҳо гузошт.

– Ошно бишавед, – гуфт ӯ ва бо киноя афзуд, – дар ҷавоби ғамхории мо шукрона навиштаанд.

Баъди хондани «шукрона» Бобохон боэътиноёна гуфт:

– Ин бемории Абӯбакр. Боз девонагиаш авҷ кардааст. Ӯ ба ҳар як қарори мо хоҳ дуруст бошад, хоҳ нодуруст, муқобил мебарояд. Ман ба ҷои шумо бошам, сарамро гаранг накарда, ин хел коғазҳоро дарронда мепартоям.

Абӯбакр девонаи ба кори худ хушёр аст, – изҳори андеша кард сармуҳосиб, – изҳоротро танҳо нанавиштааст, ошноҳояш имзо гузоштаанд. Таги дили онҳо мансабталошист. Яке раис шудан, дигаре сарагроном шудан, сеюми бригадир шудан мехоҳанд.

Ҳама ҷоҳо банд, – гуфт Куброхон, – дигар ин ки ман ба ҳар як ҷоҳпараст вазифа дода наметавонам. Вазифаро бо аризабозию шикоятгарӣ намегиранд, балки бо меҳнати ҳалол, дониш, таҷриба ва қобилият соҳиб мешаванд. Инҳо бошанд...

– Аз ин тоифа наранҷед – тасаллӣ додани шуд Бобохон, – агар лозим донед, даъват карда фаҳмонида диҳед, ки раёсат ҳеҷ хато на-

кардааст.

Сармуҳосиб фикри Бобохонро пазируфт. Куброхон ба изҳороти Абӯбакр ва тӯдаи риёкорони ӯ зуд ҷавоб надод. Агар ба ариза ё шикояти баъзе ашхос фавран ҷавоб диҳед, онҳо мепиндоранд, ки роҳбар тарсуст, буздил аст. Ӯ чанд маротиба бо Абӯбакр вохӯрда бошад ҳам, аз хусуси изҳорот лаб накушод, гӯё чунин шикоятнома ба дасти раис наафтода бошад.

Як пагоҳӣ Куброхон маҷлиси муқаррарии ҳаррӯзаро гузаронида, ба роҳбарони бригадаҳо ва дигар мутахассисон вазифа месупурду супориш медод. Абӯбакр низ ҳузур дошт. Ӯ барои эҳтиёҷи бригадаи худ трактор ва сӯзишворӣ гирифт. Чун ҳаллу фасли масъалаҳои ҷорӣ анҷом ёфтанд, Абӯбакр хост, ки дар танҳоӣ бо раиса аз тақдири изҳороташ бипурсад. Аммо Куброхон мутахассисҳо, коргарон ва бригадирҳоро, ки ҳар яке ба иҷрои вазифаи худ мерафтанд, нигоҳ дошт ва ба ҳозирин муроҷиат намуд:

– Акои Абӯбакр як шикоят навиштаанд ҳамонро бишнавем, рафиқон! Гап занед.

– Мо онро ба номи инҳо не, – бо дастони кӯтоҳаки ғафсаш ба аҳли маҷлис ишора карда Абӯбакр, – ба номи шумо навиштаем. Инҳо аз корашон дер намонанд, худатон ҷавоб медиҳед.

– Мебахшед акои Абӯбакр, аз мазмуни шикоятномаи шумо ва ҷавоби ман халқ огаҳ бошад. Ҳамаи инҳо аъзоёни раёсати хоҷагии мо мебошанд.

Абӯбакр таб бароварда, то буни гӯш сурх шуд. Одами зард сурх шавад, чеҳрааш ба шалғами сармозада шабоҳат пайдо мекардааст.

– Ман... мо дар бораи участкаҳои наздиҳавлигӣ фикри худро навишта будем, – овоз баровард ӯ ва боз суханашро давом доданӣ буд, ки сарагрономи нав Ҳикматҷон Ӯлмасов пурсид:

– Шумоён киҳо!

– Мо – одамон.

– Медонам, хайвон нестед, номи шариконатонро мепурсам.

– Ҷумъабой, Абдуқаҳҳор, Муталлиб, Мулло Наримон, Файзиддин, Аҳлиддин, Аҳмадҷон...

– Инҳоро аз кадом қуттии аттор ёфтед, – пурсид устои сохтмон, ки тамбалу бадмасту берӯ будани онҳоро медонист. Абӯбакр ҷавоб надод.

– Чӣ навиштетон, фикратон чӣ хел? – боз пурсид Ҳикматҷон.

Абӯбакр забон хоида бо овози ларзон арз кард, ки онҳо, яъне муаллифони изҳорот аз тақсимоти участкаҳои наздиҳавлигӣ розӣ не-

станд, зеро замини совхоз талаф шудааст, ба ҳар як оила ҳашт сотихӣ додан даркор буд, лекин раиса то шонздаҳ сотихӣ додаанд.

– Ин корро Куброхон Обидовна не, балки раёсати совхоз кардааст, – гуфт Ҳикматҷон. – Раёсат хизмат ва ҳаққу ҳуқуқи ҳар як узви совхозро ба ҳисоб гирифт.

Шонздаҳ сотихиро ба ду оила додаем, – гуфт раиса. – Ба хонаводаи шумо бошад, акои Абӯбакр, бисту чор сотих расидагӣ, ҳашт сотих барои шумо, боз ҳашт сотихӣ ба ду писаратон.

– Лекин писарони ман ба сари худ мустақил ҳастанд, дар бригадаҳои гуногун кор мекунанд, ҳавлию ҷояшон ҳам алоҳида аст.

– Мо чӣ хатои роҳ додаем? – Пурсид раиса.

– Шумо ба хостагиҳотон 16-тоӣ, ба нахостагиҳотон ҳаштоӣ тақсим кардед.

Абӯбакр чанд касро номбар кард.

– Ҳар кадоми онҳо аз ду оила иборатанд, – гуфт Куброхон. – Аз шумо фарқашон ҳамин аст, ки мисли фарзандони шумо дар ҳавлиҳои алоҳида нею дар як ҳавлӣ, ҳамроҳи падару модар зиндагӣ мекунанд.

– Онҳо дар як танӯр нон пухта, аз як дег ош мехӯранд, – боз исрор кард Абӯбакр, бинобар он як оила ҳисоб мешаванд.

Ҳама гурросзанон хандиданд. Абӯбакр боз сурх шуда рафт.

– Ана мантиқу мана мантиқ, – ханда кард Куброхон ҳам. – Халқи мо оилапарвар аст. Падару модар кӯшиш мекунанд, ки фарзанду келину набераашон аз худашон дур набошанд. Аз нашъаи оиладории онҳо баҳра мебаранд. Ба орзую ҳаваси худ мерасанд. Ғайр аз ин на ҳамаи оилаҳо имконият доранд, ки хонаю ҷои алоҳида бигиранд. Бинобар он бо падару модар дар як ҳавлӣ зиндагӣ карда аз як танӯр, як дег нону ош мехӯранд.

– Куброхон, хоҳарам, – гуфт бригадир Инъомҷон Деҳқонов – фарбеҳиро гӯсфанд мебардорад. Аммо Абӯбакр баринҳо не. Ман таклиф мекунам, ки писарони ин касро аз ҳавлиҳои совхоз кӯчонда бо худашон якҷоя кунед, участкаҳои наздиҳавлигии онҳоро ба ихтиёрӣ совхоз гиред.

– Он вақт ба Абӯбакр ҳам ҳашт сотих басанда мешавад, – фикри Инъомҷонро ҷонибдорӣ кард Ӯктамҷон Мелиев, агрономи соҳавӣ.

– Аз они шарикҳояш ҳам гирифта шавад, – гуфт Ҳикматҷон, – мешунавам, ки умри онҳо дар бозор мегузарад.

Раёсати хоҷагӣ ба ин кор ҳуқуқ дорад, – ба сухан оҳанги ҷиддӣ дод Куброхон, – лекин биёед имконият диҳем, ки акои Абӯбакр як

бори дигар фикр карда бароянд. Шояд беасосии фикрашонро фаҳманд. Саҳви худро ба рафиқонашон ҳам фаҳмонда диҳанд. Вагарна аризаашонро дар маҷлиси умумии хоҷагӣ муҳокима мекунем.

Ба шумоён гап зада намешавад, дар ин ҷо озодии фикру ақида нест! – гӯён дастафшон рӯ гардонда рафт Абӯбакр.

Хайр аз паи коратон шавед, – ба дигарҳо низ иҷозат дод Куброхон, – одамизод шири хомхӯрда.

Ана ҳамин хел гуфтугӯ шуда буд он рӯз. Мулло Маънавӣ Куброхонро тасаллӣ дод, ки худоро шукр, корҳои совхоз баҷо, саг аккос мезанаду корвон ба роҳи худ меравад.

Агроном Ӯктамҷон Мелиев, ки марди миёнсоли гармию сардии ҳаётро дидагӣ мебошад, изҳори хурсандӣ кард, ки пеш зардолую себ солдармиён ҳосил медод, ба шарофати шумо, хоҳарам Куброхон, ҳосилҳо ҳарсола шуданд.

Куброхон аз хаёл гузаронд, ки хайрият дар ҷомиа аз одамони бад дида, одамони хуб бисёранд, онҳо аркони давлатанд, кас ба онҳо такя карда фаъолияташро вусъат медиҳад. Худо хоҳад, ҷашни шастсолагии хоҷагии боғу токпарварии «Исфара-Лаккон» наздик аст. Воқеан, дӯстони совхоз, рӯзноманигорони варзида Бадриддин Саидшоев ва Судуриддин Маҳкамов аз Куброхон хоҳиш карда буданд, ки барои рисолае, ки онҳо ба муносибати ҷашни совхоз тайёр карданианд, як мақола бинависад.

– Аз мо корро талаб кунед, – гуфта буд раиса, – мақоларо худатон менависед.

Нею нестон карда, ба ҷону ҳолаш намонданд, ки чун сарвари хоҷагӣ як ёддошти шумо ҳам даркор аст. Рӯзноманигорон мардуми якраванд. Гуфтагиашонро мекунанд. Ҳатто аз меҳмони хоҷагӣ Ҷалол Икромӣ ҳам як ёддошт гирифтаанд. Бузургон хоксор мешудаанд. Нависандаи халқии Тоҷикистон, соҳиби қатор-қатор қиссаю романҳои машҳур не нагуфта дар бораи совхоз як чизаки нағз навиштаанд. Вай дар ихтиёри Куброхон аст. Рӯзноманигорон дастнависи нависандаи маҳбубро ҳамчун ёдгорӣ ба Куброхон супорида, барои китоб нусхаашро гирифтаанд. Вақт ғанимат аст. Аз ду сар ба чашмони ӯ имшаб хоб намеояд. Ӯ ба утоқи кориаш даромада чироғро гиронд. Ёддошти Ҷалол Икромиро, ки андаруни папка рӯи миз мехобид, як бори дигар хонда баромад. «Фирдавс дар рӯи замин». Аҷаб ном гузоштаанд устод ва фармудаанд:

«Мо дар совхози «Исфара-Лаккон» будем. Мардумаш меҳнатӣ, боғайрат, тануманд ва серкоранд, бо ҳамдигар ҳамеша дасти ёрӣ

дароз мекунанд. Умуман дар меҳнатдӯстӣ ва ҳурмати меҳмон ба исфарагиҳо ҳеч кас намерасад.

Дар совхоз на фақат зардолу, себу ангур хеле хуб ва бисёр мерӯянд. Ангури ҳусайнӣ, тоифӣ, кишмиш, шибирғонӣ, дили каф-тар ва ғайра.

Ғӯлунг хӯроки хеле судманд аст. Барои бақувват кардани дил аз рӯи маслиҳати табибон ҳар пагоҳ панҷ дона ғӯлунги Исфара хӯрдам, хеле бақувват гашт. Умуман таҷрибаи совхозҳоро пайравӣ карда, Исфарaро ба боғи Тоҷикистон табдил додан зарур аст.

Ба ростӣ маро ҷойҳои дилкаш ва фараҳафзои ин хоҷагии хурда-как, ташвишу тараддуд, ба иҷрои вазифа дилсӯз будани сарваронаш мафтун кард.

Хуллас, Исфара ва деҳоти атрофи он барои табобат ва истироҳатгоҳи меҳнаткашон хеле мувофиқ мебошад. Байти машҳури шоирро ба ҳаққи ин макон гуфтан хеле муносиб мебуд.

Агар Фирдавс дар рӯи замин аст,
Ҳамин асту ҳамин асту ҳамин аст».

Куброхон таълифи мақолаи худро як ҳафта пеш сар карда, ба он «Қудрати дасти инсон» ном гузошта буд. Оре, замину замон аз мӯъҷизаҳои дасти заҳматкаш гул мекунад. Маҳз дасти коргарон ва мутахассисон заминҳои санглох ва дашти синабирёни ин ҷоро ба Боғистон табдил додааст. Раиса мақоларо ба ҳамин мазмун сар кар-да буд. Акнун ӯ мехост, ки онро идома дода, ба анҷом расонад. Шо-яд азоби рӯҳии вай камтар шавад. Лекин барои давом додани фикр қисмати навиштаашро хондан лозим омад, то ки риштаи инкишофи андешаҳояшро пайдо бикунад. Ӯ аз папкаи рӯи миз онро ба даст гирифт ва рост истода хонд:

«Боре дар як китоби қадима чашмам ба ҷумлаи «Меҳнат туро ба кунгураи кибриё барад» афтоду ба дурандешӣ, заковат ва хирад-мандии халқи азизам бори дигар қоил шудам. Дар ҳақиқат мардуми мо зиндагии худро бе адои коре, иҷрои машғулияте тасаввур карда наметавонанд. Медонанд, ки кафолати зиндагии хуб, истироҳати бофароғат, обрӯю эҳтироми шахс пеш аз ҳама мехнати ҳалол аст. Аз савдогарию мардумфиребӣ, туздию порахӯрӣ, чизу чораи зиёд ҷамъ намудан, бо карру фарр зиндагӣ кардан мумкин аст. Вале ҳамаи он дар назди виҷдони инсонӣ, хурдтарин эҳтироме, ки аз меҳнати ҳалол ба даст омадааст, заррае арзиш надорад.

Накӯ гуфтааст шоир:

Ҳар шаб зи худат бипурс, агар ту мардӣ,
К-имрӯз чӣ хидмате ба мардум кардӣ?

Чунон бояд зист, чунон бояд кор кард, ки аз инсон нишоне боқӣ монад. Одамон солҳои сол номатро бо эҳтиром ба забон гиранд.

Ман ин ҷумлаҳоро бесабаб ин ҷо зикр накардаам. Ҳанӯз аз давраи аввали ташкилёбиаш ба хоҷагии мо одамони дар ҳақиқат ҳалолкору шикастанафс, серғайрату ташаббускор гирд омада буданд.

Манфиату беҳбудии дигаронро назар ба манфиати худ болотар гузоштанд. Мукаррам Тӯраев, Бойбобо Шамсиев, Маҳбуба Содиқова, Тӯхта Наҷмиддинов, Ӯроқбой Деҳқонов, Назирҷон Ӯлмасов, Ҳ.А.Умеркин ва даҳҳо дигарон кадом вазифаро дар хоҷагӣ иҷро накунанд, пеш аз ҳама, ғами халқро мехӯрданд. Қувваю имконияти худро барои ободтар сохтани симои маркази хоҷагӣ, беҳтар гардонидани дараҷаи зиндагии аҳли меҳнат равона мекарданд. Хуб аст, ки ин анъанаи нек пас аз солҳои зиёд дар симои шахсони дигар идома меёбад. Мутахассисону роҳбарони болаёқат Ӯ. Мелиев, Х. Ӯлмасов, Б. Хоҷиев, А. Расулов, И. Наҷмиддинов, А. Ҳасанов, И. Деҳқонов ва боз бисёр дигар ҷавонони умедбахш бо ташаббускориву хушмуомилагӣ, корбарии оқилонаю ҳимматбалиндии худ шӯҳрат ёфтаанд. Аз ҳама муҳимаш ҳар кадоми онҳо фикри шахсии худро доранд. Мардумро ба иҷрои коре, ҳалли мушкилоте ташкилу сафарбар карда метавонанд.

Тӯли чанд соли роҳбарӣ ҳис кардаму шоҳид гаштам, ки одамони ин ҷо якдигарро эҳтиром мекунанд, чун аҳли як оила умр ба сар бурдан барояшон одат шудааст. Ҳар сол, ҳамин ки мавсим оғоз ёфт, хоҷагӣ ба қувваи корӣ эҳтиёҷманд мегардад. Бо аввалин даъват талабаҳои мактаб сӯи саҳрову соҳибхонаҳо ба пункти ба навъҳо ҷудокунии мева шитоб мекунанд. Дар деҳа каси бекору бетараф намемонад гӯем, хатое намеравад.

Ҳамин аҳлигарӣ, якдигарфаҳмӣ аст, ки душвориҳои давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ бартараф мегарданд. Талабу эҳтиёҷи мардум ҳарчанд пурра набошад ҳам, то ҳадди имкон қонеъ гардонида мешавад».

Куброхон мусаввадаи мақоларо ба рӯи миз гузошт. Худ ба курсӣ нишаст, хост, ки қалам бигрифта ҷумлаҳои оид ба аҳлию якдигарфаҳмиро хат занад. Дарвоқеъ, агар дар байни меҳнаткашони Боғистон ва роҳбарияти хоҷагӣ ин гуна хислату сифатҳо мебуданд,

оё гирдиҳамоӣ мекарданд? Онҳо ба қадри ғамхориҳо ва заҳматҳои Куброхон нарасиданд, хостанд, ки обрӯи ӯро бирезанд, ба истеъфо водор созанд. Ӯ қалам бигрифт, аммо андешаҳои роҷеъ ба аҳлию якдигарфаҳмиро хати батлон кашида натавонист. Ӯ баръало овози дилашро бишнавид, ки мегуфт...

– Аз барои кайк шуда, пӯстинро сӯхтан аз рӯи ақли солим нест. Ашхосе, ки балво оростанд, ба манфиати халқ коре надоранд, онҳо манфиати худро меҷӯянд. Оммаи асосии халқ туро хуб мефаҳмад, нақшаҳоятро дастгирӣ менамояд, дӯстат медорад. Онҳоро, ҳатто душманонатро ба ваҳдат ва ҳусни тафоҳум даъват кардан даркор аст.

Куброхон ба худ қарор дод, ки бигзор як зумра иғвогарон ӯро пешпо диҳанд, кина варзанд, вале ӯ ҳушёр мешавад ва аз дӯстӣ ва аҳлӣ сухан мегӯяд. «Душманро бо шакар куш» гуфтаанд. Ӯ қаламро ба қаламдон гузошт ва азбаски маводу рақамҳоро мисли муҳосиб нағз медонад, давоми мақоларо ба андеша гирифт...

Гузариш ба тарзи нави хоҷагидорӣ, аз як тараф, боиси қимату камчин гаштани молу мавод гашта бошад ҳам, аз тарафи дигар, ба ҷиҳати молиявии хоҷагиҳои соҳаи кишоварзӣ таъсири мусбат расонд. Бо ибораи дигар, қадри меҳнати деҳқон, ки дар ҳақиқат вазнин аст, боло рафт. Акнун мо имконият дорем, маҳсулоти истеҳсолкардаи худро озодона фурӯшем. Ё ба ивазаш чизҳои бароямон заруриро дастрас намоем.

Соли 1991 ҳарчанд ки ними сол аз рӯи анъанаи давраи карахтӣ қурбони иҷрои план гашт, тавонистем қисми боқимондаашро пас аз гуфтушунид бо чӯбу тахта, семент, металл, сӯзишворӣ, молҳои рӯзгор (телевизор, яхдон, мизу курсӣ), маводи хӯрока, аз қабили орд, чой, равғани растанӣ ва ғайраҳо иваз кунем.

Даромади соф дар ин сол 2, 5 миллион сӯмро ташкил дод. Имконият пайдо шуд корҳои ободонӣ вусъат ёбад. Ҳоло сарфу хароҷоти боғчаи кӯдакон, хизмати нақлиётро ба шахсони эҳтиёҷманди хоҷагӣ пурра ба зиммаи худ гирифтааст. Баъди ҷамъбасти сол маблағи мавҷударо ба ҳисоб гирифта, қарор додем, ки ба ҳамаи бригадаҳо музди иловагии бештаре диҳем.

Куброхон аз ҷо бархоста, қаду бари утоқи кориашро қадам мезаду меандешид, ки боз чи гуна корҳои хайрро анҷом додааст...

Ба ҳамаи коргарон майдонҳои хурд-хурди боғ ба мӯҳлати панҷ сол ба иҷора дода шуд. Бо тавсияи мутахассисон деҳқонҳо ба зери дарахтон гандум коштанд. Ҳосили фаровони ба даст оварда умед

мебахшад, ки рӯи дастархони мардум тамоми сол бе нон намонад. Дар ҳақиқат панҷоҳ тонна ҳосили гандуми соли 1991-ро бо нархи ҳар килояш панҷоҳ тинӣ ба коргарон фурӯхтем.

Раиса ба ёд овард, ки дар давоми солҳои 1990-1991 зиёда аз сад хоҷагӣ участкаҳои наздиҳавлигӣ гирифтанд. Маълум аст, ки имрӯз хонасозӣ дар ҷои нав кори саҳл нест. Инро ба ҳисоб гирифта, бо қарори маъмурият барои ниёзмандон зиёда аз шашсад бех сафедор ҷудо карданд. Чӯбу тахтаҳои ба ивази маҳсулоти совхоз омадаро низ бо нархҳои нисбатан арзон фурӯхтанд.

Ба ёди Куброхон расид, ки ӯ ба намояндагони табақаҳои гуногуни хоҷагиаш як хел имтиёз дода буд. Бале, касе ҳамаро бо як чашм набинад, кор пеш намеравад. Барои он ки сифати таълиму тарбия, адои хизмати омӯзгорон хуб бошад, ба муаллимон ва роҳбарони мактаби миёнаи Боғистон, табибону фурӯшандаҳо, кормандони дигари соҳаҳои хизматрасонӣ имтиёз муқаррар карданд. Онҳо аз ҳамаи ҳуқуқҳое, ки ба аҳли меҳнати хоҷагӣ дода мешавад, бархурдоранд. Куброхон дар роҳи истеҳкоми робитаи байни мактабу хоҷагӣ бисёр саъю талош ба харҷ дод. Баъзе сарфу хароҷоти омӯзгорону талабагон, аз ҷумла тайёр кардани тӯҳфаҳои солинавиро хоҷагӣ ба зиммаи худ гирифт. Дар навбати худ талабагон ҳам дар маъракаи мубориза зидди ҳашарот, мавсими мевачинӣ, ангурканӣ ва ғайра бо роҳбарии устодони худ чун дастёрони ҳақиқӣ кӯмак мерасонанд.

Раиса паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти Боғистонро пеши назар меовард. Ба шарофати пурқувват гардидани заминаҳои иқтисодии хоҷагии «Исфара-Лаккон» миқдори муассисаҳои хизматрасонӣ васеъ мегардиданд. Ба мардум дӯконҳои савдо, муассисаҳои маишӣ, нонвойхонаҳо, табобатгоҳҳо ва ғайра хизмат мекунанд. Бо мақсади осонтар гардонидани мушкили одамон хоҷагӣ сарфу харҷи сартарошхонаро ба дӯши худ гирифт ва дӯкони таъмири пойафзол кушод.

Куброхон тамоми ҷабҳаҳои хоҷагии боғу токпарвариро пеши назар оварда, натиҷа бигрифт, ки бӯҳрони иқтисодӣ ба ҳамаи паҳлӯҳои он таъсири манфӣ расонидааст. Масалан, фақат дар сохтмон аз чӯбу тахта то шифер ва ранг масолеҳи бинокорӣ намерасанд. Агар бо Русия робитаҳои иқтисодии Тоҷикистон мустаҳкам мебуд ё ганҷи равон дар хазинаи давлат фаровон мешуд, масолеҳи бинокорӣ ин қадар камёфту гарон намешуданд. Бо вуҷуди он Куброхон тавонист, ки манзили нави тиббиро барпо намояд. Кори

чароғон кардани маҳаллаи нав низ анҷом ёфт. Ҳоло роҳҳои он мумфарш мешаванд. Таҳкурсии ҳаммом гузошта шуд. Бунёди мағозаи нав идома дорад. Талаби мусулмон ба инобат расид ва барои сохтмони масҷиди ҷомеъ ҷои муносиб ҷудо карданд. 8 дона сутунҳои намудашон зебо созонда, иҷрои дигар корҳоро низ ба зимма гирифтаем. Маблағҳои аз шанбегӣ ва дигар чорабиниҳои берун аз кор ба дастомада барои ободонии ибодатгоҳ сарф мешаванд.

Ҳарчанд сол аз ибтидо вазнин омад, табиат меҳрубонӣ карда истода аст. Ҳосили мева ва ангур фаровон гардид. Даромади имсола аз зардолу далели исботи ҳикмати «тарфурӯшӣ-зарфурӯшӣ» гардид. Мо тавонистем ҳар килои онро то ба 30 сӯмӣ фурӯшем ва ё ба ивазаш ашёи зарурӣ гирем. Аз ҷумла барои гирифтани 200 тонна бензин ва ҳамин қадар сӯзишвории дизелӣ аҳдномаи додугирифт ба имзо расид. Ба ивази махсулоти сехи шаробкашӣ, ки баъди танаффус соли 1990 ба кор даромад, маводи хӯрока гирифта истодаем.

Беҳ шудани шароиту имконият одамонро рӯҳи тоза мебахшад. Бо вуҷуди он ки хоҷагии мо аз рӯи ҷадвали аниқ кор мекунаду барои тағйир додани он ҳатман розигии иттифоқи касабаро гирифтан зарур аст, коргарон зарбдорона меҳнат мекунанд. Куброхон рақамҳоро ёдовар шуд.

Дар мавсими зардолучинӣ 150 нафар марду зан дар 2-2, 5 рӯзӣ 180 тонна ҳосил ҷамъоварӣ карданд. Дар маъракаҳои ғунучин намояндаҳои сулолаҳои боғбонӣ, ки шумораашон сол аз сол зиёдтар мешавад, намунаи ибрати дигарон гардиданд.

Мо ба оянда бо чашми умед менигарем. Боварӣ дорем, ки афзун шудани даромад боисиривоҷи соҳаҳо, фаровонии зиндагӣ, осудагии рӯзгор мегардад. Мекӯшем, ки масъалаи душвор – бо об беҳтар таъмин кардани саҳроҳои хоҷагӣ бо роҳи шинонидани насоси нисбатан пуриқтидор ҳал мегардад.

Нақл мекунанд, ки пештар дар сехи хоҷагӣ шарбати як миқдор себро гирифта, барои коркард мефиристодаанд. Мутаассифона, ба «шарофат»-и хатогии давраи бозсозӣ он баста шуду то ба имрӯз соле 600-700 тонна себ бо нархи ночиз фурӯхта мешавад. Онро аз нав ба кор даровардан амали хайре мешуд.

Хоҷагии мо замини кушод надорад. Ин давра бобати нигоҳубини 140 сар чорвои ҷамъиятӣ душвориҳо пеш меорад. Яъне лозим меояд, захираи ему хошок аксаран дастӣ ба вуҷуд оварда шавад.

Чӣ илоҷ? Бе чорво ҳам намешавад. Магар ба кӯдакони боғча шир надодан, дар тӯю маросимҳои дигари хоҷагӣ одамонро бо гӯшт

таъмин накардану барояшон каме бошад ҳам, бо нархи арзон нафурӯхтан мумкин аст? Боварӣ дорам, ки баъди ҳалли масъалаи насоси обкашӣ ин соҳа пешрав мегардад. Зеро имконияти кушодани замину боғзорҳои нав пайдо мешавад.

Куброхон ғарқи фикру андеша бо дасти рост пешониашро молида, масъалаҳои ҳаётан муҳимро ба ёд меовард. Як масъалаи ҷиддии ҳалталаб дастрас кардани қисмҳои эҳтиётӣ барои таҷҳизоту нақлиёт аст. Бо корхонаҳои гуногуни Русия гуфтугӯ карда, албатта ин мушкилотро низ ҳал кардан даркор.

Диққати ӯро музди ҳармоҳаи аҳли меҳнат ба худ кашид. Баъзе роҳбарон «дар хазина ё дар ҳисоби мо маблағ нест», гӯён деҳқони бечорaро муддатҳои тӯлонӣ аз ҳамон насибаи бе ин ҳам ночизаш маҳрум мекунанд. Ин гуна мавқеъ, ба фикрам, нодуруст аст. Ҳатто аз бонк қарз гирифта моҳонаро додан лозим, вагарна мардум ҳаргиз моро намебахшанд. Чанд моҳ аст, ки коргарони мо аз рӯи тартиби нав ҳақ мегиранд. Яъне музди камтарин 700 сӯм аст. Тамоми тадбирҳоро меандешем, ки ин нишондиҳанда боз ҳам бештар гардад. Меҳнат бояд ба одамон хушбахтӣ, роҳат ва осудагӣ оварад...

Куброхон масъалаҳои фарҳангро низ фаромӯш накард. Ба ақидаи ӯ тараққиёти иқтисодиёти хоҷагӣ аз бисёр ҷиҳатҳо ба пешрафти фарҳанг алоқаманд аст. Раиса борҳо шоҳиди дар тӯю маъракаҳои гуногун таронахонӣ кардан ва рақсидани аъзои хоҷагӣ гардидааст. Коргарон, деҳқонон, муаллимон, мураббиҳои боғчаи бачаҳо, ҳамшираҳои шафқат, хонандаҳои мактаб ва дигарҳо хуб месароиданд ва маҳин-маҳин арғушт мерафтанд. Чаро онҳоро ба як дастаи ҳаваскорони санъат муттаҳид кардан мумкин набошад? Одатан ин гуна масъалаҳоро худи ҳаваскорон ба миён мегузоранд. Аммо аҷаб аст, ки ҳеҷ кас аз аҳли Боғистон дар ин хусус ба Куброхон ҳарфе намегӯяд. Пас бояд бо ин масъала худи ӯ машғул бишавад. Ӯ Абдумаҷид Абдуҳамидов ном шахси ҳунармандро мудири Қасри маданият таъйин карду гуфт:

– Аввалин вазифаи шумо ташкил кардани дастаи ҳаваскорони санъат аст. Роҳбари бадеӣ худатон мешавед.

Абдумаҷид ин вазифаро хуш пазируфт. Дар навбати аввал ансамбли этнографӣ таъсис намуд. Муаллимони суруди мактаби деҳа Ҳабибулло Ҷӯраев ва Рафиқҷон Ӯлмасовро низ ба ин кор ҷалб кард. Совхоз барои харидани асбобҳои мусиқии суннатӣ маблағ дод. Аз муаллим Ҳабибулло Турсунов хоҳиш намуданд, ки барои аҳли ҳунар баъзе лавҳахои бадеӣ ва пйесачаҳои якпардагӣ навишта

диҳад. Халқ ташнаи санъат будааст. Дар давоми ду-се моҳ аз байни духтарон, ҷавонон, ҷавонзанону ҷавонмардҳо як дастаи ҳунарии рақсу тарона ба вуҷуд омад. Барномаи онҳо аз сурудҳои классикию халқӣ, рақсҳои миллӣ, лапар, дуэт, намоиши пйесачаҳои ҳаҷвӣ ва монанди инҳо иборат шуд. Баъд аз машқи зиёд Абдумаҷид ба назди Куброхон Собитова омада, ӯро ба тамошои аввалин консерт даъват кард.

– Ман танҳо намеравам, – гуфт раиса, – раёсати хоҷагиро низ мебарам. Нағзтар тайёрӣ бинед.

Бегоҳӣ дар Қасри маданияти совхоз тамошобинон ҷамъ омаданд. Ҳайати дастаи ҳаваскорон консертро аз таронаи «Сарахбори бузрук»-и Шашмақом оғоз намуданд. Баъд Набиҷон Қодирӣ ном ҷавон «Ушоқи Содирхон»-ро иҷро кард, духтарон бо ҷӯшу хурӯш ба рақс даромаданд...

Халқ консертро бо кафкӯбиҳо пазируфт. Куброхон ба саҳна баромада аҳли ҳунарро бо аввалин муваффақияти онҳо табрик кард.

– Бале, соле, ин накӯст, аз баҳораш пайдост, – гуфт Куброхон ба роҳбари бадеии дастаи ҳаваскорон. – Акнун ба озмуни ҳунари навоҳии Исфара – «Ганҷина» омода шаветон.

Вақте, ки Куброхон ба хона бармегашт, оғози суруд вирди забон гардид:

Ба як карашма зулайховаше дили моро
Чунон рабуд, ки Юсуф дили Зулайхоро...

Куброхон дар паси миз ба курсӣ нишаст. Аз қаламдон қалам бигирифт, қоғази сафедро ба наздаш кашид ва хост, ки ҳамин андешаҳояшро чун давоми мақола бинависад. Аммо ҳеҷ не, ки ҷумлае рост кунад. Гӯё афкораш боз парешон шуданд. Ду-се маротиба бо шаклҳои гуногун ҷумла месохт. Ба худаш маъқул намешуданд, хат мезад. Фикри ӯ гӯё заргӯше буд, ки ба дом намеафтод. Маҷбур шуд, ки қоғазро ғиҷим карда партояду берун барояд.

## ГАР БОДА ХӮРӢ...

Шаб ба назари Куброхон ҳеҷ гоҳ ин хел дуру дароз нанамуда буд. Дар давоми панҷ соли кораш дар хоҷагии «Исфара-Лаккон» ягон маротиба аз хоб сер нашудааст. Ҳатто дар давраҳои мураххасӣ низ, ҳушу ёдаш банди кори хоҷагӣ-бевақт хоб карда, пеш аз субҳи

солеҳон бедор мешуд. Ба назар шабҳо хеле кӯтоҳ метофтанд. Ҳоло бошад, ӯ фаро расидани субҳро интизорӣ мекашид. Ӯ ба қудрати майна қоил шуд. Корҳоеро, ки дар давоми солҳо анҷом медод, дар як лаҳза аз пеши чашм мегузаштанд.

Вақтҳое, ки Куброхон дар шӯъбаи молияи шаҳри Исфара кор мекард, дар бораи фаъолияти заводи шаробкашии совхози «Исфара-Лаккон» баъзе маълумот ба гӯшаш мерасиданд. Чун ба сифати сарвари хоҷагӣ ба хидмат шурӯъ намуд, огаҳӣ ёфт, ки завод аз байн рафтааст. Сонӣ ӯ ба таърихи он марок зоҳир намуд. Баъзе ҳуҷҷатҳо ба дасти ӯ расида бошанд ҳам, муҳимтарин сарчашма ҳофизаи халқ будааст. Аз ҳикоятҳои пирони кор маълум шуд, ки солҳои шаштуми қарни XX маҳсулоти фаровони кишоварзӣ ҷамъ омада бошанд ҳам, онҳоро пул кардан амри маҳол будааст. Ба ягона заводи консерви Исфара аз тамоми ноҳияҳои атрофу ҷониб меваҳое мерасиданд, ки ҳама дарзамон пухтаанд. Завод иқтидор надошт, ки ҳамаи онҳоро қабул намояд. Деҳқонон ҳам наметавонистанд, ки моли худро ба шаҳрҳои дигар баранд. Вақт, нақлиёт, харҷӣ даркор буданд. Хавфи пӯсида нобуд шудани меваҷот ба миён меомад. Дарвоқеъ анвои зиёди мева талаф ёфтанд. Ин аҳвол директори хоҷагии «Исфара-Лаккон» – Наҷмиддиновро сахт ба ташвиш овард. Ин аст, ки ӯ бо роҳбарони шаҳри Исфара-Ортиқ Қурбонов ва дигарҳо маслиҳат оросту ба такопӯи сохтани заводи майкашӣ афтод. Наҷмиддинов аз Исфисор ва Душанбе мутахассисонро ҷамъ овард. Лоиҳа кашиданд, дар назди идораи совхоз замин ҷудо намуданд, асбобу анҷом овარданд, сохтмон карданд. Дар арафаи мавсими мевачинии соли 1963 завод, ки халқ онро сехи винокашӣ ҳам меномад, бо роҳбарии Тӯхторов ном фарзанди ғаюри тотор ба кор шурӯъ намуд. Ӯ майро дар бочкаҳои чӯбӣ нигоҳ медошт ва азбаски забони тоҷикиро хуб медонист, ба роҳбарони шаҳр ва худи хоҷагӣ дар таҳхона як ҷуръагӣ шароб барои фаҳмидани таъми он рехта медоду рубоии Хайёмро қироат мекард:

Гар бода хӯрӣ, ту бо хирадмандон хӯр,
Ё бо санами лоларухи хандон хӯр.
Бисёр махӯр, вирд макун, фош масоз,
Гаҳ-гаҳ хӯру кам-кам хӯру пинҳон хӯр.

Наҷмиддинов, ки марди зарифи ҳозирҷавоб будааст, бо байти Фирдавсӣ ҷавоб медодааст:

Як имрӯз бо коми дил май хӯрем,

Паи рӯзи ноомада нашмурем.

Ба мулки дили мардуми Боғистон насими фараҳмандӣ оварда буд заводи майкашӣ. Он вақт дар он ҳамагӣ чор нафар кор мекардаанд. Бо вуҷуди ин, имконияте даст додааст, ки аз 175 тонна ангур 2100 литр шароб бигиранд.

Баъд ба ҷои Тӯхторов як ҷавони кордон ва хушмуомилаи ӯзбек Нурулло Хоҷаев ба кор шурӯъ кардааст. Ӯ зодаи Қӯқанд будааст. Он вақтҳо миллият ва куҷоӣ будани шахс не, балки ҳунар ва хулқу рафтори ӯ эътибор дошт. Ҳамроҳи ӯ Абдуғаффор Қодиров ном боғистонӣ кор карда, ҳар ду ҳунар нишон дода буданд. Вақте, ки бо сабабҳои оилавӣ Нурулло тарки хоҷагӣ кард, Абдуғаффор бе ӯ кор карда натавонист ва ӯ ба дигар ҷой гузашт. Сипас роҳбарии завод ба ихтиёри Абдуғаффор Эргашев даррасид. Аз соли 1982 то соли 1985 ин вазифаро дигар йигити ӯзбек Сабоиддин Зайниддинов ба ҷо овард. Дар давраи роҳбарии ӯ иқтидори корхона бештар гардид ва ҳаҷми кор вусъат ёфт. Бахши коркарди себ ба хизмат сар кард. Завод мушкилкушои кори боғдорону токпарварон гардид. Ҳар сол даромади он меафзуд. Ҳаминро муқоиса кардан басанда аст, ки соли 1981 дар вай чордаҳ нафар мутахассисон ва коргарон ба меҳнат шуғл доштанд. Ба онҳо муяссар шуд, ки 270 ҳазор диколитр шароб ба даст оваранд. 43 ҳазор диколитри он аз себ ҳосил шудааст.

Мутаассифона коргоҳе, ки вусъат меёфту ба равнақ мерасид, бо касофати баъзе қарорҳои кӯтоҳандешонаи давраи бозсозӣ дучори харобию парешонӣ гардид. Халқ фармудааст:

Қадами номубораки Маҳмуд,<br>Гар ба дарё расад, барорад дуд.

Қарори Михаил Горбачёв, собиқ президенти Иттиҳоди Шӯравӣ дар бораи аз байн бурдани шаробкашӣ – соли 1985 боиси аз кор мондани завод, парокандагии мутахассисон ва аз байн рафтани таҷҳизоти корхона гардид. Масолеҳи шаробпазӣ ва захираи фаровони спиртро ба нархи хеле арзон фурӯхтанд. Асбобу анҷом ваускунаи заводро низ обу лой карданд. Ҳар чизе, ки боқӣ монд, ба ихтиёри комбинати консерви Исфара гузашт.

Куброхон аз рӯзҳои аввали дар совхоз ба кор шурӯъ кардани худ барқарор кардани заводи майкашӣ ва такмили онро дар назар дошт. Вале соли аввал ба ҳаллу фасл намудани ин муаммо муваффақ нагардид. Аз ибтидои соли 1991 ба тараддуд даромад.

Маҷлиси шӯрои ҷомиаи меҳнатии совхози « Исфара-Лаккон» аз 6 маи соли 1991 «Дар бораи ба совхоз баргардонида додани сехи коркарди ангур» қарори махсус қабул кард.

Дар он ҳуҷҷат омадааст:

«Директори совхоз р. Собитова баромад карда қайд намуд, ки баъд аз қабул шудани Қарори КМ КПСС ва Совети Вазирони СССР оиди мубориза зидди бадмастӣ ва майпарастӣ сехи коркарди ангури совхоз мувофиқи фармони комитети агросаноатии вилояти Ленинобод № 547 аз 10 декабри соли 1986 ва фармони ИРАС № 111 аз 22 сентяри соли 1987 ба комбинати консервабарории Исфара мувофиқи маблағи боқимонда аз баланс ба баланс дода шуда буд.

Аз ҳамон сол сар карда талафёбии ҳосили истеҳсол мешудаи ангуру себи совхоз зиёд шуда истодааст. Хусусан талафёбии себе, ки солҳои пункт дар ихтиёри совхоз будан, ба миқдори то 600 тонна қабул намуда, то 350 тонна шарбати онро тайёр менамуд, хеле зиёд шуд. Дар ду соли охир бо як азобе ба Қӯқанд 224 тонна, ба комбинати консерви Исфара 170 тонна супорида тавонистему халос. Совхоз бинобар талаф шудани ҳосил аз як қисми даромад маҳрум мегардад, ки ин маблағ дар замони худмаблағгузорию худтаъминкунӣ барои бештар баланд бардоштани дараҷаи иҷтимоию маишии коргарон зарур мебошад.

Бинобар он таклиф менамоям, ки сехи коркарди ангур, ки дар асл воситаи асосии совхоз буда, дар ҳудуди совхоз ҷойгир аст, баргардонида дода шавад.

Аз рӯи ҳамин масъала аъзоёни шӯрои коллективи меҳнатии совхоз Наҷмиддинов И. ва Деҳқонов И. баромад карда, таклифи директори совхозро, ки талаботи халқро ифода намуд, дастгирӣ намуданд.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Аз комитети иҷроияи шаҳр, иттиҳодияи агросаноатии ноҳия пурсида шавад, ки барои баргардонидани пункти коркарди ангур, ки дар асл воситаи асосии совхоз буда, ба комбинати консервбарории шаҳр бо маблағи боқимонда бе боздеҳ аз баланс ба баланс дода шуда буд, ёрии амалӣ расонанд.

2. Аз комбинати консервбарорӣ пурсида мешавад, ки қарори ШКМ-и совхозро дастгирӣ намояд ва бинобар талаби халқ ҳамин будан барои баргардонидани пункти коркарди ангур розигӣ диҳанд.

Раиси Шӯрои коллективи меҳнатии совхоз И. Наҷмиддинов».

Гулафзо Савриддинова хоҳиши совхозро ба инобат гирифтанд.

Ҳукумати шаҳр бо роҳбарии ин зани ғамхору парастор қарори махсус қабул кард, ки заводи шаробкаширо аз ҳисоби заводи консерви Исфара бароварда, ба ихтиёри хоҷагии боғу токпарварии «Исфара-Лаккон» дода шавад. Ин ҳиммати баланди ҳукумати шаҳр на танҳо ҳақиқати таърихиро барқарор кард, балки яке аз сабабҳои истеҳкоми иқтисодиёти он ҳам гардид. Фақат баъд аз ҳамин иқдоми инсонпарварона Куброхон ба ободонии завод камари ғайрат баст. Аз ҷумлаи мутахассисон ва коргарони завод ашхосе буданд, ки тавонистанд дар вақташ воситаҳои аз ҳама муҳиму зарурии заводро эҳтиёт карда нигоҳ доранд. Бо аввалин муроҷиати раис онҳо бо воситаҳои техникии худ ба кор оғоз намуданд. Мутахассисони Исфараю Хуҷанд кӯмаки худро дареғ надоштанд. Хулоса, заводе, ки ба пири фартуту нотавон табдил ёфта буд, боз монанди ҷавони озодаю омода қад афрохту ба кор пардохт. Ҳангоме, ки вай дар ҳайати заводи консерви Исфара буд, масолеҳи шаробкаширо совхоз диҳад ҳам, фоидаи он ба хазинаи он ворид мешуд. Акнун бо илтифоти роҳбарони шаҳр ва саъю ҳаракати Куброхон ва дигар мутахассисони совхоз хазинаи хоҷагии боғу токпарвариро ғанӣ месохт. Соли 1991 дар он ёздаҳ нафар одамони соҳибҳунар заҳмат кашида, сию панҷ ҳазор диколитр вино тайёр карданд. Коргарони завод Абдусалом Эрматов ва Абдувалӣ Раҳимов ҳар бор ба Куброхон бо ифтихор маълумот медиҳанд, ки даромади яксолаи завод аз даромади солонаи ҳамаи ёздаҳ бригадаи совхоз бештар аст.

Як воқеаи нохуш рух доду Куброхон назорати фаъолияти заводро ба дасти худ гирифт. Мувофиқи нақшаи фаъолияти яке аз ташкилотҳои маъмурӣ мебоист вазъи воридоту содироти заводро аз назари тафтиш мегузарониданд. Аз ин хусус Куброхон Собитоваро огоҳ кардаанд. Ӯ дар навбати худ бо директори завод тамос гирифта пурсид, ки дар корхона вазъияти молиявӣ ва дарою барои масолеҳи шаробкашӣ, захираи шароби тайёр ва дигар маводҳои он чӣ гуна аст? Ӯро хотирҷамъ карданд, ки ҳеҷ гуна камбудӣ нест, ҳамаи корҳо аз рӯи нақшаи амалиёти завод аст, ҳамон нақшае, ки худи раиса тасдиқ карда додааст.

«Дар омади кор шиша сандон бишкананд, дар ноомадии он атола дандон шиканад» – гуфтаанд. Вақте ки намояндагони ОБХСС ба завод ташриф оварда, вазъи корро санҷиданд, ҳуҷҷатҳои воридоту содирот ва доду гирифти корхонаро омӯхтанд, бо ҳамдигар муқоиса карданд, дафтар ва дигар қоғазҳои муносиб, иқтисоддон ва ғайраҳоро аз назар гузарониданд, сӣ тонна майи хушхӯри зиёдатиро

ёфтанд. Вай дар ягон ҳуҷҷат зикр нашуда буд. Дар ҳузури муфаттишҳо директор аз мудири сех, мудири сех аз мудири хоҷагӣ, ӯ аз посбон, хулоса ҳамаи кормандони завод аз ҳамдигар мепурсиданд, ҳамдигарро сарзаниш мекарданд, ки ин қадар изофагӣ аз куҷо пайдо шудааст, чаро ҳеҷ кас намедонад? Аз ин аҳвол Куброхон ҳам ба шӯр омад. Вай аз директори завод сахт ранҷид. Зеро ба ӯ бовар карда фиреб хӯрд. Агар каму беш норасоӣ мебаромад, зарар надошт. Аммо кам не, ғам не, сӣ тонна шароби изофагӣ гуноҳи калон аст. Маълум мешавад, ки роҳбарони завод берун аз нақша кор карда, аз ҳисоби моли хоҷагӣ, аз ҳисоби сарвати халқ кисаи худро пур месохтанд.

Куброхон ба сардори муфаттишҳо гуфт:

– Ман ва сармуҳосиб аз ин кор ба ғафлат мондаем. Моро фиреб додаанд. Виҷдони мо пок аст, зеро аз кӯчаи хиёнат нагузаштаем. Хоҳиш мекунем, ки гунаҳкоронро мувофиқи қонун бо тамоми ҷиддият муҳокима кунед ва ҷазои сазовор диҳед.

Муфаттиш дар аввал ба суханони Куброхон шубҳа кард. Ҳангоме ҷараёни зиндагӣ ва дафтари аъмоли ӯро ҳамаҷониба омӯхт ва афкори ҷомиаро дар бораи ӯ бишнавид, бовар ҳосил кард, ки ӯ дар ҳақиқат ҳам бо найрангбозиҳои соҳибони завод робита надорад ва виҷдонаш дарвоқеъ беғаш аст.

Ҳуҷҷатҳои дахлдорро омода карданд ва дафтари ҷиноятии директори заводро ба додситон супурданд. Вай ҳар рӯз ба идораи додситонӣ рафтуо дошт. Директори завод аз он ҷо гоҳо ғамгин ва гоҳо шоду масрур мебаромад. Ӯ рӯзе бо Абӯбакр вохӯрда, сахт ошуфта ва сурху сафед шуд.

– Ҳамааш гуноҳи ту, – гуфт ӯ бо таҳдид, – агар ҳамон сӣ тонна сабилмондаро дар вақташ мегирифтӣ, ба бало гирифтор намешудем.

– Аз ман наранҷед, ако-бо нармӣ ҷавоб дод Абӯбакр, – ҳамааш айби экспедитор. Вай маро бовар кунонд, ки саросема нашавам, аз шаҳр бо мошинҳои ширкашон омада мебаранд. Агар ба ихтиёри худам мемонд, мисли пештара дар як шаб ҳисобашро меёфтам...

Экспедитор ҳам ба директори завод, ҳам ба Абӯбакр хеши наздик буд. Бинобар он мадораш хушк шуд, дигар дӯғ назад ва бо оҳанги илтимос гуфт:

– Кушандаи додситонро меёбӣ, ту ба ин корҳо устухон надорӣ.

– Гап нест, ако, – ваъда дод Абӯбакр.

– Коре кардан лозим аст, ки кор ба суд наафтад, – боз хоҳиш кард директори завод, – он вақт пои ҳамаамон меғеҷад.

– Гап нест, – боз такрор кард Абӯбакр.

Онҳо ба ҳамдигар даст дода аҳду паймон карданд ва ба самтҳои гуногун равон шудаанд.

Дар ин муддат ташкилоти ибтидоии Ҳизби коммунист кори директори хоҷагӣ Куброхон Собитоваро муҳокима кард. Аъзои бюро ӯро ба бепарвоӣ айбдор намуданд ва огоҳӣ эълон карданд. Ташкилоти болоии ҳизб онро тасдиқ намуд. Вақте ки Куброхон бо сари хам ва хотири ошуфта аз идораи ҳизб мебаромад, қасд кардагӣ барин бо Абӯбакр дучор омад.

– Шумо нағз-мӣ? Пурсид Абӯбакр – худованди карим аз офатҳояш нигоҳ дорад, ҳар балою ҳар қазое, ки ояд, парвардигори бахшандаю меҳрубон дафъ кунад.

– Ояндаамон дурахшон, – пичинг кард Куброхон ва ба роҳи худ равон шуд.

Аз байн як моҳ гузашт. Як пагоҳӣ директори завод ба ҳузури Куброхон даромада гуфт:

– Муфаттиш хато кардааст, раис. Мо ҳеҷ камбудӣ надоштаем. Додистон дафтари ҷиноятро баст. Гуфт, ки корамро давом диҳам.

– Ҳозир маро ба ҳолам гузоред, – сар аз рӯи кадом ҳуҷҷат бардошт Куброхон, – сонитар маслиҳат мекунем.

Ӯ рафт, Куброхон андешамандона ба худ савол дод, ки агар дар завод камбудӣ набошад, чаро шитобкорона ба ӯ ҷазои ҳизбӣ эълон намуданд? Агар ҷинояте содир нашуда бошаду як нафар муфаттиш онҳоро ба иштибоҳ андохта бошад, ташкилоти ҳизбӣ бояд бюро ороста аз ӯ маъзарат бихоҳад.

Куброхон тоқат карда натавонист, ба идораи муфаттиш рафт. Масъала гузошт, ки заводро аз нав тафтиш бикунад. Аммо ба ӯ ҷавоб доданд, ки ҳоҷат ба тафтиши такрорӣ нест, ҳуҷҷатҳо дақиқ ва асосноканд. Директори заводи шаробкашӣ дар ҳақиқат гунаҳкор аст, зеро пинҳон кардани сӣ тонна шароб, дуздӣ маҳсуб мешавад, вале додситон шояд серфарзандӣ ва тавбаю тазаррои ҷинояткорро ба инобат бигирифта, аз гуноҳаш гузаштааст...

Дар ин бора ба Куброхон ҳуҷҷате доданд, ки на таърихи рӯзу моҳу сол дошту на мӯҳр. «Аз хирс мӯе», – гуфт дар дил раис ва дар асоси он директори заводро аз вазифааш сабукдӯш кард. Директор илтиҷо кард, ки ӯро аз совхоз наронанд, оила ва кӯдакҳои бегуноҳу маъсум дорад.

Дар дили Куброхон ду эҳсос ба ҳам талошу мубориза мекарданд. Яке ҳисси роҳбарӣ. Модоме ки директори завод дузд бошад, ӯ сазо-

вори раҳму шафқат нест. Ӯро аз хоҷагӣ дур андохтан беҳтар аст. Дигаре ҳисси модарӣ, оиладӯстӣ. Дарвоқеъ зани хонашини директор, фарзандони мактабхони ӯ аз куҷо медонанд, ки сарвари оила бо дуздӣ машғул будааст. Онҳоро сарсон ва хору зор кардан аз рӯи адолат, ба хусус шафқати модарӣ нахоҳад буд. Бо ҳамин мулоҳиза Куброхон собиқ директори заводи шаробкаширо бо моҳонаи собиқааш мудири мудофиаи шаҳрвандии хоҷагии «Исфара-Лаккон» таъин кард. Ӯ ҳам розӣ, раиса ҳам. Гӯё об ба лаби ҷӯ баробар шуд. Роҳбарии заводи шаробкашӣ ба ӯҳдаи шахси дигар гузошта шуд. Аз байн ду баҳору ду зимистон сипарӣ гардиданд. Собиқ директори завод боз ба идораи Куброхон роҳ ёфт. Ӯ қариб ҳар рӯз ба дафтари ӯ омада, остонаи идораро охурча мекарду раисаро ба ҷону ҳолаш намегузошт, ки ӯро ба корхонаи пештарааш гузоранд. Пасттарин вазифа бошад ҳам, ӯ розист. Зеро оилааш калон асту аз ӯҳдаи хӯрондану пӯшонидан намебарояд.

– Аҷабо? – ба ҳайрат афтод Куброхон, – маоши ҳар ду корхона як хел аст: Пас чаро ӯ даъвои завод дорад?

Ба савол худи Куброхон ҷавоби қотеъ дод:

– Ӯ дузд аст, боз ба завод рафта ғоратгариашро давом доданист. Ба ин ҳаргиз наметавон розӣ шуд. Кӯр асояшро як бор гум мекунад.

Аммо муддаӣ низ бо дили пур гуфт:

– Хоҳ ба зорӣ, хоҳ ба зӯрӣ, хоҳ ба зар вазифаи пештарaамро мегирам!

– Шаҳр бедарвоза нест! – гуфт Куброхон.

Дар лабҳои Куброхон табассум гул кард. Хайрият, ки завод ба дасти одамони баинсофу бавиҷдон гузашт. Дар он шаробкаши моҳир, ҷавони доною бағайрат ва ҳушманд Абдусалом Эрматов, ки тахминан 32-35-сола аст, кор мекунад. Марди матинирода Абдувалӣ Раҳимов беҳтарин солҳои ҷавониашро дар ҳамин ҷо гузаронидааст. Вақте ки ӯ дар соли 1970 ба сифати коргари оддӣ ба хизмати завод ҳозир шуд, сию шаш сол дошт. Бисту панҷ сол инҷониб заҳмат кашида, то ба вазифаи бригадирӣ бирасид. Аз сирру асрори шаробкашӣ хуб огоҳ гардид. Дар паҳлуи онҳо ду нафар ҷавонмарди ҳалолу покиза машғули меҳнатанд. Ҳамагӣ чор кас кор кунанд ҳам, шӯҳрати заводро барқарор карда тавонистанд. Дар соли 1992 онҳо сехи чӯбинро аз нав сохта, бо лавозимоти замонавӣ муҷаҳҳаз намуданд. Агар пештарҳо як қатори коркарди ангур вуҷуд дошта бошад, онҳо қатори дуюмро сохта ба истифода доданд.. Барои 150 тонна спирт, ки аз Исфара меоварданд, амборхона барпо намуданд... Соле

як-якуним ҳазор тонна ангурро шароб мекашанд, ки онҳоро дар чордаҳ зарфи ғунҷоишаш 25 тоннагӣ ва чаҳор зарфи бузурги фулузии панҷоҳтоннагӣ нигоҳ медоранд.

Коргарони завод ҳар боре, ки бо Куброхон мулоқот бикунанд, масъалаи вусъат додани заводро ба миён мегузоранд.Аз ӯ як гектар замин таманно доранд. Агар имконпазир бошад, ба ним гектар ҳам розианд. Мақсад доранд, ки як қатори нав барои тавлиди гӯлоб бунёд намоянд. Ин тадбир на танҳо боиси бо кор таъмин шудани як гурӯҳ одамон мегардад, балки даромади бисёр оварда, иқтисодиёти хоҷагиро мустаҳкам ҳам мекунад. Аммо барои иҷрои ин вазифа ба ҷузъ таҷҳизот 10-15 ҳазор зарфи шиша-бутилка лозим аст. Таъсири манфии қарори Горбачев оид ба манъи истеҳсоли шароб то ҳол эҳсос мешавад. Он вақт бисёр хоҷагидорҳо зарфҳои шишагиро шикастанд, хонандаҳои мактабро киро карда, пора-пора сохтанду ба замин гӯр карданд. Дар натиҷа сарвати давлат талаф гардид. Аммо имрӯз халқ мӯҳтоҷи шиша аст. Истеҳсол ё харидани моли камчин хеле гарон меафтад.

Куброхон агар саъю ҳаракат ба кор андозад, зарфҳои шишагиро пайдо карда метавонад, лекин аз андози даромад андеша мекунад. Шаробе, ки онҳо то кунун истеҳсол мекунанд, маводи вино, ба истилоҳи мутахассисон « виноматериал» ном дорад. Агар онҳо шароби нӯшокӣ истеҳсол намоянд, андози калон хоҳанд дод. Оё истеҳсоли гулоб кирои ташвиш мекунад? Ӯ ана дар ҳамин бора фикр мекунад. Куброхон ҳар як ваҷаб заминро боэҳтиёт истифода мебарад. Ин усулро аз таҷрибаи деҳқонони пуркор ва сарварони номдор омӯхтааст. Устоди ӯ Гулафзо Савриддинова низ дар ин бора маслиҳатҳои муфиди худро дареғ намедорад.

– Замин модари зоянда аст, – гуфта буд ӯ дар як ҷамъомад, – ба вай ҳар қадар ғамхорона муомила кунед, дасти саховаташро ҳамон андоза васеътар мекушояд.

Куброхон рӯи ҳавлии заводро низ истифода кард. Дар он ҷо як сардхонае сохтанд, ки 50 тонна ангур ва 200 тонна себ мебарад. Сардхонаро ба як меҳмони шаҳрӣ нишон дода гуфта буд:

– Унҷаба себҳо меистанд, инҷаба ангура об мерезем. Шаҳрии бетаҷриба ба ҳайрат омада пурсидааст:

– Магар аз болои ангур об мерезед?

Куброхон кӯдаквор хандида ҷавоб дода буд:

– Забони мо ҳамин хел, дар шеваи Исфара маънои «ангура об мерезем – ангурро меовезем» гуфтан аст.

Куброхон хурсанд аст, ки дар завод ҷавонмардони меҳнатдӯст, тифоқу меҳрубон ҷамъ шудаанд. Касбу ҳунари онҳо шаробкашӣ бошад ҳам, хушбахтона, худашон майхора нестанд ва бо меҳнати ҳалол зиндагӣ мекунанд.

## ДУШМАНАТ ГАР ПАШША БОШАД...

Куброхон дар дили шаб дар рӯи ҳавлии ором у осуда пасу пеш қадам зада, аз хусуси як қонуни нонавиштаи ҳаёт фикр мекард. Солҳое, ки ӯ дар зинаҳои поёнии мансаб қарор гирифта буду шахси чандон намоён маҳсуб намешуд, рӯзгори бофароғат дошт. Бо мурури баланд шудани мартаба ва ҳамчун сарвари хоҷагӣ мустақилона кор карданаш душман ҳам пайдо намуд. Ӯ боз Хирадмандро ба хотир овард, ки ҳикмати донишмандонро баён мекард. «Душманат гар пашша бошад, камтар аз филаш мадон».

Маълум мешавад, ки душманӣ чун аксуламали дӯстӣ дар ҳаёт ҳамеша вуҷуд доштааст, вагарна шоирон ва мутафаккирони бузург чӣ дар гузашта ва чӣ дар айёми мо аз душман эҳтиёт шуданро талқин намекардаанд. Душманӣ ҳам аз ҷумлаи хислатҳои одамӣ будааст. Ту ба касе кина меварзӣ, зарар намерасонӣ, агар аз дастат ояд, кӯмакатро дареғ намедорӣ, лекин, аз байни ҷомеа мисли фалокате ки аз зери пой баромадааст, душман пайдо мекунӣ. Куброхон ҳеҷ ёд надорад, ки ба ҳамин Абӯбакр, ба ҳамин зоти нопок ягон бадиро раво дида бошад. Баръакс некӣ кард. Марди солхӯрда бошад ҳам, аз вазифаи бригадирӣ сабукдӯш намуданро ба худ муносиб надид. Вақте, ки атрофиёни раиса аз вазифа озод кардани ӯро ба миён гузоштанд, Куброхон гуфт:

– Амаки Абӯбакр таҷрибаи хуби токпарварӣ доранд, ҷавононро дар атрофашон ғун карда, онҳоро тарбия кунанд, кори хуб мешавад.

Абӯбакр дарвоқеъ дар атрофаш ҷавононро ҷамъ кард, лекин ба ҷои рафтору кирдор ва гуфтору пиндори накӯро ёд додан, майнаи эшонро оҳиста-оҳиста заҳролуд кард, дар дили онҳо нисбати роҳбарони хоҷагӣ ҳисси нафрат парварид ва ниҳоят сустиродаҳоро ба шӯру қиём водор сохт.

Куброхон дар атрофи ин масъала бисёр фикр карда, ба ҳамин натиҷа омад, ки иззати нафси Абӯбакр аз ӯ коҳидааст. Роҳбарони пештараи хоҷагӣ иззату икроми ӯро ба ҷо овардаанд: дар сари ҳаллу фасли ҳар муаммою мушкилот ӯро даъват мекардаанд, бо ӯ

маслиҳату машварат мероростаанд, фикру мулоҳизоти ӯро ба инобат мегирифтаанд. Дар тӯю сур, мотам ва дигар маъракаҳо Абӯбакр пеш-пеши қавм мегаштааст. Хулоса, ӯ гули сари сабади ҳар анҷуман дар Боғистон будааст.

Аммо услуби фаъолияти Куброхон аз аввал нисбати дигар сарварони гузаштаи хоҷагӣ фарқ дошт. Ӯ мустақил буд ва ҳаст. Вай албатта, пешниҳодоти атрофиён ва дигар ҳамкоронашро сарфи назар намекунад. Вале такягоҳи ӯ одамони эҷодкор ва софдилу беғаразанд. Куброхон дар гуфтор ва рафтори Абӯбакр як навъ бегонагӣ, худохоҳӣ ва дуриро аз самимият эҳсос намуд. Ӯ аз ҷумлаи онҳое будааст, ки «дар либоси дӯстдорӣ кори душман мекунад». Ёд дорад, ки боре бо Абӯбакр оид ба масъалаи кадр маслиҳате дошт. Аз ӯ хоҳиш карда буд, ки як бригадири пухтакор лозим аст. Абӯбакр шодӣ кард, гӯё болу пар баровард ва гуфт:

– Як ҷавонмарди оқилу доно ҳаст. Номаш ба худаш муносиб, Оқилҷон. Кордон, бағайрат, ташкилотчӣ, хушахлоқ, баодоб-хулоса як шахси чор кас медидагӣ. Роҳбарони пештара ӯро истифода бурда натавонистанд. Аз дониш ва таҷрибааш тарсиданд. «Баногоҳ ҷои моро нагирад», – фикр карданд онҳо. Лекин вай одами хоксор, меҳнатдӯст ва оилапарвар аст. Ба касе кор надорад.

Куброхон бидид ва бишнавид, ки дар ситоиши Оқилҷон аз забони Абӯбакр асал мерезад. Бовар кард. Наздаш хонду сӯҳбат намуд. Зоҳирон одами дуруст, ба назар дурандеш ва бомулоҳиза буд. Фармон баровард у Оқилҷонро сардори бригадаи ангурпарварӣ таъин намуд. Як моҳ нағз кор кард. Сонӣ ба гӯши Куброхон расид, ки бо машрубот ошноӣ доштааст. Як бор ба ҳузур хонда аз хусуси рафти ангурканӣ гуфтугӯ кард. Ширакайф буд Оқилҷон.

– Мебахшед, раис, – маъзарат хост ӯ, – аз домодталабон омадам.

Як хуфтанӣ Куброхон ҳамроҳи ду нафар ҳамкоронаш ба тафтиши фаъолияти посбонҳо ва назорати ангурзор баромад.

Дид, ки дар каппаи баланд аз ҳавои тоза нашъа бурда, Оқилҷон бо се-чор ҷавонони ношинос майгусорӣ мекунад, онсӯтар чор шахси бегона яшикҳоро аз ангур пур карда, ба мошини боркаш бор мекарданд. Дуд аз димоғи раиса баромад. Ғоратгарҳо мошинро гирифта гурехтанд. Куброхон дар торикии шаб рақами давлатии мошинро муйян карда натавонист. Бо ратсия хабар дод, ки мошинро нигоҳ доранд. Аммо авбошҳо гуфтаанд, ки сухан дар бораи мошини дигар мерафтагист, ба мо ин ангурҳоро худи бригадир Оқилҷон бор карда доданд.Посбонон, бо вуҷуди ин, рухсат надоданд. Он гоҳ соҳибони

мошин онҳоро кӯфта баромада рафтаанд.

Баъд ин воқеа Оқилҷонро ҳам аз вазифа, ҳам аз хоҷагӣ дур андохт Куброхон. Оқилҷон пеш аз он ки бо Боғистон падруд бигӯяд, ба назди раиса даромад ва рози нуҳуфтаро ошкор кард.

– Шумо дар бораи ман ҳукми сахт баровардед, – гуфт ӯ бо овози аз зарби ҳаяҷон ларзон, – ман мардам, ин борро вазнин бошад ҳам, мебардорам. Лекин аз Абӯбакр ҳушёр шавед. Вай дӯсти шумо нест.

– Ин тавр нагӯед, Оқилҷон, амаки Абӯбакр маслиҳатгари мо, он кас ба шумо ҳам меҳрубонӣ карданд, бо тавсияи он кас мо шуморо бригадир таъин карда будем, – худро ба нодонӣ зад Куброхон.

Оқилҷон бо алам ва фиғон гуфт:

Эҳтиёт шав аз дӯстат,

Коҳ ҷо кунад ба пӯстат.

– Ман мақсади шуморо нафаҳмидам, – ба чашмони Оқилҷон бо диққат назар афканд Куброхон, – ошкортар гап занед.

– Ман ҳамроҳи писараш кор мекардам, – оғоз намуд қиссаро Оқилҷон, – ӯ тарозудори хоҷагӣ мебошад. Чапдаст аст вай, аз даҳ нӯҳро мезанад. Пайгириаш кардам. Ба дастам афтод. Гуфтам, ки дузд бошу боинсоф бош. Раиса фаҳманд шарманда мешавӣ.

– Хуб, акоҷон, – гуфт ӯ, – тавба кардам, шуморо калон кунем, не намегуфтагед?

– Калонигарӣ ба ту ва падарат насиб кунад, – гуфтам ман, – Аммо Абӯбакр розӣ кунонд. Чӣ қадар хоҳӣ меҳӯрӣ, мефурӯшӣ, касе ба ту кордор намешавад, – фиреб дод ӯ маро, – Куброхон ба бригадирҳо ҳамин хел озодӣ додагӣ.

– Рост-мӣ ҳамин гапҳо? – пурсид Куброхон.

– Қасам ба ҷони чор фарзандам, – гуфт Оқилҷон, – лекин ман фаҳмидам, ки мақсади вай айёр маро дур кардан аз пеши писараш будааст. Дигар гап надорам, ман рафтам.

Ӯ зуд чаппа гашту баромада рафт.

– Оқилҷон истед, гап ҳаст, – фарёд кард Куброхон. Аммо ӯ наистод. Котибаро аз қафояш фиристод раиса. Вале барнагашт ӯ...

Куброхон фикр кард, ки одам мураккабтарин мӯъҷизаи табиат будааст. Абӯбакр Куброхонро фиреб дода, на танҳо боиси аз паҳлӯи писари чапдасташ дур гардидани Оқилҷон шудааст, балки ба ин ҷавонмарди содда майхорагию дуздиро ёд дода, сабаби аз кор ва худи Боғистон бадар рафтани ӯ ҳам гардидааст. Илова бар ин ба чашми раиса ҳам хок пошидааст.

Куброхон таъбири халқии «хок пошидан»-ро ба забон гирифта, воқеи дигар ба хотираш омад. Ӯ ҳар рӯз саҳарӣ наряд мегузаронад. Яъне вазифаҳои ҳар бригада ва дигар бахшҳои хоҷагиро бо иштироки роҳбарон ва мутахассисон муайян мекард. Ҳамон рӯз ба коре андармон шуду ба идораи совхоз дертар омад. Мардум дар дафтари сарагроном ҷамъ шуда нишаста буданд. Ӯ маҷлисро дар ҳамон ҷо гузаронду вазифаҳоро муайян намуд. Сонӣ ба дафтари кории худ омад, ки дар қабулгоҳ фаррош мунтазири ӯ менишаст. Боз чанд нафари дигар буданд.

Фаррош ба Куброхон наздик шуда гуфт, ки як гапи махфӣ дорам. Ҳарду баргашта ба роҳрав баромаданд.

– Оя, имрӯз ба кабинети худ надароед, – оҳиста лаб кушод ӯ. – Ман саҳарӣ рӯбучин кардам, сонӣ, берун баромадам, ки об оварда фаршро бишӯям. Баъд медонед чашмам ба чӣ афтод? Дар рӯи қолинҳо касе хоки зард пошидааст.

– Чаро? – пурсид раиса. – Хоки зард чӣ маънӣ дорад?

– Ба хаёлам вай хоки гӯристонӣ, – гуфт фаррош, – раҳматӣ бивим мегуфтанд, ки ба ҳар хона хоки гӯристонӣ зананд, соҳиби он карахт шуда, сари калобаашро гум мекунад.

– Чӣ тавр фаҳмидед, ки вай хоки қабристонист? – боз пурсид Куброхон.

– Аз бӯяш фаҳмидам, ояҷон, аз бӯяш!

– Ин кори кӣ бошад?

– Ман баргашта омадам, ки аз кабинети шумо як марди миёнсоли қадпасти малланақши чашмкабуд дастонашро афшонда-афшонда баромад.

– Абӯбакр буд магар?

– Ҳа ҳа, худи худаш.

– Айёри нобакор, – изҳори нафрат кард Куброхон ба сӯи дафтар рафта.

– Надароед, ояҷон, – аз дасти Куброхон дошт фаррош, – аз рӯи таомул аввал як-ду одами бегона бояд дарояд.

– Ман ба хурофот бовар намекунам, – гуфт Куброхон ва чолокона ба дафтараш ворид шуд.

Аз паси ӯ фаррош ҳам даромад. Дарвоқеъ рӯи қолинҳои фаршро гарди ғафси хоки зард пӯшонида буд, ки аз он бӯи ғализ меомад. Баногоҳ чашми Кубро ба паҳлӯи ҷевони китобхонӣ афтод, ки дар як коғаз боқимондаи он хок меистод.

Ман шуморо бо Абӯбакр рӯ ба рӯ мекунам, ба фаррош гуфт Куб-

рохон, – шумо гуфтагиҳоятонро тасдиқ мекунед?

– Гапҳоям рост, лекин мана бо вай кабуди пайғамбаркуш рӯ ба рӯ накунед, – илтимос намуд фаррош, – вай айиқи зард одами ганда, сонӣ мана азоб медиҳад.

– Хуб ман ба токзор меравам, – гуфт Куброхон, – бинем-чӣ токбандӣ чӣ хел давом дорад. Шумо ин ҷоро рӯбед, шӯед, тоза кунед. Ягон гарде аз ин хок боқӣ намонад.

## СӮҲБАТ БО НАВИСАНДА

Сари Куброхон аз бехобӣ гаранг шуд. Ӯ дар рӯйи ҳавлӣ қадам мезаду мекалавид. Вай оҳиста дар бари кат нишаст. Сӯҳбатҳояш бо Ҷалол Икромӣ ёдрас шуданд. Вақте ки нависандаи машҳур дар ҳамин кат нишаста, аз кору бор, рӯзгор, оила ва фарзандони Куброхон саволҳо дод, ӯ хоксорона гуфт, ки роҳбарии совхоз кори зан набудааст. Ман кайҳо зан будани худро фаромӯш кардаам. Дилам ба дегу табақ гум мезанад, бачаҳоямро навозиш карда наметавонам.

Он вақт Ҷалол Икромӣ дар бораи иродаи матини зан, мавқею мақоми ӯ дар ҳаёти ҷомиа бисёр ҳикоятҳо нақл кард.

– Ибтидои солҳои сиюм буд, – қисса оғоз намуд Ҷалол Икромӣ, – Ман ба саёҳати Самарқанд рафтам. Ё моҳи сентябр ё аввалҳои октябр будааст. Дар ҳами фасли сол дар Самарқанд ангури ҳусайнӣ ва анҷири тирамоҳӣ нағз мепазанду хеле хуб шира мебанданд, хушмазаю хушлаззат мешаванд. Шумо, духтарам Куброхон, шӯҳрати нони осиёю қаймоқи Самарқандро шунидаед, албатта. Ин неъматҳои гуворо маро ҳар сол як бор сӯи Самарқанд мекашиданд. Ман дар маҳаллаи Боғи Майдон, хонаи Абдусалом Деҳотӣ меистодам. Дигар шоири тавонои тоҷик Отаҷон Пайрав Сулаймонӣ ҳам дар Самарқанд зиндагӣ мекард. Рӯзе ҳамроҳи Деҳотӣ ба зиёрати Пайрав рафтем. Аммо ӯ дар хона набудааст.

– Дароетон, ҳозир меоянд, – гуфт ҳамсари Пайрав ва моро ба хона ҳидоят кард. Худаш аз паи дастархон шуд. Аз рӯи мизи кории Пайрав як шумораи маҷаллаи мусаввари «Огонёк» мехобид. – Шумо медонед, ки ин маҷалла ба забонӣ русӣ дар Маскав нашр мешавад. Дар саҳифаи якӯми муқоваи он расми калони монанди Шумо як духтари тоҷик чоп шуда буд. Ҷавонӣ будааст, ману Деҳотӣ онро талош карда, бо завқу ҳавас тамошо кардем. Моҳ барин зебо буд ӯ. Ному насабаш ҳоло ҳам дар ёдам ҳаст: Хонзода Исмоилова. Раиси

яке аз колхозҳои Хуҷанд буд ӯ. Андак-андак дар ёдам мондааст навиштаҳои маҷалла. Маҷлиси колхозчиён талаб мекунад, ки ӯ раисиро ба ӯҳда бигирад. Падараш аввалин шуда молу мулки худро ба колхоз додааст.Вақте ки тӯдаи ҷаҳолатпарастон тракторро «Шайтони оҳанпо» меномиданду бо фарёду фиғон намегузоранд, ки замини колхозро шудгор бикунад, падари ҳамон зан даст бикушода, ба заминронӣ фотиҳа медиҳад. Маълум, ки аҳли савод, шахси пешқадам будааст. Навишта буданд, ки духтари ӯ Хонзода ҳам саводи тоҷикӣ ва русӣ доштааст.

– Дар он солҳо ҳамин хел занҳо будаанд-дия? – бо тааҷҷуб пурсид Куброхон.Занону духтарони бомаърифат кам набуданд, – – ҷавоб дод Икромӣ, – онҳоро бибиотунҳои мактабдор савод меомӯзонданд.

– Забони русиро чӣ? – боз пурсид Куброхон.

– Нағз дар хотир надорам, ки он ҷо чиҳо навишта буданд, – -гуфт Икромӣ, – – фақат ҳаминаш дар ёдам ҳаст, ки оилаи онҳо бо қумондонҳо ва сарбозҳои рус иртибот доштааст.

– Шояд аз ҳаминҳо омӯхта бошад? – гуфт Куброхон.

– Як чизи дигар дар хотирам нақш бастааст, қиссапардозиро идома дод Ҷалол Икромӣ. – Хонзода як шомгоҳ аспсавор аз кор ба хона бармегашт.

Ба ӯ duздон ё душманони ҳаёти нав ҳуҷум меоваранд. Чунон аспашро қамчин зада, инонашро сар медиҳад, ки саманди бодпо гӯё парвоз мекунад. Авбошон аз пайяш меафтанд, аммо ба ӯ расида наметавонанд. Чун ба ҳавлӣ ҳарсосзанон бо ҳаяҷону изтироб медарояд, падару модар мебинанд, ки ҳам аз ҳар тори мӯйи асп, ҳам аз сару рӯи раисадухтар арақ мешорад.

Модар аз воқеа огаҳ шуда, гиряву нола мекунад.

– Ба ман раисиат даркор не, ҷонат даркор. Туро бикушанд, ман сарамро ба куҷо мезанам?

– Пагоҳ ариза медиҳам, – мегӯяд Хонзода, – аз кор мебароям.

Аммо ин суханҳо баҳри тасаллои дили модар будааст. Ӯ амалан корро давом медиҳад.

– Қиссаи ибратбахш, – гуфт Куброхон.

– Ҳоло қаймоқашро нашунидед, – бо завқ ба ҳикояташ давом кард Ҷалол Икромӣ. – Вақте ки бо саргузашти Хонзода ошно шудему сураташ, бо лабҳои ғунчаосо гулобию зебо, чашмони ҷозибадори бодомӣ ва абрӯвони чун ҳилолаш мафтун, ман як байти шоирро ёд овардам:

Рӯзе, ки фалак хонд маро ном Ҳилолӣ,
Мехост, ки ман моили абрӯи ту бошам.

Деҳотӣ завқ кард ва қалам бигрифта дар поёни расми Хонзода навишт:
Рӯзе, ки фалак хонд маро ном Деҳотӣ,
Мехостаме котиби колхози ту бошам.

Пайрав омада аз шавқу завқи мо огоҳ шуд ва гуфт: Бале, дар тамоми давру замонҳо зан сарчашмаи ишқ будааст.

Нависандаҳо мардуми кунҷков будаанд. Аз корҳои хоҷагӣ дигаргуниҳои ҳаёти Боғистон, навигариҳое, ки Куброхон дар зиндагии совхоз ворид сохт, аз оила ва фарзандони ӯ ва ғайра саволҳои бисёр медод Ҷалол Икромӣ. Мехост, ки ҳама чизро бо чашмони худ бубинад, ҳама гапҳоро бо гӯшҳои худ бишнавад, ба дидаю шунидаҳояш бовар ҳосил бикунад.

– Ман материалҳои романи «Хатлон»-ро дар бораи раиси номдори колхози ба номи Ленини ноҳияи Восеъ, қаҳрамони кор, вакили мардумӣ дар Шӯрои Олӣ Миралӣ Маҳмадалиев бо ҳамин усул ҷамъ оварда, баъд ба таълифаш пардохтам, – гуфта буд, болои ҳамин кат нишаста Ҷалол Икромӣ.

Ӯ ба Куброхон мақсади худро ошкоро баён накард. Шояд ягон нияти эҷодӣ дошт, вале ҳамроҳи раиса насосҳои обкаширо, ки бо саъю ҳаракати ӯ такмил ёфта, пуриқтидор гардидаанд, худ рафта дид.

– Вақте, ки дар совхоз ба кор шурӯъ кардам, насос тез-тез вайрон мешуд, – ҳикоя кард Куброхон. – Рӯзе дар ин бора ба муҳандиси хоҷагии оби Исфара Сатторов гап кушодам. Вай гуфт:

– Бемор сиҳат шуданӣ бошад, табиб бо пои худ меомадааст, дар осоишгоҳи «Зумуррад» як муҳандиси зӯри Хуҷандӣ истироҳат мекунад. Ному насабаш Василий Иванович Кузмин.

– Кӯр чӣ мехоҳад? – Ду дидаи бино, – гуфтам ман. – Ҳамроҳи дӯстам ба аёдати ӯ рафтем. Сӯҳбат кардему унс гирифтем. Марди меҳрубон, ростгӯ, меҳнатдӯст будааст. Василий Иванович омада насосро дид ва иллаташро зуд ташхис кард. Гуфт, ки насосро аз сатҳи замин хеле болотар шинонидаанд, барои ҳамин бисёр вайрон мешавад. Кори насос осон нест. Вай аз қаъри замин об мекашад, обро ба боло медиҳад, он об ба воситаи лӯлаҳои оҳанин ба чандин километр меравад, бинобар ин қувваташ нарасида аз кор мебарояд.

Василий Иванович баъд аз як ҳафта нақшаи реконструксияи насосро тайёр карда овард. Мувофиқи он дар давоми панҷ – шаш моҳ пайваста кор карда, насосро ба такмил расондем. Ҳоло аз хизмати ҳамин насос боғу майдон обшор мешаванду меваҳои шаккарин медиҳанд. Муҳандис одами хуб будааст. Моро хабар гирифта меистад. Ҳар вақт ман ба Хуҷанд биравам, албатта аёдати ӯро фаромӯш намекунам.

Куброхон худи ҳамон рӯз ҳамроҳи нависанда ба бригадаи 11-ум ба ҳудуди Қирғизистон рафт. Сардори бригада Илҳомиддин Файзиев, ҷавони мавзуни болобаланд онҳоро хушу хуррам, бо чеҳраи кушод, гарму ҷӯшон истиқбол гирифт. Зуд дар баландӣ дар лаби ҳавз ҷои нишаст омода кард. Ӯ бо аҳли оилааш дар ҳамин ҷои хушманзара зиндагӣ ва кор мекунад. Оби ҳавзи бетонӣ софу зулол буд, ба вай назар афканед, чун дар оина акси худро мебинед.

– Ин оби ҳамон насос аст, – шарҳ дод Куброхон, то ин ҷо панҷ километр аст, вале об бо қувваи зиёд расида меояд, аз ҳамин ҷо тақсим шуда, ба поён ба заминҳои нав паҳн мешавад.

– Ин обро хӯрдан мумкин аст? – савол дод Икромӣ.

– Не, вай оби заҳ аст, шӯр аст. Афсӯс, ки замини санглох онро зуд мекашад, решаи ниҳолҳо сер нашуда ба мағзи замин меравад. Ташнагии дарахтҳо мешиканаду бас. Моддаҳои фоиданок надорад.Оби лои канал бештар манфиат мерасонад, резарегҳо ва дигар моддаҳояш ҳамчун парда қабат-қабати заминро мепӯшанд, об зуд намегузарад ва замин ҳам аз об сер мешавад.

– Ин боғу майдонҳоро дар як сол чанд маротиба об медиҳед? – пурсид адиб.

– Ҳар кадомашро ҳар хел, – гуфт Куброхон, – зардолу камобиро мехоҳад, себ, нок, биҳӣ обпарвар аст. Масалан, токҳои ангурро мувофиқи қоида соле то ҳашт маротиба об додан даркор аст. Лекин мо соле базӯр се маротиба об медиҳем. Замин сер намешавад, об камчин аст.

– Замниҳои нав ҳам бисёранд?

– Тахминан 70-80 гектар ҳастанд. Як соли тамом кор карда дар ҷои санглох 50 гектар замини нав кушодем. Ниҳолҳои мева шинондем. Ана он ниҳолҳои сафедор, ки қатор саф кашидаанд, – ба ҷануб ишора кард Куброхон, – марзи моро аз ҳудуди Қирғизистон ҷудо мекунанд.

– Чаро ниҳолҳо парешонанд? – пурсид Икромӣ, – дар қитъаҳои дигар сафи онҳо мураттабанд.

Куброхон хандида ҷавоб дод:

– Дар ин ҷо ҳамсояҳои ниҳолдӯст бисёр, замини мо ва худашонро фарқ накарда мебаранд.

Икромӣ зарофати Куброхонро зуд фаҳмид ва бадоҳатан байти Хоҷа Ҳофизро ба забон овард:

Фиғон, к-ин лӯлиёни шӯхи широнкори шаҳрошӯб,
Чунон бурданд сабр аз дил, ки туркон хони яғморо.

Илҳомиддин ғоибона дар Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон таҳсили илм мекардааст. Вай ҳикоят мекард, ки чӣ тавр замини навро аз сангҳо тоза кардаанд, дар баъзе ҷойҳояш мошин-мошин хок оварда рехтаанд, онро ҳамвор ва киштбоб кардаанд. Меҳмоннавозиро низ фаромӯш намекард, зуд дастурхон кушода нону ангур, шафтолую себ ва чой овард.

– Гиред муаллим, ба ғайр аз чой ҳамааш деҳқонӣ, – муроот кард ӯ.

– Водопроводро ба ҳама ҷо гузаронида наметавонистем, – гуфт Куброхон, – обамон аксаран кашонда аст. Бо мошини «КАМАЗ»-и ёздаҳтоннагӣ об оварда тақсим мекунем. Обкашонҳо бо шартнома кор мекунанд.

– Оби кашонда ширин мешавад, – чой хӯрда иқрор кард Икромӣ.

Аз қароргоҳи бригадаи ёздаҳум манзараи тамоми Боғистон монанди мавҷи баҳри кабуд ба назар ҷилва мекунад. Ҷалол Икромӣ онро бо завқ тамошо кард, аз насими форам ва ҳавои тоза хел ҳаловат бурд.

– Дастатон асло дард набинад, – дуо кард адиби кӯҳансол, – бо машаққат боғи Ирам офаридед дар ин ҷо. Ҳамон рӯз Куброхон ба устод мағозаи универсалӣ, табобатгоҳ, ҳаммоми нав, хатти водопровод, кӯчаҳои мумпӯши маҳаллаҳои тозабунёд, хатти электр, ки манзилҳоро чароғистон мекунанд, майдонҳои мевахушккунонӣ ва ба навъҳо тақсимкунандаи онҳо ва дигар ҷойро нишон дод. Ҳамаи онҳо бо ташаббус ва ғамхори худаш бунёд гардидаанд. Вақте, ки роҳи онҳо аз паҳлӯи қабристонӣ мегузашт, Ҷалол Икромӣ аз Усмонҷон хоҳиш кард, ки мошинро нигоҳ дорад.

– Пиёда мешавем, – гуфт ӯ, манзили хомӯшон, мазори бунёдкунандаҳои Боғистонро зиёрат мекунем. Нависандаи бузург аввал нишаста фотеҳа хонд, онро ба рӯҳи поки маскунони оромгоҳ бахшид, сонӣ ба назди ҳар қабр рафта сари таъзим фуруд овард.

– Қабристон обод будааст, – гуфт Ҷалол Икромӣ, – дар баъзе

ноҳияҳо мурдаҳоро хор мекунанд, болои гӯристон чорво чарида мегардад.

– Ин хизмати Маҳбуба Содиқова, яке аз директорҳои номдори хоҷагӣ, – қадршиносӣ кард Куброхон. – Худоро шукр зиндаю саломатанд.

Баъд Куброхон ҳикоя кард, ки оромгоҳ бо чӣ гуна саъю кӯшишҳои ин зани фидокор ва пурматонат ба вуҷуд омадааст. Пештарҳо ҳар кас вафот ёбад, ба деҳаи худаш бурда ба хок месупориданд. Ин ташвиши бисёр ба миён меовард. Одамон ҳаргиз розӣ намешуданд, ки мурдаашонро дар ҳамин хоҷагӣ гӯр кунанд. Аз хокҷои бобоӣ дур монда гӯё мусофир мешудаанд. Бечора апаи Маҳбубахон бо фаъолони хоҷагӣ борҳо гуфтугӯ кардаю дар байни онҳо кор бурда, ниҳоят муваффақ шудаанд, ки дар ин ҷо қабристон бунёд шавад. Гирдашро дару девор карданд, айвону таҳоратхона созонидаанд, дарахтҳо шинониданд. Чанд сол аст, ки рӯҳияву кайфияти халқ таъғир ёфт, хусусан баъди хусусӣ гардонидани манзил одамон худро муқимӣ пиндоштанд, мурдаҳошонро низ дар ҳамин ҷо дафн мекардагӣ шуданд.

– Халқи мо анъанапараст, – изҳор намуд Икромӣ, – урфу одатҳои миллӣ дар ҳаёт ва рӯҳи мардум сахту маҳкам реша рондаанд, онҳоро аз байн бардоштан кори сангин аст.

– Мо ният дорем, ки як масҷиди ҷомеъ ва як тӯйхона барпо кунем, – аз нақшаҳои оянда шингиле нақл кард Куброхон.

– Боракалло, – хурсанд шуд меҳмон, – ҳам дуои пирон, ҳам дили ҷавононро мегиред.

– Онҳо аз гӯристон ба гулистон омаданд. Дар майдонҳои калон қатор-қатор дарахтони себи сурх чунон мураттаб саф оростанд, ки чашм аз тамошояшон сер намешаванд. Аз банди дарахтон то нӯги шохашон шиғил-шиғил мева андохтаанд. Онҳо чунон серҳосиланд, ки шоххояшон хам хӯрда ба замин мерасанд. Гӯё ҳар шохи дарахт як наварӯсест, ки дар баёзи гардан шадда-шадда марҷонҳои ақиқ овехта, сар ба таъзим фуруд овардааст. Зери дарахтон майсаҳои гандуми тирамоҳӣ чун қолинҳои пурвусъати сабз назаррабоӣ мекарданд.

Аз дидани ин манзара устод Икромӣ ба ҳаяҷон омад, завқу шодӣ карда гуфт:

– Агар ман шоир мебудам, фақат дар бораи ин себзор достон менавиштам.

Адиби мо як дона себи сурхро аз шохаш канду бо камоли мам-

нуният карсосзанон чашида дид. Аз серобӣ, хушмаззагӣ ва хушбӯии он ба ваҷд омад. Куброхон ҳаракатҳои меҳмонро бо завқ тамошо кард.

– Шоирони бузург бесабаб ҳам занахдони духтаронро ба себ ташбеҳ намекардаанд, – гуфт ӯ ва байти зебое хонд:

Онҳо, ки васфи меваи Фирдавс мекунанд,
Аз нахли ҳусн себи занахдон начидаанд.

Акнун ба майдони дигар меравем, ба мошин савор шавед, – таклиф кард Куброхон:

Икромӣ гӯё овози раисаро нашунавид. Вай мафтуни тамошои дарахтони себ буд. Ронандаи мошин Усмонҷон, ки ҷавони китобдӯст ва соҳибзавқ аст, ҳар як рафтору гуфтори нависандаро дидаю шунида кайф мекард.

– Рафтем муаллим, – такроран гуфт Куброхон, – ҳоло ҷойҳои тамошо мекардагӣ бисёр.

Устоди сухан ин дафъа бадеҳатан аз Хоҷа Ҳофиз ёд кард:

Мабин ба себи занахдон, ки чоҳ дар роҳ аст,
Куҷо ҳамеравӣ, эй дил, баъд-ин шитоб куҷо.

Ман ба шумо майдони шеъри навро нишон медиҳам, – лутф кард Куброхон.

Мошин ба ҳаракат даромад ва ду-се қитъаро гузашта, мувофиқи хоҳиши раиса ба назди майдоне қарор гирифт, ки рада-рада ниҳолҳои себ ҷилванамоӣ доштанд. Дар ин майдон дарахтони пир буданд, шарҳ дод Куброхон, – онҳоро буридем, решакан кардем ва ниҳолҳои нав шинондем. Ин ниҳолҳо ҳамин сол мева андохтанд. Дарахтони кӯҳна чандон зич набуданд, фосилаашон даҳ дар даҳ метрро ташкил мекард. Ниҳолҳоро зичтар шинонидем. Дар натиҷа дар як гектар замин 156 ниҳол зиёд гардид.Ниҳолҳои дарахти қадпастро шинондем. Онҳо бештар ҳосил медиҳанд.

– Олами табиат ҳам монанди ҷамъият аст, – изҳори андеша кард Ҷалол Икромӣ, – пирону солхӯрдаҳо ба нафақа мебароянду ҷои онҳоро ҷавонон ишғол мекунанд. Ин боиси ҷавон гардидани идораю корхонаҳо ва афзудани қувваи онҳо мешавад.

– Дарахтҳои нав камаш бист-сӣ сол меваҳои бисёри бенуқсон медиҳанд.

– Ҳамин гуна таносуби табиату ҷамъиятро Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ моҳирона ифода кардааст:

Дар ҷавони саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,
Мева бенуқсон бувад чун аз дарахти навбар аст.

Куброхон ба шеърдонии Ҷалол Икромӣ ва мавқеъшиносии ӯ қоил шуд, аммо баён кардани андешаро дар ин бобат ба худ муносиб надида гуфт:

– Дуруст мегӯед, муаллим. Мо ҳам ба навбат ҳамаи дарахтҳои пирро ҷавон мекунем. То имрӯз бист гектар ангур, бист гектар себро пурра нав кардем. Зеро дарахтҳо пир шуда, ҳосилашон барака надошт. Аввал ба ҷои дарахтҳои решакан шуда як-ду сол хӯроки чорво коштем.

– Бале, киштгардон заминро бақувват мекунад, – фикри раисаро тасдиқ кард Ҷалол Икромӣ, ин таҷрибаи аҷдодии мост.

– Ҳу, дар он қитъаҳои поин, – раиса он сӯи ҷӯи Лакконро бо дастонаш нишон дод, – сатҳи оби зери замин баланд шудааст. Дарахтони зардолу хушк мешаванд. Онҳоро решакан ва киштгардон мекунем. Сонӣ ниҳолҳои себу ноку биҳӣ мешинонем. Онҳо обпарваранд.

– Боғистони шуморо аз ду тараф кӯҳдоманҳо иҳота кардаанд.

– Нағз мушоҳида кардед, муаллим, – тасдиқ кард Куброхон, – бинобар он заминҳои миёнаи ин ҷо дар чуқурӣ ҷой гирифтаанд. Мо чоҳҳо кофта обҳои дар он ҷо ҷамъшударо кашида мегирем ва ба обёрии дигар заминҳо истифода мекунем.

– Шумо, духтарам Куброхон, мисли як агрономи донишманд муҳокима меронед, – таъриф кард адиби кӯҳансол.

– Не, ман иқтисоддон ҳастам, аммо худи зиндагӣ, корҳои ҳаррӯза ба кас сабақ медодаанд.

Икромӣ боз шеър хонд:

Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

– Ин шеъри Рӯдакӣ, медонам, – гуфт Куброхон ва афзуд – аз назари классикҳои мо ягон масъала дур наафтодааст, дуруст-мӣ, муаллим?

– Бале, онҳо донишмандони серсоҳа будаанд. Шумо дар бораи об гап задед. Олимон ва файласуфҳо обро мабдаи олам шумурдаанд, ки баробари хоку боду оташ оламро таркиб додааст. Абуалӣ ибни Сино алоқамандии зичи обу хокро таъкид карда буд. Бале об манбаи ҳаёт аст. Аз замонҳои қадим деҳқонон атрофи заминҳои обкӯлро марза гирифта, обро муддатҳои зиёд нигоҳ медоштанд, дар вақтҳои

даркорӣ аз он истифода мекарданд. Каналкобӣ ҳам таърихи қадима дорад. Дар баъзе ноҳияҳои Тоҷикистон осори каналҳои қадима ва корезҳо боқӣ мондаанд. Дар ҳамин Моҳпарии шумо, исфарагиҳо, дар замонҳои қадим канал будааст.

– Ҳоло онро аз нав сохтаанд, – гуфт Куброхон, – агар мо имконият медоштем, ба Боғистон аз дарёи Исфара боз як канал мегузарондем. Афсӯс ки хазина пур нест. Аммо боз як насоси дигар шинонда, аз қаъри замин об кашидан зарур аст, он вақт бори насосҳои кӯҳна сабуктар мешаванд, мӯътадил кор мекунанд ва заминҳои мо аз об таъмин мегарданд.

Ҳамин тавр гуфтугӯ карда буд Куброхон бо нависанда вақти сайру саёҳатҳои Боғистон. Сад афсӯс, ки таъсири гирдиҳамоиҳои бардавом ва кушторҳои бемаънӣ риштаи умри Ҷалол Икромиро низ гусастанд.

## ХОБ ВА ҲАҚИҚАТ

Куброхон дар ҷои нишастааш пинак рафт. Сараш хеле вазнин буд. Маълум аст, ки хоб ғалаба хоҳад кард. Вай оҳиста ғеҷида болои кӯрпача гузашт ва сар ба болин гузошт...

Бевақтии шаб гушнаю ташна аз кор бармегашт. Баногоҳ аз паси девор як саги зарди мисли хирс калон ӯро бидиду аккосзанон ҳамла овард. Овози ӯро шунида аз пасаш як тӯда сагони дигар ҳам тохтанд. Куброхон намедонист, ки аз ҳуҷуми даррандаҳо ба куҷо паноҳ барад. «Ёрӣ диҳед, ёрӣ!» гӯён фарёд задан мехост, аммо овозаш намебаромад, гӯё гулӯяшро як дасти пурқуввати ноаён буғӣ мекард! Бо тамоми қувва ба пеш ба сӯи ҳавлиаш метохт, чунон ки поҳояш ба замин намерасиданд. Саги зарди барзангӣ пеш-пеш ва дигарҳо аз қафояш ҳамоно уллос кашида, аз паси Куброхон медавиданд. Ана ӯ ба ҳавлӣ наздик омад, дарвоза намудор шуд. Сагҳо низ ба ӯ қариб расиданд. Саги зарди барзангӣ аз домони куртаи Куброхон гирифтанӣ мешавад. Ҳамин ҳоло ӯро пора-пора хоҳад кард. «Ҳабибулло! Ҳой, Ҳабибулло!» – бо тамоми овоз фарёд кашид Куброхон. Ҳабибулло ба зудӣ дарро кушоду бо калтаки ғафси дароз ба сари саг сахтакак фуроварда, ӯро дур андохт. Дигар сагҳо низ парешон шуданд. Куброхон дар курсӣ нишаста гӯшти саг мехӯрд... Куброхон чашм кашида дид, ки рӯболо хобидааст. Дилаш чунон сахт метапид, ки садояшро худаш мешунавид. Дасту пояш меларзиданд,

аз сару рӯяш араќи сард мечакид. Чашмаш ба Заррина афтод, ки паҳлӯ гашту кӯдакашро оғӯш карда боз ба хоби роҳат рафт.

– Хайрият хоб дидаам, – гуфт ӯ худ ба худ. Аз дур ба гӯшаш овозҳои пасту баланди сагони дайду мерасиданд, зоҳиран онҳо бо ҳамдигар мечангиданд.

Ҳамон саги зард ба назари Куброхон Абӯбакр намуд. Вай саги девона барин ба Куброхон ҳуҷум карда мегашт. Куброхон аз рӯи зарурат рӯзи истироҳатро рӯзи кор эълон мекард. Абӯбакр муқобил мебаромад. Куброхон таъкид менамуд, ки ин рӯзҳоро ба мураххасии ҳар узви хоҷагӣ илова мекунем. Абӯбакр розӣ намешуд. Куброхон ба исбот мерасонд, ки майдонҳои зардолузорро ба коргарони совхоз иҷора додан манфиати калони иқтисодӣ дорад. Абӯбакр мирзодиккак барин тохта мехест, ки мумкин нест, ин ҳам як шакли моликияти хусусист, дар совхоз мо ин усулро ҷорӣ карда наметавонем. Ва боз эътирозҳои дигар, ки ҳоло Куброхон онҳоро ёдовар шуда наметавонад. «Чоҳканро чоҳ дар пеш» мегӯянд, рост будааст.

Дар Боғистон хабарҳои хушу нохуш барқосо зуд паҳн мешаванд. Сарагроном Ҳикматҷон маҷлиси саҳарии тақсимоти вазифаҳои имрӯзро тамом карду дар байни сардорони бригадаҳо пичир-пичир сар шуд.

– Шунидед? – мегуфт яке ба дигаре, – Умарҷони экспедитор ва Усмонҷони тарозубон ба даст афтодаанд.

– Дар куҷо? Чӣ хел?

– Вақти бор бурдан гумруки Исфара қапидааст.

– Хонаашон сӯхт гӯед-чӣ?

– Бале, бори каҷ ба манзил намерасад.

Дар байни ду-се нафари дигар гуфтугӯ чунин сурат мегирифт:

– Борро бо КАМАЗ гузарониданӣ шудаанд шоввозҳо!

– Бе ҳуҷҷат-мӣ?

– Ҳуҷҷати қалбакӣ сохтаанд.

– Нафсашон калон шуда буд.

– Як-ду сол экспедитор.

– Умарҷона дидед-мӣ? Мӯйлабаша табар намебурад, «Жигулӣ»-и нав харида савлат карда мегашт.

Мо як умр меҳнат кунем ҳам, ароба харида наметавонем, Умарҷон ҳам хонаи нав пӯшид, ҳам келин кард, ҳам мошин гирифт.

– Усмонҷон ҳам мошин мехарам гуфта мегашт.

– Акнун савлату давлаташон аз биниашон мебароянд.

– Онҳо бе пушту паноҳ не, ба дарё афтанд, тар намешаванду ба

оташ афтанд намесӯзанд.

– Имрӯз Абӯбакру Ҳайдархӯҷа наомаданд, онҳо, албатта барои халос кардани шербачаҳо рафтагӣ...

Куброхон кайҳо боз мушоҳида мекард, ки Абӯбакр, Ҳайдархӯҷа ва Умару Усмон бо сиёҳкорӣ машғуланд. Онҳо ҳамдастӣ карда ҳам аз тор мезаданду ҳам аз пуд. Абӯбакр роҳбари маслиҳатгари эшон буд. Ҳайдархӯҷа дар идораи совхоз вазифаи масъулро ишғол намуда, нақша месохту барои об кардани бор ҳуҷҷатҳои ростину дурӯғин сохта медод. Усмон чун тарозубони хоҷагӣ агар тавонад аз сад панҷоҳашро мезад, рӯзи бедуздиаш набуд. Умар борҳои шарикии онҳоро пул мекард. Вақту соат ёфта, ба ӯ Усмон ҳам гоҳ-гоҳ ҳамсафар мешуд. Онҳо баракаи ҳосилоти хоҷагиро мепарронданд. Куброхон нағз ёд дорад, ки соли 1991 меваҳои донакдор бисёр шуда буданд. Дар нақшаи хоҷагӣ ғундошта гирифтани 1500 тонна нишон дода шудааст. Аммо ба анбори хоҷагӣ ҳамагӣ 1174 тонна ҳосилот даромад. Ҳатто нишондоди нақшаро иҷро накарданд.

Куброхон ин аҳволро камбудии ҷиддӣ шуморида, дар маҷлиси солонаи хоҷагӣ сахт ба зери танқид гирифт. Доираҳои худхоҳӣ манфиатҷӯ аз норозигӣ ва мазаммати раиса «хулосаҳои даркорӣ» бароварданд. Фикр карданд, фикр карданду роҳи «ислоҳ»-и нуқсонро ёфтанд. Дар атрофи ҳалли ин муаммо Абӯбакр ва Ҳайдархӯҷа хеле майна об карданд. Онҳо мехостанд, ки ҳам лаъл ба дастояду ҳам ёр наранҷад. «Дунёро сел бараду кабоби девона пазад» гуфтаанд. «Чорёри бовафо» бояд аз ҳосили ҳарсола «ҳаққи ҳалол»-и худро бигиранд ва ба шаҳрҳои Русия мошин-мошин, вагон-вагон бор зананд. Ҳалли муаммо ҳамин шуд, ки онҳо дар нақшаи ҳарсола миқдори меваҳои донакдор – зардолую бодом, шафтолуро кам нишон дода, иҷрои онҳоро зиёдтар мекарданд. Соли 1992 аз 1500 тонна якбора ба 1350 тонна фаромаданд, аммо иҷроиш 1406 тонна шуд. Ду сол ҳамин хел давом кард, ки ин як навъ чашмбандӣ буд. Раиса арғамчинро халта медошт, то бубинад, ки фаъолияти худхоҳон чӣ тавр вусъат меёбад. Натиҷа ҳамин шуд, ки дар соли 1994 ба анбори давлат супурдани 1350 тонна меваҳои донакдорро ба нақша гирифта, ҳамагӣ 754 тонна иҷро карданд. Акнун вақти таранг кашидани арғамчин расидааст.

Куброхон идораи умури дохилӣ ва гумруки Исфараро огоҳ кард, ки ҳар борро, ки бе мӯҳру имзои ӯ ё бо ҳуҷҷати шубҳаноке аз ҳудуди Боғистон баровардanӣ мешаванд, нигоҳ доранд, тафтиш бикунанд, кори дузду ғоратгаронро ба суд бидиҳанд.

Хабари нисфишабӣ бо як КАМАЗ меваи хушк ба дасти посбонҳои гумрук афтодани намояндагони «чорёр» тамоми Боғистонро фаро гирифт. Саҳарӣ дар ин бора аз идораи гумрук ба Куброхон занг зада хабар доданд. Аҷобати кор дар ин аст, ки вақте ки Куброхон он ҷо ҳозир шуд, аллакай Абӯбакр ва Ҳайдархӯҷа дар ҳузури роҳбари гумруки шаҳр менишастанд. Онҳо ҳеҷ хаёл надоштанд, ки Куброхон низ ба ин ҷо меояд. Бино бар ин раисаро дида ҳар ду дасту по хӯрданд, аввал рангашон канд, сонӣ таб бароварда мисли шалғам сурх шуданд, дар як муддати кӯтоҳ ранг-ранг тофтанд. Сарвари гумрук лисензия-иҷозатномаи бори онҳоро ба Куброхон нишон дод. Раиса онро бодиққат аз назар гузаронида гуфт, ки ин мӯҳру имзои роҳбари идораи кишоварзии вилоят нест. Куброхон онҳоро мешиносад. Ӯ аз вилоят чунин ҳуҷҷат наовардааст.

Ҳуҷҷати қалбакӣ сохтаанд чапдастҳо. Абӯбакру Ҳайдархӯҷа ҳам аз раиси гумрук, ҳам аз Куброхон рӯ ба замин молида илтиҷо мекарданд, ки «ин беақлии бачаҳоро авф кунанд, ин гуноҳи аввалин ва охирини онҳост. Аслан онҳо бо ин корҳо машғул намешуданд, гӯр расми замона шавад, киро бинед, корчаллону бизнесмен шудагӣ, ин бачаҳо ҳам як ҳавас кардаанд». Абӯбакр ҳар ду раисро дуо мекард, ки «умрашон дароз шаваду ба орзую ҳаваси фарзандонашон бирасанд, ин номаъқулиро Усмону Умар накардаанд балки ӯ кардааст, хизматҳои сисола, пирию дармондагӣ ва мӯи сафеди ӯро ба назар гиранду аз гуноҳаш гузаранд».

Ҳайдархӯҷа, ки дар раёсати хоҷагӣ дар паҳлӯи Куброхон кор мекарду ҳар рӯз дар бораи ҳалолию покизагӣ, виҷдони соф ва ҳаром будани duздию ғоратгарӣ ҳарф мезад, зери обу арақ сар набардошта менишаст.

Абӯбакр барин як шахси соҳибтаҷриба ва зираку ҳушманд дар идораи гумрук дар ҳузури ду роҳбар худро гум кард. Вай фаромӯш кард, ки Умару Усмон «иҷозатномаи вилоят»-ро нишон дода, борро аз они хоҷагии «Исфара-Лаккон» гуфта буданд. Абӯбакр бошад зӯр зада исбот карданӣ мешуд, ки ин бори халқ аст. Ҳаққу ҳамсояҳо борашонро ҷамъ карда, аз бачаҳо илтимос карданд, ки фурӯхта биёянд. Шояд бачаҳо дар торикии шаб ҳуҷҷати совхоз тасдиқ кардаи ҳамсояҳоро гум карда бошанд. Мана, Ҳайдархӯҷа ҳамин ҷо ҳузур доранд, гапи маро тасдиқ менамоянд».

Ҳайдархӯҷа ба ҷои тасдиқ кардани даъвои Абӯбакр аз домони куртаи ӯ кашида мегуфт, ки «хап шавед, гап назанед!».

Дар давоми як ҳафта идораҳои дахлдор ба таври фаврӣ кори «чо-

рёр»-ро тафтиш карданд. Дафтари аъмоли онҳо ба суд дода шуд. Дина бошад Абӯбакр пеши издиҳом гузашта аз ҳама пештар гулӯ медарронд, ки «роҳбари қаллоби совхоз Собитова ҳатман ба истеъфо равад!».

Куброхон назди Заррина рафт, хост, ки ӯро бедор карда, аз хоби ҳавлангезаш чанд ҳарфе бигӯяд. Зарринаҷон ҳамчун фариштаи сафед писарчаи дӯстрӯи худ Умедҷонро оғӯш карда хоб мерафт. Модари зор-дия, худаш танҳою ошуфта бошад ҳам, дилаш нашуд, ки духтарашро бедор бикунад. Дар зери шӯълаи маҳтоб ба чеҳраи онҳо бо меҳр назар медӯхту Ҳабибуллохӯҷаро ёд мекард. Агар ӯ ҳоло дар паҳлӯяш бошад, дардаш хеле сабук мешуд. Китоби «Таъбири хоб»-ро меёфту хоби Куброхонро шарҳ медод. Охир ӯ ҳамдами яксолаю дусола нест. Худоро шукр, ҳафтдаҳ сол боз зиндагӣ мекунанд...

## ЁРОНИ ДИЛБОХТА

Он сол Куброхон ҳамагӣ бисту шаш сол дошт. Заҳматкашон ӯро номзад ба депутатии шӯрои шаҳр пешниҳод карда буданд.

Мулоқоти номзадҳо ба интихобкунандаҳо дар яке аз мактабҳои шаҳр барпо гардид. Толор пур аз одам буд. Дере нагузашта панҷ нафар дар раёсати маҷлисгоҳ ҷой гирифтанд. Дар қатори ҳафтӯми толор ду нафар зану мард байни худ паст-паст гапзанон мекарданд. Яке ҳамшираи шафқати шифохонаи Исфара Озодахон, дигаре муаллими забон ва адабиёти мактаби миёнаи № 5 Ҳабибуллохӯҷа Турсунов буд. Озодахон ба Ҳабибуллохӯҷа бехгӯшӣ карда гуфт:

– Ана ҳамон зане, ки куртаи крепдишини сафед дар бар дорад, Куброхон аст.

Ҳабибуллохӯҷа аз зери абрувони ғафси худ ба раёсат назар афканда, ба чеҳраи Куброхон дуру дароз чашми диққат дӯхт. Зане, ки бисту панҷро пур карда, акнун ба бисту шаш қадам ниҳодааст, ба назари Ҳабибуллохӯҷа дарвоқеъ хушандом ва ботаровт тофт. Ҳабибуллохӯҷа дигар аз ӯ чашм намеканд.

Раиси ҳавзаи интихоботӣ, директори мактаб маҷлиси пеш аз интихоботиро боз намуда, номзадҳои Шӯрои шаҳр ва ашхоси боэътимоди онҳоро муаррифӣ кард. Ҳабибуллохӯҷа умедвор буд, ки ҳамин ҳоло ба Куброхон сухан медиҳанд, зеро ӯ зан аст ва одоби замони мо ҳаминро тақозо мекунад. Вай интихобкунандаи ҳамин ҳавза набошад ҳам, бо тавсияи ҳамдеҳааш Озодахон аз роҳи дур барои ди-

дани Куброхон омадааст. Ҳозир ӯ ба сухан бармехезад ва Ҳабибуллохӯҷа қаду басти Куброхонро тамошо мекунад, чӣ тавр қадам монда ба минбар рафтани ӯро мебинад ва суханронии ӯро мешунавад. Вале раис ғайричашмдошти ӯ, сухани аввалро ба шахси боэътимоди номзади дигар, ки як марди тахминан 50-солаи бемӯйсари пучуқ ва лабғафси пешонидӯнг буд, манзур кард. Вай хеле ба тафсил ҳарф зада, шахсияти номзадро ба осмони ҳафтум баровард ва хоҳиш намуд, ки дар вақти интихоб «ба ин фарзанди содиқи халқу Ватан ҳама чун як тан овоз бидиҳанд».

Баъд худи номзад ба депутатии шаҳр сухан оғоз карда, ӯ ҳам бо ваъдаҳои обнорасидаи худ қариб ним соат вақт гирифт.

Ҳабибуллохӯҷа бетоқат шуда бошад ҳам, дандон ба дандон монда менишаст. Хайрият, ки саволу ҷавобро дар охир мегузаронидагӣ шуданд, вагарна суханронии Куброхонро боз камаш ним соати дигар интизор шудан лозим меомад. Хушбахтона шахси боэътимоди Куброхон сергап набудааст. Ӯ тарҷумаю ҳол ва ҷараёни меҳнати ӯро мухтасар ҳикоят кард. Дар хотима афзуд, ки дар Тоҷикистон, аз он ҷумла дар Исфара ва ноҳияҳои атрофи он масъалаи озодии занону духтарон ҳанӯз пурра ҳал нашудааст. Одамоне ҳастанд, ки занону духтаронро ба корҳои давлатию ҷамъиятӣ роҳ намедиҳанд, баъзе падару модарон духтарони кӯчаки худро аз мактаби миёна ба шавҳар медиҳанд, шавҳарҳои ҷоҳилу худхоҳ низ ҳастанд, ки завҷаи соҳибмаълумоти худро дар кунҷи қафаси хона нигоҳ медоранд. Куброхон барин вакилони шоистаи мардум дар роҳи озодии ин гуна занон ва духтарони тоҷик намунаи ибрат ва пайравӣ шуда метавонанд.

– Ман шахси эътимодноки Куброхон бошам, дигар хел гап мезадам, – гуфт Ҳабибуллохӯҷа ба гӯши Озодахон оҳиста.

Барои гап задан шахси боъэтимод будан шарт нест, – ҷавоб дод Озодахон, – Марҳамат, баромад кардан гиред.

Дар ин вақт навбати суханро ба худи Куброхон Собитова доданд. Ӯ ба минбар баромада, «Ассалому алейкум, бародарон ва хоҳарони азиз!» – гуфт ва сар поён андохта, лаҳзае таҳаммул кард.

Ҳабибуллохӯҷа ба ташвиш омад, ба изтироб афтод, ки мабодо Куброхон чӣ гуфтанашро ба дасти фаромӯшӣ надиҳад? Касе ки то ҳол ду чашми эътибор ба ӯ андохта менишаст сар аз ӯ тофта ба поин нигоҳ кард. Ҳамин лаҳза садои боҷуръатона, ботамкин ва рӯҳбахши Куброхон ба гӯши Ҳабибуллохӯҷа даромад.

– Кӣ будани ман ба ҳамаатон маълум аст, – гуфт ӯ сар бардошта.

– Ман аз аҳли савдо нестам, ки дар арафаи интихобот барои шумоён орду равған, калӯшу собун ва дигар молҳои даркориатонро биёрам. Ман дар ташкилоти бинокорӣ кор намекунам, ки роҳи ҳавлиатонро мумфарш кунам ё барои сохтмонатон масолеҳи зарурӣ ёфта диҳам. Аслан ин корҳо вазифаи депутат нест. Чӣ навъе, ки дар ин ҷо гуфтанд ман раиси комиссиюни нақшакашии кумитаи иҷроияи шаҳри Исфара мебошам. Тараққиёти ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, мактабу маориф, ҳифзи сиҳҳатии мардум, илму фарҳанг ва монанди инҳоро ба нақша мегирам. Барои як сол ё панҷ сол ба ҳар як соҳа чиҳо даркор аст, чӣ қадар пул лозим аст, чӣ гуна захираҳо зарурат доранд, муайян менамоям. Муҳимтар аз ҳама, ҳуқуқи ҳар як муассиса, ҳар як фардро дар Иҷлосияи Шӯрои шаҳр ҳимоя мекунам, қонуният, ҳақиқат ва адолати иҷтимоиро риоя месозам. Агар насиб бошаду шумо маро вакил интихоб кунед, бо масъалаҳои ҷузъӣ дар миқёси шаҳр, ба ҳаллу фасли майда чуйда не, балки бо масъалаҳои калони давлатӣ машғул хоҳам шуд.

Дар қатори дигарон Ҳабибуллохӯҷа ва Озодахон ҳам қарсак заданд, аммо садои кафкӯбии Ҳабибуллохӯҷа баландтар шунида мешуд. Ба ӯ ҷасорат ва ҳақгӯии Куброхон маъқул афтод.

Саволу ҷавобе, ки байни Собитова ва интихобкунандаҳо ба вуқӯъ пайваст, эътибори занро болотар бардошт.

Ҳамон рӯз Ҳабибуллохӯҷа дар дили худ эҳсоси гарм ва эҳтироми хоссае нисбат ба Куброхон парварид, аммо имконият пайдо накард ё бо ягон мулоҳизаи дигар майли шиносоии фавриро бо ӯ зоҳир насохт.

– Ташаккур аз шумо, хоҳарам Озодахон, – дасти ҳамшираи шафқатро самимона фишурд Ҳабибуллохӯҷа, – хайрият маро ба ин мулоқот овардед.

«Оҳан то доғ аст, бикӯб», – гуфт дар дилаш Озодахон ва ҳамон бегоҳ ба хонаи Куброхон рафт. Дугонаҳо хеле сӯҳбат ва таассуроти худро аз мулоқоти имрӯза баён карданд.

– Ба хаёлам аз вохӯрии имрӯза бештар аз ҳама як муаллим хурсанд шуд, – гуфт Озодахон.

– Кӣ будааст вай муаллим? Ман маъқул шудам чӣ? – ҳазл кард Куброхон.

– Маъқул ҳам гап-мӣ? – низ бо шӯхӣ ҷавоб дод Озодахон, – қариб ба саҳна баромада туро гирифта гурехта буд.

– Забонаката хурам, Озодахон, ҳамин рӯзро медида бошам? – бо зарофат гуфт Куброхон, – ман хаёл кардам, ки акнун аз бозор мон-

дам.

– Не, ин хел нагӯ, ҳанӯз бозорат тафсон аст, – вай муаллим ҳамдеҳаи ман аст. Дар толор дар паҳлӯи ман нишаста, туро «болелшикӣ» мекард. Номаш Ҳабибулло, насабаш Турсунов аз хӯҷаҳои Кӯлканд. Надидӣ магар?

– Он вақт ҳушам ба Ҳабибуллои ту набуд.

– Чаро аз они ман будааст? Худо хоҳад, аз они ту мешавад.

– Илоҳо фариштаҳо омин гӯянд.

– Даст кушо, омин! – Озодахон даст ба рӯй кашида ва афзуд:

– Ана фариштаҳо омин гуфтанд.

Куброхон ҳамаи инро ҳазлу шӯхӣ пиндошт. Аммо Озодахон тамоман ҷиддӣ бигуфт, ки Ҳабибуллохӯҷа имрӯз барои дидани ту омада буд. Ӯ бо таассуроти хуб баргашт. Куброхон боз шӯхӣ кардан мехост, ки «Аз як дидан ошиқ шуда бошанд, ояндаамон дурахшон аст.» Лекин ӯ ҳам одобу тамкин ихтиёр карда гуфт:

– Шахди оиладориро як бор чашидам, меваи он хона Зарринаҷон аст, акнун бас будагист.

– Аз тақдир ҷои гурез нест, – насиҳат кард Озодахон шояд аз хонаи дуюм бахту даврон пайдо шавад.

– Як кас чанд маротиба хостгор фиристода таъкид кардаст, ки агар Куброхон розӣ шаванд, ба сарам бардошта мегардам, – нақл намуд ӯ, – аммо бе духтарчаашон мегирам.

– Аз ин хел бетамизҳо маранҷ, – тасаллӣ дод Озодахон, – онҳо ба нохуни фарзанд зор мешаванд. Аммо Ҳабибуллохӯҷа ҷавони ҷиддист.

Вай ҳам монанди ту як фарзанд дорад. Ба хаёлам писар. Ҳар дуятон бисёр муносиби ҳамдигар.

– Метарсам, – гуфт Куброхон, – номи шавҳарро бишнавам дилам барги сафедор барин меларзад.

– Ман гуфтам-ку, ӯ одами хуб аст, – исрор намуд Озодахон, – хоҳӣ шинос мекунам, ё аввал сураташро оварда нишон медиҳам.

– Не, беҳтараш, ҳар чӣ медонӣ, ҳикоят кун, – хоҳиш намуд Куброхон, – аслан имшаб ҳамин ҷо бимон.

Озодахон ба шавҳараш занг зада розигии ӯро гирифт.

Ҳабибуллохӯҷа фарзанди нахустини Баҳодурхӯҷа аст. Хонаводаи ин хӯҷаҳо бо тақводорӣ, порсоӣ ва покизагӣ на танҳо дар Кӯлканд, балки дар тамоми Исфара ва навоҳии он маъруф мебошад. Худи Баҳодурхӯҷа аз модар семоҳа ятим монда, зери қаноти модарандар ба воя расида будааст. Шукри Худо, ки ӯ ҳамчун зани баинсоф,

меҳрубон ва дилёб, Баҳодурхӯҷаро хуб сарпарастӣ кардааст. Дар мактаб хононда маълумот додааст. Бачаи зирак, ҳушёр, хушзеҳн будааст ӯ. Дар ҳузури уламои ислом, ки дар солҳои бистуму сиюми қарни мо фаъолияташон пинҳонӣ ҷараён дошт, асосҳои дину диёнат меомӯзад. Ҳамин тавр чун шахси фозили дубаҳрае, ки ҳам аз мероси илмию фарҳангии ниёгон, ҳам аз илму донишҳои дунявӣ огоҳӣ дошт, рушду камол меёбад. Афсӯс, ки худо аз оила нагуфта будааст ӯро. Дар як муддати кӯтоҳ чор маротиба хонадор мешавад. Худи Баҳодурхӯҷа шаш сол қабл аз ин бо дунёи равшан падруд гуфта бошад ҳам, зани охирини ӯ Тошбибихон барҳаёт аст. Ӯ ду писар ва ду духтар ба олам оварда, онҳоро монанди худаш покизаю озода ба воя расонидааст.

Зани дуюми Баҳодурхӯҷа Очахон ном дошта, аслан беваи сарбозе будааст, ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-45) ба шаҳодат расидааст. Баҳодурхӯҷа соли 1948 бо ӯ издивоҷ мекунад. Очахон солҳои 1949 ва 1950 паси ҳамдигар ду писар таваллуд менамояд, ки яке Ҳабибуллохӯҷа ва дигаре Ҳамдуллохӯҷа будаанд. Мутассифона зиндагии ин зебою хушсухан, сӯҳбаторою дилпазир дер напоида, ӯ дар бисту ҳаштсолагӣ вафот меёбад. Он вақт Ҳабибуллохӯҷа ҳамагӣ панҷ сол доштааст. Модарашро хуб дар ёд надорад. Озодахон ва Толибҷон чандин маротиба шунидаанд, ки имрӯз Ҳабибуллохӯҷа дар ёди модар худ шеър мегӯяду шеъри устод Мирзо Турсунзодаро низ бо сӯзу гудоз қироат менамояд:

Тифл мондам за ту модар, рӯи ту дар ёд нест,
Қомати ту, чашми ту, абрӯи ту дар ёд нест.
Дар суроғат мезанам худро ба ҳар як кӯю дар,
Чунки то имрӯз, модар, кӯи ту дар ёд нест...

Баҳодурхӯҷа то шах шудани устухони фарзандон дигар майли зангирӣ накард. Меҳру муҳаббаташро ба писарҳо бахшид. Азбаски ӯ қории мураттаб буд ва мардум ӯро ба ҳар як маъракаю лозиму мавриди худ бо ихлосу эҳтиром даъват карда, ба ҷуз тиловати оятҳои Қуръони шариф амри маъруф, таълиму насиҳатҳои муфид мешуниданд, иззату икромашро низ самимона ба ҷо меоварданд. Зиндагӣ, маишати ӯ ва бачагонаш хуб мегузашт.

Баҳодурхӯҷа марди баору номус буд. Гапҳои пасту баланди одамонро бардошта наметавонист. Вай сеюмин маротиба хонадор шуд, ки писаронаш аз ранҷу кулфати бемодарӣ наҷот ёбанд. Вале афсӯс, ки зани сеюм золим ва бераҳм баромад. Ӯ Ҳабибуллохӯҷа ва

Ҳамидуллохӯҷаро азоб медод. Аз дасташон нонро, аз пешашон ошро кашида мегирифт.

Рӯзе Баҳодурхӯҷа ва Ҳабибуллохӯҷа ба кори деҳқонӣ шуғл меварзиданд. Камтар танаффус карданд. Ҳабибуллохӯҷа аз бағал як бурда нон бароварда, оҳанги хӯрдан карда буд, ки ҳаваси падар омаду гуфт:

– Ба ман ҳам як бурда деҳ, бачам.

Ҳабибуллохӯҷа ҳанӯз нони ба даҳан набурдаи худро ба ӯ дароз кард.

– Дигар нон надорӣ магар? – пурсид падар бо тааҷҷуб. Ҳабибуллохӯҷа, ки пагоҳӣ аз кирдори модарандар сахт ранҷида буд, худдорӣ карда натавониста гуфт:

– Ман се-чор бурда гирифта будам, оям ба дастам зада аз бағалам кашида гирифтанд.

– Хафа нашав, писарам, нон ёфт мешавад, – гуфт падар ва пешинӣ ба хона омаду бе ҷангу ҷӯш кафши занро пеш гузошт.

Тошбибихон, хушбахтона, зани мушфиқе будааст, ғамхорӣ ва меҳри дилро ба Баҳодурхӯҷа ва фарзандони ӯ дареғ намедоштааст. Ҳабибуллохӯҷа баъди хатми мактаби миёнаи деҳаи Кӯлканд бо сарпарастии ӯ роҳи илмомӯзиро пеш гирифт ва ба Донишгоҳи давлатии Хуҷанд дохил шуда, бахши суханшиносии онро бомуваффақият хатм намуд. Вай аввал рӯзона таҳсил мекард, вале ҳис кард, ки додараш Ҳамидуллохӯҷаро тарбият ва ба падар кӯмак кардан лозим аст. Аз ҳамин ҷост, ки таҳсилро дар шӯъбаи ғоибона идома дода, дар хобгоҳи донишҷӯён ба сифати комендант ва дар кафедраи тарбияи ҷисмонии ҳамон донишгоҳ ҳамчун лаборант кор мекард.

Солҳое, ки Ҳабибуллохӯҷа дар Хуҷанд ба меҳнату таҳсил шуғл меварзид, падару модар бо орзуи дидани тӯи арӯсӣ духтари яке аз хешовандони худро даҳонбандон карданд. Бале замонаҳои пеш расму таомул ҳамин буд. Аз ҷавонон напурсида, онҳоро хонадор менамуданд. Аксарият хунук афтода ҷудо мешуданд, баъзеҳо бахташонро ёфта ба давлати пирӣ мерасиданд. Ҳар боре, ки падар ё модарандар ба Ҳабибуллохӯҷа дар ин хусус даҳон мекушоданд, ӯ қотеона мегуфт, ки ҳоло барвақт аст, ӯ танҳо баъди хатми донишкада таклифи эшонро пазируфта метавонад.

Аммо духтар калон мешуд. Тоҷикҳои мо ҳамин хеланд, ки духтар аз ҳаждаҳ бигзарад, пираш мехонанд. Хешовандон дар ин бора гӯшонае ба Баҳодурхӯҷа заданд.

– Боз камтар сабр кардан даркор, – гуфт Баҳодурхӯҷа, – пас аз як

сол писарамон хонданро тамом карда меояд, сонӣ худо хоҳад, тӯи калон карда, ба орзую ҳавас мерасем.

Хешовандон дигар Баҳодурхӯҷаро огаҳ накарда, духтарро ба шавҳар доданд. Баҳодурхӯҷа, ки марди соҳибғурур буд, ин зарбаи ногаҳониро бардошта нитавонист ва ба касалии фалаҷ гирифтор шуд, ба замин афтод. Духтурҳо ӯро пайваста муолиҷа карданд. Базӯр сиҳатӣ ёфта, аз ҷогаҳи бeморӣ бархосту ба рағми хешовандони қадршиносаш тӯй сар кард. Барои Ҳабибуллохӯҷа падару модар Розия ном духтарро ёфтанд. Боз мувофиқи урфу одатҳои кӯҳна писарро огаҳ накарда, тамоми суннатҳои пешакиро ба ҷо оварданд: хостгорӣ, қабулдорам, ноншиканон, тӯйбарон ва ғайра – ҳамаи маъракаҳои пеш аз тӯйро иҷро намуданд. Баъди ҳамаи ин тадбирҳо Ҳабибуллохӯҷаро даъват карда оварданду оши никоҳ доданд. Ҷавони ғафлатзада чораи дигар надошт: агар хоҳиши падарро рад кунад, ӯ дубора ба ҷогаҳи беморӣ меафтад, агар хуш истиқбол намояд, заншавандаро надидаасту намедонад, ки духтар чӣ гунааст, бо ӯ хушбахт шуда метавонад ё на?

Дар байни дуроҳа монда буд ӯ. Ҳамаи ёру дӯстон фишор оварданду насиҳат хонданд, ки сиҳатии падар ғанимат аст, бояд хонадор шуд. Бо ҳамин аҳвол ӯ сар ба оиладорӣ фаровард, аммо на меҳр дошту на муҳаббат. Ҳабибуллохӯҷа баъд аз домодталабон боз ба Хуҷанд баргашт. Ӯ фақат рӯзҳои истироҳат арӯсашро хабар гирифта метавонист. Шаш моҳ бо ҳамин минвол гузашт. Боре Ҳабибуллохӯҷа ҳисобу китоб карда, ба ҷӯрааш гуфтааст, ки дар давоми ним сол ҳамагӣ сию се рӯз ҳамроҳи Розия будааст.

Арӯси ӯ ҳам табиист, дилсардию дуриро намехост. Ғам мехӯрд, ғусса мехӯрд, аммо шарму ҳаё имконият намедоданд, ки дар ин хусус ба касе лаб ба шиква кушояд. Арӯсакони нав, ки хамсоли ӯ буданд, дар бари шавҳар гул-гул мешукуфтанд, аз рӯзгорашон шоду масрур, аз бахту саодати хеш розӣ буданд. Аммо Розия торафт лоғар мешуд, рангу рӯяш парида, чеҳрааш заъфарон мегардид. Падару модари Розия аввалҳо хаёл карданд, ки лоғарию заъфаронии духтарашон натиҷаи ҳомиладории ӯст. Аммо диданд, ки аҳволи ӯ торафт беҳ нею бадтар мешавад, ба ташвиш афтоданд.

Рӯзе модар аз Розия оҳиста пурсид, ки мабодо-ку бемор нест?

Дили Розия аз дарду алами дурии шавҳар пур будааст. Саволи модарро шунида беихтиёр ашк рехт.

– Маро ба кӣ додед? – Бо овози хаста савол кард ӯ. – Аз афташ домодатон дар Хуҷанд зан дорад.

– Вой бибиҷонат садқа, надониста гап назан! – гуфт модар.

– Агар не, чуба дер-дер меояд? Чуба аҳамият намедиҳад ба ман? То ҳол мана ягон бор ба Хуҷанд набурдааст. Чуба ин хел?

Розия боз ба ҳамин монанд саволҳо доду ҳунгосзанон гирист. Дили модар ҳам об шуд. Дили модар низ ба ҳазору як кӯча даромада, баромад. Воқеан Ҳабибуллохӯҷа ҷавони сиҳату саломат аст. Домодҳои нав шабу рӯз аз атрофи занашон дур намешаванд, волаи ҳусну ҷамол ва нозу ишваи арӯсашон мешаванд. Воқеан, чаро домоди ӯ зуд-зуд намеояд, агар биёяд ҳам, базӯр як шаб истода, саҳар баромада меравад? Гумони Розия ҷон доштагӣ барин. Мардум мегӯянд, ки заншавандаи аввалаи Ҳабибулло низ фотеҳаҷудо шудааст. Ин ҳамоно, бечиз нест.

Албатта гумони онҳо ҳеҷ асос надошт. Онҳо ҳеҷ тасаввур карда наметавонистанд, ки ҳеҷ як оила бе муҳаббат пойдор намешавад.

– Садқаи зан шавад, ин хел домод, – бо ҷаҳл гуфт модар, – ин шаб ҳамин ҷо хоб кун. Умуман наравӣ ҳам мешавад, зан даркор бошад, худи домод омада барад.

Модар гӯё алами духтарро сабуктар кард. Лекин бо ин суханҳояш нафаҳмида монд, ки ба болои оташи ғаму андӯҳи Розия равған рехт.

Ҳамон шаб модар ба арзу шикояти духтараш лаб монда, бо гумону хулосаҳои ғалат воқеаро ба падари Розия баён кард.

– Ҳолӣ ҳамин тавр гӯ! – мушт ба замин зад падар. – Ман духтари бекора надорам!

Рӯзи дигар ӯ мошин бурду чизу чораи духтарро гирифта омад.

Рӯзи истироҳат чун одат Ҳабибулло ба хонааш омад: хона холӣ, аз Розия ному нишоне намонда, аммо дар хонаи дигар падараш Баҳодурхӯҷа бемори бистарӣ шуда хоб мекарду бо писар ғалдурғалдур ҳарф мезад. Аз суханони ӯ ягон чиз фаҳмидан амри маҳол буд.

Ҳабибулло фаҳмид, ки рафтори кӯтоҳандешонаи падарарӯсаш сабаби бемории навбатии падар шудааст. Ситеза карду ба Розия нарафт. Кору таҳсилро дар Хуҷанд давом дод. Аммо ҳамеша аз падар хавотир буд, ӯро зуд-зуд хабар мегирифт, ба духтурҳои ботаҷрибаю донишманд нишон медод, доруҳои даркориро пайдо карда меовард. Ният дошт, ки имтиҳонҳои давлатиро месупораду як рӯз ҳам таъхир накарда, ба хидмати падари бузургвор бармегардад.

Аммо Баҳодурхӯҷаро насиб набудааст, ки соҳиби маълумоти олӣ гардидани фарзандашро бубинад.

Як рӯзи баҳори соли 1971, саҳеҳтараш рӯзи ҷумъа, 21 моҳи май, ки Ҳабибуллохӯҷа аз меҳмонӣ дар хонаи устоди унҷигии худ ба хобгоҳ баргашт, боғбон хабар дод, ки «ҳо, он ҷавони исфарагӣ ба суроғи шумо омадааст». Онҳо ҳамдигарро дида салому алек карданд, Ҳабибулло хавотир шуда, аз аҳволи падар пурсид.

– Саҳл вазнинтар, – гуфт ӯ, ки ронандаи колхоз буд ва маҳз барои гирифта бурдани Ҳабибуллохӯҷа омада буд, – шуморо мепурсанд.

– Росташро гӯй, бародар, – бо аҳволи парешон хоҳиш намуд Ҳабибуллохӯҷа, – то ман битавонам, ки пешу пуштамро бубинам.

– Бубахшед, ако, ҳамин саҳар гузаштанд, – бо овози ларзон гуфт ҷӯраи исфарагӣ.

Баъд аз се соат Ҳабибуллохӯҷа ҷомаи сиёҳ дар бару асо ба даст дар сари тобути падар навҳакашон ашки ҳасрат мерехт.

Ягона дилкашолии Ҳабибуллохӯҷа дар Кӯлканд падар буд, ки имрӯз ӯро ба хок супориданд. Як ҳафта истода мотамдорӣ карду сонӣ ба Хуҷанд рафт. Дигар бисту чилро омада гузаронд. Ҳамон сол донишкадаро хатм кард. Ҷавони дидадаро, меҳнатдӯст ва соҳибтаҷрибаро ба худи донишкада барои кори доимӣ нигоҳ доштанд.

Дар охири сол чашми Розия равшан шуд. Ба меҳмони нав Муродҷон ном гузоштанд. Муроди хонавода мехонданд ӯро. Хурсандии Ҳабибуллохӯҷа интиҳо надошт аз ин меҳрубонии худо. Вай омада аҳли оилаи Розияро бо муносибати ин шодмонӣ муборакбод карда рафт, дар донишкада ба ҳамкоронаш зиёфат дод. Ҳамаи корҳо гӯё мӯътадил идома меёфтанд, ба ҷуз муносибат бо Розия. Писарчаи дӯстрӯяш Муродҷон ҳам натавонист, ки риштаи муҳаббате дар байни падару модари ҷавон пайдо бикунад.

Пас аз як сол Ҳабибуллохӯҷа ба хизмати Ватан – ба шаҳри Амурск сафарбар шуд. Ду соли сарбозӣ дар батальони бинокорӣ, хайрият, ки бе шикасту фалокате анҷом ёфт ва ин дафъа Ҳабибуллохӯҷа сарбаландона ба Исфара баргашт. Идораи маорифи шаҳр ӯро барои кор ба мактаби миёнаи №5 ба номи Титов роҳхат дод. Ҳабибуллохӯҷа дар ин ҷо ҳам муаллимӣ, ҳам посбонӣ мекард. Иҷрои ду вазифа ба шароити зиндагонии ӯ хеле мувофиқ афтод. Ҳабибуллохӯҷа ба Кӯлканд рафту омад кардан намехост, аммо дар шаҳр манзили истиқоматӣ надошт. Посбонхонаи мактаб як утоқи начандон калони озодаю равшане буд, ки барои Ҳабибуллохӯҷа вазифаи сарпаноҳи муваққатиро ба ҷо меовард. Розия писарчаашро ба

ихтиёри волидайн дода, худ шавҳар кард.

Рӯзи таваллуди Муродҷон – 17 декабр, рӯзҳои ид Ҳабибуллохӯҷа ба Кӯлканд руфта писарчаашро табрик мекард ва модарандараш Тошбибихонро дида меомад. Ҳамин буд хурсандии ӯ дар зиндагӣ.

Ана дар ҳамин вазъият Озодахон таклиф кард, ки Ҳабибуллохӯҷа ва Куброхон бо ҳамдигар ошно намояд.

Озодахон то бевақтии шаб саргузашти Ҳабибуллохӯҷаро ба Куброхон ҳикоят кард. Куброхон ҳамаи онро бо диққат гӯш кард. Аз ҷараёни зиндагии Ҳабибуллохӯҷа ҷойҳои ба рӯзгори худ шабеҳашро нағзтар ба лавҳи хотир нигоҳ дошт. Вафоти модари ҷавон, бемориҳои дардолудаю даргузашти падари Ҳабибуллохӯҷа, хонавайронӣ ва аз меҳру навозишҳои падару модар маҳрум гаштани Муродҷони бегуноҳ Куброхонро мутаассир намуданд.

– Дарди ёр – дармони ёр, гуфтаанд, – мақоли халқиро ёдовар шуд Озодахон дар хотимаи қиссаи имшаба, – Худо кушоиш диҳаду ситораатон ба ҳамдигар мувофиқ ояд, қанд барин зиндагӣ мекунед.

– Хислатҳои хӯҷаат бад не барин, – гуфт ниҳоят Куброхон, – вале ӯро дурусттар омӯхтан даркор, номи шавҳарро шунавам, маро варача мегирад.

– Хавотир нашав, ман магар одами гандаро ба ту тавсия мекунам, – таъкид кард Озодахон, – воқеан расмашро оварда будам.

Озодахон акси шаш ба нӯҳи Ҳабибуллохӯҷаро аз сумкааш гирифта ба Куброхон дод. Куброхон зеҳн монда ба он нигоҳ кард. Чеҳраи як дараҷа дарозрӯя, гардани дарозу сари баланд, лабу даҳони базеб, чашмҳои калон-калони бодомшакл, абрӯвони сермӯи ғафс, мӯйсари сиёҳи ҷингила ва холи мисли мавизи сиёҳ, ки андак поёнтар аз думболаи чашми чапи Ҳабибулло ҷой гирифтааст, диққати Куброхонро ба худ кашиданд. Аз расм аён буд, ки синаю китфҳои фарох дорад ӯ. Куброхон хеле чашм дӯхта табассум карду суратро ба Озодахон баргардонд.

– Маъқул шуд, – пурсид Озодахон.

– Кор шамшер мекунад, на ғилоф, – сипоҳиро аз даст надод Куброхон.

– Сурат ва сирати ӯ шабеҳи ҳамдигаранд, – таькид намуд Озодахон, – ин қадар борикресӣ накун!

– Ту маро аз озодӣ маҳрум карданӣ аз афташ, – майли худро нозукона ифода кард Куброхон, – дар банди хӯҷаат гирифтор шуда, ҳамин рӯзамро аз даст надиҳам?

Озодахон каме таҳаммул кард, чашмашро пӯшида, як байтеро ба

ёд овард, ки онро Толибҷон бисёр такрор мекард. Сонӣ чашмонашро калон кушода, ба Куброхон дӯхту гуфт, ки гӯш кун, девона, ин суханонро шайх Саъдӣ фармудааст:

Аз ҳамон рӯз, ки дар банди туям, озодам,
Подшоҳам, чу ба дасти ту асир афтодам.

Ҳикоятҳои Озодахон ва байти Саъдӣ як даъвати асрорангезе дар синаи Куброхон ба вуҷуд овард. Вай хост, ки Ҳабибуллохӯҷаро аз наздик бубинад ва садои дили ӯро аз забони худаш бишнавад.

– Хайр тақдир медонад, – гуфт Куброхон, – шитоб накун, ягон рӯз шинос мешудагем.

Дугонаҳо ҳамон шаб ба ҷогаҳ даромада низ гапзанонашонро давом доданд, то хоб дар дидаи онҳо ғалаба кард.

## АЗ ЧАМАН ГУЛДАСТА ОВАРДАМ

Маъракаи интихобот анҷом ёфт. Дар радифи депутатҳои шаҳри Исфара номи Куброхон Собитова низ мисли ситораи саҳарӣ дурахшон буд. Хурсандии Куброхон интиҳо надошт, зеро аввалин маротиба сазовори боварии оммаҳои халқи ранҷбар гардид. Дили Ҳабибуллохӯҷа низ боғ-боғ бишкуфт. Барои ӯ баҳонаи муносиб ёфт шуд, ки бо Куброхон сӯҳбат бикунад. Агар Ҳабибуллохӯҷа ба дафтари ӯ рафта табрик бигӯяд, намеранҷидагист. «Аз рӯи меҳр – меҳр» гуфтаанд. Ба ҳузури Куброхон ташриф овардани Ҳабибуллохӯҷа низ воқеаи тасодуфӣ нест. Озодахон ба дугонаи худ на танҳо дар бораи Ҳабибуллохӯҷа ҳикоят кардааст, балки расми ӯро низ нишон додааст. Вай қарор дод, ки пагоҳ рӯзи чаҳоршанбе – рӯзи Мурод аз ҳама пештар ба идораи Куброхон ҳозир мешавад, ба муносибати вакил интихоб шуданаш табрик мекунад, ду даҳанакак аз дил мегӯяд, аз ҳамин маълум хоҳад шуд, ки Куброхон ӯро мепазирад ё на. Вақте, ки Ҳабибуллохӯҷа ҳамин адешаҳоро аз дил гузаронд вуҷудашро як ҳиссу ҳаяҷони гуворо фаро бигрифт. Ҳар замон Ҳабибуллохӯҷа фикр мекард, ки чунин рафтори ӯ ба табъи латифи Куброхон писанд меомада бошад? Ё ки вай ин иқдомро беҳурматие нисбати худ мешуморад? Ҳабибуллохӯҷа ҳамон шаб дар ҷогаҳи хоб мепечиду худро мазаммат мекард, ки як маротиба оиладор шуда, қариб шаш сол зандорӣ карда бошад ҳам, табиати занонро наомӯхтааст. Дар китобҳо хонда буд, ки зан мураккабтарин офари-

даи худои карим аст, ӯ мисли олами табиат аст, ки гоҳ як паҳлӯ гоҳо паҳлуи дигари худро ба зуҳур меоварад ва ниҳоят аҳли тадқиқ ӯро меомӯзанд. Афсӯс, ки Ҳабибуллохӯҷа аз ин қабил муҳаққиқони суботкор набудааст. Аслан ӯ то ин вақт ошиқ нашуда буд. Падару модарандар ӯро дар ҷавониаш хонадор карданд. Як бор дили ӯро напурсиданд, ки ҳамон Розияро мехоҳад ё на? «Насибаат ҳамин будааст, – гуфтанд, – тӯй мекунем!» Ҳабибуллохӯҷа низ аз фармони падар берун баромада натавонист. Оқибат кор ба ҷудоӣ анҷом ёфт. Аммо Куброхон олами дигар будааст. Ҳам қаду қомати мавзун, ҳам лабу дандон, ҳам чашмони сиёҳу абрӯвони думболадори ӯ ба як дидан ба Ҳабибуллохӯҷа маъқул шуданд. Суханрониашро намегӯед? Куброхон дар маҷлиси мулоқот бо интихобкунандаҳо сухан меронд ва ба баъзе саволҳо хандакунон ҷавоб медоду Ҳабибуллохӯҷа шери шоирро зери лаб замзама мекард:

Сад чаман гул резад аз ҳар хандаат, эй нозанин,
Дода-дона борад аз ҳар лафзи ту дур бар замин.
Дар миёни олимон гардидаӣ болонишин,
Халқ мегӯяд ба ин фазлу камолат офарин,
Фахрҳо карда ман аз ин сар ба боло мекашам.

Ҳабибуллохӯҷа дили шоирона доштааст. Назокати дил модарзодист, табъи шоирӣ тӯҳфаи Худовандист вале китобхонӣ, майлу рағбат ба шеъру шоирӣ, хусусан мутолиаи бардавому пайвастаи осори классикҳои назми форс-тоҷик ҳиссиёт ва завқи ӯро хеле тарбият кардааст. Аз ҳамин ҷост, ки Ҳабибуллохӯҷа ҳар як рафтору кирдор ва гуфтори худро бо меъёри ахлоқии аҷдод муқоиса мекунад, санҷида мебинад, ки хӯю хислати ӯ бо одоби бобоӣ мувофиқ аст ё на? Ӯ дар бораи Куброхон низ аз рӯи дастурҳои ахлоқии гузаштагони бузурги миллати худ мулоҳиза меронад. Бинобар он Ҳабибуллохӯҷа дар ҷогаҳи танҳоӣ фикр мекунад, ки пагоҳ Куброхон ӯро чӣ гуна истиқбол мегирифта бошад? Ӯ бидуни огаҳӣ хоҳад рафт. Қаблан хабар доданро дӯст намедорад. Ӯ аз як чиз дар ташвиш аст, ки баногоҳ хотири нозуки духтар озор наёбад. Ӯ риштаи ошноӣ пайдо мекунам гӯён, мабодо ба тори эҳсос нохуни беэҳтиётӣ назанад. Дил ба даст меорам гӯён боиси дилсардӣ нагардад. Ҳабибуллохӯҷа суруди машҳури Шашмақомро ёд овард:

Гуфтӣ ба мо, ки он гули рухсор нозук аст,
Сар то ба пои нахли қади ёр нозук аст.
Ҳарчанд гуфтугӯи ту бисёр нозук аст,

Кам гӯ сухан, ки хотири дилдор нозук аст
Бори гуҳар намекашад, ин тор нозук аст...

Лекин Куброхонро надидан, бо ӯ мулоқот накардан ҳам ба ҷавони замони ҳозира, ба муаллим – шахсияти пешқадам ва зиёии даврони мо намезебад. Як маротиба сухани падару модарро нашикаста, арӯсшавандаашро надид, пешакӣ бо ӯ шинос нашуда, хонадор шуд, аммо пушаймон гардид, ки суд надорад. «Кӯр асояшро як бор гум мекунад», – гуфтаанд. Акнун бояд ҳушёриро аз даст надиҳад. Ӯ ҳатман бо Куброхон вомехӯрад ва рози дил мегӯяд. Бо ҳамин андешаҳо Ҳабибуллохӯҷа саҳар аз ҷои хоб бархост, рӯи ҳавлӣ баромада, дар ҳавои софи форам камтар гардишу варзиш кард, покиза риш тарошиду дасту рӯй бишуст, шими сиёҳ ва куртаи нимостини нилуфари худро нағзакак дарзмол карда, аз рӯи ҳавлӣ як даста гул чида ба сумка андохт як пиёла чой нӯшиду роҳи шаҳрро пеш гирифт...

Ҳабибуллохӯҷа умед дошт, ки аз саҳари солеҳон ба назди раиси комисиюни нақшакашии кумитаи иҷроияи шаҳри Исфара касе намеояд. Аз ҳамин ҷост, ки ӯ бо Куброхон озода мулоқот карда метавонад. Аммо аллакай дар курсиҳои қабулгоҳ чор панҷ нафар менишастанд. Ҳабибуллохӯҷа низ аз паси як зан навбат гирифт. Мардҳо бо навбат даромада масъалаҳои худро ҳар яке дар давоми 10-15 дақиқа ҳал карда мебаромаданд. Бо вуҷуди ин, ҳар дақиқа ба назари Ҳабибуллохӯҷа як соат менамуд. Вақте, ки зан ба дафтари Куброхон ворид шуд Ҳабибуллохӯҷа як оҳи сабук кашид, ки навбати ӯ низ даррасид ва ҳамин ҳоло ба дидор ва мулоқоти Куброхон мушарраф мешавад. Лекин зан вақтро бисёр гирифт. Дуруст гуфтаанд, ки «гушнаро нон ба танӯр дер мешавад». Ҳабибуллохӯҷа дилтангӣ карда, тез-тез ба соати дасташ назар меафканд. Ақрабакҳои хурду бузурги соат гӯё хеле суст ҳаракат мекарданд. Боз се нафар зану мард навбат гирифтанд. «Душанбе рӯзи серкории Куброхон будааст» аз дил гузаронд Ҳабибуллохӯҷа. Агар як нафар зан қариб ним соат вақтро бигирад умри Куброхон бо қабули ниёзмандон мегузаштааст. Ҳабибуллохӯҷа байти машҳури шоирро замзама кард:

Азми дидори ту дорад ҷони бар лаб омада,
Боз гардад ё барояд чист фармони шумо?

Дар ҳамин вақт зан берун омад. Ҳабибуллохӯҷа дар чеҳраи зан аломати хурсандиро пай бурд. Пас маълум мешавад, ки Куброхон

серкор бошад ҳам кайфияти хуб дорад.

– Шумо медароед ё не – пурсид шиддат карда ҷавонмарди папка ба дасте, ки дар паҳлӯи Ҳабибуллохӯҷа менишаст.

– Бале, медароям, – саросема шуд Ҳабибуллохӯҷа, – раиса андак нафас рост кунанд мегӯям.

Ӯ беиҷозат дарро кушода вориди дафтари Куброхон гардид. Ҳарду ба чеҳраи якдигар лаҳзае хомӯшона нигоҳ карда монданд. Сонӣ Куброхон аз ҷой бархост, ба Ҳабибуллохӯҷа салом карда даст дод. Гарму ҷӯшон вохӯрдӣ карданд. Ҳабибуллохӯҷа ҳис кард, ки Куброхон аз ин вохӯрии ногаҳонӣ ба изтироб омад, сурх шуд, шарму ҳаё пахш кард ӯро.

– Марҳамат шинед, – таклиф кард Куброхон.

Ҳабибуллохӯҷа аввал гулдастаи тару тозаро аз сумка берун овар-да ба Куброхон тақдим намуд ва гуфт:

Барои дидани ту аз чаман гулдаста овардам,
Ба хубӣ лоф мезад ӯ, ба пешат баста овардам.

Чеҳраи Куброхон монанди ҳамон гулҳои арғувонӣ шукуфон шуд. Ӯ бо миннатдорӣ гулдастаро гирифт, ба гулдоне, ки дар рӯи мизи дигар меистод, беозор гузошт ва ҳаяҷономез гуфт:

– Мебахшед, ман ба ин байти зебо ягон вақти дигар ҷавоб медиҳам.

– Бо ҳамин гапатон ҷавоб додед, – хурсанд шуд Ҳабибуллохӯҷа, – ба дилам умед бахшидед. Ба муносибати ғалабаатон дар маъракаи интихобот табрик мекунам. Ману Озодахон ҳаводори шумо будем. Куброхон хиҷолат кашид, изҳори ташаккур кард. Оҳиста ба чеҳраи ӯ назар андохт. Симои зиндаи Ҳабибуллохӯҷа назар ба расм ҷозибтар буд. Қомати баланд, чашмони мешии барпош, абрувони бароқ, мӯйҳои ҷингила, забони ширини ҷавон эҳсоси гуворое дар дили Куброхон тавлид намуд.

– Озодахон шахси меҳрубон, ғамхор, – Куброхон сар набардош-та, – шуморо хеле таъриф карданд.

– Ман ҳам таърифи шуморо бисёр шунидаам. Озодахон мегӯянд, ки дар Исфара ду зани нағз бошад, яктоаш Куброхон, агар якто бо-шад танҳо худаш аст.

– Дугонаам муболиға кардаанд, – шикастанафсӣ кард Куброхон.

– Ба фикрам, тақдири мо ба ҳамдигар монанд аст, – гуфт Ҳабибуллохӯҷа, – вақт меёфтед, камтар сӯҳбат мекардем.

– Бо Озодахон маслиҳат кунед, ман ҳоло ҳеҷ чиз гуфта намета-

вонам, – инони ихтиёрро ба дугонааш дод Куброхон.

– Хуб шудааст, – аз ҷой бархост Ҳабибуллохӯҷа, – ҳазор раҳмат, ман он касро албатта мебинам.

Куброхон низ баланд шуд. Ӯ барои хайру манзур даст дароз кард.

Ҳабибуллохӯҷа гӯё дасти муқаррарии занро не, балки дасти бахтро мегирифта бошад, як ҷаҳон хурсанд шуда, аз дафтари Куброхон берун рафт.

## КАВКАБИ БАХТ

Озодахон зани хушбахт буд. Шавҳари қобили фарҳангӣ дошт ӯ. Исмаш Толибҷон буда, ҳар ду дар як мактабу дар як синф таҳсил кардаанд. Онҳо аз айёми наврасӣ ба ҳамдигар дил бохта чун ба воя расиданд, хонадор шуданд. Онҳо дар шаҳр дар як манзили сехонагӣ зиндагӣ ба сар мебурданд. Зану шавҳари ҷавон хушфеъл, хушгап, ғамхори ҳамдигар буданд. Ба ниёзмандон беғаразона, бо камоли шодмонӣ кӯмак мекарданд. Онҳо ба оилаи Куброхон иртибот доштанд, рафту омад мекарданд, ҷашни мавлуд, идҳо, маъракаҳо ва дигар тадбирҳои оилавиро ҳамроҳ мегузарониданд. Ба қавле як пиёла чойро бе ҳамдигар намехӯрданд. Хонавайронии Куброхон, қисмати шӯри Абдуқавӣ онҳоро хеле ба танг меоварданд. Толибҷон дӯсти бачагӣ ва ҷавонии Ҳабибуллохӯҷа буда, ӯ низ бисёр ғам мехӯрд, ки ҷӯрааш бахташро ёфта натавонист. Ин аст, ки онҳо Ҳабибуллохӯҷа ва Куброхонро ба ҳамдигар ҷуфти муносиб мешумориданд. Аз ташрифи имрӯза ва мулоқоташон шоду масрур буданд. Шавҳари Озодахон дасти остин барзада, дар рӯи ҳавлӣ бо як ҷаҳон шавқу рағбат оши палав мепухт. Озодахон дар хона дастархон ороста меҳмононро мурооот карду «ман ба Толибҷон ёрдам кунам» гӯён берун баромад. Меҳмонҳо маънои ин суханони Озодахон ва рафтори ӯро хуб фаҳмиданд. Соҳибхона имконият дод, ки Ҳабибуллохӯҷа ва Куброхон бемалол сӯҳбат бикунанд.

– Ман хаёл мекунам, ки Худои меҳрубон ману шуморо барои ҳамдигар офаридааст, – ба Куброхон пиёлаи чойро дода гуфт Ҳабибуллохӯҷа, – лекин мо роҳгум зада ҷабру ҷафо кашидем.

– Тақдир ҳамин будааст, – як қулт чой нӯшид Куброхон, – ҳеҷ кас иқболашро пешакӣ муайян карда наметавонад.

– Як маротиба хоҳиши падару модарро ба ҷо овардем, – андешаи

худро баён кард Ҳабибуллохӯҷа. – Лекин оқибати корро дида, онҳо пушаймон шуданд. Акнун бояд тақдирамонро худамон ҳал кунем.

Куброхон хомӯш гӯш карда менишаст. Ҳабибуллохӯҷа аз саргузашт ба толеи вожгуни худ, ки ҳамаи онҳоро Озодахон нақл карда буд, ҳикоят кард ва мунтазир шуд, ки зан чӣ ҷавоб медиҳад. Аммо ӯ ба хомӯшӣ забон намедод. Маълум намешуд, ки қиссаи ҳаёти шӯрбахтонаи Ҳабибуллохӯҷа ба дили Куброхон зарра барин таъсир мекунад ё не. Куброхон ҳамоно хомӯшона пиёлаи холӣ шудаи чойро баргардонида дод. Ҳабибуллохӯҷа бо умеди нармтар кардани дили Куброхон ва ба сухан даровардани ӯ ба ситоишаш пардохт.

– Ман қасд карда будам, ки дигар майли хонадорӣ намекунам. Чанд касро падару модар ёфтанд, рад кардам. Ду се нафар аз ҳамкасбонам хостанд, ки бо ман риштаи зиндагӣ бипайванданд, низ маъқул нашуданд. Ташаккур аз Озодахон мекунам, аз он кас самимона сипосгузорам, ки маро ба маҷлиси шумо ҳидоят карданд ва ман ба дидани чеҳраи зебою шунидани суханҳои шевои шумо мушарраф гардидам. Дидам ва шунидам. Дирӯз бо шумо кӯтоҳакак гуфтугӯ кардам, дигар сабру қарорамро гум кардам. Ба худам гуфтам, ки шарики бовафои зиндагӣ, сарчашмаи илҳоми кору эҷод ҳамин қадар мешудагист...

– Бисёр таъриф накунед, муаллим, – гуфт Куброхон, – ҳоло шумо маро нағз намедонед.

– Шумо дили ҳамчун оина софу беғубор доред. Дар байни ҷомеа соҳиби обрӯю иззат ҳастед, ахлоқу одоби шоистаатон дар чеҳраатон ҳувайдост, – таъкид кард Ҳабибуллохӯҷа ва даст ба кисса бурда афзуд:

Ман барои шумо як ғазал навиштам.

– Шумо шоирӣ ҳам мекунед-мӣ? – пурсид Куброхон бо табассуми латиф.

– Ман шоир нестам, аммо аз шумо илҳом гирифтам, – иқрор кард Ҳабибуллохӯҷа ва дафтарчаи киссагиашро берун оварда хонд:

Кавкаби бахтам дурахшидаст болои сарам,
Улфати роҳи ҳаёти ман биёяд аз дарам.
Беҳтарин ганҷинаи дунё бигӯям, месазад,
Равшании ҳар ду чашму ҷони гарм андар барам.
Офарин бар модаре, ки инчунин гул офарид,
Хонаи ӯ дар дили ман, меҳри ӯ дар пайкарам.
Ошёнам аз қудумаш таъна бар афлок зад,
Номи покаш дар забону чеҳрааш дар манзарам.

– Шеъри нағз, – таъриф кард Куброхон, – шумо шоир будаед. Аммо ба ҳунаратон иқрор намекунед.

– Ин ғазал аст, аммо як сир дорад, – гуфт Ҳабибуллохӯҷа, ки аз таърифи Куброхон ҳам хурсанд шуд, ҳам хиҷолат кашида таб баровард, – шумо эътибор надодед.

– Як бори дигар хонед, – хоҳиш намуд Куброхон.

Ҳабибуллохӯҷа ин дафъа чашм аз рухсораи ҳамсӯҳбаташ накан-да, шеъро аз ёд қироат кард.

– Ҳа фаҳмидам, – сар ҷунбонд Куброхон, – ба хаёлам ин хел шеърро мувашшаҳ мегӯянд.

– Офарин, ёфтед, – завқ кард Ҳабибуллохӯҷа, – ҳар мисрааш бо як ҳарфи номи шумо сар мешавад, он ҳарфҳоро аз боло ба поён бихонед номатон мебарояд.

Куброхон дафтарчаро ба даст гирифта, ба мувашшаҳ чашм давонд, табассум карда изҳори миннатдорӣ намуд ва савол дод:

– Оё ман ба ин шеър лоиқ ҳастам?

– Шумо ба достон меарзед, – гуфт Ҳабибуллохӯҷа, – мехостам, ки дили маро бифаҳмед. Ман танҳоям, дар шахси шумо ҷуфти муносиби худро мебинам, агар мо як оила месохтем, сарам ба осмон мерасид.

– Ман метарсам, ман як бор хонадор шуда азоби бисёр кашидам, иқрор кард Куброхон, – дилам аз шавҳар мондааст.

Ӯ мехост бигӯяд, ки дилам аз мардҳо сард шудааст, аммо худдорӣ кард.

– Агар ҳаёт моро ба ҳам расонад, ман кӣ будани худро нишон медиҳам. Натарсед, хурсанд шавед. Ман шуморо хушбахт мекунам, – гуфт Ҳабибуллохӯҷа, – ин ваъдаи хушку холӣ нест, дар амал исбот мекунам!

– Ман мехостам, ки дар зиндагӣ такягоҳ дошта бошам, пушту паноҳ, соҳиби сар дошта бошам, – ошкоро сухан ронд Куброхон, – падару модар, додарҳою хоҳарон дорам, онҳо маро танҳо намегузоранд, азиз мекунанд, аммо ҷои шавҳар дигар аст. Зан будан ҳам, шавҳар шудан ҳам вазифаи душвор будааст.

– Шумо хавотир нашавед, азизам, вазифаи худро дар оила нағз мефаҳмам, – бо дилпурӣ ҳарф зад Ҳабибуллохӯҷа, – дар ҳама кор ёру ёвари шумо хоҳам буд. Мо ҷуфти кабӯтар, мӯнису ғамхори ҳамдигар шуда метавонем.

– Агар фақат худам мебудам, масъала осонтар ҳал мешуд, –

изҳори андеша кард Куброхон, – лекин...

– Аз духтарчаатон ғам нахӯред, – гапи ҳамсӯҳбаташро бурид Ҳабибуллохӯҷа, – ман духтарро дӯст медорам. Зарринаҷон духтари ҳардуямон мешавад, агар шумо розӣ бошед, ман ӯро ба номи худам мегузаронам. Ҳамроҳи Муродҷон бозӣ карда мегардад.

Озодахон як табақ палави девзираи сергӯшт овард. Бӯи хушаш иштиҳоро мекушод. Аз паси Озодахон шавҳараш даромада омад. Ҳар ду дар атрофи миз нишастанд.

– Муаллим, шумо фаъол не-ку? – гуфт ба сӯи Ҳабибуллохӯҷа назар афканда ва даҳони шишаи коняки машҳури арманиро кушода ҷомҳоро пур кард.

– Ба ман нарезед, – хоҳиш кард Куброхон, – медонед, ки наменӯшам.

– Имрӯз рӯзи таърихӣ, – гуфт Озодахон, – камакак гиред, зарар надорад.

– Дар андаки ӯ манфиати бисёр аст, – суханони Абӯалӣ ибни Синоро ёд овард Ҳабибуллохӯҷа ва як рубоии ишқии ӯро қироат кард:

Эй дил, ҳама ҷоми ошиқӣ нӯш чу гул,
Пайваста либоси ошиқӣ пӯш чу гул.
Чу шамъ забони оташин дорад ишқ,
Зинҳор мабош пунба дар гӯш чу гул!

– Нӯшбод аз ин беҳтар намешавад, биёед, дӯстони азиз, ҳамин ҷоми ошиқиро барои бахту саодати ҳамаамон бинӯшем, – таклиф кард Толибҷон.

Ҷомҳои булӯрӣ ба ҳам расида садо бароварданд. Мардҳо онҳоро холӣ карданд, Озодахон ҳам як қулт хӯрд, аммо Куброхон соғарро ба лабаш расонда боз ба ҷояш гузошт.

Ҳама ба палавхӯри шурӯъ карданд. «Ин ош не, мӯмиё шудааст» гӯён дар ҳаққи ошпаз суханҳои хуш гуфтанд. Озодахон таклиф кард, ки барои саломатӣ ва ояндаи дурахшони Куброхону Ҳабибуллохӯҷа, барои ташкили оилаи нав як ҷуръагӣ бинӯшанд. Ба ҷуз Куброхон, ки аз шарму ҳаё рухсораҳояш гулгун шуданд, ҳама нӯшиданд.

Ҳамон рӯз то фаро расидани хуфтан сӯҳбат дар хонаи Озодахон идома ёфт. Озодахон бештар фаъолият нишон дода, гуфт ки «дар кори хайр ҳоҷати ҳеҷ истихора нест», ба назди падару модари Куброхон хостгор фиристед, суннатҳои аҷдодиро ба ҷо овардан даркор аст.

– Шитоб накунед, – гуфт Куброхон, – мо ҳанӯз якдигарро хуб намедонем.

– Майдагап нашав, – бо оҳанги фармон ва чеҳраи ҷиддӣ сухан кард Озодахон, – мо туро ба об ҳам намепартоему ба оташ ҳам намедиҳем. Муаллим одами оличаноб, ман кафил.

Сонӣ ба Ҳабибуллохӯҷа рӯ овард:

– Одам фиристонед, кори хайрро пеш гирифтан даркор. Агар корро ба ихтиёри дугонаам монед, як умрро бешавҳар мегузаронад.

– Каси ман кӣ мешуд? – пурсид Ҳабибуллохӯҷа ва боз ҷавоб гуфт:

– Худатон, акои азизамо, – ба шавҳари Озодахон ишора кард. – Боқимондаи гапро мо дар роҳ бо Куброхон маслиҳат мекунем.

Ба дастархон омин карда бархостанд. Куброхон ва Ҳабибуллохӯҷа баъди андак дур шудан дар оғӯши шаб нопадид гардиданд.

Ду нафар дар кӯчабоғҳои сергулу дарахти Исфара оҳиста-оҳиста қадам ниҳода, сӯи ҳавлии амаки Обидхӯҷа, ҳамон марди барнодил, ки Куброхон Хирадмандаш мехонд, гапзанон мерафтанд. Осмони софи ситоразор, оромию осудагии шаби тирамоҳ, бӯи муаттари гулу гиёҳ ва меваҳои шаҳдрез, ҳикоятҳои пур аз орзую умеди Ҳабибуллохӯҷа барои Куброхон хеле гуворою фараҳбахш буданд.

– Худо хоҳад мо оилаи намунавии ибратбахш барпо мекунем, гуфт Ҳабибуллохӯҷа, муттакои ҳамдигар мешавем. Асоси онро муҳаббат ташкил хоҳад кард. Ҳамин қадар зиндагӣ ба сар бурда, чӣ гунагии муҳаббатро эҳсос намекардаам. Шиносоӣ бо шумо, Куброхони азиз, инқилобе дар олами рӯҳии ман ба вуҷуд овард. Хаёлам ҳамеша ҳамроҳи шумо бошам, бо шумо сӯҳбат бикунам, суханҳои ширинатонро бишнавам, чаҳраатонро тамошо созам, аз банди дасти булӯринатон гирифта гардам.

Ҳабибуллохӯҷа инро гуфту беозор аз зери дасти Куброхон гирифтанӣ шуд.

– Ташаккур, лозим нест, ҳамин тур паҳлӯи ҳам роҳ рафта сӯҳбат кунем, беҳтар аст, – гуфт Куброхон андак худро дуздонида.

Ҳабибуллохӯҷа аз ҳаракати бемавқеи худ хиҷолат кашид.

– Бубахшед, дар торикӣ баногоҳ пешипо нахӯред, мегӯям, – узр гуфт ӯ.

– Наход кас бо шумо пешипо хӯрад? – ҳам ба маънои аслӣ, ҳам бо маънои маҷозӣ ҳарф зад Куброхон.

– Не, не, ҳаргиз ин тавр намешавад, – гуфт Ҳабибуллохӯҷа ва ба

чеҳраи Куброхон назар афканда бо ҷӯшу хурӯш хонд:

Манам он марди раҳе, ки ба ҷаҳони гузарон
Баҳри хушрӯзии ту зода шудам, эй ҷонон.
Ту занӣ, ҷонӣ манӣ, чашмаи илҳоми манӣ,
Ҳамсафу ҳамқадами нодираам дар даврон.
Ману ту ширу шакар, шамсу қамар, ҷону танем,
Ки биомехт худо ҳар ду ба аҳду паймон.
Зиндаам то ба ҷаҳон поси ту дорам, эй ёр,
Номи некӯи ту боло бибарам то кайҳон.
Нагузорам, ки хурӣ дар раҳи мақсад пешпо
Ту, ки болои сару ҳамсафарам, Куброхон.

Ҳабибуллохӯҷа бо табъи равону бадоҳатан шеър гуфтани худ Куброхонро моту мабҳут кард. Ин ғазал ҷавобан ба саволи ӯ ҳамин лаҳза ба дунё омад. Ӯ наметавонад ба санъати шеър баҳо бидиҳад, оҷизӣ мекашад, вале мазмуни он хуб аст, равону оҳангдор аст. Хусусан, бо номи Куброхон анҷом ёфтани ғазал, ӯро мисли хуршед болои сар, чун рафиқаи бовафо ҳамсафари роҳи зиндагонӣ ситоиш карданҳои Ҳабибуллохӯҷа торҳои ниҳонии ҳиссиёти занро ба ҳаракат оварданд. Ӯ беихтиёр даст ба Ҳабибуллохӯҷа дода «офарин, шоир!» гуфт. Дасти гарму нарми Куброхон дили Ҳабибуллохӯҷаро бо қувваи нав ба ҷӯшу хурӯш овард. Ӯ дасти Куброхонро маҳкам гирифта ба сӯи худ кашид. Сонӣ ӯро бо иштиёқ ва меҳру муҳаббати ҷӯшон оғӯш кард. Ҳабибуллохӯҷа аввал аз чашмҳо, сонӣ аз рухсораҳо, ниҳоят аз лабони мисли ғунча гуллӯндаи Куброхон бӯсид. Дасти рости ӯ аз шонааш лағжида ба миёни нозукаш фаромад. Бо дасти чап мӯйҳои ҳамчун абрешим нарми Куброхонро сила мекард.

– Вай ман мурам, шуд, шуд! – ба худ омад Куброхон ва дастонашро ба синаи Ҳабибуллохӯҷа тиргак кард.

– Ман ин гуна дақиқаҳоро орзу мекардам, – бо эҳсоси пурҳаяҷон гуфт Ҳабибуллохӯҷа ва садои пасти маҳрамонаи ӯ дар синаи Куброхон оташ афрӯхт.

– Шумо ҳабиби ман, – бо нимовоз гуфт Куброхон, ки то ин дам эҳсоси худро ба зуҳур намеовард.

– Пагоҳ рӯзи истироҳат аст, – гуфт Ҳабибуллохӯҷа ду дасти Куброхонро ба кафҳои худ гирифта, – ҳар ду ба сайру саёҳат мебароем, тамоми рӯз дашту водиҳои гулпӯш, кӯҳу кӯталҳои афсонавӣ, боғу майдонҳоро тамошо мекунем, дар лаби дарёи шӯхоб нишаста рози

дил мегӯем.

– Ман кайҳост, ки аз шаҳр набаромадаам, – иқрор кард Куброхон.

Ҳабибуллохӯҷа чун аломати сипосгузорӣ аз зери дасти Куброхон гирифта оҳанги роҳравӣ кард.

– Мо омадем, – гуфт Куброхон ва бо дасташ нишон дод, – ҳо, ҳамон дарвоза азони мост. Пагоҳ расо дар соати нӯҳ дар даромадгоҳи гулбоғи шаҳр маро интизор шавед. Меоям, ҳатман меоям.

– Ояро огоҳ кунед, ҳамроҳи Озодахон аммаи ман мебиёянд, – таъкид кард Ҳабибуллохӯҷа ва бори дигар Куброхонро ба оғӯш кашида, бӯсаҳои гарму ширин гирифт. Ин дафъа дастони Куброхон низ ба гардани ӯ ҳалқа шуданд.

Сайру саёҳати онҳо то бегоҳ идома ёфт. Куброхон ёд надорад, ки охирин маротиба кай ин хел истироҳати бофароғат карда буд. Ӯ дар мошини сабукрави сафеди «Москвич-412» дар паҳлӯи Ҳабиби худ нишаста, аз наззораи табиати рангину ғанӣ, кӯҳҳои сурху хокистарӣ, анбӯҳи дарахтони сабзу зарринтоҷ монанди саманди ҷавмаст ҷавлон зада ҷорӣ шудани Исфарарӯд чашм намеканд.

Ҳабибуллохӯҷа тамоми асбоби сафарро муҳайё кардааст: нону кулча, мурғу моҳӣ, гӯшти бирён, помидору бодиринги нимнамак, обҳои маъдан, чои гарм дар термоси калони чинӣ, паниру маска, шоколаду вафлӣ, намак, қаланфур, сачоқҳои мисли барф тоза ва ғайра.

Вақте, ки онҳо аз рӯди равон дуртар дар як майдони хушманзараи деҳаи Зумуррадшоҳ нишаста наҳорӣ мекарданд, Куброхон ҳамаи инҳоро дида ҳазломез гуфт: – шумо муаллим ё мудири тарабхона?

– Ман як нафар чокари фармонбардори шумо, – ҷавоб дод Ҳабибуллохӯҷа, – гиред ҳавои тоза иштиҳоро мекушояд.

Онҳо таҳтӯлкунон аз ҳар тараф сӯҳбат менамуданд.

– Ин рӯз ҳам рӯзи таърихӣ шуд, – гуфт Ҳабибуллохӯҷа.

– Вақте, ки ман аз дарвоза мебаромадам, Озодахон ҳамроҳи шавҳарашон ба ҳавлӣ даромада омаданд.

– Онҳоро партофта омадед? – пурсид Куброхон.

– Тоқати меҳмон надошт, хона ба меҳмон гузошт, – ҷавоб дод Ҳабибуллохӯҷа. – Онҳо имрӯз вазифаи муқаддаси худро ба ҷо меоранд.

– Чӣ хел вазифа будааст он?

– Фаромӯш кардед? Ба ҳузури падару модари шумо ҳамроҳи аммаи ман мераванд, то ки маро ба ғуломии шумо биспоранд.

– Э ҳа, – табассуми ширин гул кард дар лабони Куброхон, – ин қадар саросема шумо?

– Оворагардӣ ба дилам зад, – гуфт Ҳабибуллохӯҷа. – Мехоҳам, ки зудтар хонаамро обод кунед.

Куброхон сар поин андохт.

– Як бурда гӯшт гиред, – таклиф кард Ҳабибуллохӯҷа.

– Ташаккур, сер шудам.

– Ин тур бошад, як дона шоколад.

– Раҳмат, дастархонро ғундорем ҳам мешавад, – гуфт Куброхон.

Ҳарду асбоби маишатро ҷо ба ҷо карда, ба роҳ даромаданд. Чорқишлоқу Суру Найман ва чанд деҳаи дигарро гузашта, ба Чоркӯҳ расиданд. Дар роҳ ба дасти чап тоб хӯрда, Лангари моҳиёнро тамошо карданд. Андаруни ҳавз моҳиёни бисёре шиноварӣ доштанд ва Куброхону Ҳабибуллохӯҷа ҳар боре, ки як бурида нон партоянд, ҳамаашон ҷамъ шудаю талош карда нӯлзанон мехӯрданд. Дар паҳлӯи ҳавз мазори бузургворест. Сипас ба тамошои мавзеи хушманзараи Беди каҷ рафтанд. Куброхон дар Исфара камол ёфта бошад ҳам ин ҷоро бори аввал ба шарофати Ҳабибуллохӯҷа медид. Чор атрофи қишлоқро кӯҳи сарсабзи арчазор печонидааст. Аз ду ҷониб оби сарди шаффоф ҷорӣ мешуд, ки ба онҳо назар афканда чеҳраи худро ҳамчун дар оина медидед. Ҳавои тозаи рӯҳпарвар, накҳати димоғпарвари арчазорон, таронасароии обҳои хушҷавлон занги дилро рабуда, ба дилу дида олам-олам фавраҳ мебахшиданд. Як руди софу зулол аз ҷониби мазори Чилмурғон, дигар дарёчаи монанди шир сап-сафед кафкзанон ба дарёи Исфара мерехтанд. Ҷавонон аз ин обҳо бо ҳузуру ҳаловати тамом нӯшиданд, дасту рӯй шустанд, дар соҳили онҳо нишаста дам гирифтанд.

Ҳабибуллохӯҷа ҳикоят кард, ки волидайни ӯ чанд сол дар орзӯи фарзанд буданд, вале худо ба онҳо илтифоти худро арзонӣ намедоштааст. Баъд падараш Баҳодурхӯҷа, ки муллои тақводор будаанд, ба зиёрати ҳамаи мазорҳои муқаддас аз Чорчаману Ҳоҷӣ Урун сар карда то Ҳавзи моҳиёну Чилмурғон пиёда роҳ мепаймояд, дар ҳама ҷо назру ниёз мекунад, дар соҳилҳои дарёчаи Каравшин, ки яке аз сарчашмаҳои Исфарарӯд аст, ба Худои азза ва ҷалла рӯ оварда илтиҷо мекунад, ки меҳрубониашро дареғ надошта, бандпарварӣ кунаду ба ӯ фарзанде ато фармояд. Пас аз як сол Ҳабибуллохӯҷа ба

дунё меояд. Падару модар ба сари фарзанди худ кокулчаи ниёз мегузоранд ва чун Ҳабибуллохӯҷа ба ҳафтсолагӣ мерасад, падар ба мазори он бузургворон равған рехта шукрона мегӯяд ва шайхи мазори Чилмурғон кокулчаи ниёзмандиро қайчӣ мезанад.

– Сари азизи шумо ба чанд мазор ниёз будааст-дия, – гуфт хандида Куброхон.

– Ман хурсандам, ки сари бечора навозишгар пайдо мекунад, – ба Куброхон чашм андохт Ҳабибуллохӯҷа.

Ҳар ду ҳазлу шӯхӣ карда, аз кӯҳсори арчазор поин фаромаданд. Ба аспи саманди хастанопазири худ – «Москвич-412» нишаста, ба Ворух расиданд. Кас ҳангоми сафар ва сайру саёҳат тез-тез гурусна мемонад. Чӣ ҷои он ки кайҳо пешин фаро расида буд.

Онҳо хӯроки нисфирӯзиро дар соҳили дарёи Ворух, зери дарахтони қатори сафедор нишаста хӯрданд. Обу ҳавои кӯҳистон андак серун бошад ҳам, хеле форам, таронаҳои баргҳои сафедорон, ки бо суруди рӯди кӯҳӣ ҷӯр мешуд, гӯшнавоз буданд.

– Ҳоло дар ҳавлиатон чӣ хел сӯҳбат мекарда бошанд? – ба чеҳраи Куброхон нигоҳ кард Ҳабибуллохӯҷа.

– Падару модари ман одамони оддӣ, – гуфт Куброхон, – онҳо мисли ҳар як падару модар бахти фарзанди худро мехоҳанд.

– Шумо ягон ишора кардед ё не? – ба замири дили Куброхон сар фурӯ мебурд Ҳабибуллохӯҷа.

Куброхон худдорӣ карда натавониста, монанди духтарони шӯх баланд хандид.

– Падару модарро якҷо шинонида гуфтам, ки дигар тоқати танҳоӣ надорам, маро шавҳар диҳед. Як шоҳзода ҳастанд, исми шарифашон Ҳабибуллохӯҷа. Аслу насабашон худамон барин. Он кас ҳам ба дидори ман зор. Агар ман ба ҳафт мазор алаву чароғ гиронда, аз даргоҳи Худои меҳрубон шавҳар меҷуста бошам, он кас ба ҳафтод мазор назру ниёз карда, маро ёфтаанд. Диҳед ҳам, надиҳед ҳам, ба ҳамон зоти шариф мерасам, вассалом!

Ҳабибуллохӯҷа, ки аввал суханҳои Куброхонро бо диққату эътибори зиёд гӯш мекард, зарофатгӯии ӯро шунида қоҳ-қоҳ занон хандид.

– Илоҳӣ фариштаҳои раҳгузар омин гӯянд!

– Акнун меравем, таклиф кард Куброхон, – хонангиҳо хавотир нашаванд.

Ҳангоми бозгашт ҳам онҳо дар ҳар ҷое, ки ба назарашон зебо намояд, пиёда шуда тамошо мекарданд. Онҳо бегоҳӣ вориди шаҳр

гаштанд.

– Аз кӯчае, ки маро гирифта бошед, дар ҳамон ҷо фаророред, – гуфт Куброхон.

Ҳарчанд Ҳабибуллохӯҷа исрор мекард, ки то ҳавлиашон бурда мемонад, аммо Куброхон розӣ нашуд.

– Ҳаққу ҳамсояҳо бинанд; айб мешавад, – фаҳмонд ӯ. Онҳо ба наздикии гулбоғи фарҳангу истироҳати шаҳр омаданд. Мошин қарор гирифт. Куброхон дарро кушода фаромаданӣ буд, ки Ҳабибуллохӯҷа гуфт:

– Сабр кунед, азизам. Дар поёни саёҳати имрӯза ба шумо як чиз хонда медиҳам.

Куброхон аз нав ба ҷояш нишаст. Ҳабибуллохӯҷа аз киссабағал дафтарча баровард ва қироат намуд:

Чу замбӯри асал шаҳде гирифтам аз гули рӯят,
Шудам масти тамошои ҷамолу зулфи хушбӯят.
Чӣ гӯям аз забони қанд аз ӯ алфози рангинат,
Ки булбул чаҳ-чаҳ омӯзад аз он лаъли сухангӯят.
Магар устоди сехрастӣ, ки қалби саркаши моро
Чу тифли гапдаро бастӣ ту бо он халқаи мӯят.
Маро боди ҳаводис ҳар кучое, ки биандозад,
Бипӯшам дида аз ғайру биёям бар сари кӯят.
Худовандӣ маро рӯзе бузургии замин бахшад,
Нагардам ҷуз ба гирди меҳвари он қадди дилҷӯят.
Чӣ мегӯи, Ҳабибо, баҳри он як бӯсаи Кубро?
– Намози бандагӣ, бигзорам андар тоқи абрӯят.

Ҳабибуллохӯҷа дафтарчаи киссагӣ дар даст ба маънои «чӣ тавр баромадааст?» ду чашми умед ба чеҳраи Куброхон баст.

– Шеъри хеле самимӣ! – изҳори андешаю ҳаяҷон кард Куброхон. – Кай навиштед инро?

– Шаб эҷод шуд, баъди гусели шумо, – гуфт Ҳабибуллохӯҷа.

Лаззати аввалин бӯсаи Ҳабибуллохӯҷа ҳанӯз аз ёди Куброхон набаромада бошад ҳам, аз шунидани ғазали мазкур гӯё такрор ёфт.

– Шумо бало будед, – фикрашро махфӣ надошт Куброхон, – дар вақти хайру манзур ё ягон қилиқ мекунед ё ягон шеъри нағз мехонед.

– Мехоҳам, ки маро ҳамеша дар ёд дошта бошед, – гуфт Ҳабибуллохӯҷа.

Куброхон дари мошинро кушода, бо табассуми ширин берун

шуд.

Куброхон ба ҳавлиашон хушҳолона даромада омад. Кайфи саёҳати имрӯза ва ғазали тозаи Ҳабибуллохӯҷа ӯро сармаст карданд. Апаи Назрихон ӯро хуш истиқбол гирифт. Падараш дар майдон меваҳои ба зери дарахтҳо афтодаро мечид.

– Хона даро, духтарам гурусна монда омадӣ, ош тайёр, ҳозир кашида меорам, – меҳрубонӣ кард модар.

– Бечора духтарам, – худ ба худ ҳарф зад модар, – бо камисиёхо кор карда, аз иштиҳо мондааст.

Пагоҳӣ Куброхон ба Назрихон-апа ҳамин тавр гуфта рафта буд. Модари зор кай огоҳ буд, ки ҳам сардор, ҳам аъзои ин «камисиёҳо» танҳо Ҳабибуллохӯҷа аст.

Апаи Назрихон ба нею нестони духтараш нигоҳ накарда дастархон кушоду ош овард.

– Заррина канӣ? – пурсид Куброхон.

– Орифхӯҷаю келин ва Коммунахон бо домод омада буданд, тағояш гирифта рафт.

– Тинҷӣ-мӣ? – худро ба нодонӣ зада пурсид Куброхон.

– Гуфтагиҳот омада буданд, – табассум кард модар. – Ман Орифхӯҷаю Коммунахонро чиғидам. Ҳар дуяшон бо зану шавҳар омаданд.

– Тӯй мехӯрем, гӯед! – бо оҳанги хурсандӣ май кашида гуфт Куброхон.

– Хап шав, бетутуруқ! – танбеҳ дод модар, – дадот мешунаванд.

– Ин оши қабулдорам будагист? – ду-се луқма гирифта пурсид Куброхон хандакунон.

– Намур, ҷиннӣ, духтар андак батамкин мешавад! – боз огоҳ кард модар.

– Хайр, бибиҷон, ҳаққи гапа пурсидам.

Апаи Назрихон батафсил қисса кард, ки домодшаванда Ҳабибуллохӯҷа ном доштааст, бечора аз модар чорсола монда, дар дасти модарандар ба воя расидааст. Падараш низ дар бистсолагии ӯ аз олам чашм пӯшидааст. Ҳамон Асияхони машҳури ордендор амма мешудааст: зани фақиру солеҳа, ба ҷои модар ҳамроҳи Озодахон ва шавҳарашон омаданд. Ду пои ману дадота ба як мӯза қава карданд, ки домодшаванда одами нағз, бамаънӣ, баодоб аст, барои духтаратон харидори ҷазман. Куброхон як бор хона кардагӣ, қисмат будааст, ҷудо шуданд, Ҳабибуллохӯҷа ҳам ҷавони зансардода, ҳардуяшон ҳам яктоӣ фарзанд доранд, дуо кунед, дари бахташон

кушода шаваду аз ҳамдигар осоянд...

– Чӣ гуфтетон? – савол дод Куброхон.

– Дадот гуфтанд, ки бачаи хоксору меҳнатдӯст, хушахлоқу хушрафтор бошад, майлаш, мо – розӣ, аммо як бор аз пеши духтарамон гузаштан даркор аст.

– Хайрият – е, мана ба ҳисоб гирифтетон, – оромона, вале ҳамоно бо оҳанги шӯхӣ гуфт Куброхон, – монанди гӯсфанд ба гарданам рӯймол баста, ба дасти харидор нақапондетон, – дия?

– Агар дар хона бошӣ, шояд ҳамин хел мекардем, – низ бо хандаи ҳазломез гуфт модар, – ту гурехта гаштию...

Сӯҳбати онҳо ҳамин хел идома ёфт ва апаи Назрихон дар хотима таъкид кард, ки баъди ду-се рӯз онҳо боз меоянд. Ин дафъа фақат мардҳо.

## ХОСТГОРӢ

Халқи мо анъанаи наҷибе дорад, ки барои ҳалли муаммоҳои кори хайр рӯзҳои чоршанбе ё ҷумъаро интихоб мекунад. Рӯзҳои бахосият будаанд онҳо. Духтарони амаки Обидхӯҷа Меҳрубон, Лутфия ва Муқаддам саҳарии рӯзи ҷумъа бо табъи равшан аз хоби ноз бархоста, рӯи ҳавлиро об заданду тоза рӯфтанд, гов дӯшиданду бо шири он хамир карданд. Модари беқарор низ ором гирифта натавонист. Барои хостгорон дастархон омода месохт. Падари бузургвори ин хонаводаи шариф Обидхӯҷа низ мувофиқи одати деринааш дар рӯи ҳавлӣ камтар гардишу варзиш кард, сонӣ дасту рӯ шусту риш тарошид, баъд ҳама дар атрофи дастархон нишаста ноништо карданд. Баъди наҳорӣ падар аз ҳамсараш пурсид, ки ба қабули меҳмонон ҳама омодаанд ё ягон камбудӣ ҳаст?

– Дина чизҳои даркориро бачаҳоятон муҳайё карданд, – гуфт апаи Назрихон.

– Кубро наменамояд, – бо оҳанги савол ба чор тараф чашм андохт падар.

Вай аз ҳама пештар хесту чой нахӯрда ба кораш рафт, – гуфт модар.

Падар хотирҷамъ шуд. Меҳрубон хамирро тап-тап зада дид, ки расидааст, суфра кушод, аз тағора хамирро рӯи он рехту ба зуволагирӣ пардохт. Лутфия нон рост кард. Муқаддам ба танӯр алав монд. Ҳамин тавр даст ба даст дар як муддати кӯтоҳ нони гарм тай-

ёр шуд, ки ҳар яке монанди рӯи духтарон гарму зебо ва сурху сафед буд. Қарибиҳои пешин аввал доммодҳои амаки Обидхӯҷа, сонӣ ҳаққу ҳамсояҳо, пирони маҳалла андак дертар хостгорон ташриф оварданд. Марди нуронӣ Шамсиддинхӯҷа, шавҳари аммаи Ҳабибуллохӯҷа, қудои ӯ Ортиқбой ва Толибҷон гӯё ба ҳавлии Обидхӯҷа сафо оварданд. Обидхӯҷа онҳоро хуб мешинохт. Шамсиддинхӯча иштирокчии ду ҷанг – ҷанги зидди финҳои сафед ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Баъди ғалаба бар душманон ӯ дар Берлин, дар коммендатураи шӯравӣ боз як сол хизмат карда, бо иззату обрӯи калон ва қатор-қатор ордену нишонҳо ба сарзамини худ баргашта дар ин ҷо низ вазифаҳои масъулро ба ҷо овардааст. Ортиқбойро низ пиру барнои Исфара ҳамчун марди фурӯтан, собиқадори ҷангу меҳнат, мураббии ҷавонон мешиносаду ҳарматаш мекунанд. Аз хусуси Толибҷон бошад, ҷои гап нест. Ӯ мисли фарзандони худи Обидхӯҷа барои ин хонадон азиз аст. Ин аст, ки Обидхӯҷа бо ҳамаи онҳо оғӯш кушода, мисли дӯстони деринаи қадрдон вохӯрӣ кард, аҳволи саломатӣ ва кайфияти аҳли оилаашонро пурсид ва ба хона гирифта даромад. Онҳо мисли баъзе равшанфикрон набуданд, ки дар кӯча ё маъракае бо ҳам вохӯранд, ба ҷуз салому алек дигар риштаи гуфтугӯро ёфта натавониста, гӯё ба даҳон об гирифта бошанд, хомӯшӣ ихтиёр мекунанд. Зуд сӯҳбат оғоз ёфта, ҳам аз дирӯзу ҳам аз имрӯз гуфтугӯ авҷ гирифт. Вақте ки нони гармро оварданд, пири маҳалла домулло Шарифзода ду ояте аз Қуръони карим хонду ду фатири хушрӯи бо ширу равған пухтаро болои ҳам гузошта шикаст. Нисфи онҳо бурда-бурда шуда ба дасти ҳамаи ҳозирон расид, нисфи дигарро ба занҳо фиристоданд. Меҳмонон ва мизбонон «Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим, илоҳӣ қӯша пир шаванд» гӯён нон хӯрданд ва бо ҳамин суннати ноншиканон шурӯъ шуд. Боз сӯҳбат тафсида ҳатто ба латифагӯӣ расид.

Ҳамсояи Обидхӯҷа, марди чорпаҳлӯи сиёҳчурдаи тахминан 45-50 сола ҳикоят кард, ки як сурӣ ба хонаи ҳамдеҳааш ба хостгорӣ рафта, писарашро хеле таъриф кардааст, ки бачаи қобил, хушахлоқ, пулёб, чизёб аст, дар байни ҳамкоронаш соҳибобрӯст.

– Писаратон дар куҷо кор мекунанд, вазифаашон чист? – пурсидааст соҳиби хона.

– Биллои азим, намедонам, – ҷавоб додааст хостгор.

Баъд дар рафти сӯҳбат соҳибхона духтари худро ба осмонҳо мебардорад, ки баақл, пазандаю созанда, чусту чолок, фурӯтан ва меҳмоннавоз аст.

– Духтаратон чандсола шуданд, чӣ ном доранд, – мепурсад хостгор.

– Камтар сабр кунед, аз модараш пурсида оям, – ҷавоб додааст соҳибхона.

Мавҷи ханда баланд мешавад. Навбатро Ортиқбой мегирад.

– Шумо медонед, ки лақаби суриҳо «дум» аст, – мегӯяд ӯ. Рӯзе як сурии хушлибос мошинсавор ба тарафҳои Хуҷанд роҳ мегирад. Дар роҳ мебинад, ки пеш-пеши ӯ як мошини сабукрави ГАЗ-24 равон аст. Ғурури сурӣ боло мераваду суръат меафзояд. Дар он мошин сечор нафар русҳо будаанд. Баъд мошини русҳо низ гашташро тез карда, ба мошини сурӣ расида мегирад. Яке аз русҳо даст аз тиреза бароварда монанди думи ҳайвон меҷунбонад.

– Ин лаънатиҳо маро масхара карданд, – гӯён бо ғазаб суръати мошинро меафзояд сурӣ.

Ронандаи рус низ газро пахш мекунад. Ин дафъа он рус ду дасташро аз мошин бароварда, каф ба каф мемонаду мисли дум меҷунбонад. Сурӣ сигнал дода мошинро нигаҳ медорад, русҳо низ меистанд. Сурӣ пеши онҳо рафта мегӯяд, ки шумоён раҳгузар барин. Аз куҷо фаҳмидед, ки ман сурӣ ҳастаму лақаби мо «дум» аст. Аз ин савол русҳо ба ҳайрат меафтанд. Сурӣ мегӯяд, ки агар маро нашинохта бошед, чаро бо дастатон думро ишора кардед?

– Мо ба думи ту чӣ кор дорем, – мегӯяд ронанда, – ишора кардем, ки сарпӯши бензиндонад кушода асту заминро рӯфта меояд.

Сурӣ аз кирдори худ пушаймон ва мисли шалғам сурх мешаваду даҳони бензиндонро маҳкам карда, ба роҳаш давом мекунад.

Аҳли сӯҳбат боз гулдуроссзанон хандиданд. Шамсиддинхӯҷа гуфт, ки аслан суриҳо мардуми олиму доноанд, дилашон росту беғубор аст, фиребу найрангро намедонанд. Бинобар он одамон онҳоро содда пиндошта дар ҳаққашон латифаҳо мебофанд.

Дар ин муддат палав тайёр шудааст, ки ба табақҳо кашида овар-данд. Оши тӯй бомазза мешавад. Аҳли сӯҳбат дар табақ як дона биринҷро ҳам намонда, пок – покиза хӯрданд. Дар хотима рӯзи тӯй миқдори меҳмонон ва тӯйхонаро муайян намуданд. Муҳаммадхӯҷа додари Обидхӯҷа ба меҳмонон чун рамзи қабулдорон ва оғози тӯй яктоӣ рӯймоли шоҳӣ ва ба дигарон дастурӯймолҳои чити сафед доданд. Пири маҳалла домулло Шарифзода гуфт: – Муҳаммадхӯҷа одами табарруканд, худоро шукр, ёздаҳ фарзанд доранд, дуо мекунем, ки арӯсу домоди нав ҳам монанди ҳамин кас хушбахту донаи бобарака шаванд.

## ШАБИ АРӮСӢ… МЕВАҲОИ ОН

Куброхон ба доманаи шарқии осмон нигоҳ кард. Осори субҳ мушоҳида мешуд. Шаби арӯсиаш бо Ҳабибуллохӯҷа, ки моҳи декабри соли 1977 дар ҳавлии худашон баргузор гардида буд, шодию хурсандӣ қариб то фаро расидани субҳ идома дошт, ёдаш омад. Меҳмонони бисёре дар бари мизҳои пур аз нозу неъмат менишастанд. Ё аз гармии базм ё аз таъсири май сардии ҳаворо ҳис намекарданд. Вақти зиёд рафта, як қисми меҳмонон туйхонаро падруд гуфта бошанд ҳам, ёру дӯстони наздики Ҳабибуллохӯҷа ва дугонаҳои меҳрубони Куброхон базмро давом медоданд. Куброхон рақсу бозии Шаҳодатхонро ҳеҷ фаромӯш карда наметавонист. Ӯ бо Куброхон дугонаи сирдону ҳолдон аст. Вақтҳое, ки ӯро Абдуқавӣ озор медод, Куброхон фақат дилашро дар пеши ӯ холӣ мекард. Шаҳодатхон худаш беваи дилаш пур аз дард буд, бо заҳмати дӯзандагӣ таъмини маишат мекард, аммо Куброхонро навозиш мекарду тасаллӣ медод, ки нисфи моҳ торик бошад, нисфи дигараш равшан аст, аз паси шаб ҳамеша саҳар меояд, ин рӯзгори аз заҳр талхтар гузашта, боз ҳаёти монанди шакар ширин фаро мерасад. Ана акнун гӯё суханони ӯ дуруст баромаданд. Аз расидан ба висоли Ҳабибуллохӯҷа давраи нави ҳаёти Куброхон сар шуд. Шаҳодатхон аз чеҳраи келину домод, аз нигоҳи пурмеҳри Ҳабибуллохӯҷа, табассумҳои ширини дугонааш, хандидани чашмҳои чун олу сиёҳаш эҳсос мекард, ки онҳо хушбахт хоҳанд шуд.

Шодмонии Гулчаҳон Ҷӯраева, дугонаи дигари Куброхон низ интиҳо надошт. Ин духтари сар то по оташ, сар то по ғайрат, ки корманди масъули Иттифоқи ҷавонон буд, аз Куброхон чанд сол хурд бошад ҳам, мағзи сара дошт ва ҳарду унс гирифта буданд, дарду ҳасрат, муаммоҳои кору рӯзгори ҳамдигарро нағз мефаҳманд. Вай дар рақсу бозӣ бо Шаҳодатхон мусобиқа мекард. Ҳама ба хотири Куброхон ва шавҳари хоксор, аммо чун уқоби кӯҳсор соҳибғурури ӯ хурсандӣ мекарданд. Ҳоло Куброхон мисли Шаҳодатхону Гулчаҳон дугонаҳошро як-як пеши назар оварда мегуфт, ки хайрият дар дунё аз одамони бад дида мардуми нағз бисёранд. Падару модараш байни ҳам ба рақс баромаданд он шаб. Як фикри беасос дар байни халқи Исфара паҳн шудааст, ки гӯё дар тӯи арӯсии духтар рақсидани падар айб аст. Аммо Обидхӯҷа, ки гармию

сардии дунёро дида, аз зери тиру туфанги фашистон гузаштааст, одами ҳаётдӯст, хушгилу хушдиласт, ҳар рӯзу ҳар соати ҳаётро ғанимат мешуморад, фарзандонашро чун ҷони гарми худ дӯст медорад, ҳамеша шарики ғаму шодии онҳост, ҳамсари азизу меҳрубонашро дар саҳна бароварда, ҳар ду хеле рақсиданд. Тарафи арӯсу домод дар ташкили базму хурсандӣ аз ҳамдигар пешдастӣ мекарданд. Ҳабибуллохӯҷа ҳамон шаб низ суханони табрикии ёру дӯстонро шунавида, ба гӯши Куброхон ғазалҳои ишқӣ мехонд. Як рубоӣ ҳанӯз дар ёди ӯст:

Гар ишқ набудию ғами ишқ набудӣ,
Чандин сухани нағз кӣ гуфтӣ, кӣ шунидӣ?
В-ар бод набудӣ, ки сари зулф рабудӣ,
Рухсораи маъшуқ ба ошиқ кӣ намудӣ?!

Чеҳраи босафои Ҳабибуллохӯҷа аз ҳамон бегоҳи тӯй сар карда, бо тамоми хонаводаю хешовандони Куброхон, махсусан бо додарону хоҳарони Куброхон гарм тофт. Хоҳарону додарони Куброхон ҷуфт-ҷуфт ба рақс даромада, ба арӯсу домод таъзим мекарданд, муборакбод мегуфтанд, ҳатто онҳоро ба арғушт даъват менамуданд. Куброхон лаб мегазид, ки айб аст.

Дар фарорасии субҳ падару модар, пирони рӯзгор одамони солхӯрдаи соҳибхирад даст ба дуои хайр кушоданд, ки худо оилаи навро бахту тавфиқ, умри дароз ато фармояд, мамлакат низ ободу осуда бошад, ҳаёти ҳамаи меҳмонон ва иштирокдорони ҷашни арӯсии Куброхон ва Ҳабибуллохӯҷа пур аз шодию сурур, файзу барака гардад. Мардум дар пайравии пирони хирад даст кушода омин карданд ва ҳама якҷоя суруди ёр-ёр хонда, ҷавононро ба хонаи иқболу саодат ҳидоят намуданд.

Се рӯзи аввали домодии Ҳабибуллохӯҷа мувофиқи таомул дар ҳавлии арӯс, дар деҳаи Навгилем бигзашт. Онҳо дар рӯзи чаҳорум ба манзили сехонагии Куброхон, ки дар шаҳри Исфара воқеъ аст, кӯчиданд. Вақтҳое, ки Куброхон дар идораи сохтмони байниколхозӣ ифои вазифа менамуд, ин хонаро дода буданд. Ҳабибуллохӯҷа чун сарвари оила ба ин манзили нав ворид гардиду аз вазифаи посбонии мактаб сабукдӯш шуд. Чунон ки ба мо маълум аст, Ҳабибуллохӯҷа маҳз барои ба сарпаноҳи муваққатӣ соҳиб шудан посбонии мактабро пазируфта буд.

Ҳаёти Куброхон ва Ҳабибуллохӯҷа хуш мегузашт. Домод пеш аз ҳама ба ваъдаи худ вафо кард. Ба идораҳои дахлдор рафта, тибқи

қонун Зарринаро ҳамчун фарзанд ба номи худ гузаронд. Акнун духтарча дар ҳуҷҷатҳо Заррина Абдурасулова не, балки Заррина Турсунова сабт мегардид. Моҳияти масъала натанҳо дар шакли расмӣ гирифтани муносибати падарию фарзандӣ буд, балки дар ҳусни амали муомила низ зоҳир мешуд. Ҳабибуллохӯҷа ба Зарринаҷони панҷсола чунон дил баст, ки ӯро ба китфаш гузошта ба боғча мебурду меовард. Заррина ҳам ба ӯ чунон унс гирифт, ки баробари дар боғчаи кӯдакон дидан «дадаҷонам омаданд, дилу ҷонам омаданд» гӯён ба истиқболаш чун кафтарбача парзанон мебаромад. Ин гуна манзараҳою ин тарзи муомиларо дида дили Куброхон боғ-боғ мешукуфт. Дар айни замон фикр мекарду ғам мехӯрд, ки писарчаи Ҳабибуллохӯҷа Муродҷоне, ки дар хонаи бобои модариаш ба дунё омада, алъон хонандаи синфи якум аст, аз дидор ва навозишҳои падару модар маҳрум аст. Албатта, вай хору зор нест. Ӯро бобо ва модаркалонаш тарбия мекунанд, лекин дар дунё ҳеҷ меҳр ба меҳри модару ҳеҷ ғамхорӣ ба ғамхории падар баробар шуда наметавонад. Дуруст аст, ки Ҳабибуллохӯҷа хабар мегирад, шояд модари ҷисмониаш Розия низ баъзан ба дидани писар меравад, вале ҷои парастории доимӣ дигар аст. Куброхон ҳаргиз фаромӯш карда наметавонад, ки боре Муродҷон гирифтори маризи шадид гардида ба беморхона афтода буд. Вақте, ки Ҳабибуллохӯҷа ба аёдати ӯ рафт ва аҳвол пурсида тӯҳфаҳо пешкаш кард, бача худро ба оғӯши падар андохта, бо тамоми қувва дастони маҳинашро ба гардани ӯ ҳалқа кард ва гуфт:

– Мана аз ин ҷо баред, дадоҷон!

– Боз ду-се рӯз ист, писарам, – хоҳиш намуд падар, – ту андак бетоб шудаӣ, сиҳат шавӣ, албатта мебарам.

– Не, дадоҷон, инҷа ганда, дилам зиқ шуд, ҳозир баред! – гиря кард Муродҷон.

Ҳабибуллохӯҷа худи ҳамон соат бо духтурҳо гуфтугӯ кард, тарзу усули муолиҷаашро пурсид, доруҳои даркориро гирифт ва писарро ба хона овард. Як ҳафта аз мактаб ҷавоб гирифту ба табобати Муродҷон машғул шуд. Дар муҳити оила ӯ зудтар сиҳатӣ ёфт.

– Бача-дия, ба шумо дил андохтааст, – гуфт Куброхон ва дили худаш ҳам об шуд. – Ҳамин ҷо биистад, ҳамроҳи Заррина бозӣ карда мегардад.

– Таклифатон қабул, – изҳори хурсандӣ кард Ҳабибуллохӯҷа, – лекин ману шумо тамоми рӯз кор мекунем, дар хона танҳо мондани кӯдак касро хавотир мекунад. Ман мехостам, ки ба бобою модарка-

лонаш бидиҳем, аммо рӯзҳои шанбею якшанбе ба хонаи мо биёяд. Калонтар шавад тамоман мегирем.

Ба ҳамин қарор омаданд онҳо. Муродҷон омаду рафт карда мегашт. Дар дили Куброхон низ нисбати ӯ меҳри модарӣ пайдо шуд. Азбаски Муродҷон калон шуда, ба рӯзгори бобою модаркалон кӯмак мекард, баъзе рӯзҳои истироҳат ба кори ҳавлӣ банд шуда ба шаҳр омада наметавонист.

– Чуба Муродҷон наомад? Рафта биёред! – хоҳиш мекард Куброхон аз шавҳари худ.

Дар ин байн худо ба Куброхону Ҳабибуллоҳӯҷа ду писар дод. 31-якуми октябри соли 1979 Фаррухҷон таваллуд ёфт. 13 июни соли 1983 Фарҳодҷон ба дунё омад. Ба меҳри падару модар меҳри додарҳо низ илова шуд. Муродҷон тамоман ба назди онҳо омад. Акнун худи ӯ гоҳ-гоҳ бобою модаркалон ва Розияро хабар мегирифт.

«Дар хонае, ки бача бошад, онҷо ғам нест», мегӯянд тоҷикон. Дарвоқеъ ҳар як сухан, ҳар як ҳаракат, ҳар як завқу шодии фарзандон ба хонаводаи Ҳабибуллоҳӯҷа ва Куброхон хурсандиҳои нав ба нав меовард. Дар ин оила ҷашн гирифтани рӯзи таваллуди тамоми аъзои он ба ҳукми анъана даромадааст. Дар чунин рӯзҳо хешовандони наздик ҳам ҷамъ мешаванд ва хурду калон якҷоя ид мекунанд.

Ҳаёт ҳар рӯз як ҳусни тоза, як воқеаи ғайри мунтазира нишон медодааст. Бо мурури ба воя расидани Муродҷон ва Зарринаҷон онҳо ба ҳамдигар то рафт меҳрубонтар мешуданд. Агар дар айёми бачагиашон барои як бозича ё шоколоди қоғазпечи пурнақшу нигор ҳарду талош бикунанд ва кор гоҳо ба рӯканию мӯканӣ бирасад, акнун масъала ранги дигар мегирифт.

Рӯзе Куброхон аз сафари Маскав, аз ярмаркаи байниҷумҳуриявӣ баргашт. Ҳар бор ба ин гуна тадбирҳои байналхалқӣ экспедитори хоҷагӣ мерафт. Аммо Куброхон бо мақсади дидану омӯхтан ва аз бар кардани таҷрибаи ҳамкасбони хориҷии худаш ба ин ярмарка иштирок дошт. Дарвоқеъ бо якчанд муассисаҳои Маскав ва ҷумҳуриҳои дигар шартномаҳои муовизаи молу амвол ҳам баста омад. Аз мағозаҳои Маскав барои аҳли оила баъзе тӯҳфаҳо низ овард.

Он рӯз Заррина ба Навгилем, ба ҳавлии бобои Обидхӯҷааш рафта буд. Вақте, ки Куброхон аз ҷомадони худ як қуттӣ шоколади ҳаррангаро берун оварда, ба дасти Муродҷон дод ва гуфт:

– Ҳамроҳи додаронат бихӯр! – Муродҷон изҳори ташаккур кард ва афзуд:

– Оячон, инро барои Заррина нигоҳ дорем, вай ҳамин хел шоколадро дӯст медорад.

Ҳарчанд Куброхон гуфт, ки боз шириниҳои зиёд овардааст, Заррина аз онҳо мехӯрад, Муродчон қабул накард ҳангоме, ки модар ба Муродчон либоси мӯинаи варзиши бидод, ӯ пурсид:

– Барои Заррина ҳам овардед?

– Ҳа барои ӯ ҳам овардам, – чавоб дод модар.

– Канӣ, ман бинам.

Куброхон аз зери чомадон онро гирифта ба Муродчон нишон дод. Муродчон онро гирифта, тамошо кард, хурсанд шуд ва ба модар баргардонида гуфт:

– Ману Заррина инҳоро пагоҳ мепӯшем.

Ҳабибуллохӯча ва Куброхон меҳрубониҳои Муродчону Зарриначонро дида хурсанд мешуданд, ки дар байни фарзандон риштаҳои пайванди дӯстӣ ба вучуд омадаанд. Аммо онҳо ҳеч гумон надоштанд, ки чавонон дар дили ҳамдигар тухми муҳаббат коштаанд. Вақте, ки Муродчон баъди хатми мактаби миёна ба хизмати аскарӣ рафту аз он чо ба унвони Зарриначон пайваста мактубҳои ошиқона навишт, баъзеи онҳо тасоддуфан ба дасти Куброхон афтод. Зарриначон низ зуд-зуд номаҳои чавобӣ менавишт. Фақат баъд аз ҳаминҳо аввал модар сипас падар воқиф гардиданд, ки ниҳоли муҳаббати чавонон сабзу хуррам шудааст. Муродчон хизмати Ватанро содиқона бачо оварда, бо рӯи сурх ва сари боло баргашт. Зарриначон, ки дар мактаб аълохону боинтизом буд, омӯзишгоҳи педагогии Конибодомро хатм кард. Ҳар ду дар соли 1991 бо як чаҳон орзу ба висоли ҳамдигар расиданд. Тӯи арӯсии онҳо занги кудуратро аз дили хонадони Ҳабибуллохӯча ва оилаи дуюми Розия бардошт. Худи Куброхон ташаббус нишон доду Розияро бо падару модар ва шавҳараш ба чашти хонадоршавии фарзандон даъват кард.

– Хоҳ дур асту хоҳ наздик модари Муродчон аст ӯ, – гуфт Куброхон ба Ҳабибуллохӯча, – ӯро хабар кардан шарт аст. Бигузор ҳамроҳи шавҳараш биёяд, ба хурсандии писараш шарик шавад.

Рӯзи тӯй ҳамаи онҳо омаданд. Муродчон ва Зарриначонро муборакбод карда, орзуҳои нек иброз намуданд. Аз ҳамон вақт эътиборан риштаҳои пайванди оилавӣ давом дорад. Онҳо таваллуд ёфтани фарзанди нахустини Зарриначону Муродчон, писараки гармрӯ Умедчонро бо камоли хурсандӣ табрик гуфтанд. Нияти холисро бубинед, ки Умедчон дар рӯзи таваллуди Ҳабибуллохӯча – 10 январ ба олами равшан омад. Ду сол боз онҳо зодрӯзи бобо ва набераро якчоя

ҷашн мегиранд. Алъон Зарринаҷон боз ҳомиладор аст. Агар ин дафъа ҳам писар шавад, ба ӯ Кароматулло ном хоҳанд дод. Бо исми бобояш ҳамқофия мешавад.

## ДАРДИ ИШҚ

Домани шаб каме сафед шуд. Аз ҳар ҷониб хурӯсҳо ба ҷеғ задан сар карданд. Куброхон тахмин кард, ки соат бояд чор шуда бошад. Дар фасли ҳосилгундорӣ, ҳатто дина шаб ҳам, Куброхон дар ҳамин вақт хоби ширинро вайрон карда, ба назорати боғот баромада буд. Ноомади корро бинед, ки соати дастиаш як ҳафта боз вайрон аст. Ҳар саҳар азм мекард, ки имрӯз ба усто нишон хоҳам дод, аммо бо кори хоҷагӣ андармон шуда, фаромӯш мекард. Ҳатто аз Усмонҷони ронанда хоҳиш намояд ҳам, зуд шаҳр рафта дуруст карда меояд. Лекин фаромӯш мекард. «Ба зиндагии директори савхоз қоил ман! – мегуфт Куброхон худро маломат карда, – якто соати деворӣ надорад, ҳатто «будилник» нахаридааст». Вай бо оби сарду форам дасту рӯ шусту тайғири либос карда, ба кӯча баромад, ки ба фаъолияти ҳаррӯзааш шурӯъ намояд. Майдони сердолу дарахти рӯ ба рӯ ба назар сиёҳу торик мерасид. Аз дур банди сиёҳи дарахтон ба чашмаш ҳамчун ашхосе метофтанд, ки ба қасди ҷони ӯ камин гирифтаанд. Бо кӯчаи калон, ба чапу рост чашм андохт, ягон ҷонзод наменамуд. Дилаш ҳарос кашиду баргашта ба хона даромад. Чашмаш ба Зарринa ва Умедҷон афтод. Воқеан онҳоро танҳо гузошта куҷо меравад? Душман ба ҷони ҷавони онҳо низ зарар расонида метавонад. Дина як муаллим, ки ҳамроҳи шавҳари ӯ Ҳабибуллохӯҷа кор мекунад, на аз Худо, на аз ҳамкасбаш шарм надошта дар гирдиҳамоӣ фарёд кашида буд, ки «агар раиса шартҳои заҳматкашонро қабул накунад, хонаашро оташ мезананд».

Куброхон дар рӯи ҳавлӣ гардиш мекарду соҳиби сараш, ҳамдаму ҳамқадам ва ҳамдаму ҳамнафаси зиндагиаш Ҳабибуллохӯҷаро ёд мекард. Ӯ марди заҳматкаш, оиладӯст, мушфиқу меҳрубон, дасташ гулу даҳ панҷааш ҳунар аст. Ҳамин ҳавлиро ӯ обод кард, аз маоши муаллимӣ пул андӯхту аз совхоз онро харида гирифт. Худаш фарзандонашро ҷамъ карда, хонаҳоро бо нақшу нигор оро дод. Махсусан, Зарринаҷон ҳунарманд баромад. Вай тарҳ мебуриду гул мепартофт ва шифти хонаҳоро гулафшон мекард. Дар рӯи ҳавлӣ низ фарзандон бо роҳбарии падар дар давоми тамоми сол заҳмат мекашанд.

Заминро ба қитъачаҳо тақсим карда, сабзию пиёз, караму шалғам, кашничу укроб, сирпиёзу райҳон мекоранд. Дарахтҳои зардолу, бодом, себ, нок, шафтолу, анор, воиши токи ангурро низ ҳамин Ҳабибуллохӯҷа сабзонида замини санглохи ҳавлиро ба боғу бӯстон табдил додааст. Ҳабибуллохӯҷа «ба баччаҳо ширу ҷурғот, қаймоқу маска лозим аст» гуфту як гов харида омад. Камчинию гаронии гӯшт сабаб шуду ӯ якчанд ҷӯҷаҳои мурғи марҷон ва мурғҳои муқаррарӣ пайдо кард. Худи Ҳабибуллохӯҷа пазандаю созандаи ҳунарманд аст. Агар гӯшт набошад чор дона тухмро ба дег мепартояду палави хушхӯр тайёр мекунад. Аҷоиб санъате дорад сабзию пиёз реза кардани Ҳабибуллохӯҷа. Корд гӯё дар дасти ӯ бозӣ мекунад. Рӯи тахтача сабзӣ гузошта бо як чаққонии фавқулодда наргисӣ кардани он мусиқии гӯшнавозе меофарад. Ба меҳмононе, ки ӯ пазирой мекунад, мегӯяд:

– Бифармоед, дилатон чӣ мекашад! Ба ғайр аз тушбера ҳамаашро метавонам.

Куброхон дегу табақро пазмон шавад ҳам, вақт надорад, ки барои аҳли оилааш хӯроки дилҷусташонро пухта диҳад. Барои ӯ рӯзи истироҳат вуҷуд надорад. Аҳли байт ҳар сол як маротиба – дар давраи ба мураххасӣ баромадани ӯ мушарраф мешаванд, ки хӯрокҳои лазизи ӯро бихӯранд. Баъзан Ҳабибуллохӯҷа ба Куброхон, ки хуфтан ё то хуфтан аз кор бармегардад, ҳазломез мегӯяд:

– Мардакҷон, аз болои кӯрпача гузаред, ҳозир хӯрок меорам.

– Чӣ пухтед, занҷон? – низ бо шӯхӣ мепурсад Куброхон.

Имрӯз бегоҳи ҷумъа, медонед-мӣ? – мегӯяд Ҳабибуллохӯҷа, миёнатон бақувват шавад гуфта палави сергӯшту равған пухтам.

Иштиҳои Куброхон барои палав кушода мешавад. Аммо Ҳабибуллохӯҷа ба пеши ӯ як коса карамшӯрбо оварда мемонад.

Ана ҳамин тавр ҳазлу шӯхӣ ва хандохандӣ карда нисфишабӣ хӯроки шом мехӯранд ҳар ду.

Ҳамааш нағз, хаёл мекунад Куброхон, лекин,.. лекин... шеърнависии Ҳабибуллохӯҷа нағз не. Муаллим, ки бошед, муаллимиатонро карда гаштан гиред-дия. Шеъргӯиро кӣ мондааст ба шумо? Агар шеър лозим шавад, китоби шоиронро хондан мегирем! Як не се дафтар дорад Ҳабибуллохӯҷа. Ҳамааш пури шеър. Ба ҳар хел духтарҳою занон бахшида шудаанд. Гулнораю Мӯъминаю Фирӯзаю Рухсора ва боз дигарҳо. Куброхон чандин маротиба аз кисаҳои шавҳараш шеърҳои ӯро ёфта пора-пора карда партофт, сӯхту хокисторашонро барбод дод, аммо бемории «шоир»-ро табобат карда

натавонист. Дафтарҳояшро пинҳон кунад, дафтари нав пайдо мешавад: пур аз гулу булбулу маю соғару ишқу ошиқ, дилбару маҳбуба, ёру дилдор... Эҳа, кадом як тавсифу ташбеҳ, нолаю фарёдҳои шоирро бигӯям? Ба ҳар шаҳру ноҳия, ки сафар кунад, дар ситоиши парichеҳраҳои он ҷо шеър менависанд. Агар бо онҳо ҳамнишину ҳамсӯҳбат нашавад, байнашон риштаи ишқу ошиқӣ пайдо нашавад, оё шеър навишта мешавад? Бечора Куброхон, қаҳрамони як ғазали Ҳабибуллохӯҷаро зӯр зада меёбам, гуфту чунон такрор ба такрор хонд, ки он ҳифз шудааст:

Ману ту ҳамсафар гаштему меҳри дил ба ҳам бастем,
Саропо ғам будем, аз панҷаи андӯҳу ғам растем.
Ту бикшодӣ лаб аз меҳру вафо, ман хонаи дилро,
Ба нозу шӯхиҳо гуфтӣ: «Дар он, бешубҳа, мо ҳастем»
Ба оҳанги дили мо рӯди кӯҳӣ ҳамнаво гардид,
Суруди ошиқӣ хондему дар соҳил-ш биншастем.
Бигуфтам: «Ҷуръае бо ҳам бинӯшем баҳри истиқбол»,
«Намебинӣ магар – гуфтӣ, – зи лутфи ҳамдигар мастем».
Бигуфтам: «Во бикун ту уқдаи ганҷинаи ҳастӣ,
Чу бо меҳру муҳаббат аҳду паймоне ба ҳам бастем,
Ман аз ту бурдаам, ҳам ту зи ман сабру шикебоӣ,
Барои коми дил, эй ёр, ҳарду беқарорастем».
Насими шӯх рашк оварду зулфи ӯ парешон кард,
Аз он ғофил, ки мо кайҳо ба ҳамдигар бипайвастем.

Ҳабибуллохӯҷа мегӯяд, ки қаҳрамони ин ғазал маъшуқаи хаёлист.Оё мумкин аст, ки кас надидаю нашинохта дар бораи маҳбубаи номаълум шеър нависад? Куброхон дар поини он шеър бо қаҳру ғазаб навишта буд:

«Ҳабибулло! Бо касе, ки ҳамсафар шудед, бо ӯ зиндагӣ кунед! Дили пур аз меҳру муҳаббати худро ба ӯ бахшида, ҷисми холии худро ба хона наоред. Ман ҳаргиз розӣ шуда наметавонам, ки бо дигарҳо айшу ишрат карда, по ба остонаи ман гузоред. Хонаи ҳалолу покизаи маро ифлос накунед. Ба як болин сар монда, аз шумо ин хел умед надоштам. Ман аз шумо нафрат мекунам!

Кубро! 13.04.93».

Куброхон дил об карда, азоб кашида, аз бахташ норозӣ шуда нафратнома навишт, аммо Ҳабибулло ҳир-ҳир хандида гуфт, ки «ман шуморо тасаввур карда навиштам». Оё ҳамин хел мешудааст,

ки бо ман ба ин қарибӣ ҳамсафар нашуда, дар бораи ҳамсафарӣ шеър нависанд?» Ҳамон рӯз гапашон гурехт. Куброхон ҳар қадар ҷиддӣ харф занад, Ҳабибулло ҳамон андоза шӯхӣ мекард, Куброхон ҳар қадар сахту-дурушт, талху тунд муомила бикунад, Ҳабибулло хамон андоза нарму гарм, ширину рангин сухан мекард. Сӯзу мур гуфтагӣ барин, Куброхон илтимос кунад, ки дигар шеър нанависед, Ҳабибуллохӯҷа як шеъри нав хонда дод. Байти аввали он дар хотираш мондааст:

Эй нигори Исфара, чашмам ба роҳат интизор,
Тезтар о дар барам, то ки нагардам дилфигор...

Куброхон имкон надод, ки Ҳабибуллохӯҷа шеърро хонда ба поён расонад. Чанг андохту аз дасташ бигрифт ва дар ҳузури худаш майда-майда карда ҳаво дод. Боз ҳир-ҳир хандиду гуфт, ки ман ин ғазалро аз ёд медонам, онро аз каллаам гирифта наметавонед-ку! «Каллатона мегирам!» гуфтанашро худаш надониста монда буд, он лаҳза.

– Агар ҳамсари ҳар шоир барои ашъори ишқӣ сари шавҳарашро бигирад, дар дунё на шеър мемонаду на шоир, – гуфт Ҳабибуллохӯҷа.

Баъд аз ин Куброхон аз феълаш фаромаду ба худ омад. Ёд овард, ки Ҳабибуллохӯҷа дили ӯро бо шеърҳои лирикӣ бурда буд. Чаро дар бораи ӯ шеърҳои мушаххасу мувашшаҳоти дилпазир навиштан мумкин асту дар бораи ёри хаёлӣ не?

Ҳабибуллохӯҷа мегӯяд, ки ӯ ишқи покро ситоиш мекунад, пайванди рӯҳӣ меҷӯяд, дар чеҳраи ҳар кас нури худоро мебинад. Куброхон фақат аз як чиз хафа мебошад, ки Ҳабибуллохӯҷа суханҳои беҳтарини худро аз дигарон дареғ намедорад, аммо бо Куброхон биншинад, танҳо дар бораи рӯзгор, муаммоҳои мактабу маориф, хислатҳои фарзандонаш, ниёзмандиҳои хешу таборон, аҳли хоҷагии Боғистон сӯҳбат мекунад. Вай ҳоло ҷавон аст-ку! Магар дигарҳо аз ӯ беҳтаранд? Наход Куброхон сазовори ду даҳон сухани хуш набошад, наход ӯ шоистаи як шеъри нав нагардида бошад.

Вай ҳам одами зинда аст. Дилаш ҳанӯз пур аз ишқу умед аст. Ҷӯши ишқи ёр дар дили ӯ барҳам нахӯрдааст, балки ба қиём расидааст. Наход ки Ҳабибуллохӯҷа аз гуфтору рафтори ӯ ҳис накунад? Вай зани оҳанин нест, балки сар то по эҳсос аст. Зиндагиро дӯст медорад. Ба шавҳараш сахт дил бастааст. Ҳастию нестии Куброхон пеш аз ҳама ба гармию сардии муносибати ӯ алоқаманд аст. Ба на-

зари Куброхон дар муомилаҳои Ҳабибуллохӯҷа андак нафаси насимаки сарде расидааст. Гумон меравад, ки чашмаи меҳри Ҳабибуллохӯҷа ба гулбоғи ягон нозанини дигар ҷорӣ шудааст. Агар дарвоқеъ зиндагии Ҳабибуллохӯҷа чунин сурат гирифта бошад, барои Куброхон ҳаёт лозим нест. Куброхон ҳамаи инро ошкоро ба забон овард. Ҳабибуллохӯҷа ҳам фикр карда монд. Вай камбудии худро фаҳмид. Дар ҳақиқат ҳам гирифториҳои ҳаёти давраи бозсозӣ ва муносибатҳои бозоргонӣ, бӯҳрони сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангӣ шояд ба рафтори ӯ дар оила таъсири манфӣ гузошта бошад. Дили зан гармию сардии мардро зуд ҳис мекунад, ҳатто бетарафиро хуб эҳсос менамояд. Боре Куброхон ҳазломез луқма дода буд, ки «дурӯғин бошад ҳам дар бораи ӯ сухани нағз бигӯям». Ҳар шӯхӣ аз заминаи воқеӣ холӣ нест. Мо, мардҳо, одат кардаем, ки ҳамсари худро надида, дигаронро бубинем, дуруст мегуфтаанд, ки оши ҳамсоя ширин аст. Агар аз сад як ҳиссаи хушгӯиҳоро, ки ба занону духтарони дигар арзонӣ медорем, ба ҳамсари худ раво бинем, ӯ як умр садқаю бандаи мо хоҳад буд. Бо ҳамин мулоҳизаҳо Ҳабибуллохӯҷа дар ҳамин ҳавлӣ аз дасти Куброхон гирифта рӯи кат ба паҳлӯи худ нишонд, даст ба китфаш гузошт, аз лабу даҳонаш бо эҳсоси баланд ширин-ширин бӯса карду гуфт:

Куброи ман, Куброи ман,
Ҷони ману дунёи ман,
Сарчашмаи бахти абад,
Рӯзи хушу фардои ман.
Ободу хуррам бо туяст,
Ин боғу ин маъвои ман.
Ду нони гандум рӯи ту,
Сабзинаи яктои ман.
Ту нури ҳарду дидаӣ,
Рӯди ману дарёи ман,
Пастӣ зи ашъорам маҷӯ,
Тоҷи сари болои ман.
Гар бингарам бо меҳри дил,
Сӯи касе, раънои ман,
Кӯрам бисозад ишқи ту,
Ду дидаи бинои ман.

Субҳ дамид. Умедҷон гиря кард. Зарринаҷон ӯро ба оғӯшаш кашида «алла-алла» гӯён ба китфаш тап-тап зад. Бача ором нагирифта

боз ғаш кард.

– Чуш дор, духтарам, – гуфт Куброхон.

– Оя, шумо аллакай хестед-мӣ? – сар бардошта пурсид Заррина.

– Шумо хоб кардед-мӣ, бигӯ, – Куброхон ба назди духтар ва набера наздик шуд.

– Хоб накардед? Чуба? – савол дод Заррина.

– Аввали шаб хоб аз сарам гурехт, – гуфт Куброхон, – сарам гаранг, хез чой мон, дина боз аз гулӯям ҳеҷ чиз нагузаштааст.

Заррина Умедҷонро пояк дошта омаду ба ҷогаҳ ғелонд, бо рӯҷои сафед болояшро пӯшид. Кӯдак боз ба хоби ноз рафт. Заррина вазнин-вазнин пеши водопровод рафта дасту рӯ шуст, бо сачоқе, ки дар банди дарахти зардолу овезон буд, дасту рӯяшро пок кард. Сонӣ газро гиронду чой монд. Кӯрпачаҳои болои катро ба ду тарафи он густурда ба нишастан мувофиқ кард. Аз хона дастархон баровард. Нон, қаймоқ, ангур, асал гирифт. Чойнику пиёлаҳоро тоза шуста, бо сачоқи дигар пок карда пиёлаҳоро рӯи дастархон гузошт. Сонӣ чой дам карда овард. Куброхон низ дасту рӯ шуста омад. Заррина нон шикаст, чой кашида ба модар дароз карду ба чеҳраи ӯ назар афканд. Ранги рӯяш канда, чашмонаш сурх шудаанд. Ин касри бехобист, албатта.

– Шаб кайфиятатон ҷӯр набуд, напурсидам, – гуфт Заррина, – чӣ гап шуд?

– Нашундӣ магар? – бо ҳайрат чашм ба духтар дӯхт модар.

– Шунавидам, ки аз тарафи идораатон садои ҷанҷолу хархаша мебаромад, – гуфт Заррина, боз ҷанҷоли зардолу будагист гуфта, аҳамият надодам.

Куброхон акнун фаҳмид, ки чаро хоби Заррина ин қадар сахт бурдааст. Ӯ воқеаҳои дирӯзаро мухтасаран баён кард.

– Вой ояҷон-е, чуба шаб нагуфтед, гила кард Заррина, – дадома гирифта меомадам.

– Ҳеҷ гап не, – гуфт модар, – тӯфоне буд, ки гузашта рафт. Дадот худашон имрӯз меоянд. Аз ҳавлӣ наҷунбида шин, ман рафтам.

## ПОЁНИ ШАБИ БЕХОБӢ

Байни ҳавлии Куброхон ва идораи ӯ масофа дур нест. Вай ба идора пиёда омад. Ҳанӯз ҳеҷ кас наомада буд. Атрофи идораро давр зада дид, ки шишарезаҳои тирезаҳои бишкастаро рӯфта напартофта-

анд. Ба дафтари худ ворид шуда чароғро гиронд. Чашмаш ба фарш афтод, ки он ҷо низ шишапораҳо афтодаанд. Воқеаи дирӯзаро ба хотир оварда, ба аҳволи ашхосе, ки худро мард хонда миён баста мегарданд, ҳам хандаю ҳам нафраташ омад. Вақте ки милиса як нафар аз фаъолони гирдиҳамоиро барои таҳқиқ ба дафтари Куброхон гирифта даромад, ошноҳояш хаёл карданд, ки ҳамин ҳоло ӯро ба ҳабс мебаранд. Бино бар он як гурӯҳи калон ба дафтари раис зада даромаданд. Гӯё балои азими ногаҳонӣ ба сари ҳозирин аз осмон омада бошад, чанд нафар марде, ки он ҷо менишастанд, тирезаҳоро шикаста ҷон ба саломат бурданд. Дар идора фақат се нафар зан монданд: Гулафзо Савриддинова, Маҳбуба Содиқова ва Кубро Собитова. Аммо касе ғами онҳоро нахӯрд, набурд ва осебе нарасонд. Омадаҳо ба саволҳои худ ҷавоб гирифтанду боз берун баромаданд.

Маълум мешавад, ки имшаб посбони идораи хоҷагӣ низ корро партофта рафтааст. Хайрият Усмонҷони ронанда пайдо шуд. Ӯ ҷавони дидадаро ва меҳнатдӯст аст.

– Ба ҳавлӣ рафтам, набудед, ин ҷо омадам, – гуфт ӯ. Сонӣ аз мошинааш сатил оварда шишапораҳоро чида гирифт. Аз толор ҷорӯбе ёфта шишарезаҳоро рӯфту поруеро бароварда партофт.

Куброхон имрӯз бори дигар аз санҷиши сахт хоҳад гузашт. Ӯ муҳимтарин корҳоро, ки дар арзи панҷ сол анҷом додааст, дар рӯи қоғаз ишорат кард. Боз чи гуна вазифаҳоро анҷом додан даркор аст, бо навбат рақам намуд. Баъд аз сандуқи оҳанин талабномаи гирдиҳамомадагонро берун оварда, аз назар гузаронд, ки аз чор модда иборат аст.

1. Фавран маҷлиси умумии аҳли совхоз даъват карда шавад.

2. Ҳисоботи фаъолияти раёсати хоҷагӣ дар давоми се сол шунида ва муҳокима карда шавад.

3. Директори совхоз ба истеъфо равад.

4. Ба ҳар узви хоҷагӣ илова бар ҳаққи муқаррариаш дусад килограммӣ зардолу дода шавад.

Аввал ин талабномаро беимзо пешниҳод карданд. Куброхон фармуд, ки ин қоғаз беимзо, на қабул мешавад, на муҳокима. Онро берун баровада ном, фамилия ва имзои муаллифонашро гирифта оваранд.

Аз номи издиҳоми калон ҳамагӣ шаш нафар имзо гузоштаанд. Куброхон ҳамаи онҳоро шинохт. Мураттиби он ҳамон муаллими «равшанфикре» буд, ки ҳамроҳи Ҳабибуллоҳӯҷа кор мекард. Дигарҳошон низ касонеанд, ки аз ҳаёт ҳамеша норизо мегарданд.

Соат ҳафт шуд. Як парда абри хокистарранги тунуке, ки тарафи шарқии осмонро фаро гирифта буд, пароканда шуд ва офтоби оламоро чеҳраи мунаввари худро нишон дод. Дар дили Куброхон низ шӯълаи умед пайдо шуд. Дар ҳамин лаҳза Гулафзо Савриддинова даромада омаданд.

– Аҳвол чӣ тавр? – баъди салому алейк пурсиданд раиси шаҳр.

– Як навъ, – бо табъи ночӯр ҷавоб дод Куброхон хиҷолатмандона.

– Чаро як навъ будаст? Боб гӯед! Рӯҳи Куброхонро бардошт ӯ. Раиси ҳукумати шаҳр вақтро нагузаронида, хоҳиш намуд, ки зуд кормандони идораи совхозро ҷамъ кунанд. Дар як дам дафтари Куброхон аз одам пур шуд. Гулафзо Савриддинова бе ҳеҷ мадхал ба аҳли идора рӯ оварда гуфт:

– Дина воқеае рух дод, ки ҳеҷ кас мунтазираш набуд. Дар ин хел вазъият мавқеи одамон, мавқеи мову шумо муайян мешавад. Ҳамаи шумоён бетарафӣ кардед. Дар сурате, ки балвогарони бисёр зидди роҳбарияти хоҷагӣ баромаданд, дар бораи директори совхоз носазо гуфтанд, касе аз байни шумоён ҷуръат накард, ки баромад карда, ба он воқеа баҳо диҳад, фикру ақидаашро баён намояд. Имрӯз маҷлиси умумин коргарон, мутахассисон ва тамоми аҳли ҷомиаи совхоз барпо мегардад. Дар он фаъолияти совхоз дар давоми се сол мавриди муҳокима қарор мегирад. Директори совхоз рафиқа Собитова ҳисобот медиҳанд. Аз ёд набаоред, ки гиридиҳамомадагон истеъфои ин касро талаб карданд. Куброхон Собитова истеъфобобанд, ё ки сазовори роҳбарӣ, ин кас лоиқи сарзанишу мазаммат ё ки шоистаи ҳурмату иззат? Дар ин бора сухан рондан даркор аст.

Гулафзо Савриддинова сарвари одамшинос аст. Ӯ бо сухан рӯҳу кайфияти одамонро тағйир дода метавонад, аз роҳи хато бароварда ба самти дуруст ҳидоят карда метавонад. Дар вақти суханронӣ ба чеҳраи мардум бо диққат назар медӯзад, ки фикру андешаҳои ӯ то чӣ андоза ба шунавандагон таъсир мерасонанд. Сарвари шаҳр ба мушоҳида мегирифт, ки суханони ӯро шунавида, дар чеҳраи баъзе ашхос хун давид, бархе сар поин андохтанд, чанде калла ҷунбониданду оҳ кашиданд. Маълум мешавад, ки онҳо ба изтироб омаданд ва аз мавқеи бетарафиашон пушаймон шуданд. Ин аст, ки бар суханҳояш афзуд:

– Ман ҳеҷ касро ташвиқ намекунам, ки якеро таърифу дигареро танқид кунед, бар дӯши касе фикри худро бор намесозам. Аз ҳаммаи шумо, ҳамкорони Куброхон Собитова хоҳиш менамоям, ки

ҳақиқатро гӯед. Ҳақиқат монанди офтоб аст, ҳама ҷоро равшан мекунад ва ҳеҷ касу ҳеч чиз аз назар пинҳон намемонад. Пайрави ҳақиқат, ҳимоятгари ҳакиқат, ровии ҳақиқат шавед, рафиқон!

Сармуҳандиси хоҷагӣ Бақохӯҷа Баҳодуров аз ҷой бархеста гуфт:

– Моро дуруст танбеҳ додед, муаллима. Мо дар ҳақиқат ба ғафлат мондем. Хоҷагии мо дар давраи роҳбарии Собитова ба марҳалаи нави тараққиёт расид. Дар маҷлис ин ҳақиқатро мегӯем.

Сармуҳосиб Абдуҷалил Расулов ӯро ҷонибдорӣ карда гуфт, ки аз директорамон ҳеҷ кас бадӣ надидааст, аммо ба аҳли хоҷагӣ некиашон бисёр расидааст, албатта тарафдорӣ мекунем.

Мулоқот хотима ёфт. Коргарони идораи хоҷагӣ берун баромаданд. Ба дафтари Куброхон Авлиёр Ҷумонқулов, додситони шаҳр Баҳром Аҳмадов, сардори милисаи Исфара Хироҷидин Сайфиддинов, раиси Кумитаи амнияти миллӣ Каримҷон Шарифов паси ҳамдигар ворид шуданд. Маслиҳат карда, ҳама ба як қарор омаданд, ки маҷлиси умумии совхоз дар бинои клуб мегузарад ва ба он худи Гулафзо Савриддинова роҳбарӣ мекунанд.

Толор пури одам. Сӯзан партоед, ба замин намеафтад. Коргарон, мутахассисон, муаллимон, ҳатто хонандаҳои синфҳои боло – пиру барно ҳузур доранд. Фаъолони гирдиҳамоӣ аз қаторҳои пеш ҷой гирифта, ҳама зичу муттаҳид нишастанд. Нафақахӯрҳои Боғистон, ки қариб сад нафаранд, низ омаданд. Бо ришу мӯйлаби барф барин сап-сафед аз ҳар тараф ҷой гирифтанд, хайрият ҳастанд онҳо аз рӯяшон нур меборад. Ҳар ҷо – ҳар ҷо дунафарию сенафарӣ бригадирҳои хоҷагӣ Инъомҷон Деҳқонов, Маҳмудҷон Маҳмудов, Аслониддин Наҷмиев, Баҳромиддин Дадобоев, Ӯрунбой Ӯроқов, Фахриддин Камолов, Раҳматҷон Ӯлмасов, Умарбек Аҳмадбеков, Усмонҷон Отақулов, Илҳомиддин Файзиев ҳузур доранд. Дар раёсат Гулафзо Савриддинова, Авлиёр Ҷуманқулов, Куброхон Собитова, Икромиддин Наҷмиддинов ва меҳмонони Исфарагӣ ҷой гирифтанд. Бо таклифи Гулафзо Савриддинова собиқ директори совхоз Маҳбубахон Содиқова, раиси деҳшӯро Юсуфҷон Олимов низ ба раёсат баромаданд.

Ҳама ором, гӯё одамон бо маслиҳат ба даҳон об гирифтаанд. Пашша пар намезад. Гулафзо Савриддинова ба халқ сипоҳона муроҷиат карда гуфт, ки ин маҷлиси фавқулоддаи аҳли ҷамоаи совхози «Исфара-Лаккон» ҳамчун ҷавоб ба гиридиҳамоии дирӯза давъват шуд. Мехостам аз забони худи шумо бифаҳмам, ки он воқеа чӣ тавр рух дод?

Ба ин савол хеҷ кас ҷавоб надод. Толорро хомӯшии мутлақ фаро гирифт, ба дараҷае ки одамон тапиши дили худро мешуниданд. Боз садои Гулафзо Савриддинова ба гӯш расид:

– Инъомҷон Деҳқонов, сардори бригадаи якум оё ҳастанд? Ӯ аз ҷой бархест, сархам истод.

– Ку шумо бигӯед, сабаби гиридиҳамоӣ чист?

Боз оромӣ ҳукмрон гирдид, чашми аҳли маҷлис ба ӯ дӯхта шуданд.

– Гап занед! – гуфт раиси маҷлис.

– Намедонам, – базӯр овоз баровард ӯ.

Гулафзо Савриддинова бо сардори бригадаи дуюм савол дод:

– Маҳмудҷон Маҳмудов оё шумо намегӯед, ки сабаби он воқеаи нанговар чист?

Инъомҷон гӯё кӯҳ аз китфаш афтода бошад, оҳи сабук кашида нишаст. Қомати Маҳмудҷон баланд шуд. Ӯ ба пурсиши раиси шаҳр ҷавоб дода натавониста, гоҳ ба дасти росту гоҳ ба дасти чап пешониашро мемолид.

– Шинед! – гуфт Савриддинова. – Бо халқ кор мекунед, ҳар рӯз фикру зикри ҳамдигарро мешунавед, аммо намедонед, ки онҳоро ба гиридиҳамоӣ чӣ водор кард?

Гулафзо Савриддинова бо ҳамин савол аз як сар ба ҳамаи ёздаҳ бригадир рӯ овард. Аммо ҳеҷ кас лом намегӯяд. Шояд онҳо сабаби он воқеаро медонистанд, лекин ё аз шарм, ё аз ҳаяҷону изтироб, ё бо мақсади эҳтиёткорӣ хомӯшӣ ихтиёр мекарданд.

– Наход касе лаб накушояду риштаи суханро боз фаъолони гиридиҳамоӣ ба даст бигиранд? – Аз дил гузаронд Гулафзо Савриддинова. Вай бори дигар ба сӯи Икромиддин Наҷмиддинов нигоҳ кард. Ӯ безобита шуд. Сарвари ҳукумати Исфара гуфт:

– Акои Икромиддин! Шумо на фақат бригадир, балки раиси шӯрои ҷомиаи меҳнатии совхоз, яке аз рукнҳои асосии ин хоҷагӣ ҳастед. Ман мехостам фикри шуморо шунавам.

Наҷмиддинов суханрониро намехост, маҷбуран, хоҳам нохоҳам аз ҷой бархест.

– Ман чӣ ҳам мегуфтам? – худро ба нодонӣ зад ӯ, – ҳамааш ба худатон маълум.

Бо вуҷуди ин Гулафзо Савриддинова амр кард, ки фикри Наҷмиддиновро аз қаъри дилаш кашида мегирад.

– Вақтҳое ки Маҳбубахон Содиқова кор мекарданд, ҳама аз он кас метарсиду бед барин меларзид, – аз дур даромад кард акои Ик-

ромиддин, – дар совхоз интизоми оҳанин ҷорӣ буд. Ин як. Он кас ба мо барин ходимони ҷамоатӣ тез-тез вохӯрда маслиҳат мепурсиданд. Мо ҳам мувофики донишу таҷрибаамон ба он кас кӯмак мекардем. Ин ду. Аммо Куброхон пирони корро аз чет карда монданд. Ин се. Ин кас зани баодоб, хушмуомила, маданӣ, сахтгир, серталаб, дурушттар шудан даркор. Нармии Собитова, раҳму шафқат, инсонпарварии аз ҳад афзуни раиса совхозро ба ҳамин аҳвол овард. Дигар чӣ ҳам мегуфтам?

Икромиддин ҳанӯз ба ҷояш нанишаста аз толор садои эътироз баланд шуд.

– Ман розӣ не! – аз байни толор бархеста гуфт Икромиддин Тошматов, ки солҳои зиёд сардори бригадаи совхоз бад, – бо зулму тааддӣ кор карда, ба муваффақият соҳиб шудан душвор аст. Халқи мо Куброхон Собитоваро барои одоб ва фуқаропарвариашон дӯст медорад. «Бо забони ширин мор аз хонааш мебарояд».

То ба кор шурӯъ кардани Куброхон интизоми меҳнат камтар вайрон шуда буд. Раиси нав бо забони хуш ва меҳрубонӣ фаҳмонданд, ки беинтизомӣ сабаби вайронии хоҷагӣ мешавад. Халқ гӯш карду аз паси раис рафт. Балвои дирӯзаро панҷ-шаш нафар авбош, бадмасту нашъакашҳо ташкил карданд. Халқи мо бо меҳнат машғул буд, бехабар мондем аз кирдору рафтори он нохалафҳо.

Сонӣ Икромиддин Тошматов ба Гулафзо Савриддинова муроҷиат кард:

– Шумо раиси калон, сабаби воқеаро пурсидед. Ман хаёл кардам, ки ба саволи шумо адаши ман ҷавоб медиҳанд, охир он кас сардори ҷамоати мо мебошанд. Лекин ҷавоб нашуд. Ба ақли кӯтоҳи ман сабаби... чӣ буд вай? Ошӯб-мӣ? Гирдиҳамой-мӣ? Ҳа, сабаби гирдиҳамоӣ дутост: аввал, мансабталошӣ, сонӣ-пур кардани киса. Инашро ҳам бигӯям, ки ин иғвогарҳо кор накарда, бой шудан мехоҳанд. Тамом, вассалом!

Суханронии ин марди нафақахӯр, ки ҳаққи гапро гуфт, ба бисёр коргарону мутахассисон таъсир бахшида, ҷараёни маҷлисро рӯҳу равони тоза падид овард. Сараграном Ҳикматҷон, ки то ин вақт сукунат ихтиёр карда буд, ба пеши аҳли маҷлис гузашта гуфт:

– Ман саркардаҳои гирдиҳамоии дирӯзаро хуб мешиносам. Аксарияти онҳо шахсоне мебошанд, ки аз раисамон Куброхон Собитова сахт ранҷидаанд. Якеро барои бемасулиятӣ аз вазифаи серравғанаш сабукдӯш карданд. Дигаре барои бадмастию бадахлоқиаш мансабашро аз даст додааст. Сеюмаш дуздӣ карда ба

даст афтодааст. Акои Абӯбакр яке аз пешвоёни гирдиҳамоӣ мебошанд. Кӣ намедонад он касро? Он кас дар вақташ ба Маҳбубахон Содиқова ҳам халал медоданд. «Аз ин занаки оҳанпо кай халос мешавем, дасти ин даст не, анбӯр аст» гуфтани акои Абӯбакрро бисёр коргарон нағз медонанд. Ба Исроилова имконият надоданд, чӣ кор кунанд. Як бор рӯирост гуфта буданд, ки то ба кай ба совхоз занон роҳбарӣ мекунанд? Магар мардҳои мо корношоям? Дина дар гирдиҳамоӣ дидем, ки ҷавононро бар зидди Куброхон Собитова мешӯрониданд! Ба иғвогарию чоҳпарастӣ хотима додан даркор!

– Ташаккур аз шумо, ки ошкоро гап задед! – изҳори минатдорӣ кард Гулафзо Савриддинова. – Боз чи хел фикрҳо ҳастанд?

Як зани миёнсол, ки куртаи шоҳии сабз дар бар ва рӯмолӣ гулдори сиёҳ бар сар дошт, рост ба минбар баромад. Чеҳраи офтобхӯрда, чашмони ҳақбин, дасту бозувони пурқуввати ӯ, ки дар майдони заҳмат обутоб ёфтаанд, ба ҳама шинос буданд. Ӯ аз шавҳар бо кӯдакӣ панҷмоҳа мондааст. Шавҳари ӯ дар охирин моҳи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба коми фашизм рафта буд. Зан ба хотири ишқи ҷавонӣ ва шавҳари шаҳидаш кӯдакро газида калон кард, аммо дигар ихтиёри шавҳар накард.

– Худатон гап занед-дия, апаи Сафро! – илҳом дод касе аз толор. Вай ба мардум нигоҳ карда гуфт:

– Афсӯс, ки ман дина дар гирдиҳамоӣ набудам. Ба зардолучинӣ андармон шуда аз намоиши қаҳрамонии мардҳои майдон бехабар мондаам. Лекин ман шунидам, ки як тӯда риёкорон, як тӯда мӯйлабдорон ба як нафар зан, ба як муштипар, ба ҳамин раисамон Куброхон ҳамла кардаанд. Гап-гап ҳаст, ки онҳоро гӯё мушкилоти зиндагӣ маҷбур кардаст. Шумоён чи хел мардҳо, чи хел ҷавонон, ки аз мушкилоти рӯзгор тарсида, ба як нафар зан дармеафтед? Мардҳои ҳақиқӣ, ҷавонони бовиҷдон, бо ору номус занро аз мушкилот ҳимоя мекунанд. Ҳоло-ку ба ҷомиаи мо бӯҳрони иқтисодӣ ҳуҷум кардааст. Агар, худо нахоҳаду ягон душман зада дарояд, ин хел мардҳо куртаю лозимии занона мепӯшанду ба сар фаранҷӣ гирифта мегурезанд. Ҳа, ҳамин хел мекунанд ин зумра хонашерони майдонғариб. Айбу шарм не магар барои шумо? Чаро мӯйлаб тоб дода, рӯймол баста мегардеду ба кор намебароед? Куброхон хонаю ҷоҳотона хусусӣ кард, Куброхон участкаҳои наздиҳавлигӣ дод, Куброхон бари боғ дод, Куброхон боғчаи бачаҳоро бепул кард, ба мактаби 38 хӯроки бепул ташкил дод, Куброхон барои мурдаю зиндаатон захираи озуқа дорад ҳама вақт! Боз чӣ мехоҳед аз ӯ.

Аз толор одамон паси ҳам луқма доданд:
– Куброхон заминҳои нав кушод!
– Куброхон совхозро ҷавон кард!
– Куброхон насосҳои обкаширо таъмиру такмил сохт!
– Куброхон хонаи тиббӣ таъсис кард!
– Куброхон Собитова...

– Сабр кунед? – бо овози баланд гуфт апаи Сафро. – Шумоён ба ман болу пар бахшидед. Ман суханамро тамом карда гуфтанӣ ҳастам, ки гирдиҳамоиро воқеаи тасодуфӣ гумон накунед. Одамон ба вай тайёрӣ дидаанд, ҷавононро гумроҳ карданд. Абӯбакр саратонро бардоред, як ба чашми ман нигоҳ кунед! Шумо набудед, ки маро аллонда ба маҷлисатон бурдед? «Истеъфои Собитоваро талаб кун, аз ӯҳдаи кор намебароянд, халқ аз ӯ розӣ нест бигӯ?» супориш додед ба ман. – Туро ба ҳаҷ мефиристем?» – гуфта хариданӣ шудед маро. Ман розӣ нашудам. Шумо гуфтед: «Инро ба ҳеҷ кас нагӯ! Ин шербачаҳо туро нобуд мекунанд». Чашмони шербачаҳотон беҳо буд, нашъаманд, маст буданд онҳо. Ниятатон бад буд, ман тарсидам, ба ҳеҷ кас нагуфтам. Имрӯз ба тамоми халқ гуфтам. Агар аз дастатон биёяд, маро кушед, лекин ҷавонон рӯз бинанд, онҳоро гумроҳ накунед!

Зан аз минбар фаромада рафт. Касе ӯро даъват карда ба паҳлӯяш гирифт. Гӯё дар бахр тӯфон рух дода бошад ё замин ҷунбида бошад, одамон бесаранҷом шуданд.
– Абӯбакр дастгир карда шавад!
– Вай нобакорро ба суд додан даркор.
– Ба шариконаш ҳам амон надиҳед!

Ин гуна нидоҳо тамоми толорро фаро гирифтанд. Абӯбакр дуқат шуда худро ба сӯи дар зад. Ду нафар милиса, ки дар толор буданд, ӯро дастгир карда ба ҷояш бурда шинонданд.

Гулафзо Савриддинова аз ҷой бархеста, аҳли маҷлисро ба оромӣ даъват карданӣ шуд.
– Ба Собитова истеъфо нест!
– Мо фақат бо Куброхон кор мекунем!
– Дар атрофи раис муттаҳид мешавем!

– Хуб, майлаш, – гуфт Гулафзо Савриддинова, – таклифҳои шумоёнро ҳам ба инобат мегирем. Фақат иҷозат диҳед, ки гирдиҳамомадҳо низ гап зананд, пешниҳодоти худро бигӯянд, марҳамат!

Аҳмадҷон ном ҷавони тахминан сӣ-сию панҷсола дар ҷояш рост

шуда гуфт:

– Раис бо ташкилотҳои мухталиф, бо корчаллонҳои гуногун моли совхозро фақат худашон бартер мекунанд. Мо одатан намедонем, ки шартҳои бартерашон чӣ гуна иҷро мешаванд. Инро ба халқ фаҳмонидан лозим аст. Мо мехостем, ки иҷозат диҳанд, ҳамон бартерҳоро худи мо иҷро кунем.

Ҳамон муаллими равшанфикр, ки талабномаи гирдиҳамомадагонро сохта буд, таклифи Аҳмадҷонро тақвият дод:

– Рухсат шавад, ки молҳои меовардаамонро фақат аз анбори совхоз не, балки бо худи бригадаҳо низ бартер бикунем.

Шахси сеюм, ки нисбатан ҷавон буд лаб ба шиква бикшод:

– Ба ман бари боғ надод ин раиса! Ман бачаи ӯгай не-ку! Талаб мекунам, ки дар қатори кӯп ба ман ҳам бари боғ диҳанд!

– Бисёр бригадирҳо кӯҳна шуданд, об дар як ҷо истодан гирад, бӯй мекунад, онҳо ба ҷавонони ғаюр иваз карда шаванд! – хитоб кард касе аз толор.

– Чаро ба талабномаи мо эътибор намедиҳед!? – овоз баланд кард Ортиқбой аз ҷои нишастааш. – Мо истеъфои раисро мехоҳем!

Дар толори калон боз ноороми ва ғулғула рух дод. Ҳикматҷони саргараном беқарорӣ кашида ба назди ҳар як даъвогар мерафту бо ӯ гапзанон мекард, ки ба ту чӣ намерасад? Хонаю ҷой дорӣ, кор дорӣ, вазифа дорӣ, дар вақташ маош мегирӣ, ноинсофӣ накун!» Аммо суханони ӯ бенатиҷа мемонданд.

Як йигити қоматбаланди мӯйлабдор рост омада аз гиребони Ортиқбой гирифт ва кашола карда берун баровардани шуд, ки «очаи зори ту алафи хонасӯзакро нишон медиҳам!» Аммо ӯ фарёд зад:

– Канӣ озодии сухан? Маро мезананд, демократияро буғӣ мекунанд.

Боз ду нафар милиса омада онҳоро ҷудо карданд. Аз ҳар ҷо-ҳар ҷои толор овозҳои зану мард мебаромаданд, ки шаҳр дарвоза дорад ё не? То ба кай чорта авбош моро гаранг мекунад?

Як мӯйсафеди нуронӣ, ки дар тан куртаи пешкушоди мисли риши худаш сап-сафед дошт, қомат боло карду дастонашро чун аломати эътироз алвонҷ дода бонг зад:

– Маро гӯш кунед духтарам, Гулафзохон! Халоиқ, шумо ҳам гӯш кунед! Агар мо ба таклифҳои дону нодони иғвогарон андармон шавем, кор карда наметавонем. Мо, як гурӯҳи калони собиқадорони ҷангу меҳнат, нафақахӯрҳо, мардону занон маслиҳат карда ба ҳамин қарор омадем: Куброхонро аз вазифааш ҷунбондан лозим нест, он

кас зани кордон, ташкилотчӣ, бағайрат, сар то по оташанд! Агар шумо, духтарам Гулафзохон, гапи маро ба инобат бигиред, нуран алонур мешавад. Агар зӯри шумо нарасад, мо ба вилоят меравем, лозим шавад, ба пойтахт, рост ба пеши калонҳо рафта, арзу шикоят мекунем, мо Куброхонро намедиҳем!

– Оқилбобо дуруст мегӯяд!

– Фикри мо ҳам ҳамин!

– Халқ тарафдори Куброхон Собитова!

Ин таклиф ва хитобҳоро шунавида Гулафзо Савриддинова зӯр гирифт, чеҳраи гулгунаш шукуфонтар шуда, табассум дар лабонаш печид. Ӯ ҳам, аслан, ба ҳимояи ҳақиқату адолат ва шунидани фикру андешаи халқ, натиҷа бардоштан аз онҳо ба ин даргоҳ омадааст. Ҳамроҳи раиси ҳукумати шаҳр ду-се нафар кормандони идораҳои маъмурӣ, ҳуқуқшиносон низ ташриф доштанд. Додситони шаҳр, ки бетартибӣ ва даъвоҳои беасоси баъзе аз гирдиҳамомадагонро ба мушоҳида гирифта буд, ба эшон ошкоро бигуфт, ки гирдиҳамоии шумо ғайриқонунист, зеро барои барпо кардани чунин ҷамъомад, камаш даҳ рӯз пештар аз ҳукуматдорони маҳаллӣ рухсат гирифтан лозим буд. Шумо қонуншиканӣ кардед, ба авбошӣ роҳ додед, халқро аз кору бораш монондед, ба ҷомиа вайронӣ андохтед. Бинобар он қонун мувофиқи амалатон шуморо ба ҷавобгарӣ мекашад.

Гулафзо Савриддинова дар давоми фаъолияти бисёрсолаи давлатию ҷамъиятиаш ва ҳамчун депутати Шӯрои Олии Тоҷикистон ин гуна қонуну қоидаҳоро хуб донад ҳам, бишнидани афкору андешаи халқ ва дарки кайфияту рӯҳияи онро хеле муҳим мешуморад. Авзои аксарияти мардум баҷо, фикрашон солим буда, ба ҳифзи ҳукумат ва роҳбари қонунии худ ҳарф мезананд. Ин аст, ки сарвари шаҳр бо эътимоди комил аз ҷо бархост.

– Ором бошед, рафиқон! – хитоб кард ӯ ба халқ. – Ҳанӯз ҳеҷ куҷоро сел набурдааст. Мою шумо дар ин ҷо ҷамъ шудем, ки мубодилаи афкор бикунем, сиёҳу сафедро аз ҳамдигар фарқ карда, ба як натиҷа биёем. Дуруст гуфтанд, дар ҳақиқат шаҳр бедарвоза нест. Вай посбонҳои тавоно дорад. Ҳамаи моро қонун мудофиа мекунад, агар онро бишканем ҷазо медиҳад.

Аҳли толор нотиқро бо диқати тамом гӯш мекарданд. Аз ғулғула ва бесаранҷомии пештара ҳеҷ осоре боқӣ намонд, пашша пар занад ҳам маълум мешуд. Гулафзо Савриддинова ба сухан идома дод:

– Масъалаи чун директори совхоз кор кардан ё ба истеъфо баромадани рафиқа Собитова мавзӯи як гурӯҳ манфиатҷӯён шуда наме-

тавонад. Солҳои бесару сомонӣ мисли хобу хаёл гузашта рафтанд. Акнун давраи қонуният фаро расидааст. Ҳамаи шумо нағз медонед, ки совхози «Исфара – Лаккон» хоҷагии давлатист. Директори онро ҳукумати шаҳр таин мекунад, агар лозим донад, боз худи ҳамон ҳукумат аз вазифааш озод мекунад.

Роҳбари Исфара ва кулли навоҳии он маънидорона ба Куброхон нигарист. Директори совхоз чун изҳори сипосгузорӣ табассуми латифе карду сар поин андохт. Гулафзо Савриддинова ба чеҳраи мардум чашми диққат дӯхт. Одамон ба шунидани давоми суханронии ӯ мунтазир буданд. Раиси шаҳр ба хотир овард, ки Куброхонро ҳимоя кардан як тарафи масъала асту ҷониби дигари он кашида мондани таноби балвогарон мебошад. «Сипоҳигарӣ сӣ по дорад» гуфтаанд.

– Мо на танҳо роҳбари қонунии совхозро ба паноҳ гирифта метавонем, то ки санги ҳар як номард ба ӯ нарасад, балки ба даҳони бедаҳанҳо нӯхта ҳам зада метавонем. Касоне, ки интизоми меҳнату тартиботи ҷамъиятро вайрон карда, фазои мо, муҳити зисти моро заҳролуд месозанд, ҷавонони бетаҷрибаро бо фиребу найранг, ба шӯр меоваранд, онҳоро барои мақсадҳои зишти худ ба кӯи номуродӣ меандозанд, беҷазо намемонанд.

Бо таъсири суханони равшану буррои Гулафзо Савриддинова ба пӯсти гирдиҳамомадаҳои қонуншикан кайк даромад. Хавоси онҳо парешон шуд. Чалақ-палақ ба ҳамдигар чашм андохтанд. Ин манзараро дида нотиқ гуфт?

– Ман таҳдид намекунам, балки бе саҳву хатоҳои ҷиддӣ зиндагӣ кардани шумоёнро таманно дарам. Имрӯз дар ин ҷо, ҷомиа рӯҳи худро гум мекунад ва ҳамаи мо ба кӯчаи сарбаста ё ботлоқи пойкаш даромада мемонем. Бӯҳрони иқтисодӣ ва маънавӣ амиқтар реша меронад ва ҳамаамон ба ҳалокат мерасем. Ман шуморо аз ин балои ногаҳонӣ огаҳ кардан мехоҳам.

– Раҳмат раис!

– Барака ёбед!

– Кам нашавед.

Садоҳое, ки аз толор баромаданд, ба Гулафзо Савриддинова рӯҳи тоза бахшиданд. Ӯ дар хотимаи сухан гуфт:

– Як роҳи ободӣ ва осудагии рӯзгор ҳаст. Ин – меҳнати аҳлона, дӯстӣ, бародарӣ, муттафиқии мову шумо! Ҳамин сарвати бебаҳоро чун гавҳараки чашм ҳифз кардан ва поянда доштан зарур аст!

– Офарин! Ба орзую ҳаваси фарзандонатон расед! – нидо кард Оқилбобо. Аксарият якдилона кафкӯбӣ карданд.

– Акнун суханро ба Куброхон Собитова медиҳем! – гуфт Гулафзо Савриддинова ва оҳи дардолуде аз дил бурун оварда нишаст.

Куброхоне, ки то ҳол сархам таҳаммул меварзид, дар дафтарчае масоил ва саволҳои ба миён омадаро рақам мекард, аз ҷо бархоста, бо камоли тамкин ба минбар рафт. Ӯ ба маҷлис ду дона ҳапи таскинбахш хӯрда омада бошад ҳам, сараш вазнин буд ва чаккаҳояш зириқ-зириқ дард мекарданд.

– Ман тамоми шаб нахуфтам! – овози Куброхон ларзид. – Роҳи тайкардаамро пеши назар оварда, таҳлил намудам. То ҳамин маҷлис хулосаам қавӣ буд, ки панҷ сол бо шумо заҳмат кашида, як нафар дӯст пайдо накардаам.

Дар чашмони Куброхон ашк ҳалқа зад. Панҷаи эҳсосу ҳаяҷон, изтироб ва дарду алам ӯро гулӯгир сохтанд. Ӯ лаҳзае хомӯш монд. Бо зӯрӣ мавҷи эҳсосу ҳаяҷонашро нишонд: – Аммо ҳоло фикрам тайғир ёфт, – гуфт ӯ. – дӯстҳо доштаам, вале онҳо аз ҷараёни ҳаводис дар ғафлат будаанд. Бале, худам ҳам бехабар мондаам, ки чӣ тавр зери поям оташ гирифт. Бо ҳамин натиҷа расидам, ки аз ҳолу аҳволи ҳамдигар бохабар будан шарт аст. Халқи мо, Ватани мо ба қадри фарзандони ҷонсупораш мерасидааст! Ташаккур аз шумо, ҳамкорони азиз, сипосгузорам аз шумо, устоди меҳрубон, Гулафзо Савриддинова!

Сипас Куброхон аз хусуси гирдиҳамоӣ изҳори андеша намуда, талабномаи онҳоро қироат кард ва пешниҳодотро, ки дар маҷлис ба миён омаданд, ёдовар шуд.

– Ҳисоботи сесолаи директори совхозро шунидан хостанд, – гуфт ӯ, – ман тайёрам, лекин корҳои анҷомдодаи моро чанде аз нотиқон зикр карданд. Агар рақамҳои ғунучини мева, ғалла, сабзавот, картошка, шир ва монанди инҳо даркор бошад, даромади маблағ, фоидаи соф ва дараҷаи воридоти пулро лозим шуморед, ман онҳоро қироат мекунам.

– Онҳо аз як гӯшамон даромада, аз дигараш баромада меравад, – гуфт механизатор Ҳасанбой Розиқов.

– Рақамҳо ноҳамвор бошанд ҳам, афзоиши ҳарсолаи даромади хаҷогиро ифода мекунанд, – изҳори хурсандӣ кард Куброхон.

– Онҳоро ёддошт кунед, лозим шавад истифода мебаред, ман дар кабулгоҳ овехта мемонам.

**НИШОНДИҲАНДАҲОИ ХОҶАГИИ ДАВЛАТИИ «ИСФАРА-ЛАККОН»**

| 1. Истеҳсоли маҳсулот. Тонна | 1991 Нақша иҷро | 1992 Нақша иҷро | 1993 Нақша иҷро |
|---|---|---|---|
| Ғаллагиҳо | 30 41 | 40 80 | 40 43 |
| Сабзавот | 70 33 | 80 60 | 100 89 |
| Картошка | 30 45 | 30 42 | 40 – |
| Меваи донакдор | 1500 1174 | 1350 1406 | 1350 1517 |
| Меваи тухмдор | 1400 1604 | 1600 1935 | 1950 1867 |
| Ангур | 1250 855 | 1060 644 | 1060 464 |
| Шир | 132 127 | 130 96 | 100 80 |
| 2. Даромади пул, ҳазор сӯм | 3180 5557 | 14600 64196 | 87670 628104 |
| 3. Фоидаи соф: ҳазор сӯм | 1315 2469 | 5400 20222 | 32500 405636 |
| 4. Дараҷаи дароманокӣ фоиз | 70.5 80.0 | 58.7 83.6 | 58.9 182 .3 |

Ин як навъ ҳисоботе буд фишурда. Бо вуҷуди ин, Куброхон хеле сабук шуд, гӯё бори вазнин аз дӯшаш афтод. Як нафаси амиқ кашида, қоматашро росттар гирифт. Ӯ метавонист бигӯяд, ки акнун худ қазоват бикунед: хоҳед ҳамроҳ кор мекунем, нахоҳед, ман метавонам биравам. Аммо ба худ андешид, ки барои кайк шуда пӯстинро намесӯзанд. Ба одамизода ғурур ҳам лозим аст. Ӯ дар пеши ин мардум гунаҳкор нест-ку! Ҳаққу ҳуқуқи худро донистан, худро шинохтан ҳам чизи хуб аст. Дар ҳимояи ӯ раиси шаҳр Гулафзо Савриддинова, чанд нафар аз ҳозирин сухан ронданд, меҳнаткашони деҳот ҷонибдори Кубро ҳастанд. Имрӯз мавқеъи онҳо маълум шуд. Сабукӣ карда, онҳоро ранҷонидан хуб намешавад. Дар ҳамин вазъият якравӣ кардан, ба исрор меравам, гуфтан ду маънӣ пайдо мекунад: аввалан, ин гуна рафтор худро ба бозор андохтан аст; сониян зуҳуроти оҷизию нотавонии ӯ хоҳад буд. Беҳтар нест, ки аз майдагапию борикресиҳо баландтар истода, аз ояндаи хоҷагӣ сухан биронад?

– Имрӯзу фардои ҳаёти хоҷагиамон тақозо мекунад, ки ҳамаамон тафаккури тоза дошта бошем, – гуфт Куброхон, – шаклҳои ғайримуқаррарӣ ва тозаи муносибатҳои иқтисодӣ ва муомилаҳои

бозоргониро ёд гирифтан даркор аст. Норасоии нақдина водор месозад, ки додугирифти молиро вусъат бидиҳем. Дар давраи ҳозира ҳар як мамлакат пули миллӣ дорад, он пулҳо фақат дар доираи хамин кишвар гардиш мекунанд, дар давлатҳои дигар эътибор надоранд. Аммо меваҳои тару хушки Боғистон дар ҳамин мамлакатҳо талабгор доранд. Мо ҳаҷми бори ҳар як корчаллони ҳамдеҳаамонро муайян мекунем. Бигзор бар ивази бори хоҷагиамон молҳои даркориро ёфта оваранд.

– Иҷозат диҳед борро аз бригадаҳо гирем, – қартаи кӯҳнаро ба кор даровард Аҳмадҷон.

– Не, намешавад, – қотеъона ҷавоб дод раиса, – ман сирри ин таклифро медонам. Шумо бо саркор гуфтугӯ карда, беҳтарин навъи меваҳоро мегиред, боқимондаи онҳо ба касе лозим намешавад. Борро аз анбори марказии совхоз мегиред.

Куброхон ба масъалаи дигар гузашт.

– Истифодаи бари боғ ҳам яке аз масъалаҳои муҳим ва шакли нави хоҷагидорист. Совхоз майдонҳои муайянро ба коргарони худаш иҷора медиҳад. Ҳаққи иҷораро аз рӯи қонунҳои адолати иҷтимоӣ муқаррар мекунем, то ки «на сих сӯзад, на кабоб». Мувофиқи қоида бари боғро ба коргароне медиҳем, ки дар хоҷагии мо на камтар аз се сол кор карда бошанд. Онҳое, ки ба совхоз омаданд, бояд аввал хизмати ҳалол ба ҷо оварда, ба ҳуқуқи гирифтани бари боғ мушарраф шаванд. Шӯронидани ҷавонони омада, ки аз ин қоида огаҳ нестанд, фоида надорад. Оё ҳамин тавр нест акои Ортиқбой?

Куброхон рост ба чашмони Ортиқбой, ки дар қатори аввал менишаст, нигоҳ кард. Вай чашмашро аз раис гурезонида монанди гунаҳкор сар фуруд овард. Сарвари хоҷагӣ суханашро идома дод:

– Ман як вақтҳо гуфта будам, ки ба Боғистон ҳусни ҷавонӣ ато мекунем. Маънои ин гап на танҳо аз байн бурдани дарахтҳои кӯҳансоли каммева, ба ҷои онҳо шинонидани ниҳолҳои нав аст. Балки кушодани заминҳои нав ҳам мебошад. Мо тарбия кардани мутахассисҳои навро низ дар назар дорем. Мо аҳд кардем, ки ҷавонони боақл, ҳушманд ва боғайратро ба таҳсили ғоибона тавсия намоем. Дар ояндаи наздик ягон саркор ё мутахассиси хоҷагиамон бе маълумоти олӣ намемонанд. Заминҳои нав мӯҳтоҷи ғамхории шумоанд, ҷавонони азиз! Ноумед-шайтон, гуфтаанд. Бо мурури истеҳком ёфтани иқтисодиёти совхоз ва ғанитар гардидани хазинаи он масъалаи кушодани канали нав ҳам ҳал мешавад. Мо имконият пайдо хоҳем кард, ки ҳам барои обёрии боғу майдонҳои ҷавон, ҳам

барои нӯшокӣ аз дарёи Исфара об биёрем!

Аҳли толор аз хурсандӣ кафкӯбӣ карданд.

– Ҳар чӣ ки гуфтам, танҳо орзу нест, балки ба иҷрои онҳо оғоз кардаем, – сарбаландона гуфт Куброхон ва дар пеши чашмони ӯ манзараҳои зебо, рангоранг ва сабзу хуррами водии гулпӯши Боғистон, ки дар байни қаторкӯҳҳои Ганчак ва Ғӯзлон шаҳдрезӣ мекунанд, намудор гардид. Раиса дар минбар бо қомати болою мавзун, рӯи чун себи хубони сурх ва чашмони дурахшони сеҳрандоз ояндаи Боғистон, ҳар як қитъаи замин, ҳар як боғу майдон, растаҳои ангур, дарахтони серҳосили себу зардолу, биҳию бодом, анору шафтолу ва амсоли инҳоро тасаввур мекард. Ӯ каналҳои пури об, насосҳои муқтадири обкаш, пирони хирад, модарони мушфиқ, ҷавонони шердил, наварӯсони нозукниҳол, мутахассисони донишмандро пеши назар меоварад.

– Мо ҳама муттаҳид мешавем, – орзу кард Куброхон, – каҷфаҳмӣ, фандоварӣ, чашмбандӣ дар байни мо дигар нахоҳад монд. Боғистонро бо ҳамдастии якдигар ба манзили ободу осуда, серу пур, хушу хуррами ҷумҳурии озод ва соҳибистиқболе табдил хоҳем дод, ки номи пуршарафи он Тоҷикистони демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад!

Ҳама аз ҷой бархоста дуру дароз қарсакзанӣ карданд. Дар минбар худи Куброхон низ шодону хурӯшон ба ин мавҷҳои сурурбахши эҳсоси поки мардум шарик шуд. Ӯ ба назари бинандаҳо чун шӯълаи дурахшони офтоб менамуд, ки домони абри тираро сӯрох карда, дунёи дили заҳматкашонро мунаввар месозад. Дар ҳамин лаҳза дари Қасри фарҳанг боз шуду ҳарсосзанон Ҳабибуллохӯҷа даромада омад. Аз паси ӯ Муродҷону Зарринаҷон, Фаррухҷону Фарҳодҷон саф кашида, дар роҳрави Қасри фарҳанг аз паҳлӯи ӯ дар қатор шуданд. Чашми Куброхон ба онҳо афтод. Ӯ хост, ки тохта раваду худро ба оғӯши Ҳабибуллохӯҷа андохта, дилашро холӣ кунад, вале шарму ҳаё дар пои ӯ занҷир шуд. Сонӣ хориаш омаду бо кафи дастонаш рӯяшро пӯшида сар ба минбар ниҳод.

Исфара-Хуҷанд

МУНДАРИҶА

Тобистони гарм
Ёдҳо, ёдҳо...
Нозгул
Раиса
Поёни шаби сиёҳ
Донишҷӯ
Дугонаҳо
Ишқи аввал
Рашк
Васваса
Дар Боғистон
Сӯиқасд
Маҷлиси солона
Навпардозиҳои раиса
Шикоят ва ҷавоб
Гар бода хӯрӣ...
Душманат гар пашша бошад ...
Сӯҳбат бо нависанда
Хоб ва ҳақиқат
Ёрони дилбохта
Аз чаман гулдаста овардам
Кавкаби бахт
Хостгорӣ
Шаби арӯсӣ… меваҳои он
Дарди ишқ
Поёни шаби бехобӣ

АТАХОН САЙФУЛЛОЕВ

**ШАБИ БЕХОБӢ**
*(қиссаи мустанад)*

Мусаввир А.Муҳаммадиев
Муҳаррири саҳифабандӣ М.Саидова

Мусаҳҳеҳ С.Алӣ

Ба чопаш 6.05.2003 имзо шуд. Андозаи 60х84 1/16.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 13,5. Адади нашр 1000 нусха.
Супориши № ______

Нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 37

Комбинати полиграфии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734063, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126